
Хирмани
сухан
Китоби сеюм

# ХИРМАНИ СУХАН

***(баргузидаи ҳикоя ва қиссаҳои адибони ўзбек)***

**КИТОБИ СЕЮМ**

Мутарҷим ва мураттиби китоб
**ЮНУСИ ИМОМНАЗАР**

Тошканд – 2024

**УЎК 821.222.8-1**
**КБК 84(5Ў)**
**Х 52**

**Хирмани сухан.** Баргузидаи ҳикоя ва қиссаҳои адибони ўзбек ба забони тоҷикӣ. Китоби сеюм. Мутарҷим Ю. Имомназар. Тошканд: Muharrir nashriyoti, 2024. – 212 саҳ.

ISBN 978-9910-9436-2-1

Насри ўзбек дар давоми сад соли охир на танҳо дар хиттаи Осиёи Миёна ҳамчунин дар миқёси ҷаҳонӣ ба наҳви аҳсан шинохта шудааст. Дар пешрафти он бештар аз чаҳорсад нафар адиб бо осори каму беши худ саҳм гузоштаанд. Асарҳои бешумори нависандагони ўзбек ба забонҳои гуногун тарҷума ва дастраси дўстдорони адабиёт шудааст. Аз ҷумла, хонандаи тоҷик низ бо беҳтарин намунаҳои насрии ўзбек ошно аст.

Ин китоб бо саъю эҳтимоми адиб ва мутарҷими нозукбин Юнуси Имомназар фароҳам омада, давоми китобҳои якум ва дуюми «Хирмани сухан» аст ва ҳамроҳ бо шарҳи мухтасари зиндагӣ, намунаҳоеро аз осори нависандагони шинохтаи ўзбек дарбар мегирад.

Китоби мазкур ба сифати як хрестоматияи адабӣ барои такмили дарсҳои адабиёти донишомўзон ва ба китобхонҳои синну соли гуногун пешниҳод мегардад.

**УЎК 821.222.8-1**
**КБК 84(5Ў)**

Мутарҷим ва мураттиби китоб:
**Юнуси ИМОМНАЗАР**

Муҳаррир:
**Абдулло СУБҲОН, шоир**

ISBN 978-9910-9436-2-1

©«Muharrir nashriyoti»
Тошкент, 2024



## МИРКАРИМ ОСИМ
**(1907-1984)**

*Миркарим Осим соли 1907 дар шаҳри Тошканд дар оилаи зиёӣ зода шудааст. Ӯ сараввал дар мактаби куҳна, сипас дар мактаби ибтидоии «Шамс-ул-ирфон» дарс мехонад. Солҳои 1921 – 1924 дар омӯзишгоҳи ҷумҳурии ба номи Навоӣ таҳсили илм мекунад. Маълумоти олиро солҳои 1926 – 1930 дар факултаи таърихи Донишкадаи омӯзгории ба номи Бубнови Маскав фаро мегирад.*

*Адиб аз Маскав ба Самарқанд баргашта дар курсҳои омодасозии омӯзгорон дарс медиҳад. Солҳои 1932 – 1949 аввал дар Пажӯҳишгоҳи педагогии Тошканд, сипас дар муассисаи илмии марбут ба Вазорати (комиссариат) миллии маориф ба унвони корманди илмӣ ифои вазифа мекунад.*

*Миркарим Осим солҳои панҷоҳуми асри бист азобҳои зиёди сиёсати саркӯбии (репрессия) шуравиро аз сар мегузаронад. Асарҳои таърихӣ ва дар руҳи миллӣ навиштаи ӯ мамнуъ шуда, худи адиб 15-уми январи соли 1950 ба ҳабс меуфтад. Сипас бо айби «тарғибгари зидди шуравӣ» ба муддати 10 сол аз озодӣ маҳрум мешавад. Бо ин ҳол, адиб соли 1955 аз сиёсати саркӯбӣ раҳо мeёбад. Аз соли 1959 то соли 1972 дар Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом ҳамчун муҳаррир кор мекунад.*

*Нахустин қиссаи Миркарим Осим «Ҷӯйбори нав» аст (1925). Аввалин асари калонҳаҷми ӯ қиссаи таърихии «Астаробод» мебошад, ки ба ҳаёти Алишер Навоӣ бахшида шудааст. Адиб дар офаридани қиссаҳои таърихӣ маҳорати хос дорад, ки осори зерин аз он ҷумла аст: «Томирис», «Шерак», «Искандар ва Спитамен», «Темурмалик», «Маҳмуди Торобӣ», «Утрор», «Нур аз торикистон» (дар бораи Навоӣ), «Алишер Навоӣ ва Дарвешалӣ», «Бадарға», «Хасоили Навоӣ», «Улуғбек ва Навоӣ», «Қиссаи аҷдод», «Абрҳои*

*фарози Ҷайҳун», «Пайдоиши Алҷабр» (дар бораи Муҳаммад ибни Мӯсо Ал-Хоразмӣ), «Қиссаи Ибни Сино», «Сетори шикаста» (дар бораи Машраб), «Моҳларойим ва Хонпошшо», «Нур ва зулмат» (дар бораи рӯзгори шоирбону Увайсӣ), «Ҷараси корвон», «Сафирон».*

*Миркарим Осим романҳои «Дони ором»-и Михаил Шолохов ва «Боязиди барқосо»-и Сергей Бородин, қиссаи «Боғи зиндагӣ»-и Лидия Батро ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Адиб дар синни 70-солагӣ сазовор ба унвони Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон гардида буд. Ӯро бо нишони «Барои хадамоти бузург» тақдир намудаанд (2002).*

*Миркарим Осим соли 1984 аз дунё чашм мепӯшад.*

# ТОМИРИС
***(қиссаи таърихӣ)***

## I

Саҳро бо қолии сарсабзи худ, ки нигорин аз гулҳои тозаи баҳорӣ аст, худнамоӣ мекунад. Чаковакҳо[1] дар само ба парвоз омада, дар васфи шукуфоии табиат мадеҳа месароянд. Парвонаҳои ранг ба ранг аз бӯйи хуши бойчечакҳо масту сархушанд. Дар миёни сабзазор як навъ мурғони побаланд думҳои худро ликконда калон-калон роҳ меравbooming, сангпуштҳо гарданҳои борику пурчини худро ба боло ёзонида аз гиёҳон нашъа мебаранд, гамбускакон бошанд, қафо-қафо роҳ гашта, кулӯлаҳои аз саргин сохтаашонро ба кучоҳое теладеҳон мебаранд. Мори сурхи сиёҳтобе лобалои гиёҳон хазида меояд ва ҷуссаашро ба юрмоне, ки мисли тирчӯб атрофро тамошо карда меистод, меандозад. Аз ин ҳаракат мормулакҳое[2], ки ба мисли мурғон чириқ-чириқ садо медоданд, тарсида фирор мекунанд ва бо поҳои кӯтоҳи худ замини регрезро кофта, дар зери хок пинҳон мешаванд. Аҳёнан аз наздикии бошишгоҳҳо оҳувони синасапед гала-гала давида мегузаранд, замин гӯё меларзад.

Дар ин замон массагетҳои бодиягард – соҳибони ин биёбони бепоёни бахши ҷанубии баҳри Арал чашм ба роҳи арӯсанд. Қароргоҳи онҳо намои идона дорад. Ҷо-ҷо гулханҳо фурӯзон аст, дегмисҳои лимолим аз гӯшти оҳуву барра ба ҷӯш омада бақаррос мезананд, мисли ин ки бо бесабрӣ мунтазири меҳмонҳо ҳастанд...

Сарвари қабила Томирис писари худ Сипарангизро[3] бо духтаре аз қавми Шак ба исми Заррина хонадор мекунад. Массагетҳо омода ҳастанд аз меҳмононе, ки арӯсро меоваранд, истиқбол намоянд.

Ҷавонон барои меҳмонҳо ҷой дуруст мекунанд, бонувон машғули хӯрокпазӣ, як идда сунҳор бо ороиши аробаҳои дарози соябондор, ки вазифаи хиргоҳро адо мекунанд, банд ҳастанд...

Ҷавононе, ки монда шуда дар атрофи гулхан менишастанд, ба маҳзи дидани пайки[4] аспсавор ҷаста аз ҷоҳои худ баланд шуданд. Саворкор бо ҳаяҷон садо дардод:

– Арӯс меояд, арӯс! Мӯйсафедон ба пеш гузаред... Ба пешвоз бароед!

Қосид ба маҳзи расидан ҷаҳида аз зин фуромад, аспашро ба мех баст ва ба назди як гурӯҳ марди калонсол, ки дар гирди гулхани бузурге ҷо хуш карда буданд, рафта нишаст.

---

[1] **Чаковак** – *парандаест хурди ҳалолгӯшти хушовоз, ки ба мисли ҳудҳуд тоҷ дорад;* қуббара, сӯфитӯрғай

[2] **Мормулак** – калтакалос, калпеса

[3] Бино ба аксари таърихномаҳо номи писари Томирис Спаргапис будааст *(шарҳи мутарҷим)*

[4] **Пайк** – қосид, чапар

Тамоми қароргоҳ ба по хест, барои пешвоз гирифтани меҳмонон тараддуд диданд. Фурсате нагузашта аз дур нӯки борики кулоҳҳои намадини савораҳо намудор шуд.

Ҷавонони массагетӣ ба пешвози шакҳо баромада, аз лигоми аспони онҳо дошта, барои аз зин фуромадан ёрӣ дода изҳор намуданд:

– Хуш омадед, қадрдонҳои мо, хоки поятон тӯтиё!

Шакҳо аз аспони худ пиёда шуда ба мӯйсафедони массагетӣ салом доданд ва ба саҳнае, ки бо аробаҳои соябондор иҳота шуда буд, гузаштанд. Меҳмонон ба рӯйи намадҳои гулдор чорзону зада нишастанд. Мизбонон гӯштҳои пухтаро ба рӯйи суфраҳои пӯсти баррагин кашиданд, дар машкҳо қимиз оварданд.

Бо ғуруби офтоб аробаи баланди арӯс ва дугонаҳояш низ расида омаданд. Ҳар ҷо-ҳар ҷо равшании гулханҳои фурӯзон торафт авҷ мегирифт, сарусадои таронаҳо гӯё то гӯши фалак мерасид. Сурудхонии дӯстони арӯсу домод, ҳаёҳуи бачагон, доду фарёди хурсандиомези одамон болои ҳам садо медод. Дар зери партави оташҳои афрӯхта шодию нишот ва зиёфат оғоз ёфт.

Пас аз чанд лаҳзаи дилхушӣ, пеш аз он, ки домоду арӯсро ба аробаи соябондори ороишдода баровранд, онҳоро ба куштӣ андохтанд.

Заррина дар миёни духтарони дигар бо қадди расо, гандумгунӣ, мӯйҳои мишкиранг ва дурахши чашмонаш дилработар ба назар мерасид. Ӯ нахуст ба сӯйи духтару ҷавонони атрофи гулхан нигоҳе афканд ва ба бонуи бовиқор Томирис, ки дар ҳалқаи занону мӯйсафедон бо фахр менишаст, таъзим кард. Сипас дар муқобили худ ба ҷавони ҳозиршуда барои куштигирӣ – Сипарангиз рӯ овард. Ӯ гунаи кашида ва чашмони калон-калон дошт. Духтар мӯйҳои худро бо рӯмолаке муҳкам печонида, миёнашро бо камарбанд баста буд. Ба маҳзи чашм дӯхтан ба ҷавон, бо як ҳаллос ҷаҳида аз камари ӯ гирифту бо тамоми неру ҷуссаашро дар гирди худ давр занонда, ба як сӯ дур андохт. Сипарангиз то хеле ҷо калавида рафт ва базӯр худро нигаҳ дошта, сари дузону нишаста монд. Ҷавону духтарони ҷониби арӯс бо хурӯш доди хурсандӣ заданд.

Домоду арӯс то хеле вақт барои дарёфтани фурсати муносиб дар атрофи якдигар давр заданд. Ниҳоят, Заррина аз нав ҳушёрӣ карду ба Сипарангиз чанг андохт ва пушти по зад. Ҷавон сахт ба замин уфтод, аммо пушташ нарасид, бо паҳлу аз по даромад. Дарҳол аз ҷо бархоста куштиро идома дод.

Чун аз талош натиҷае ба даст наомад, дубора даврзанон нафас рост карданд. Ин дафъа Сипарангиз айёрӣ намуд. Ӯ бо як ҳаракати тез дасти рости духтарро дошта сахт силтав дод ва ҷуссаи ӯро ба худ ҷафс карда муҳкам аз камари борикаш гирифт ва то сари сина боло бардошт. Бо як чашмпӯшӣ ба духтар, ки бо гумони ба самти чап афтидан мӯлҷар мегирифт, бо зону фишор оварда ба самти рост афканд. Дӯстони то ин дам дам дар дарун нишастаи домод бо хушҳолӣ садо баланд карданд, чунки тахтапушти духтар аллакай ба замин расида буд. Ӯ сурху сапед шуда аз ҷо хест. Чун куштӣ ба поён расид, сунҳорон «муросо кун, муросо кун» гӯён арӯси ба шӯр омадаро ором карда, дар канори домод ба ароба баровარданд.

Рӯзи дигар аз субҳи зуд ҳаво тағйир ёфт, регбӯрон хест. Тамоми ҷонварони саҳро аз тарси гирдбоди рег дар лонаҳои худ пинҳон шуданд, биёбон дар дасти бод монд. Аз тӯфони хок осмон сиёҳ шуда рафт, аҳли кӯчнишин аробаҳои худро аз ҳар тараф пӯшониданд. Хокборон то як пос ҳам давом накард, чӣ тавре ки баногоҳ сар зада буд, ҳамон тавр тез пасанда шуда рафт. Қисми пеши аробаҳои соябондор боз шуд, одамон ба афшондани намаду шолҳои монда дар зери гарду хок пардохтанд. Чаковакҳо бехаёл аз гирудори табиат, дубора чириқ-чириқкунон ба овозхонӣ даромаданд. Хуршед рӯ боз кард, бо анвори заррини худ ба масҳи сару дӯши арӯсаки биёбон идома дод. Наққоши баҳорӣ дубора мӯйқалами худро ба даст гирифта, ба офаридани нақшҳои зеботар ба паҳнои табиат шурӯъ намуд.

Томирис ба писару маҳбубаи ӯ дида дӯхта, аз хурсандӣ дар пероҳан намегунҷид. Аммо, беҳуда нагуфтаанд, ки гаҳе шодему гаҳ ғамгин дар ин дайр. Ғайричашмдошт, дар осмони бахт як пора абри сиёҳ пайдо шуду дили шаҳбону ноором гардид. Қосидони расида аз марзи кишвар ба ӯ хабар оварданд, ки сафири шоҳи Эрон ба ҳузураш меояд.

Пас аз ду рӯзи баромадан ба роҳ намояндаи Кайхусрав бо мулозимони худ аз соҳили рости Ӯкуз[5] гузашта, ба қароргоҳи Томирис расид. Баробари наздик шудан сафир гашти аспашро суст карда, дар пеши аробаи соябондори калоне, ки бо намади сапедранг пӯшида шуда буд, таваққуф намуд. Ҳамин дам ҷавони паҳлавонҷуссае, ки ба тан камзӯли даббоғишуда пӯшида аз камарбандаш шамшеру тирҳои камон овезон меистоданд ва бар сар кулоҳи намадин дошт, ба пешвози меҳмон баромад. Хидматгузор лигоми аспи сафир дар каф, то аз зин фуромадани ӯ узангуи тиллоиро дошта истод. Дар пайравии он ҷавон ду зани силоҳдор дар канори ароба пойандоз андохта, дар ҳолати таъзим сари ҷо шах шуда монданд. Ҳамин дам бонуи хушгили ҳудудан чилсола пардаи пушти аробаро бардошт ва дар ҳоле, ки бо эҳтиёт аз банди шамшери овезон аз камарбанди тиллоияш нигаҳ медошт, ба рӯйи пойандоз ҷаҳида фуромад. Ӯ шаҳбонуи массагетҳо Томирис буд. Ҳамон замон ду нафар духтари қадбаланд, ки дар даст табарҳои мисини тобон доштанд, давида омада аз ду ҷонибаш қарор гирифтанд. Бо дидани Томирис сафир аввал ду кафи даст ба замин гузошта аз хоки нарм бӯса зад ва сипас сари по рост шуда, таъзим ба ҷо оварда, бо овози баланд гуфт:

– Бузургворамон шоҳаншоҳи Эрон ба ту – шаҳбонуи олиқадр салому дурудҳои бепоён мерасонад! Бароят тандурустӣ, умри тӯлонӣ ва рӯзгори пур аз дороӣ орзу дорад!

Вақте ки сафир бо дабдаба суханҳои шукуҳманд мегуфт, мулозимонаш як бӯғчаи зарбофти пур аз пероҳани абрешимин ва абои зардӯзишударо дар пеши пойи шаҳбону гузоштанд. Томирис барои ҳадяҳо изҳори сипос карда, аз ҳоли шоҳи Эрон ва мусофирати сафир пурсон шуд. Сипас даъват намуд ба рӯйи пӯстаки палангӣ, ки ба болои қолии пойандоз афканда шуда буд, нишинанд. Меҳмонон канори ҳам дар рӯйи пӯстакҳои густурда ҷо хуш карданд. Фурсате гузашту мизбонҳо суфраи чармӣ паҳн карда, гӯштҳои

[5] Ӯкуз шакли дигаршудаи вожаи юнонии Окс ё Оксус (рӯди Ому) аст *(шарҳи мутарҷим)*

пухтаи барра, моҳӣ, ғоз ва мурғобӣ пешкаш намуданд. Томирис дар паҳлуи сафир нишаста домани суҳбат густурд ва аз ғизоҳои расида таоруф кард.

Сафир ҳамзамон бо тановули ғизо аз он ба шигифт меомад, ки қавми ин сарзамин – Массагетҳо ҳанӯз соҳиби рустою шаҳрҳои доимӣ нест, дар миёни гӯсфанду аспони худ зиндагии ибтидоиро ба сар мебаранд, занон ба мисли мардон мусаллаҳанд ва шаҳбонуи онҳо низ дар радифи одамони одӣ менишинад. Ӯ ин ҳаётро бо кошонаҳои музайяну нақшунигордор ва зиндагии пурҷоҳу ҷалоли шоҳи Эрон муқоиса кард, бо ҳайрат аз хаёл гузаронд: «Оё мумкин аст ин занро шаҳбону хонд? Ин чӣ вазъе аст, ки малика бо табааи хеш канори ҳам нишаста хӯрок мехӯрад, аспбонҳое, ки мӯйҳои баландашон ба шонаҳояшон мефуроянд, даст дароз карда аз назди ӯ гӯштҳои равғанин мебардоранд, на дар зери по тахти заррин дораду на дар сар тоҷи шоҳӣ. Ба бонувон нигоҳ кунед: беибо дар паҳлуи мардон нишаста гуфтугузор мекунанд, ба якдигар ҳазлу шӯхиҳо доранд, аҷаб гӯштхойиҳо! Зоҳиран, шавҳарони онҳо намедонанд, ки рашк чист... Аҷаб, магар зан ҳам силоҳ овехта мегардад? Инҳо на ғулом доранду на хидматкор, ҳамаашон ҳар чӣ меёбанд, дар миён мегузоранд. Халқи ваҳшӣ! Ғайр аз бандагӣ ба дарди коре намехӯранд инҳо!»

Кайхусрав ҳангоми фиристодани сафир гуфта буд: «Агар Томирисро ба занӣ гирам, табааи ӯ бе мамониат тобеи ман мешавад, ниёзе ҳам ба ҷангу ҷидол намемонад. Ту бояд барои амалӣ гардидани ана ҳамин барномаи ман ёрӣ расонӣ! Мефаҳмӣ чӣ мегӯям?..»

Сафир дар айни ҳол ҳунари айёрии худро ба кор бурда, бо ҳадафи иҷрои дастури шоҳ саъй мекард бо ҳазору як гуна чарбзабонӣ Томирисро таъриф кунаду ба арши аъло бардорад:

– Дар ҷаҳони ҳастӣ то ба имрӯз бонуеро надидаем, ки ба чунин як кишвари бузург салтанат кунад, дар ақсои олам шаҳбонуе боадолат мисли ту вуҷуд надорад, – мегуфт ӯ гарданашро ёзонида. – Худои Хуршед бароят ҳам ҳусн додаасту ҳам шаъну шукуҳ. Агар ту сарнавишти хешро бо қисмати шоҳаншоҳи мо бипайвандӣ, дар дунё ҳеч подшоҳе наметавонад ба мо баробар шавад... – сафир дар идомаи тавсифу суханҳои бодабдаба мақсудашро кушоду равшан изҳор намуд: – Ман танҳо сафир нестам, ҳамчунин ба унвони хостгор аз сӯйи шоҳ омадаам. Ҳазрати олӣ ба ту ғоибона ошиқ шудааст!

Томирис аз тановул бозистод.

– Чӣ гуфтӣ? Хостгор? – Ӯ тоза фаҳмид, ки нияти аслии шоҳи Эрон чӣ аст.

Сафир такроран гуфт:

– Оре, ба хостгорӣ омадам. Аз вафоти шавҳарат як солу анде мегузарад, вале ту ҳанӯз ҷавонӣ, хушгил ҳастӣ. Ту ягона номзади муносиб ба ҳукмдори бузург, шоҳаншоҳи олам Кайхусрав мебошӣ.

– Чӣ, магар занҳои ӯ мурданду худаш бо сари танҳо монд?

– Не, ҳамааш сиҳату саломатанд. Агар ту ба шоҳ бирасӣ, сарвари ҳамсарони ӯ мегардӣ, занҳои дигар навкарони ту мешаванд.

Томирис абрувонашро ҷунбонда ба андеша рафт. Ӯ бо пазируфтани ҳадяҳо ва пешниҳоди шоҳ ба сари мардум бор шудани рӯзҳои кулфатборро

дар пеши назар дида ба даҳшат уфтод. Сар аз хаёлронӣ бардошт, бо заҳрханд гуфт:

– Шоҳ на ба ман, балки ба диёраму сарватҳои кишварам ошиқ шудааст. Барояш ман чизе нестам, мехоҳад соҳиби диёри пурфайзи мо гардад. Ту – сафири муҳтарам, раву ба тоҷдори худ бигӯй, ки ман пешниҳоди ӯро билкул рад мекунам. Ман намехоҳам маъшуқаи ӯ гардида, мардуми худро бо дасти адаб ба ғуломӣ супорам!

Сафир бо нигоҳи истеҳзоомез ба нафароне, ки бар сар кулоҳи намадин ва ба тан камзӯлҳои пӯстини даббоғишуда доштанд, нигоҳе афканд ва гуфт:

– Қабл аз додани ҷавоби рад беҳтар мебуд бо саркардагону солмандони бузургат машварат мекардӣ, аввал хуб андешида баъдан посух медодӣ...

Яке аз мӯйсафедони қавм ба суҳбат ҳамроҳ шуд:

– Ниёзе ба андешидану майна об кардан нест, сарвари диёрамон ҳарфи дуруст фармуд. Ту бирав, ба шоҳаншоҳат бигӯй, ки на Томирис зан мешудаасту на ҳамқавмони вай ғулом! Агар шоҳ ба манзили мо ташриф биёварад, пешгаҳи суфраамон аз ӯст, меҳмондорӣ мекунем, ба пеши пояш чиҳил сар меш сар мезанем. Агар бо ханҷар биёяд, тамоми сарбозонашро нобуд карда, хуни онҳоро ба худаш мехӯронем.

– Суханҳое мешунавам, ки густохӣ дар ҳаққи шоҳаншоҳ аст, – сурхиҳои сафир рӯ гирифт. Хост сухани сахт занад, аммо дар рӯ ба рӯйи худ чеҳраҳои ғазаболудро дида забон газид. – Тоҷдори бузург маро бо ниятҳои нек фиристода буд. Шумо бар хилофи азму иродаи ӯ амал кардед. Оқибати ин коратон ба хубӣ анҷом нахоҳад ёфт.

Томирис ҳанӯз аз аспи барошуфтагӣ пиёда нашуда буд, бо шӯр гуфт:

– Агар сафир намебудӣ, ин даҳони бесоҳибатро бо рег пур мекардам. Ҷаноб, фаромӯш накун, ки дар куҷо қарор гирифтаӣ! Ба пасу пеши худ нигоҳ карда, ҳар як суханатро донистa гӯй. Ба мо маълум шуд, ки шоҳи Эрон чӣ орзуе доштааст. Аз сарҳоямон зару зевар ҳам бирезад, озодиамонро ба бандагӣ иваз нахоҳем кард.

Аҳли нишаст бо ҷонибдорӣ аз ӯ садо дардоданд:

– Росту дуруст!

– Сухани мо – ҳаммиҳанон ҳамин аст!

Дар ин лаҳза овози дупур-дупури асптозӣ ва ҳаёҳуйи ҷавонону духтарон шунида шуд. Сафир ҳаросида ба самти гарду хоки болошуда дида андӯхт.

Томирис ӯро ором кард:

– Ҷойи тарс нест, писарам Сипарангиз бо ҳамсари худ ва дӯстонаш аз шикор бармегардад. Хуб шуд, ки суханҳои гуфтаи туро писарам нашунид, вагарна дар пӯстат каҳ ҷо мекард. Ҷавони тезу якрав аст ӯ.

Фурсате гузашту се гулдухтар ва се нафар ҷавони тануманди мишкимӯй, ки аз шамоли биёбон гунаҳояшон тиранг шуда буд, бо дидаҳои дурахшон ҷаҳида аз асп пиёда шуданд ва ду сар оҳуи думчадорро оварда дар назди Томирис гузоштанд. Аз камари духтарону писарон камонҳое овезон буд, дар тиркашҳояшон чандтоӣ тири камон ба чашм мехӯрд.

Сафир аз ҷо баланд шуд. Ба сӯйи Сипарангиз, ки чеҳраи кашида, чашмони калон ва қадди баланд дошт, омада таъзим ба ҷо овард ва бо суханҳои пурдабдаба кӣ будани худро эълон карду аз ӯ ҳолпурсӣ намуд. Пас аз пурсуҷӯ Сипарангиз ва маҳбубаи вай дар самти чапи сафир, ба рӯйи пӯсти паланг нишастанд.

Зарринаи дар куштии арӯсӣ мағлубшуда ҳоло бо итоат дар канори шавҳари худ менишаст, муаддабона ба суханҳои ӯ гӯш фаро дода, пешопеш ҳарф заданро ба худ раво намедид.

Сипарангиз аз мусофирати меҳмонон пурсид ва сафир низ муфассал роҳи омадаашро нақл карда дод. Писари шаҳбону бо кунҷковӣ ба донистани сарвату дороии шоҳаншоҳи Эрон, мулозимону ғуломони ӯ, теъдоди ҳамсаронаш майл кард. Сафир ришҳои бо ҳино рангзадаи худро хилолкунон, бо шумханд ба пурсишҳои ҷавон посух гуфт, дар хусуси расму оини боргоҳи шоҳ иттилоъ дод. Барои ҳозирин нақлҳои меҳмон роҷеъ ба зиндагии пуркарру фар дар миёни зебу зинатҳои гӯшношунид, базму ҷашнҳои пур аз айшу нӯш хеле ҷолиб менамуд.

– Ҳар гоҳ дар кохи шоҳ базми пазирой доир мегардад, тамоми фарохондаҳо – аъёну ашроф, меҳмонон, сафирони аз дуру наздик омада, ки аксаран қабоҳои зарбофти фохира, либосҳои ҳарир ба тан доранд, нахуст дар назди тахти шоҳи олам таъзим ба ҷо меоваранд ва ҳар кас дар ҷойи таъйиншуда менишинад. Ходимони бомаҳорати ошпазхона доманҳои худро бар зада, ба рӯйи хон[6] таом мекашанд, соқиёне, ки ҳар яке ба камари худ то чил адад зангӯла мебандад, дар пиёлаҳои тиллоӣ май мерезанд, аз ҷониби дигар созу навои овозхонҳо...

Аз миёни ҳозирин як ҷавон, ки бо диққат ба нақлҳои сафир гӯш меандохт, пурсид:

– Гуфтӣ «май», хоҳишан, ба мо тавзеҳ бидеҳ, чӣ аст он?

– Май аз оби ангур дуруст мешавад, нӯшидании аҷибест! Он хеле хуштаъм аст, агар кас як ҷом хӯрад сархуш мешавад, хандида меистад.

Ҳамон ҷавон оби даҳон фурӯ бурда гуфт:

– Шигифто?!

Томирис абруву пешонӣ чин карда менишаст, аз он ки ҷавонон қиссаҳои сафирро бо завқ гӯш мекарданд, ғашаш меомад. Сипарангиз ба авзои модар диққат дода пай бурд, ки то омадани ӯ модараш аз чизе нороҳат шудааст...

Рӯзи дигар Сипарангиз пурсуҷӯ карда ҳақиқати ҳолро дарёфт. Чун фаҳмид модараш пешниҳоди шоҳро тамоман рад кардааст, хурсанд шуд, аммо дар ҳайрат монд, ки чаро нисбат ба сафир чорае наандешидааст. Ӯ бо қатъият изҳор кард:

– Бояд сафирро гӯшу бинӣ бурида ба мулкаш равона созем!

Томирис гуфт:

– Ин кор ба шаъни мо намезебад. Сафир гунохе надорад. Ӯ танҳо суханҳоеро расонид, ки ба гӯшаш рехта буданд. Беҳтар ин аст, ки ҳама

[6] **Хон** – дасторхон, суфраи пазирой

раҳовардҳои вайро пас дода, ба шаҳраш гусел намоем, худи ҳамин як силии обдор ба шоҳ мешавад.

## II

Лашкари Кайхусрав пас аз ишғоли Марғиёна ва Суғд ба соҳили чапи Ӯкуз омада хайма зад. Шоҳ бо шунидани гузориши сафири худ дарк намуд, ки бо макру ҳила намешавад массагетҳоро ба қайд[7] даровард. Аҳд кард барои мутеъ сохтани ин қавм силоҳу зӯрӣ ба кор барад.

Вақти зиёде нагузашта ҷосусони Томирис хабар оварданд, ки лашкари калони Кайхусрав барои гузаштан аз Ӯкуз тараддуд дорад, эрониён аз чӯбу най пулҳои шиновар месозанд. Томирис мардону занони ҷангдида ва корозмудаи худро хонда хони машварат густурд. Дар оғоз яке аз мӯйсафедон маслиҳат дод, ки бояд ҳарчи зуд мерганҳои моҳири камонандозро ба соҳили дарё фиристем. Онҳо бояд устоҳои пулсози эрониро ба нишон бигиранд, то душман натавонад ба соҳили рост гузарад. Сипарангиз ба ин пешниҳод мухолиф баромад ва гуфт:

– Агар мо ин гуна бархӯрд кунем, оё медонед хоразмиҳо, шакҳои он соҳили Яксарт ба чӣ хаёл меравананд? Бешубҳа, ҷор хоҳанд зад, ки массагетҳо аз эрониён тарсидаанд, нагузоштаанд онҳо аз дарё бигзаранд, аз дур тир андохтанро афзал донистаанд, гузаргоҳу пулҳои шиноварро хароб кардаанд... Пас аз ин ҳама мазоҳ чӣ гуна одамҳое мешавем, чӣ хел сар бардошта мегардем? Баръакс, бояд гумоштаи худро ба сӯйи эрониҳо фиристода бигӯем, ки мо бароятон пул месозем, ҳангоми гузаштан пеши роҳатонро намегирем ва омода ҳастем дар майдон бо шумо набард кунем!

Аз миёни ҷамъомадагон овози навҷавоне бо ҷонибдорӣ аз суханони ӯ баланд шуд:

– Ин аст камоли шермардӣ!

Томирис низ ба хотири ҳифзи обрӯю нуфузи қавми ҷанговари массагет сухани писарашро мақбул донист ва пешниҳоди мӯйсафедро рад кард.

Ба ин минвол, дар як гӯшаи дашти бепоёни соҳили рости Ому ҳодисаҳои мудҳиш оғоз ёфт. Виқору исроркории ҷавонони далер қадам ба қадам барояшон гарон тамом мешуд...

Кайхусрав савораю пиёдаҳои мусаллаҳи худро бе мамониат аз дарё гузаронд. Ба маҳзи гузаштан дарҳол аз пайи массагетҳо афтид, аммо бештар аз ҳафт рӯз роҳ гашта онҳоро пайдо накард. Бо мурур нияту ҳадафи халқи бодиягард равшан шуд: онҳо қасд доштанд эрониёнро ба дохили биёбонҳо бурда, бе обу ғизо мононда торумор кунанд. Он замон тобистон даромада, рӯзҳои тафсон фаро расида буд, сабззор аз гармои шадид пажмурда ва торафт зарду хазон мегардид.

Кайхусрав давраи машварат орост ва аз солмандони ботаҷриба илоҷи кор ҷуст. Яке аз мардони калонсоли ҷангдида гуфт:

– Ин кӯчнишинҳои биёбонгард ба мисли моҳиҳои зери дарё дар дили дашти сӯзон нопайдоянд. Саҳрои бепоён онҳоро ба мисли модари меҳрабоне

---

[7] **Қайд** – банд, асорат

дар бағал парваридааст, вале ба мо, гӯё ки бадтар аз модарандар мебошад. Массагетҳо хуб медонанд, ки дар кучо чашма ҳасту дар кучо чоҳи об...

Кайхусрав абру дарҳам кашида, бо дили озурда дар пешгаҳи хаймаи абрешимин менишаст. Қабои кимхоби сурхранг дар тан ва асои музайян бо дурру гавҳар дар даст дошт, ки аз подшоҳии ӯ дарак медод. Хидматкоре бо як бодбезаки баланд бод дода меистод. Шоҳ пурсид:

– Хуб, барои нобуд сохтани онҳо чӣ пешниҳоде ҳаст?

Ҳамон марди калонсол афзуд:

– Бо ин ҳадаф мебояд ҳила ба кор барем. Лашкарро ба се бахш тақсим карда, якеро дар ақибгоҳ гузорем ва онҳоро аз ҳад зиёд бо ғизову майи ноб таъмин намоем. Бо ду бахши дигар тохтутозро идома диҳем.

Шоҳи Эрон бо майли тамом ба тарҳи кашидаи ҳамсафари пурдидаи худ гӯш фаро дод. Ӯ ҳатто ба гӯшаи хаёл намеовард, ки макру ҳила ба кор бурдани вай дар қиболи рафтори чавонмардонаи массагетиҳо, ки ба гузаштанашон аз дарё ҳеч гуна мамониат накарда буданд, аз як амали номардона беш нест. Дар воқеъ, ин шоҳи шуҳратпарасту ҳукмфармо, ки Ироку Миср, минтақаҳои чанубии Варорӯдро бо зарби силоҳу зар ва фиребу найранг тасарруф карда, давлати бузурги Эронро барпо намуда буд, барои ба мақсуд расидан аз ҳеч гуна номардӣ худдорӣ намекард.

Шоҳ бо ду қисми лашкараш сафари чангиро идома дод. Як гурӯҳ сарбозони ӯ аз матои ҳарир хаймаҳо зада, оташдонҳои заминӣ сохта вонамуд карданд, ки ба нишасте омодагӣ мебинанд. Томирис аз тариқи чосусон ин амалкарди душманро фаҳмида, барои нобуд сохтани онҳо тадорук дид. Ӯ сеяки нерӯҳои худро дар ихтиёри писараш Сипарангиз гузошт ва дастур дод:

– Ба маҳзи яксӯ кардани онҳо дарҳол аз пушти Кайхусрав асп давонед, мо аз пешорӯяш ба набард мебароем. Худои Хуршед нигаҳбони мост, лашкари шоҳи Эрон дар муҳосира хоҳад монд ва ба мисли оҳуи дар дом уфтода роҳи гурез нахоҳад ёфт. Донистӣ манзури маро?

– Донистам! – гуфт писар ва барои итминон ҳарфҳои модарро дубора такрор кард.

– Ба пеш, писарам, Хуршеди муқаддас ҳамроҳу мададкори ту бод!

Ҳамон даме, ки сарбозони аспсавори массагет ба ӯрдугоҳи эрониёни монда дар ақибгоҳ ҳамла оварданд, онҳо акнун хӯрок кашида, машкҳои пур аз шаробро ба рӯйи дастархон гузошта буданд. Пас аз задухӯрди кӯтоҳе эрониён ба пушти худ нигоҳ накарда гурехтанд. Як қисми онҳо аз дами шамшер гузаштанд, чанд нафар дастгир шуд.

Як сарбози асир ҳангоми пурсучӯ гуфт:

– Размчӯёни бомаҳорат будаед, моро дар ғафлат гузошта, балову қазо барин ба сарамон фурӯ рехтед. Мо акнун базми худро оғоз карда будем, – ӯ ба машку косаҳои заррини пур аз май, табақҳои гӯшти мурғ ишора карда афзуд: – Инҳо на барои мо, балки насибаи шумо будааст.

Сипарангиз нигоҳе ба косаҳои май афканд. Ҳарчанд майл дошт як зарра таматтуъ кунад, худро ба даст гирифта гуфт:

– На таоме мехоҳем на шаробе, мо наомадаем шикам сер кунем!

Аммо яке аз ҳамраҳони сарпарасти ҷавон изҳор кард:

– Аз роҳгардии тӯлонӣ ва набардҳо ҳам бачаҳо хаста шуданду ҳам аспонамон, имкон диҳем каме истироҳат кунанд. Сари гуруснагӣ шикаста дарҳол ба роҳ мебароем.

Ҳамсафони дигар низ даст ба шикамҳои холӣ ва чашм ба неъматҳои дастархон дӯхта афзуданд:

– Оре, каме хастагӣ рафъ кунем, чизе бихӯрем...

Сипарангиз дудила шуд, ба асири эронӣ рӯ оварда гуфт:

– Эй мӯйсафед, агар хоҳӣ ҷон ба саломат барӣ, рост бигӯй! Накунад ки ин ҳама ғизову май заҳролуд бошад?!

– Чаро ба таоме, ки қарор буд худамон бихӯрем, заҳр бирезем? Магар мо ба худ душманем? Савганд ба номи Худои Худоҳо – Аҳурамаздо, мо ҳеч гуна хӯрданиро бо заҳр наомехтаем.

– Биё, аввал худат бихӯр, ростии суханатро собит кун!

Асир аз шаробу гӯшти табақ хӯрд. Ҳамраҳони Сипарангиз ба чанд эронии асири дигар низ таому май хӯронда, ба тоза будани хӯрданиҳои дастархон бовар ҳосил намуданд. Аз он пас ҳама дар гирди суфра нишастанд ва ба сарфи ғизою нӯшонӯш пардохтанд. Ҷавонҳои қабилаи бодиягард, ки дар тӯли умр бода нахӯрда буданд, аз майи ноби гиро тез сархуш шуданд. Онҳо бо қаҳқаҳа ба хурсандию шӯхӣ ва бозӣ даромаданд. Ба савораҳои нигаҳбон низ таому май доданд. Размоваронe, ки мехостанд чанд лаҳза бимонанду рафъи гуруснагӣ намоянд, хушҳолу ғарқи шодӣ шуда, гузаштани вақтро надониста монданд.

Мурoду мақсуди Кайхусрав низ ҳамин буд. Чанд нафар саворкори ӯ, ки аз дасти массагетҳо раҳоӣ ёфта буданд, ба ҳузураш омада дар хусуси вазъияти ӯрдугоҳ гузориш доданд. Ӯ ҳамоно сари аспони худро ба қафо гардонд ва ҳамонанди море, ки ба сари юрмони мутаҳаййир худро меандозад, ба болои сарбозони Сипарангиз ногаҳон ҳамла овард. Нигаҳбонҳои ширакайф расидани эрониёнро пай набурданд, дар як муддати кӯтоҳ сар аз тан ҷудо шуданд. Сарбозони масту мадҳуш ҳанӯз хушҳолӣ мекарданд. Баъзеи онҳо ҳис карданд, ки дар берун талотуме ҳаст. Хостанд аз ҷо баланд шаванд, вале саргиҷ калавидаравон аз по афтиданд. Онҳое, ки то назди аспони худ омаданд, нарасиданд шамшер аз ғилоф кашанд. Азбаски ҷавонҳо ба ҳарфи бузургон гӯш надода, ба хотири истироҳати аспон зину зинбандҳоро суст карда буданд, дар ин ҳангом ба маҳзи савор шудан ба аспон пасу пеш ба замин сарнагун шуданд.

Дар ниҳоят, Сипарангиз ба доми фиреб гирифтор ва бо чанд нафар ҳамразми худ асири душман гардид. Ба пойи ҳар яке завлона заданд, дастҳояшонро ба пушт баста, ба назди Кайхусрав оварданд. Шоҳ бо тамасхур як-як асиронро аз мадди назар гузаронд. Ба самти Сипарангиз сар ҷунбонда гуфт:

– Ба даст афтидӣ, нобакор? Аз даҳонат бӯйи шир меояду бо ман даргир шудан хостӣ?

Азбаски сардори ҷавон барои зинда дастгир нашудан бо хасм хеле талош карда буд, тамоми баданаш хуншору харошида ба назар мерасид. Таъсири май

аз байн рафта, худро ҳушёр нигаҳ медошт. Ӯ сарашро бо виқор баланд кард, бо ҳисси нафрат нигоҳи оташин ба шоҳ андохт ва гуфт:

– Оре, хеле мехостам бо ту дар набард бошам, афсӯс, ин бахт бароям муяссар нашуд. Ту номардӣ кардӣ, ҷойи ин ки дар майдон биҷангӣ моро бо роҳи ҳила ба дом афкандӣ. Хеле мутаассифам, ки ҷавонӣ карда дасти ҳамеша банд ба дастаи шамшерамро бо шароби наҳс олуда кардам ва асир шудам. Агар мисли туи разил...

Ба хотири фурӯ нишондани овози Сипарангиз яке аз саркардагони шоҳ бо ҷаҳл оби пиёлаашро ба рӯйи ӯ пошида дод зад:

– Хафа шав, аблаҳ!

Ҷавон беихтиёр ларзида рафт. Шоҳи бехаёл Кайхусрав ба ҳоли ӯ хандид. Аъёну саркардагони давру бараш низ дар пайравии сарвари худ то аз чашм об рафтан шодмонӣ карданд.

Сипарангиз ғазабнок ғуррид ва сухан гуфт:

– Бихандед, хурсандӣ кунед... Аммо, дур нест, ки аз пайи ин хушҳолӣ сахт мегирйед, оре, бо нолаю шеван хун мегирйед. Дигар макру ҳилаатон ҳам ба дард намехӯрад, рӯбаҳони пинҳоншуда дар пӯсти шер...

Ҳамон саркардаи қаблӣ барои хомӯш кардани ӯ дубора ба рухсораш об пошид. Ин бор Кайхусрав базӯр даҳон инҷ кард, атрофиёнаш ба хандаи баланд ҷуръат наёфта, бо пузханд иктифо намуданд.

Шоҳи Эрон нигоҳи ҷиддӣ ба худ гирифта гуфт:

– Аз дасти мо ҳам қаҳру ғазаб меояд, ҳам лутфу карам. Махсусан, барои ту барин бачаҳо метавонем тараҳҳум кунем. Шояд модаратро ёд кардӣ, мехоҳӣ озодат кунам?

Сипарангиз оби даҳонашро, ки гӯё заҳре буд, бо як қулт фурӯ бурда ба андеша рафт: «Аз се яки лашкарамон бо дасти ман нобуд гардид. Нодонии ман боис шуду ҳамразмонам ба ҳалокат расиданд. Агар маро озод ҳам кунанд, дигар наметавонам ба назди ҳамқавмони худ баргардам. Бо кадом рӯ ба модарам менигарам?» Билохира, хоҳиш кард:

– Дастҳоямро боз кунед.

Бо ишораи шоҳ Кайхусрав яке аз мулозимон давида омаду дастҳои ҷавонро кушод ва дубора ба ҷойи худ баргашт. Ҳамон замон Сипарангиз ханҷари дамкӯтоҳашро аз ғилоф даркашид ва беист ба сандуқи синаи худ зад. Бо ин зарбат ҷавон рӯ ба замин уфтод ва ҷон ба Ҷонофарин таслим намуд.

Кайхусрав пас аз фурсате гуфт:

– Ҷавонмард будааст, маргро аз бадномӣ бартар донист. Агар зинда мебуд, саркардаи бузурге мешуд. Бошад, боке нест, инҳоро низ, – ӯ ба асирони дигар рӯ овард, – аз пайи сарварашон ба он дунё равона кунед!

## III

Хабари ба ҳалокат расидани Сипарангиз ва ҳамразмони ӯ ба мисли тири аз камон парида синаи Томирису бонувони дигарро сӯрох кард. Азоби рӯҳӣ то ҷое ногаҳонӣ ва ғайримунтазира буд, ки дар оғоз ҳатто ашк аз чашмонашон

наомад. Пас аз чанд муддат даруну беруни аробаҳои соябондорро доду бедоди занон фаро гирифт. Ба хусус, ғаму ғуссаи ҳамболинаш дили ҳамаро ба дард овард, мӯйканону рӯйканон гиряву шеван роҳ андохт. Томирис бошад, аз зӯрии алам ёрои гиря кардан надошт. Ҳуш аз сараш парида, ба нуқтае дида дӯхта менишаст, нимғурма ҳарфҳое пичиррос мезад...

Шаҳбону ягона фарзанди дилбандашро аз даст дода, тасаллои дили пурдарди худро на дар ашкҳои сӯзон, балки дар интиқоми ҷонситон дид. Фардои он рӯзи даҳшатбор ӯ ҳамқавмони ботаҷрибаи худро ҷамъ карда домани машварат густурд. Ба пирамарду пиразанҳо, ки даври ҳам сархаму малӯл менишастанд, ба ҷавонони аз ғояти қасос шӯрида як-як назар афканда, изҳор намуд:

– Падарону модарон, бародаронам! Ҳоли мо ба танг омад, чуғзҳои фалокат андар болои сарамон мепаранд. Душмани нобакор ҷавонҳои наврустаи моро аз дари макр ба қатл расонид. Мо бояд интиқоми фарзандонамонро бигирем, бо тамоми неру адӯи ба диёрамон сар халондаро берун андозем. Дар ин бора шумо – пирони хираду рӯзгордида салоҳи корро дар чӣ мебинед?

Як нафар ришсафеди дар пешгаҳ нишаста, ки ду рухи гирди ӯ сурхгуна ба назар мерасид ва аз чашмонаш гӯиё оташак мепарид, гулуяшро молида ба сухан даромад:

– Ба хотири бепарвоӣ ва амалкардҳои бемаслиҳат дар ғафлат мондем, моро Меҳр[8] ҷазо дод. Агар ба дастаи фиристодаамон на Сипарангиз, балки як нафар ҷанговари боэҳтиёт ва пухтаю ботаҷриба сарварӣ мекард, ҷавонони мо ба ҳалокат намерасиданд. Сипарангиз ҳарчанд ҷавонмарди қавӣ буд, сахтию сустиҳоро кам дида, пешинаи ҷангӣ надошт. Афсӯс, умраш кӯтоҳ будааст, агар мемонд яке аз фармондеҳони бузург мешуд.

Дар миёни каломи ӯ Томирис ба сухан омад:

– Ҳақ асту рост, ман писари ҳанӯз хоми худро ба гирдоби ҷанг фиристодам ва ҳоло ранҷи худбиниамро мекашам.

Як зани солхӯрда аз байни ҷамъ гуфт:

– Кош дар миёни ҷавонҳо зану духтароне низ мебуданд! Меҳр доимо ба бонувон неру ато мекунад, онҳоро бо фаҳму фаросат офаридааст. Агар духтарон ҳамроҳи Сипарангиз мерафтанд ин нохушӣ пеш намеомад, онҳо косаи майро аз дасти ӯ дур мезаданд...

– Тире, ки аз камон ҷаст, ба пас барнагардад, – суханро аз даҳони зани солхӯрда гирифта гуфт пирамарде, – ҳоло бояд роҳи пирӯзиро биҷӯем. Ба гумонам, акнун роҳи наҷот дар он аст, ки тамоми солхӯрдагону бачаҳоро бо чорвоямон ба ақибгоҳ фиристода, ба дасти мардону занон ва ҷавонону духтарон силоҳ диҳем ва душманро бо ҳар роҳ ба дили саҳро кашида, дар он ҷо торумор кунем...

Он пирамарди рӯзгордида то куҷо ақибнишинӣ кардан ва маҳалли набардро ба тафсил фаҳмонида дод. Ҳамнишастон фарохонии ӯро дастгирӣ

[8] **Меҳр/Митра** – аз ҷумлаи Худоҳои бостонии пеш аз рӯзгори Зардушт аст

намуданд, ба чанд пешниҳоди ӯ равшанӣ андохта бо ҳам аҳди мубориза бастанд.

Ҳамон рӯз Томирис дастур дод, ки нафарҳои ба набард корношоямро ба ҷойҳои пинҳонӣ бибаранд ва худаш кафшу сарулибоси тамоми марду зани сафкашидаи мусаллаҳро аз назар гузаронид. Пас аз бовар кардан ба омодагии пухтаи ҳамразмон, ба иттифоқи ҳам ба сари теппагие баланд шуданд, то арғумоқеро[9] ҳалол карда, аз Худои Хуршед илтиҷои баровардани орзу намоянд. Ӯ шамшеру сипари худро канор гузошт ва дар назди массагетҳо ба номи поки Меҳр ба саҷда пардохт:

– Эй Офаридгори кулли мавҷудот, эй Эзиди замину осмонҳо ва обу гиёҳон Хуршеди муқаддас! Ҳар гаҳ дида боз кунӣ олам мунаввар гардад ва дида бибандӣ саросари заминро лашкари торикӣ фаро гирад. Танҳо туӣ, ки ба мардум гиёҳонро сабзондаӣ, рӯдҳоро равон карда ба киштзору чарогоҳҳо об баровардаӣ! Танҳо худат ҳастӣ, ки гӯсфанду оҳувон зиёд шудаанд, хирманҳои ғалла қад афрохтаанд. Эй Худои бузурги Хуршед! Магузор, ки қавми мо дар дасти эрониён хору залил гардад, ба диламон ғайрат, ба бозувонамон неру ато фармо, вуҷуди моро бо оташи қасос равшан намо! Ин шамшерҳои моро гузаро гардон, ки битавонем хасми маккорро, ки диёрамонро зери по кардааст, яксон ва балои бандагию асоратро аз худ дур созем!

Дар ҳоле ки шаҳбону аз Меҳр истидъои наҷот мекард, аз чашмонаш беист ашк мерафт. Лаҳзае дида ба замин дӯхта истоду пас аз ба худ омадан шамшерашро сари ҷо гузошт ва ба поин сарнишеб шуд. Бо як ҷаҳиш ба аспи сапед, ки бетоқатона дар ҷо по мезад, савор шуд ва ба аҳли мусаллаҳи давру бараш дубора дар хусуси балои ба сар омада ёдрас намуда гуфт:

– Хоҳарон, бародарон, ҳамаи шумо медонед, ки ҳоло мо ба куҷо раҳсипорем. Бо ҳамин ҳамла ё то охирин нафар кушта шуда, бо хуни худ доғи ба домани шаънамон нишастаро шуста мепартоем, ё ки душманро лағв намуда бо пирӯзӣ бармегардем. Итминонам комил аст, дар миёни мо инсони номарде, ки дар назди шоҳи Эрон зону занад, вуҷуд надорад. Мо ҳатман пирӯз мешавем! Шоҳи Эрон бераҳмиро аз мо ёд бигирад!

– Ба пеш даро, моро ба набардҳо бибар, шаҳбону! Бояд интиқом бигирем, дуди душманро аз димоғаш барорем!

Нурҳои гарми офтоб ба дӯшу бари Томирис меуфтод, мисли ин ки Меҳр бо дастони дурахшони худ ӯро навозиш медод, барояш изҳори дуруд мекард. Ин дам пирамарде, ки ришҳояш то сари дил мефуромад, сар бардошта гуфт:

– Диёри асили мо дуои хайри бонуро гирифт, пирӯзӣ ба мо ёр бодо!

Ҳамин дам дар осмони мусаффо уқобе болҳояшро паҳн карда, болосари сарбозон ба парвоз омад. Мардону занони мусаллаҳ ба сӯйи он дида андӯхтанд. Дар чашми ҳар яке нури шодмонӣ дурахшид, зеро чунин парвози мурғон ба фоли нек таъбир мешуд...

Томирис хуб медонист, ки дар айни ҳол ҷангидан бо лашкари Эрон ба ҷуз нокомӣ суде надорад. Душмани сар то по мусаллаҳ ҳанӯз хаста нашуда

---

[9] **Арғумоқ/арғумак** – як навъ аспи чобук ва тезрави саворӣ аз зоти аспҳои машриқ

буд. Мебоист лашкари ғосиб дар саҳроҳо сарсону овора ва беҳолу бемадор гардад, то ки дар замону макони муносиб барои набард имконият пайдо шавад.

Неруҳои аз пирӯзии нахустин ширакайфи эронӣ ба гурез рӯ ниҳодани Томирисро шунида, бедиранг ба таъқиб пардохтанд. Кайхусрав дигар наметавонист лигоми лашкари ташнакоми худро дар даст нигаҳ дорад. Пас аз ақиб нишастан массагетҳо дар як теппагӣ табъи дил камин гирифта, муназзам саф оростанд. Радаи аввал аз мерганҳои сабукмусаллаҳи камондор ва радаи дувум аз аскарони зиреҳдору комилан мусаллаҳ иборат буд. Ба оҳистагӣ неруҳои ҷангии Кайхусрав наздик шуданд. Камонгарони массагет ногаҳон онҳоро зери тирборон гирифтанд. Чун тири тиркашҳо тамом шуд, бо табарзину найзаҳои кӯтоҳ набардро идома доданд. Ҳамзамон савораҳои мудофиакори майсараву[10] маймана[11] ва пушти лашкар оби даҳон фурӯ бурда, ҷилави аспони даванди бетоқатро, ки пешбандҳои тиллоии зинҳояшон бо нури хуршед ҷило медод, раҳо карданд. Радаҳои лашкар аз ҳам пошида шуд, ҷанговарон бо ҳамдигар даромехтанд. Овозҳои тарақо-туруқи шамшеру найзаҳо, сарусадои сипоҳиён, шиҳакашии аспон, нолаҳои дардомези захмишудагон рӯйи ҳам рехта, қиёмат-қоим ба миён омад. Аскарони ҳар ду ҷониб тӯда-тӯда даргири ҳамдигар шуданд: бераҳмона ба сари якдигар бо найзаю табар мезаданд, шамшер мекашиданд...

Набарди хунрез то дами шаб давом ёфт. Массагетҳои оғушта дар оташи қасос барои тоза кардани диёри худ аз пою қадами бегона бо тамоми неру ҷонбозӣ намуда, бо лашкари ситамгар мардонавор ҷангиданд. Дар поён пирӯзӣ ба онҳо ёр гардид, душман маҷбур шуд қафонишинӣ кунад. Дастаи саворкорони Заррина лашкари адӯро аз майсара шикаст дода, ба паси онҳо гузашт. Кайхусрав майдони муҳорибаро аз фарози теппа наззора карда меистод. Чун дид, ҳама даргирӣ мухолифи пиндошти ӯ сурат мегирад, бо шитоб шамшер аз ғилоф кашид ва ҳамроҳ бо дастаи муҳофизи давру бараш ба ҷанг даромад. Вале, нияти ӯ барбод рафт, дар нахустин набард аз дасти сарбозони Томирис ба қатл расид. Бо шунидани овозаи марги Кайхусрав ба дили эрониён ваҳм уфтод, рӯҳашон шикаст, шуълаи иштиёқи талош дар вуҷудашон бо мурур хомӯш шуд. Сарбозони яке аз бахшҳои умдаи душман ба даруни наздиктарин ҷангалзор ақиб нишастанд. Мехостанд пинҳон шаванд, вале тирашон ба хок хӯрд, аз пешорӯйи онҳо саворкорони дастаи Томирис баромаданд. Зану марди мусаллаҳи массагетӣ бераҳмона ҳамаро аз дами шамшер гузарониданд. Неруҳои Томирис ба пирӯзии комил ноил гаштанд, теъдоди бешуморе аз эрониён асир уфтоданд.

Томирис ҳанӯз нафас рост накарда амр кард:

– Сари буридаи Кайхусравро биёваред!

Арӯсаш Заррина, ки паҳлуи вай бо душман дар набард буд, се-чаҳор зани ҷанговарро бо худ гирифта ба майдони пур аз ҷасади ҷангҷӯҳо, ба маҳалли қатли шоҳ асп давонд. Муддати зиёде нагузашта ҷанозаи Кайхусравро пайдо кард ва сари ӯро бурида ба назди шаҳбону овард.

---

[10] **Майсара** – тарафи чап, ҷаноҳи чапи лашкар

[11] **Маймана** – тарафи рости лашкар *(муқобили майсара)*

Томирис дастур дод:

– Ҳамакнун машкеро бо хуни одам пур кунед!

Сарбозон дарҳол дастури ӯро баҷо оварданд.

Томирис сари тарсноки шоҳро, ки мӯйсару ришҳояш оғуштаи хун сахт шуда, чашмонаш пӯшида менамуд, муҳкам дар даст гирифта, бо ҳисси интиқоми хуни писараш ва ҳама ҳалокшудагони массагетӣ дар машки пур аз хун фурӯ кард ва бо хитоб гуфт:

– Эй Кайхусрав! Ту ки тамоми умр ҷангида ҳеч гоҳ аз хӯрдани хун сер намешудӣ, ҳоло ҳар чӣ қадар дӯст дорӣ, хун бихӯр! – сипас даҳони машкро бо арғамчин баста монд.

## НУР ВА ЗУЛМАТ
***(қиссаи таърихӣ)***

*Куҷо нуру зулмат бад-Ӯ андар аст,*
*Зи ҳар гавҳаре гавҳараш бартар аст.*
*(Фирдавсӣ)*[12]

## 1. ҶАҲОНБИБӢ

Паришоҳруххҳои[13] нишеманёфта дар сапедорзори ду канори роҳ ба мисли нигаҳбонҳои сарой канда-канда чуғуррос мезаданд, гӯё ба ҳамдигар аз хабари нохуше дарак медоданд.

Шомгоҳон. Сояи дарахтон баланд менамояд, ҳавои боғистон сард аст. Як гурӯҳ амалдору беки сарой, ки қабоҳои зарбофту кимхобу шоҳӣ ба бар доранд, гирди ҳам ҷамъ шуда, аз роҳрави миёни боғ ба самти кӯча мебароянд. Дар ҳамин лаҳза зане мастур дар фаранҷии обшуста ба назди дарвозаи мунаққаши ҳисори боғ омада истод, хост ба дохили боргоҳ дида андӯзад. Ногоҳ садои нигаҳбоне, ки соқи мӯзаҳояшро ба берун қат карда, бо мӯйлабҳои баланду ғафси ба боло хамидаи худ муҳобот дошт, шунида шуд:

– Ҳой пиразан, ба пас гард! Гиҷу бесар чӣ кор мекунӣ дар ин ҷо? Бе иҷозати ҳазрати олӣ касе ҳақ надорад ба сарой ворид шавад, – нигаҳбон беихтиёр шамшерашро то нисфи камар берун кашид.

– Натарс, ханҷаратро сари ҷояш гузор, – бо истеҳзо ба сухан омад зан, дар ҳоле ки маълум буд аз таҳдиди нигаҳбон сари мӯе ҳарос надорад, – Пеш аз он ки сарамро бигирӣ, ба суханам гӯш кун, ҷавони посбон.

– Дер шуд, агар арзе дорӣ фардо биё.

– Ба чӣ замон омадани ман ту коре надошта бош. Мехоҳам ба ҳузури амирулмуъминин дароям.

Ҷавони нигаҳбон чашмони худро калон кушода, бедасту панҷа пурсид:

– Ба назди ҳазрати олӣ? Ту – худат кӣ ҳастӣ?

– Чӣ кор дорӣ ман чӣ касе ҳастам? Зуд қаровулбегии хӯҷаинро садо зан!

Нигаҳбон аз дарвоза ба дохил даромада рафт ва чанде нагузашта бо як марди танýманди миёнсол, ки ба камарбанди мисини худ шамшери баландеро зада буд, ба берун омад. Он мард абру дарҳам кашида, ба пиразан рӯ овард:

– Хуб, бифармо, чӣ хидмат?

– Мехоҳам ба назди ҷанобашон дароям.

– Ҳеч гоҳ! Эшон занҳоро таҳвил намегирад. Агар ба ҳарамсарой рафтанӣ ҳастӣ, роҳи он дигар аст. Ба он ҷо низ мебояд фарохонда буд, даъватнома дорӣ?

– Не... ҳа, ҳаст, марҳамат! – зан аз зери фаранҷии худ коғази фарсудаеро берун оварда ба саройдор дод, ки дар он тозатарин ғазали хеш – арзи ҳолашро

[12] Ин байти Фирдавсиро мутарҷим барои таъйиди фикр овардааст

[13] **Паришохрух** – зарғилдоқ, зардгул *(як навъ парандаи гунҷишкмонанд)*

навишта буд. – Ба навкаронат дастур деҳ, ки инро ба ҳарамсарой бурда, ба дасти Моҳларойим супоранд.

Саройдор номаро гирифта ба самти дарун баргашт. Аммо як рубъ вақт гузашт ё не, ӯ бо дав ба берун омад ва рангпарида ба ғуломҷавони эронии дар паҳлуяш буда, ки симои духтарона дошт, ишора карда, бо таъзим ба зан гуфт:

– Бифармоед ба дохил, ин ҷавон шуморо то дами остона роҳнамоӣ мекунад.

Дар ҳоле ки чашмони нимапӯши марди роҳбалад беист милтос мезад, аз рӯйи одат, ба фармон сар фуровард ва каме пештар аз зани фаранҷипӯш, ки бонуи ҷавонеро мемонд, ба самти сарой роҳ пеш гирифт. Онҳо бо роҳрав ба тарафи боргоҳи пурнақшу намои зебо қадам ниҳоданд. Ҷилои кошиҳои боргоҳ нури дидагонро мерабуд. Ҳар ду аз дарвозае, ки дар ду ҷониби он дарбонҳои мусаллаҳ меистоданд, гузашта, ба ҳарамсаройи пушти ҳавлӣ даромаданд. Оҷурҳои ба шакли чаҳоргӯша чидаи саҳни ҳарамхона, деворҳои нақшу нигордори биноҳои атроф, кошикориҳои муҷалло поку равшан ба чашм мехӯрд. Лаҳзае, ки меҳмонзан тӯрпардаи рӯйи худро бардошта, обуранги сатҳи деворҳоро тамошо мекард, як канизаки хубрӯе давида омаду аз сари ӯ фаранҷии куҳнаашро бардошт. Хушгилии ӯро дида сари ҷо шах шуд: дар рӯ ба рӯяш зани ҷавони сарвқомате бо абруҳои сиёҳ, рухсори сапедгунаи маҳваш, ки шояд бисту се-бисту чаҳорсола буд, бо табассум меистод. Дар ҳамин дам бекаи сарой Моҳларойими барно, ки аз болои пероҳани атласи шиёрдор нимчаи[14] бахмал пӯшида буд, худро ба ӯ расонд. Бо ҳам бағал кушода вохӯрӣ карданд. Бека фурӯ дар оташи пазмонӣ гилаомез гуфт:

– Чӣ қадар хуб аст, ки ба ин рӯзи босаодат мерасем, Ҷаҳонапа! Охир, чаро як-ду рӯз пештар аз омадани худ моро огоҳ накардед? Берун аз сарой ба истиқбол мебаромадем...

– Нахостам шуморо овора кунам. Меҳмоне, ки бо пойи худ ояд, атои Худост. Аз чанд зани ҳамшаҳриам шунидам, ки ба Марғелон омада суроғи маро гирифтаед. Худам низ хеле мехостам ба дидори ҷамолатон расаму ҳамсуҳбат шавам. Акнун вақту соаташ будааст, ба аспи сафар нишаста роҳи Хӯқандро пеш гирифтам.

– Ин ташрифатон табъи дил шуд, апа. Ҳар гоҳ шуморо ёд кунам, ба ғазалҳоятон рӯ меоварам. Бубинед, ки ҳар як шеъри шумо ба монанди худатон зебову дилкаш аст. Чӣ гӯям, бо гузашти сол ба ҳуснатон ҳусни нав зам мешаваду хушгилиатон меафзояд!

Аз чеҳраи бонуи абрусиёҳи сарой гӯиё нур меборид, бо омадани меҳмони азиз бениҳоят хушҳол шуд.

Онҳо се-чор сол пештар, баъд аз нишастани Умарбек ба тахти Марғелон дар қароргоҳи хон бо ҳам вохӯрда буданд. Фармондори ҷавон аз қироати ғазалҳои Ҷаҳонбону, ки бо тахаллуси Увайсӣ табли шуҳрат мезад, ба завқ омада, гоҳ-гоҳе ӯро барои тадриси ҳамсараш Моҳларойими шеърдӯст ба боргоҳи худ фаро мехонд. Пас аз ба қатл расидани бародараш Олими золим Умархон ба Хӯқанд нақли макон кард ва дар умури давлатдорӣ ғарқ шуда,

---

[14] **Нимча** – камзӯли беостин

дигар вайро аз ёд бароварда буд. Ин бор Увайсӣ бо орзуи расидан ба давраи шоирони сарой бо ихтиёри хеш ба боргоҳ омад...

Моҳларойим бо чеҳраи шукуфону хандон дар гирди меҳмони олиқадр парвона шуда, ӯро ба хонаи пазироӣ бурд. Дар айвоне, ки бар рӯйи тоқчаҳои гаҷкоришудаю пурнақши он зарфҳои тиллоию нуқрагин ва чиниро муназзам чида буданд, ба рӯйи кӯрпача як бонуи газгӯшти хушсурати ҳудудан сисола – сарходими ҳарамхона Хушҳолбибӣ поҳояшро чорчиллик зада менишаст. Ӯ наздик омадани бека ва меҳмонзанро дида, мушташро ба замин тиргак карда хестанӣ шуд. Ҷаҳонбибӣ тозон ба сӯйи ӯ рафта бо арзи салом гуфт:

– Бишинед, нороҳат нашавед, хоҳар. Сиҳҳату саломатанд, писарон, духтарон?

– Худоро шукр, ҳама хубанд... Хуш омадед, марҳамат, ба боло...

Пас аз нишастан Хушҳолбибӣ даст кушоду ба эҳтироми меҳмон дуои саломатӣ ва бахту саодат хонд. Ҳар ду аз нав ба ҳолпурсӣ даромаданд. Ҳамин дам ходима дар як гӯшаи ҳавлӣ бекор гаштани канизаки болобаландеро дида, як имо кард, ки ӯ рамуз фаҳмид ва дастпоккунеро ба китф партофта, дар даст офтобаю дастшӯй бардошта омад. Ба дасти нишастагон об рехт, сипас дастархон паҳн кард. Меҳмону мизбонҳо чойхӯрон аз ин дару он дар домани суҳбат оростанд. Ниҳоят, Ҷаҳонбибӣ умедворона ба бека дида андӯхта, майлу иштиёқи худро, ки дергоҳ дар дил мепарварид, изҳор намуд:

– Ман муштоқи мушоираҳои аҳли сухани Хӯқанд ҳастам, хеле орзу дорам бо онҳо шеъргӯйӣ кунам. Ҳам акнун пай мебарам, ки ба ин остонаи орзуҳоям расидаам.

– Дар миёни шоирону адибон ҷойи шумо ҳамеша холист. Омадани шуморо шунида ҳазрати олӣ ҳам шод мешаванд.

– Инро диниста бо қатъият ба ин сӯй шитофтам.

– Чун аз Марғелон рафтед, шаҳрамон бӯстонеро мемонд, ки булбули худро аз даст дода бошад.

Вақте ки суҳбат ба манзили шеъру нафосати сухан кӯчид, онҳо бештар роҳат бурданд. Дар поён Хушҳолбибӣ ба дастархон дуо хонда, бо табассум гуфт:

– Ҳамин дам ҳазрати хон дар хонаи хоси худ бо чанд нафар шоир суҳбат оростаанд. Ҳар гоҳ озод шуданд, месазад аз омадани шумо хабар диҳему шодиёна бигирем.

– Эҳ, кош ба ҳузурашон мерафтам, салом арз мекардам, дар он мушоира менишастам, ғазали тоза гуфтаамро ба муҳокима мегузоштам...

Хушҳолбибӣ абруҳои ғафси худро боло кашида гуфт:

– Надонистам... Ногаҳон ба нишасти мардҳо даромада рафтани як зани номаҳрам чӣ гуна таассуроте ҳосил мекарда бошад?

Бека илова кард:

– Ба хусус, Мавлоно Фазлӣ нороҳат хоҳанд шуд. Он кас чунин мепиндоранд, ки занҳо набояд аз аҳкоми шариат фаротар по ниҳанд, ба занҳо мастуру маҳрам гаштан муносиб аст.

Дар ин лаҳза Ҷаҳонбибӣ бо рӯмоли куҳнаи абрешимини худ гунаи сап-сафед, даври гӯшу мӯйҳояшро пӯшонд, остин фуровард, дастпонаи нуқрагини банди дасташро пинҳон кард ва як он изҳор намуд:

– Бифармо, ин аст ҳукми шариат!

Хушҳолбибӣ хушҳолона гуфт:

– Акнун ба чашми номаҳрам ҳам афтед, ҳеч гап не. Касе, ҳатто қозии бадхӯ наметавонад бо чашми каҷ нигарад, дар асл, ҳукми шариат низ ҳамин аст!

Чун Ҷаҳонбибӣ дудила шуданро дӯст намедошт, беихтиёр аз ҷо хест ва ҳамроҳи ҷавонғуломи эронӣ, ки дар назди дар поида меистод, аз ҳарамхона баромада, ба самти пазироии хон роҳ пеш гирифт. Ҷавони эронӣ дар канори бонуи шоир, ки коғази шеърашро дар даст нигаҳ медошт, ба хонаи хос дохил шуда пас аз фурсате танҳо баромад ва бо шумханд завқкунон сар ҷунбонда монд.

Ҷаҳонбибӣ бо эътимод по ба хонаи ёздаҳболораи машваратӣ гузошт ва арзи дуруд кард:

– Ассалому алайкум!

Ба чеҳраи паҳни хони ширакайф, ки дар шаҳнишинии пешгаҳ ба рӯйи тӯшаки кимхоб чорзону зада менишаст, табассум давид. Ба саломи шоир ҷавоб гуфта ӯро ба нишастан фаро хонд. Ҳамнишастони хон – чанд нафар шоири шинохта, ки ҳам тахаллусу ҳам шеърҳояшон ба ҳамдигар ҳамоҳангӣ дошт, дар ду ҷониби хона ба рӯйи кӯрпачаҳои атлас ҷо хуш карда буданд. Ҳайрат, Хислат, Нусрат, Музмар, Мушриф ва чанде дигар бо шигифт ба шоирбонуи каме поинтар зонузада дида дӯхта монданд.

Хон хомӯшии мутлақи ба миён омадаро вайрон карда гуфт:

– Дар рӯ ба рӯйи шумо Ҷаҳонбибӣ менишинад, вай бо тахаллуси Увайсӣ шеър мегӯяд. Замоне, ки дар Марғелон фармонравоӣ мекардем, шоири саршинос даъвати моро пазируфта ба боргоҳ меомад, ба малика илми арӯзро меомӯзонд. Ният доштем аз корҳои давлатдорӣ фориғ шуда ӯро ба сарой даъват намоем. Бубинед, ки ниятамон холис будааст, ӯ бо пойи худ ба қароргоҳ ташриф овард, – хон пас аз таърифи Ҷаҳонбибӣ коғазбарги дасташро ба Маҳҷур, ки дар самти чап ришҳои мушкиранги худро хилол карда менишаст, дароз кард ва афзуд: – Ба эҳтимоли зиёд, ин тозатарин ғазали ӯст, бихон!

Шоир коғазро ба даст гирифта, сарашро каме ба пушт кашид ва бо завқ ба қироат пардохт:

*Шакарлаб тӯтиё, ин дам забонатро ба гуфтор ор,*
*Ки бошад лутфи ту бар мову бар чандин дили афгор.*
.............................................................................
*Увайсӣ, сад ҷафо бинӣ агар аз ёри ҳақ доим,*
*Магардон рӯ аз он ёру мабин ҷуз ӯ дигар дилдор.*[15]

---

[15] Тарҷумаи абёти шеърии қисса аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ дар ин ҷо ва минбаъд ба қалами мутарҷим мансуб аст

Шоир Фазлӣ, ки дар самти рости хон менишаст, ба шигифт омад, бо тааҷҷуб нигоҳе ба Маҳҷур андохту дубора ба замин чашм дӯхт.

Болонишин Мушриф бошад, ба маҳзи шунидани ғазал бо завқи баланд гуфт:

– Ана, ба ин гуна шеър гӯянд дурру гавҳари дарё! Бе муҳобо, ба боғи назми мо булбуле ошиқ бо лаҳни гӯёву ширин бол афшонда омад!

Аз сӯйи шоирони дигар низ садоҳои «офарин!», «даст марезод!» баланд шуд. Ҳама бо ҳам ба шоири хушбаён орзуи тавфиқ намуда, дасти дуо бардоштанд...

Ду гунаи Ҷаҳонбибӣ аз хиҷолат сурх шуда рафт, чашмонаш озарахшеро мемонд. Ӯ ба ҳарамсарой баргашта ҳариррӯмоли печида ба гулуву гӯшҳояшро кушода ба сар партофт, воқеаи рухдодаро аз як сар ба дугонаҳояш таъриф кард. Онҳо хурсанд шуданд. Муддати oнчунонӣ нагузашта шохаҳои болоии дарахтони боғи қароргоҳ аз анвори хуршеди ба ғуруб моилшуда заррин ба назар тофтанд, Ҷаҳонбибӣ ба рафтан омодагӣ дид.

– Ба куҷо мешитобед? – аз тараддуди ӯ бесаранҷом шуд бекаи сарой. – Барои шумо хонаи алоҳида ҷудо кардаем, дар ҳамин ҷо бимонед.

Ҷаҳонбибӣ гуфт:

– Маро маъзур доред, меҳмони як хешовандамон ҳастам. Шабро дар он ҷо гузаронда, рӯзҳо дар хидмати шумо хоҳам буд.

Бека Моҳларойим бо зиракӣ дарёфт, ки ӯ гуфтанист «наметавонам дар сарой бимонам», аз ин рӯ, маъюсона лабханд зада афзуд:

– Агар бихоҳед, бароятон як дару ҳавлии хуб ёфта медиҳем...

***

Увайсӣ аз дарички хонаи хоси худ, ки дар ҳарамсарой барояш ихтисос дода буданд, ба манзараҳои берун дида меандохт. Ҳамин дам беихтиёр чашмаш ба Умархон уфтод, ки дар канори чоҳи болопӯшидаи васати ҳаёт дасту рӯ мешуст. Ҳангоме ки канизаки хушгили истаравшанӣ аз дастҳои ӯ об мерехт, ногаҳон як даста мӯйи вай аз дӯши чапаш ба поён лағжида ба обдаста печид. Ба лабҳои хони фарбеҳи сапедтан табассум дамид, мӯйҳои канизакро бо эҳтиёт ҷамъ карда аз дӯши ӯ ба пушт афканд. Увайсӣ пай бурд, ки ин манзараро Моҳларойим низ аз даричаи рӯ ба рӯ тамошо мекунад. Бека хиҷолат кашид магар, дарҳол худро пинҳон кард. Дили шоир ба ӯ сӯхт, азбас вайро ба мисли хоҳари худ нағз медид, дилтанг шуд. Аз чойники тоқча як қулт чойи сард хӯрд, то сари ҳирс шиканад. Ҳамин дам чашмаш ба як дона анори калоне, ки дар гӯшаи тоқча буд, уфтод. «Аз анорҳои Қува барин», аз дил гузаронд ӯ ва онро ба даст гирифту аз чанд ҷо пӯстаашро бо кордча хат-хатӣ бурида, бо сари ангуштон чор ҳисса кард. Донаҳои лахчасон қирмизранги анор ба пиёла рехтанд. Бо дидани ин ҳол ба хаёл рафт: «Ҳайратовар аст, ба мисли дили мо чӣ қалби хунине дорад ин анори гунбазшакл! Қароргоҳи аз чаҳор сӯ маҳсур бо деворҳои баланд пур аз канизаки ҳасратзада аст ва бекаи онҳо низ дар гулхани рашк месӯзад». Як он чеҳрааш бо омадани илҳом шукуфт, баргашту дар бари

хонтахта нишаст, хома ба даст гирифт ва онро ба сиёҳидон зада ба навиштан пардохт:

*Ин чи гунбад, не дару не равзанаш бошад аён,*
*Духтарони поки гулгун дар бараш дорад ниҳон.*
*Равзана бикшодаму дидам, ки зери парда сахт*
*Мекашанд аз сина он бечораҳо оҳу фиғон.*

Вақте ки Увайсӣ шеъри «Анор»-ро барои Моҳларойим қироат кард, ӯ сахт ба ҳаяҷон омад, муаллими худро ба оғӯш кашида гуфт:

– Хоҳари азизам, аҷаб сатрҳое эҷод кардаед! Бе таъриф, дар ҳар гуна паллаи тарозуи нафосат ҳамин як дона чаҳортоии шумо аз ҷумлаи ғазалҳои шоирони сарой пурбортар аст.

Бо ин ки аз мадҳи бека дар худ меболид, бо гунаҳои аз хиҷолат сурхшуда эътироз кард:

– Муболиға мекунед, маликаам!

* * *

Рӯзе Увайсӣ дар боғи сарой баногоҳ ба шоир Фазлӣ дучор омад. Азбаски тӯрпардаи рӯяшро ба пушти фаранҷӣ афканда мерафт, билофосила гардани оҳории худро бо рӯмол баста, остинҳояшро фуровард ва ба мард салом кард. Шоири боргоҳ саллаи симобранг ба сар, ҷомаи банорас ба тан дошт, марди миёнсоле буд. Бо дидани ҷамоли зан чашмҳояш равшан шуд, гӯё ки шароб хӯрда бошад, сураташ ранг бохт. Ӯ ба дуруди бонуи шоир ҷавоб дода мухтасар ҳолпурсӣ кард ва бе истиҳола шеъри «Анор»-ро аз ёд хонда изҳор намуд:

– Бас нозанине ҳастӣ, ки дар ин макон манзил гузидаӣ, вале аз танҳоӣ дили пурхун дорӣ. Аз куҷо донӣ, ки мухлисҳоят муштоқи суҳбатҳои туанд... Чӣ мешуд, агар бо ин фақир дар хилватхонаам нишаста мушоира мекардем...

Ҳанӯз сухани шоир ба итмом нарасида Увайсӣ бо ғазаб гуфт:

– Аз роҳат намон, ба мисли худат як беваи сабукпоро ёфта гир! Гумон накун, ки инҷониб аз он гуна занҳо бошам, – «ман дар чӣ хаёлу ин чӣ орзуҳое дорад», зери лаб ғурунгида аз ӯ дур шуд бонуи шоир.

Вақте ки Увайсӣ ба ҳарамхона даромад, як пиразан ҳамроҳ бо Хушҳолбибӣ дар гирди суфра нишаста ба бекаи сарой чизҳоеро маънӣ мекарданд. Ба маҳзи салом гуфта по ба дохил гузоштани ӯ, пиразан барои ҳолпурсӣ ҳаракати хестан кард.

– Бишинед, заҳмат накашед, – гуфт шоир ва тезтар қадам зада бо меҳмон вохӯрд.

Пас аз чанд лаҳзаи хомӯшии ба миён омада Хушҳолбибӣ аз ҷо баланд шуд ва бо ишораи «биёед бо ман», Увайсиро аз паси худ хонд. Ҳамин ки ба як хонаи холӣ даромаданд, Хушҳолбибӣ бехост суол кард:

– Шинохтед он кампирро? – аммо ба пурсиши худ мунтазири посух намонда афзуд: – Ӯ модари овозхону шоири маъруф Ҳайдар-девона аст, ба хостгории шумо омадааст.

– Чӣ? Чӣ гуфтед, хостгорӣ?

– Оре, Ҳайдар-девона ғазалҳои шуморо хонда ғоибона ошиқи шайдоятон шудааст.

– Гапи беҳуда! Пас аз даргузашти ҳамсарам ба худ аҳд кардаам, ки дигар шавҳар накунам, зиндагиамро ба ду фарзанди худ бахшидаам.

– Э, монед-е! Ҳанӯз аз даҳ гулатон якеаш нашукуфтааст-у... Ӯ ҳам муҷаррад...

– Ба ман чӣ? Сари танҳо бошад дигарашро ёбад, аҳди худро хароб карданӣ нестам. Бибиҷон, хоҳиш мекунам, нонашро нагиред, пас гардонед! Мирам агар, ба ӯ намерасам.

Хушҳолбибӣ изтироб ва ранги паридаю ашки алами дидагони шоирро дида гуфт:

– Натарсед, хоҳарҷон, шуморо ҳеч кас бо зӯрӣ ба шавҳар намедиҳад. Ҷавоби пиразанро худам медиҳам. То ман ҳастам, касе оби чашми шуморо намерезад.

Увайсӣ тамоми шаб ҳазён гуфта баромад. Ҳар гоҳе ки пинак мебурд, тарсида аз ҷо мехест, ваҳм зер мекард: «Худо нахоста, агар дар ин ҳила дасти хон бошад, вазъ хароб мешавад. Ноилоҷ монда, ба доми дудилагӣ меуфтам. Аз ин боргоҳ ҳарчи зуд бояд бадар рафт».

Субҳи дигар дар сари ноништа Моҳларойим бо дилнармӣ пурсид:

– Дар як шаб ранги рӯятон мисли коҳ хазон шуда, чӣ хабар?

– Напурсед хоҳарҷон, то саҳар волидони худро хоб дида баромадам. Ба гумонам, ба Марғелон барои зиёрати онҳо наравам, бемор мешавам. Агар изн диҳед ҳамин имрӯз ба роҳ бароям.

– Ин ҳама шитоб барои чӣ? Ягон ҳафта гузарад, ҳадди ақал.

Бештар коҳидани рангу нури Увайсиро дида, Хушҳолбибӣ ӯро ҷонибдорӣ кард ва аз бека хоҳиш намуд, ки иҷозати рафтан диҳад.

Моҳларойим ҳарфи ду нафар бонуи солмандро ду накарда гуфт:

– Хеле хуб, ман аз ҳазраташон рухсат мегирам, фақат бо шарти ин ки пас аз ду-се ҳафта бармегардед.

Увайсӣ бо изҳори ризоят гуфт:

– Ба чашм.

* * *

Бонуи шоир «ба хона меравем» гӯён, бо ду фарзанди худ ба аробаи Хӯқанд нишаста то Марғелон омад. Вақте ки дар гузари Чилдухтарон ба ҳавлиашон ворид шуд, даҳонаш аз шигифт боз монд. Дар як ҷониби ҳавлии калон, дар рӯ ба рӯйи иморатҳои кuҳна кошонаи накшу нигордоре бо пешайвон қад рост карда буд. Ӯ бо ҳайрат аз модараш, ки шитобон ба пешвоз баромада вайро ба оғӯш кашид, пурсид:

– Бовар накарданист, ин бинои зебою хуштарҳ кай сохта шуд?

– Сиҳҳату саломат омадӣ, духтарам? Охир, ду чашмам ба роҳи тую бачаҳоят чор шуда рафт! – гуфт Чинибибӣ, ки аз зери рӯмол мӯйҳои сап-

сафедаш дида мешуданд, вале ба пирӣ тан надода қоматашро рост нигаҳ медошт. – Ин бино... бо дастури Нодирахонум сохта шуд, шаш моҳ пештар.

Пас аз он ки нишаста дуои расиданро хонданд, духтар ба модар сабаби зуд баргаштани худро қисса кард.

Чинибибӣ гуфт:

– Кори хуб кардаӣ, духтарам. Ҳар замон абрҳои фалокат аз болои сарат пароканда шуданд, агар Худо изн диҳад, боз ба он даргоҳ бармегардӣ, ғам махӯр.

## 2. ҶАЛЛОДИ АММОМАДОР

### I

Вақте ки Увайсӣ ба Хӯқанд баргашт, Моҳларойим дар яке аз гузарҳои наздикии қароргоҳ барояш хона ёфта дод. Шоир дар он ҷо иқомат карда, ҳар гоҳ бекор мемонд, ба манзили ҳамсояаш Улфатой мегузашт, бо ӯ ҳамнишин мешуд. Рӯзе ба назди дугонааш рафта, дар паҳлуи хандақи васати ҳавлӣ чашмаш ба духтари фарбеҳаки нозе уфтод, ки ҷомашӯйӣ мекард. Ба маънии «кӣ бошад ин?» каме нигоҳ карда монд. Духтар даври гесувонашро бо як рӯмоли зарди шоҳӣ муҳкам баста буд, қадди боло дошт. Ба маҳзи ӯро дидан аз ҷо хеста, дастҳояшро ба бари доман пок карда, бо таъзим салом дод.

Бонуи шоир бо кафи даст ба дӯши ӯ тап-тап зада пурсид:

– Аз наздикони Улфатой ҳастӣ?

Дар ҳамин дам худи Улфатой тозон ба берун омад ва ҷавоб дод:

– Хоҳарам аст, номаш Уғулой. Ҳар ҳафта як-ду рӯз омада ба корҳоям ёрӣ мерасонад, дарупиларо мерӯбад, либосҳоямро шуста медиҳад.

– Барака ёбад, духтари дастёр будааст, – ба рӯйи кӯрпача нишаста аз қафои духтар, ки дубора ба сари ҷомашӯйиаш рафта буд, нигоҳ карда гуфт шоир, – аз ҳаракатҳояш маълум, ки серғайрат аст, нигоҳҳои тез дорад...

– Дуруст ёфтед! Дар хурдсолӣ бо бачаҳои ҳамсоя гарду хоки кӯчаро бардошта бозӣ карда мегашт, баъзан бо бачаҳои ҳамсоли худ даргир шуда, беибо адабашонро дода мемонд. Аз ин хотир, модарам нагузошт дигар ба кӯча барояд.

– Ба мактаб меравад?

– Аз бибиотуни маҳаллаамон сабақ мегирифт, савод баровардааст, зеҳни тез дорад. Пас аз он ки ба дараҷаи хондани Фузулӣ расид, мактабро бас кунондем. Худаш ҳам ба синни ҳафдаҳ даромад!

Уғулой бо завқ ҷома мешуст, мисли ин ки ҳис кард сухан дар бораи ӯ меравад, ба қафо нигоҳе афканду бо ноз ҷилва карда монд.

Улфатой азбаски дар тӯли сӣ соли умри худ ба хубӣ дар кӯраи зиндагӣ пухта аз ҳусни худ коста буд, бо дидани ҷамоли ҳамсинну солаш Увайсӣ ба завқ омад ва дар дил гуфт: «Дар ин ҷаҳон занҳои хушбахт ҳам бисёр». Вале ӯ бехабар буд, ки ин бонуи бевамонда низ гирифтор аст, дар айни ҳол ба Хӯқанд омада намедонад бо ду фарзанди худ ба кадом тараф сар гирад. Увайсӣ нигоҳи амиқи кадбонуро ҳис кард, андешаҳои ӯро дарк намуд магар, маъюсона

лабханд зада сар ҷунбонда монд. Чанд муддат аз ин дару он дар суҳбат карданд ва дар поён ӯ ба дастархон фотиҳа хонда аз ҷо хест. Вақте ки пас аз хайрухуш бо дугонаи худ ба ҳавлии берун қадам мениҳод, нигоҳаш ба як ҷавони хуштарҳе бархӯрд, ки аз устохона баромада меомад. Дарҳол бо рӯмоли сар рӯяшро пӯшонду ба саломи ӯ алейк гуфт. Ин ҷавон Ҳаётҷон ном дошт, шогирди шавҳари Улфатой – Исмоилхоҷаи косиб.

Увайсӣ як он ба андеша рафт: «Тез-тез ба ин ҷо омадани Уғулой бесабаб нест барин», аммо ҳамон дам ба хотири аз майнааш дур кардани ин фикр сар афшонд: «Не-е!» Ӯ намехост ба зеҳнаш андешаи бад роҳ ёбад.

## II

Уғулой ҳар гоҳ ба хонаи хоҳари калониаш меомад, беихтиёр бо Ҳаётҷон рӯ ба рӯ мешуд. Дар ин лаҳзаҳо худро ба канор гирифта, саросема ба ҳавлии андарун давида мерафт. Бо мурури замон одат кард, ки аз ҷавон нагурезад. Ҳангоми рӯ ба рӯ омадан ба ӯ салом медод. Муносибати онҳо то ҷое расид, ки дигар ба ҳам бетафовут набуданд, дар аснои вохӯрдан чеҳраи ҳар ду мешукуфт. Бо ин ҳол, рӯяшон намешуд розӣ дил гӯянд.

Ҷавони хушқадду қомат ба тан ҷомаи беқасам пӯшида, миёнашро бо миёнбанди шоҳӣ муҳкам баста мегашт. Нохудогоҳ, ба доми ишқ уфтод, мехост дар атрофи духтар парвона шавад, шабу рӯз бо ёди Уғулой морпеч мерафт. Ниҳоят, ҳар ду пинҳонӣ ба мулоқот пардохтанд...

Шароби ишқ Уғулойро низ мадҳуш сохта буд. Ду рухсори гулгуна, чашмони аловиаш гӯиё нур мепошиданд. Пас аз он ки хушгилии ӯ дар шаҳр овоза шуд, пайи ҳам хостгорон ба хонаашон рехтанд. Падару модар ҷойи ин ки хурсанд шаванд, ба изтироб афтида, бо ҳар баҳона ба толибон ҷавоби рад медоданд: «Духтарамон ҳанӯз хурд аст, бояд корҳои хонаро ёд гирад, ақлаш дарояд». Вақте ки аз бародари қозикалон Саид Муродхоҷа хостгор омад, падари Уғулой дудила шуд. «Фикр карда бинем, бо хешовандон маслиҳат кунем, баъдан ҷавоб медиҳем», гуфт ӯ.

Саид Муродхоҷа ҳарчанд сарвати зиёд дошт ва аз ҷумлаи одамони баобрӯ ҳисоб мешуд, худаш марди калонсол, занаш вафот карда, бачаҳояш аллакай бузург шуда буданд. Падари духтар ғарқ дар андешаҳои бесару нӯг аз хаёл мегузаронд: «Агар духтарамро диҳам, писаронаш муросо мекарда бошанд?» Бо вуҷуди ин, маҳрона ва амволи бисёр ӯро ба васваса меандохт ва бо ин хаёл мехост худро хотирҷамъ кунад: «Уғулой пас аз кадбону шудан ба шавҳари худ одат мекунад, боақлу зирак аст, бачаҳои ӯгайро низ ба самти худ мекашад».

Падару модари ба хаёл ғӯтаварро дида, Уғулой ба асли қазия воқиф шуд ва як рӯз ошкоро ба онҳо гуфт:

– Агар бимирам ҳам ба мӯйсафеди занмурда намерасам, бигузор ягон занеро, ки мисли худаш бева мондааст, ёфта гирад.

Модари солманд, ки ба мӯйҳои ӯ низ сапедӣ афтида буд, бо ду ангушт аз гунаи духтар кашида гуфт:

– Ҳой, аз ин густохӣ хиҷолат намекашӣ?! Сухани гуфтаатро касе нашунавад! Духтари боақл гапи волидонашро ду намекунад, ҳар чӣ гӯянд «хуб» мегӯяд. Пас аз шавҳар кардан ҳам, аз фармудаи ӯ намебарояд.

Уғулой абрӯ кашида норизо арз кард:

– Модар, маро ба бародари қозикалон фурӯхтанӣ ҳастед? Ҳар чӣ кунед, лекин гесувони ман ҳавлии он бойро намерӯбад. Медонам, шумо маҳр гирифта бағалу соқи маҳсиҳоятонро пур карданӣ ҳастед, вале беҳтар ин аст, ки маро ба бозори бардаҳо бароварда фурӯшед!

Модар бо чашмони чун пиёла бози худ ғазаболуд гуфт:

– Даҳонатро пӯш, бетамиз! Падарат шунавад, дар сарат калтак мешиканад-а!

– Агар ба одами хостаи худам нарасам, он беҳ ки аз зарби таёқ бимирам... Илтиҷо мекунам, барои ба шавҳар додани ман шитоб накунед, вақташ ки омад ягон каси муносиби худамро меёбам.

Модар бо хашм химчаеро ба даст гирифта садо баланд кард:

– Эҳ вой, чиҳо мегӯйӣ! Айб чист намедонӣ! Ин забондарозиро дигар набинам, худам ҷазоятро медиҳам!

Духтар пушташро ба модар гардонда гуфт:

– Занед, кушед маро!

Аммо, модари бечора оё метавонист ба сари ҷигаргӯшааш чӯб бардорад?

## III

Ҳар гоҳ Уғулой ба қароре меомад, дигар дудила намешуд. «Дар асл, ман бояд писар ба дунё меомадам, толеам паст будааст, ки ба шакли духтар таваллуд шудаам, – гуфт ӯ худ ба худ ва як торсакӣ ба пешониаш фуровард, – чӣ, коре, ки мардон мекунанд, аз дасти занҳо намеояд? Бо собуни ман ҳанӯз ҷома нашустаед, саидхоҷаҳо!»

Ӯ ҷомаи бекасами дар мех овезонкардаи бародарашро, ки дар назди ҳамсояи хон хидмат мекард, ба даст гирифта, ин тарафу он тарафашро аз назар гузаронд ва аз болои куртааш пӯшид. «Каме дарозтар будааст», гуфт зери лаб, вале бепарво мӯйҳояшро гиреҳ зада, аз боло кулоҳи бародарро ба сар кашид. Дар ин лаҳза падару модараш машғули гузоштани намози хуфтан буданд...

Вақте ки Ҳаётҷон аз устохонаи хӯҷаин ба кулбаи худ омаду чароғи сиёҳи токчаро равшан кард, касе дарвозаи самти кӯчаро оҳиста тақ-тақ зад. Беихтиёр қалби ӯ ба тапиш омад, ба саҳни тору танги ҳавлӣ баромад ва садо баровард:

– Дароед.

Дар боз шуду як ҷавони қадду бастдоре по ба дохил гузошт.

– Хуш омадед. Бо кӣ кор доштед?

Меҳмони ҷавон ба ӯ наздик омада, бо овози маҳин ҷавоб дод:

– Шахсан бо худи Ҳаётҷон корам буд.

Мизбон вайро аз овозаш шинохт ва хурсанд шуда гуфт:

– Пас, биёянд, ба хона дароем.

Чун аз остона гузашта, ба кулбае, ки дар он чароғи сиёҳ лап-лап равшанӣ медод, ворид шуданд, Уғулой кулоҳашро аз сар дароварда дар токча гузошт,

гесувони гиреҳзадаашро кушода ба пушт афканд, ҷомаашро кашида дар мех овехт. Ниҳоят, нафас рост карда изҳор намуд:

– Ба куҷо сар гирифтани худро надониста рост ба манзили шумо омадам, илтимос, маро берун наронед. Дар ин ҳастии равшан ба ҷуз шумо каси муътамади дигар надорам.

– Ба худат ҳар қадар бовар кунӣ, ба ман низ ҳамон қадар эътимод дошта бош. Ҳамин ки шунидам Уғулой ба бой мерасад, гирифтори ғаму андӯҳ шудам. Ҳоло ба худ омадам. Фардо... домуллоро садо мезанам, бо як пиёла об никоҳамонро мехонад...

– Не, феълан ин корро ба таъхир андозед. Ҳар гуна мулло як рӯз не-як рӯз сирри моро фош мекунад. Аввал он Саидхоҷаи малъун зан гираду ором шавад, баъдан никоҳ хонда тақдирамонро бо ҳам мебандем. Дар айни ҳол изн диҳед ба унвони як дӯст дар каноратон бимонам.

– Охир, чӣ хел? Ҳамсояҳо...

Уғулой чӣ гуфтани ӯро дарк карда афзуд:

– Бо кордчаи тези худ гесувонамро бибуреду мӯямро тарошед, ман ба қиёфаи мард медароям.

Ҳаётҷон дар ҳоле ки ҳам хурсанд буду ҳам парешон, ба изтироб омад ва гуфт:

– Хеле хуб, биист... дар чойҷӯш об гарм мекунам, ту мӯйҳоятро шуста нарм кун... Аммо, намедонам, оё барои буридани чунин гесувони зебо дастам мерафта бошад?

– Дигар чорае нест. Пас аз бартараф шудани монеаҳо мӯйҳоям дубора месабзад, боз ҳам зичтар мебароядд.

Уғулой пас аз гирифтани мӯйҳояш сар шуста омад, ҳар ду ба сари чой нишастанд. Духтар ба сари бемӯй тоқии чустӣ, ба бар ҷомаи беқасам карда, ба як ҷавони наврас монанд шуд. Ҳаётҷон ҷамоли тозаи ӯро дида дар дил ду ҳисро пай бурд – ҳиссиёти таассуф ва хурсандӣ бо ҳам даргир мешуданд. Оҳиста-оҳиста таҳи дилаш кушода гардид, аз ҳисси афсӯсу ғам раҳоӣ ёфт ва ҷойи он шуълаи шодиву муҳаббат қалбашро мунаввар сохт.

То хеле вақт суҳбат карданд, пас аз пирӯз омадани лашкари хоб ҷудо-ҷудо ҷой партофта, канори ҳам дароз кашиданд...

Онҳо аз шаббодаи беғубори ишқ сармаст буданд, бо ҳам дар мовароии осмонҳо ба парвоз омада, ҳис мекарданд, ки вақт чӣ қадр тез мегузарад. Айёми пур аз муҳаббати соф пайи ҳам сипарӣ мешуд. Ҳаётҷон сир бой надода, мисли рӯзҳои аввал мегашт, фармудаҳои саркори худро бо ҳавсала анҷом медод ва мекӯшид ӯро хурсанд кунад. Исмоилхоҷа низ мамнун буду аз пешрафти корҳояш дар курта намеғунҷид. Аммо ҳоли ҳамсараш Улфатой хуб набуд, рӯз то рӯз ранги рӯяш канда ҳолаш бад мешуд. Вақте ки аз ӯ «ба ту чӣ шуд?» гуфта мепурсид, зан мухтасар мегуфт: «Зоҳиран, бетоб шудаам, ҳолам хуб нест». Падару модари ӯ ба мотам печида, чанд рӯз боз аз ғоиб шудани нигори хона – духтарашон нигарон буданд.

Улфатой тақрибан медонист, ки хоҳараш дар куҷост, аммо ҷуръат намекард дар ин бора ба касе лаб кушояд. Ӯ як ҳафта пештар бо имою ишора

гуфтугузор кардани ду ҷавонро пай бурда буд. Барои дақиқтар донистани тахминаш ба ҳавлии берун баромада, аз дарзҳои дари устохона ҳар дуро поид ва бовар ҳосил намуд, ки хато накардааст. Дигар, ба хомӯш гаштан аҳд кард. Бо андешаи ин ки «сабр калиди гушоиш аст», дар дил гуфт: «Баъдан, бо даст додани фурсати муносиб ҳар дуро бо як пиёла об ақди никоҳ мебандем».

## IV

Раиси кул, ки дар баробари риоят шудани аҳкоми шариат аз сӯйи одамон, дуруст ё нодуруст ба кор рафтани сангҳои тарозу дар бозорҳо масъул буд, ин дам дар маҳкамаи худ гӯшу ҳуш ба гузориши миршаби аршад менишаст.

– Дишаб дар гузари Оҳангарон ба нишемангоҳи чор нафар қиморбоз, ки шаробхорӣ мекарданд, зада даромадем, – дар ҳоле ки аз дастаи шамшери камари худ дошта меистод, гуфт миршаби аршади ришсиёҳ чашмонашро алокунон. – Онҳо феълан дар маҳбасанд, мунтазири ҳукми шумои бузургвор нишастаанд.

Раёсатдори саллакалон сари худро бо виқор боло карда, аз тасбеҳгардонӣ бознаистода гуфт:

– Фардо онҳоро кӯча ба кӯча давр занонда танбеҳ бояд дод, ба пушти якеашон низ хуми пур аз мусалласро мебояд баст. Сипас, ба бадани урёни ҳар яке бисту панҷ дурра мезанем, ҷазо муқаррар аст!

Ҳанӯз сухани раис ба поён нарасида, аз дар як нафар марди қадкӯтоҳи калонсол, ки зери ришу мӯйлабҳояшро тарошида, ба сар аммомаи сапед дошт, салом дода даромад. Ӯ бародари қозикалон Сайид Муродхоҷа буд.

– Э, ваалайкум ассалом... хуш омаданд! – раис ба ҳурмати ӯ аз ҷо хест. – Саломат ҳастед, аҳли байт ҳама хубанд?

– Худоро шукр, ҳама хушу сари ҳоланд, – меҳмон доманҳои абои шоҳиашро ҷамъ карда ба курсӣ нишаст ва даст ба дуо бардошта афзуд: – Илоҳӣ, омин!

Даст аз рӯй кашида, раис ба миршаби аршад, ки дар дами дар меистод, ба маънии «баромада ист» ишора кард. Пас аз ду ба ду мондан ба сухан омад:

– Шунидем, ки ба кори хайре иқдом кардаед. Аз вафоти ҳамсаратон ҳам шаш моҳ гузашт, фурсаташ расид сарро ҷуфт, ду поро чаҳорто кунед...

Бародари қозикалон оҳ кашида гуфт:

– Осуда гаштанам беҳтар будааст, ҳанӯз тӯй сар нашуда шӯру ғавғо баланд шуд. Суханро кашол надиҳам, духтари номзадам «ман ба марди занмурда намерасам» гӯён аз хона гурехтааст. Падару модараш ба куҷо ғайб задани ӯро надониста, дар гирдоби ҳасрат мондаанд.

– Онҳо бо ҷустуҷӯйи духтарашон овора бошанд, мо вайро пайдо мекунем, – агарчи ба дили раис фикри наҳсе нумуъ кард, риёкорона бо шумханд ба сухан даромад ӯ, – гузари онҳо, манзили хешовандонашон ва номашро гӯед бас.

Сайид Муродхоҷа чун медонист ин гуна иттилоот ба раис лозим аст, пештар омодагӣ дида буд. Раис сухани ӯро то охир гӯш карда гуфт:

– Хеле хуб, ба мо се-чор рӯз муҳлат диҳед...

Чун аз мобайн як ҳафта гузашт, «домоди бадбахт» дубора ба маҳкама омад. Раиси кул суханро кӯтоҳ карда, пардапӯшона пайғом дод:

– Ангуштари гумшударо пайдо кардем. Пайгиронамон хабар доданд, ки як ҳафта пеш ба хонаи шогирди Исмоилхоҷа Ҳаётҷон як ҷавонак меҳмон шудааст. Сари калоба ба дастамон омад. Нисфишаби рӯзи гузашта ясовулҳоямон ба кулбаи ҳамон шогирд зада даромада ҳар дуро дастгир карданд. Пас аз таҳқиқ маълум шуд, ки яке аз онҳо Уғулой будааст, мӯйи сарашро тарошида ба қиёфаи мард даромадааст. Дар ҳоли ҳозир ҳар ду дар зиндонанд.

Ранги рӯйи Сайид Муродхоҷа канд, аз шигифт ба ларза омада гуфт:

– Аҳ-ҳа, ҳоло ин тавр гӯед! Онҳоро бояд ҷазо дод! Ҳар дуро мебояд сангборон кард!

– Бешак, духтаре, ки гуфтаи волидонашро гӯш накарда аз хона фирор мекунад, мӯйсарашро метарошад, бояд сангсор шавад ва ошиқаш низ... – гуфт раис ва хост диққати ҳамсуҳбати худро, ки аз ҷумлаи одамони обрӯманд буду ҳоло дар доми ғазаб гирифтор, ба сӯйи дигар кашад: – Афсӯс ки дар замони Умархон доираи занони таҳсилкарда, бибиотунҳо, бонуҳои шоир васеъ шуд. Духтарони мактабхон хеле бисёранд. Нодира, Увайсӣ, Маҳзуна баринҳо дар хусуси васли ёр, ишқу муҳаббат ғазалҳо менависанд, ба шаъни шайху сӯфиҳо доғ меафкананд. Дар Бухорои шариф на зани шеъргӯ ҳасту на мактаби духтарона. Амир домани шариатро раҳо намекунад. Мо низ бояд аз пайи бухороиён равем, аз онҳо ибрат гирем. Ба шумо гӯям, ҷинси зан барои шавҳаронашон, барои кори хона, пухтану дӯхтан офарида шудааст. Сад афсӯс, дар мо ин ҳақиқат аз ёдҳо меравад...

«Домоди бадбахт» ба хаёл рафт: «Рост, агар номзади ман бесавод мебуд, гуфтаи падару модарашро дуто намекард, ба кӯйи ишқу ошиқӣ намеуфтод. Акнун ӯро мебояд сангборон кард, то ба духтарони дигар, ки волаву шайдои муҳаббат гаштаанд, намунаи ибрат шавад. Нахустин сангро худам мезанам!»

* * *

Падари Уғулой аз кардаи худ пушаймон шуда ба кӯча намебаромад, аз бистару болин сар набардошта мехобид, ғаму ғусса ришу мӯйсари ӯро бештар сапед карда буд. Аҳёнан аз маҳалли хоби ӯ нолаҳои дардолуд баланд мешуд. «Оҳ, ин чӣ баднафсие буд, ки орзуи марди давлатмандро кардам! – шунида мешуд овози хастаи ӯ аз ҷони пухта. – Аз касе камӣ надоштем, ризқи ҳаррӯзаамон медаромад, чор бандамон комилу шикамамон сер буд-ку! Ҳирсу тамаъ сарамро хӯрд. Магар феъли якравии Уғулой, ҷасорати ӯро намедонистам?! Чаро ба раъйи ӯ беэътино шудам, чаро ба ҷавони хостааш надодам?! Оҳ!»

Модари солманди Уғулой ашкҳои равони чашмонашро бо нӯки рӯмол поккунон, оҳиста аз дарича ба хонаи хоби шавҳар дида меандохт, гапҳои ӯро гӯш карда меистод.

Як рӯз Улфатой ба дидани онҳо омад. Зор-зор гиристани модарашро дар як гӯша дида, дилаш сӯхт. Модар бо духтари калонии худ вохӯрда ҳиқ-ҳиқкунон арз кард:

– Ба назарам, аз духтари ноз-нозиам, аз он нури дидагонам ҷудо мешавем. Ин чӣ бадбахтӣ буд-а?! Мани шӯрпешонӣ, кош ба ин дунё намеомадам, ин ҳама ҷабру ситамро намедидам!

– Ноумед нашавед, модарҷон, ҳанӯз ба озод шудани хоҳарам умед ҳаст.

Модар чашмони дар миёни ожангҳо мондаашро милтос занонда бо алам гуфт:

– Мехоҳӣ маро дилбардорӣ кунӣ? Ё илоҷе ҳаст, ки ман намедонам? Чӣ хел наҷот меёбад?

Улфатой дастони пахмолии модарро молида ба оромӣ сухан гуфт:

– Ба ҳаяҷон наомада, ба он чӣ мегӯям гӯш диҳед, модарҷон. Як ҳамсоя дорам ба исми Ҷаҳонбибӣ. Ғазал мегӯяд, зани оқила аст. Ҳазрати хон ӯро аз Марғелон даъват карда оварондааст, барои дарси шеър додан ба Моҳларойим. Мехоҳам ба назди бибӣ рафта аз ӯ хоҳиш кунам, ки Моҳларойимро аз аҳволи мо огоҳ созад, ба мо раҳм кунанд, хоҳарамро аз дасти муллоҳо раҳонида диҳанд...

Модар мӯйҳои парешони худро ба зери рӯмол даровврда умедворона гуфт:

– Кош Худованд ба онҳо дилсӯзӣ кунад, духтари нозам аз марг наҷот ёбад. Пеш аз он ки ба назди модарбибиат равӣ, аввал нағзакак фикр кун, ки чӣ бояд гӯйӣ. Дастпоча нашуда, як-як ҳар чӣ гузаштааст барояшон қисса кун.

– Аз ин нигарон набошед, модарҷон. Ман медонам чӣ бигӯям. Худо мададкори мост, раисон ҳатман ба бенавоён ғамхорӣ мекунанд!

## VI

Умархон ба Нодира лабханди маънидоре зада гуфт:

– Аз ҳама гуфтугузоре, ки дар дорулқазои раиси кул ва қозикалон мегузарад, хабар дорам. Ҳангоми пурсуҷӯй ҳамон духтари хушрӯйи ба ҷавони хубсурат ошиқшуда гуфтааст: «Ман ҳеҷ коре хилофи шариат накардаам, ба мисли тифли навзод пок ҳастам. Мехостем ба маҳзи пароканда шудани абрҳои хатарнок аз болосарамон ақди никоҳ баста зану шавҳар шавем». Дар пеши ин ҷасорати ӯ қозию муфтӣ лол мондаанд. Вале, пас аз машваратҳо ба як қарор омадаанд, ки ба сабаби тарошидани мӯйҳояш ва ҳамроҳи марди номаҳрам гаштан ӯро сангсор кунанд.

– Ин ду ҷавон қурбони муҳаббат шудаанд, онҳоро бояд озод кард.

Умархон ба поин нигоҳ карда гуфт:

– Илоҷи ин кор нест. Ман наметавонам ба раъйи сайиду хоҷаҳо, машоиху уламо мухолиф бароям. Онҳо нуфузи зиёд доранд, дар миёни халқи одӣ дасташон дароз аст. Тасаввур мекунед, дар муқобили чӣ гуна гурӯҳи забардасте бояд биистам?!

Амирулмуъминин Умархон, яъне касе, ки ба унвони ҳукмдори мусалмонҳо мушарраф шудааст, маҷбур шуд дар хилват нотавонии худро дар

баробари муллою сайидҳову хоҷагон тан гирад. Ӯ пас аз каме хомӯш мондан бо овози кам суханашро идома дод:

– Дар оянда ба писарам Мадалӣ умед мебандам, бачаи ҷасуру боғайрат аст, кош калон шуда бо ақлу ҳуш гардад, тибқи маслиҳати бузургон амал кунад. Ҳоло бошад, фикру зикраш дар саҳрост, аз пайи аспу мол овора аст, ба гӯшаш сухан намедароядӣ. Худо накарда, пас аз сари ман бо якравиаш ба шайхону муллоҳои мутакаббир мухолифат кунад, ҳолаш хароб мешавад...

Нодира бо чеҳраи гирифта гуфт:

– Ба хаёлҳои бад наравед, пеши ӯро бо ҳам мегирем, ба роҳи дуруст ҳидоят мекунем.

Онҳо дар хонаи ҷудогона, дар ҳуҷраи хоси Нодира ба рӯйи кӯрпачаҳои бахмал нишаста суҳбат мекарданд. Аз сақф чилчароғи тиллоӣ овезон буд. Пероҳани атласи пур аз нақши малика дар зери анвори он бо чанд ранг ҷило медод, аммо дар чеҳрааш афсурдагӣ бештар мешуд. Ӯ дар поён оҳи дарднок кашида баён кард:

– Наход ки чорае нест? Наметавонем ҳаёти он духтари маъсумро наҷот диҳем?

– Ноилоҷ.

– Ба устодам Ҷаҳонбибӣ бо кадом рӯй менигарам? Эшон бо нолаю зорӣ хоҳиш карданд, ки духтарро аз мусибат бираҳонем. Дар ин шаҳр аз муллоҳои ихлосманд зиёд доред, магар ягон чораашро намеёбанд? Наход ки ягон найранги шаръӣ ба кор бурда, пеши зулму истибдодро нагиранд?!

Умархон дубора ба замин чашм дӯхта ба хаёл фурӯ рафт. Лаҳзае нагузашта, мисли ин ки илоҷи корро пайдо карда бошад, гуфт:

– Пеш аз сангсор намудан дархост мекунем, ки он духтар дубора бозпурсӣ шавад. Уғулой бояд гувоҳии дигар диҳад. Масалан, бигӯяд, ки ман мубталои беморин домана[16] шудам, аз ин рӯ, ба хотири яксон сабзидани мӯйсарам онро тоза тарошидам. Шояд аз ин тариқ илоҷе пайдо шавад...

Нодира сухани шавҳарашро то охир гӯш карда, умедворона аз ҷо хест ва гуфт:

– Агар рухсат диҳед ин пешниҳодро ба Ҷаҳонбибӣ расонам, дар поин бесаброна мунтазири ман истодааст.

## VII

Раиси кул дар маҳкамаи худ нишаста тасбеҳ мегардонд. Миршаби аршад ба назди ӯ даромада бо таъзим арз кард:

– Ду зани фаранҷипӯш дар назди дар мунтазири рухсат истодаанд. Мехоҳанд бо ҳамон духтари маҳкумшуда ба сангборон мулоқот кунанд.

– Киҳо ҳастанд?

– Яке хоҳари калонии ӯ, дигариро надонистам, ба назар бибиотунаш аст.

– Рухсат. Бигузор маҳкума қабл аз марг бо наздикони худ видоъ кунад.

Ду зан фаранҷию тӯрпардаҳои обшустаи худро аз сар кашида, ба ҳуҷрае, ки аз даричаи панҷараӣ базӯр равшан мешуд, дохил шуданд. Дар рӯ ба рӯ

[16] **Домана** – *бeморӣ:* арақа, тиф

«ҷавонак»-е бо ранги захиру парида меистод, ки ба бар ҷомаи бекасам, ба сар тоқии чустӣ дошт. Улфатой дартоз рафта хоҳарашро ба оғӯш гирифт. Уғулой наметавонист худро ба даст гирад, аз бехи гулу ҳиққосзанон аввал бо хоҳари калонӣ ва сипас бо Ҷаҳонбибӣ вохӯрӣ кард.

– Хуб шуд ки омадед, ҳамин ҳозир бо ёди шумоҳо будам. Модарам, падарҷонам сиҳату саломатанд?

Улфатой бо хӯрӣ қатраҳои ашки ба рухсораш лағжидаро бо пушти даст пок карда гуфт:

– Ҳама нағз, ду дида ба роҳи ту нишастаанд. Аз ҳама муҳим, озод шудани ту аст, хоҳарҷон...

Уғулой бо аломати рад сар ҷунбонда, бо дард овоз баровард:

– Аз ман розӣ бошанд... шумо ҳам...

– Ҳеч кас аз ту домангир нест, фақат ноумед нашав.

Ҷаҳонбибӣ низ ба гап ҳамроҳ шуда илова кард:

– Аслан умедатро накан! Амирулмуъминин дар талошанд туро аз чанголи шайху муллоҳо озод кунанд. Танҳо ба ҳарфи калонҳо гӯш фаро диҳӣ кофист, – бибӣ дар идомаи суханаш чида-чида пешниҳоди хонро баён кард.

Дар поён Уғулой қоматашро рост намуда, сарашро бо аломати инкор такон дода гуфт:

– Не, ман мехоҳам ҳамроҳ бо Ҳаётҷон бимонам. Ҳатто забонам намеравад, ки гӯям ба касалии домана гирифтор шудаму мӯйҳоям рехт. Агар бо дурӯғу фиреб ҷони худамро раҳо кунаму он ҷавони бегуноҳ сангсор шавад, пас чӣ инсоне ҳастам? Он гуна ҳаёт ба чӣ дардам мехӯрад? Аз он ки тамоми умр дар пардаи азо бо пушаймонӣ умр ба сар барам, беҳтар аст якҷоя бо ӯ кушта шавам.

Дар ин лаҳза Улфатой бо дудилагӣ гуфт:

– Шояд касоне ҳам барои озод кардани Ҳаётҷон пайдо шаванд?

– Не, худатон медонед, ӯ мусофир аст, дар ин ҷо касеро надорад. Имрӯз раиси кул омад, «фардо-пасфардо туро бо Ҳаётҷон сангсор мекунем» гуфта рафт. Хоҳиш мекунам, пас аз маргамон моро дар як гӯр дафн кунед!

Бонуи шоир Уғулойи ошиқро, ки омода аст дар роҳи муҳаббат ҷонашро қурбон кунад, дида, муҳкам дар бағал кашид, аз пешониаш бо меҳр бӯса зад. Улфатой бошад, худро дошта натавониста домани гиряро раҳо кард.

## VIII

Дар масҷиди ҷомеъи шаҳр, ки сохтмони онро хони Хӯқанд Олимхони золим оғоз намуда, нимакориро бародараш Умархон ба поён расонида буд, одамон намеғунҷиданд. Онҳо ба рӯйи ҳавлӣ низ ҷойнамозҳои суф густурда, ба гузоштани намоз омодагӣ медиданд...

Ниҳоят, мусалмонҳо бо рангу намои мухталиф – ҷомаю яктаҳҳои шоҳию банорасу суф ба тан, саллаҳои сапеду обиранг ба сар намози ҷамоатро адо карда, пасу пеш ба самти кӯча роҳ пеш гирифтанд. Дар ҳамин вақт онҳоро ду ҷавони асир, ки дар зери манори калон то сари сина ба замин гӯр шуда буданд,

ба шигифт оварданд. Раиси кул дар назди ҷамоаи ҷамъшуда ба қироати фатвои муфтӣ ва ҳукми қозикалон пардохт.

Уғулой бо чашмони камнури худ ба Ҳаётҷон нигариста гуфт:

– Туро ба Худо месупорам, дигар дар он дунё вомехӯрем.

Дар ҳамин дам як гунҷишк парвоз карда аз болои китфи ӯ гузашту ба лаби боми рӯ ба рӯйи манор нишаст. Уғулой ба ёд овард, ҳар гоҳ нонрезаҳои дастархонро дар як гӯшаи ҳавлӣ мерехт, гунҷишкҳо чуғурросзанон омада резгиҳои нонро талош мекарданд. «Шояд яке аз он гунҷишкҳо бошад, – зери лаб пичиррос зад духтар, – Эҳ мурғак, бубин, дили ту барои ман месӯзад, аммо одамон ҳеч раҳме надоранд, ба сарам санг мезанандy мекушандам. Ҳоло донистӣ, ки рӯҳи ман низ ба мисли ту ба самоҳо парвоз хоҳад кард!»

Ҳаётҷон ҳам ҳарфҳои ӯро шунида-нашунида гуфт:

– Хайр, то дидор дар он дунё.

Раиси кул ба сӯйи халоиқ сар боло карда хитоб намуд:

– Ин ҷавонро, ки ба роҳи фисқу фасод даромадааст ва ин духтари гунаҳкорро, ки мӯйсарашро ба сони мардҳо тарошидааст, сангборон кунед!

Шайхҳову қаландарон, намозгузорон домани яктаҳу ҷомаҳои худро дошта, бо сарусадои баланд ба сангандозӣ пардохтанд. Духтар савганд хӯрда буд доду бедод накунад. Ҳар чӣ сангу пораҳиштҳо ба дӯшу гардан ё ба сараш бармехӯрд, овоз набароварда таҳаммул мекард. Аммо, ҳамин ки дид дар муқобили ӯ рухсору чашмони ошиқаш ғарқи хун шудааст, худро дошта натавонист. Бо дили реш ва садои баланд гиряву нола роҳ андохт. Дар ҳамин лаҳза як марди муътодсурат, ки дар самти рости гулуяш ғуррие ба шакли ҳандалак овезон буд ва ба тан қабое аз суфи дурушт дошт, ба ӯ наздик омада, ба самти чап яклаба истоду бо як санги муштмонанд бо зарб ба сараш фуровард. Духтар аз фарёд бозистод. Садои чуғур-чуғури гунҷишкҳои сари бом баландтар ба осмон печид.

Намозхонҳо бо амали сангборони худ ду ҷавони маъсумро ба қатл расонида, ба маънии «мо чӣ кор кардем?» ба якдигар чашм андохта монданд. Ҳамон марди ғурридор аз ҳамроҳи ланги худ, ки ҷомаи куҳнаи беқасам ба тан дошт, пурсид:

– Мамат Алӣ, ин ду ҷавон чӣ гуноҳ кардаанд?

– Нодон, магар ҳарфи раисро нашунидӣ? Бо «бизан» гуфтани вай нафаҳмида задан мегирӣ? Яке аз онҳо духтарак буд, мӯйи сарашро тарошидааст!

– Ё тавба! Хеле бад шуд. Агар медонистам духтар аст... ҳеч гоҳ санг намеандохтам.

Марди ланг аз бозуи ӯ дошта гуфт:

– Дигар, кори мешуда шуд, ба гузашта салавот! Гард, як косагӣ бӯза[17] мезанему аламҳоро мешӯем.

[17] **Бӯза** – шароби арзан

## 3. ДОҒИ ФАРЗАНД

Ҷаҳонбибӣ пас аз «озод» кардани шогирдон, барои рафъи гирифтагии поҳояш ба ҳавлӣ баромад. Азбаски ба рӯйи пӯстаки пешгаҳи айвон дурудароз чорчиллик менишаст, поҳояш хоб мемонданд. Аз дасти ҳиҷокунон бо садои баланд ҳафтяк хондани духтарон низ гӯшҳояш баста шуда буданд. Барои ба худ омадан офтобаро гирифту дасту рӯ шуст, ба айвон баромада бо сачоқи пахтагини ба мех овезон дастҳояшро пок кард.

Набераи чорсолааш Хадича бо арӯсакҳои сохташуда аз чӯбакҳои ҳасир суҳбат мекард, онҳоро мехобонду дубора мехезонд. Ҷаҳонбибӣ ҳар гоҳ вайро медид, мегуфт: «Дақиқан ба монанди модараш аст, умри дароз бинад. Худо ӯро гирифту ин якеи дигарро ба кафам дод». Ҳамзамон аз чашмонаш оби дида мерехт. Аз реҳлати духтараш Қуёшбибӣ як сол мегузашт. Ҳарчанд ба одати маъмул аз рӯ либоси сапед мепӯшид, дарунаш доғ буд, хорҳои ҳасрат сари қалбашро мехарошиданд. Ӯ ба худ дил дода мегуфт: «Ба сахтгириҳои қисмат набояд таслим шуд, агар ба ин неруи бераҳму тавоно сар фурорӣ, аз по меафтӣ! Он гоҳ ба набераат кӣ сарпарастӣ мекунад?»

Як дам бозии Хадичаро тамошо карда истоду баргашта ба хонаи нимаравшан даромад ва ба рӯйи кӯрпача дароз кашид. Киштии хаёл масири худро иваз карда, ӯро ба дуродур гирифта бурд. Писараш Муҳаммадхонро, ки дар Кошғар монда буд, ба ёд овард: «Дар он манзилҳои дур чӣ гуна рӯз мегузаронад, тану ҷонаш сиҳат бошад? Чаро чандин вақт аст, ки аз ӯ пайғоме намерасад?..»

Дилаш месӯхт, намедонист чӣ кор кунад. Аз ҷо хеста нишасту саъй кард худро тасаллӣ диҳад: «Сахт воҳимагар ҳастӣ, Ҷаҳон. Ӯ ҷавонмард аст, бешак, сиҳҳату саломат гаштагист, дӯстони хӯқандиаш, хеши наздикамон Абдулаҳад низ дар канорашанд... Эҳ, ҳарчанд бо дӯсту ошноён хидмат мекунад, Худо медонад, хӯрду хӯрокаш ба серӣ ҳаст ё не, аздусар диёри худро, маро ба ёд оварда дилаш таҳ мекашад. Ба ҳамааш худам айбдор – магар лозим буд дар ҷавонӣ ӯро ҳамроҳ гирифта ба Хӯқанд барам? Муҳаммадхон аз он пас дар он ҷо монд, то бо бачаҳои қаровулбегию ясовулҳо бозии «ҷангу ҷадал» кунад, хост ки марди далеру ҷасур гардад. Умри ман дар саройи Умархон бо мушоирагӯйиҳо, тадриси каниздухтарон, назму наво гузашт. Писарам бошад, аспсаворию тирандозиро омӯхт. Дар ниҳоят чӣ шуд? Пас аз қазои Умархон Мадалихон бо орзуи фатҳи Кошғар писарамро ҳамроҳи худ ба он сӯй гирифта бурд. Ҳамин аст оқибати наздик шудан ба саройи хон!»

Бори сангини ҳасрату пушаймонӣ ба вуҷуди ӯ фишор оварد, нафасаш танг омаду сари ҷо хеста нишаст, хост барои рӯҳашро сабук кардан дар хусуси чизҳои дигар фикр кунад – нашуд!

«Агар падари раҳматиаш зинда мебуд, писарам шояд сарнавишти дигаре ба сар мебурд. Э вой, чӣ пешонии шӯре дорам! Вале, пушаймонии дер суде надорад, дигар, ҳар чӣ буд гузашт!»

Ӯ ба ҳавлӣ баромада давр зада омад. Сипас, ғазале баста, ғаму ғуссаашро ба коғаз фуроварданӣ шуд, хост дилашро сабук кунад. Омада дар паҳлуи

хонтахта нишасту найқаламро ба сиёҳидон зад, ғарқи андеша ба нигоштан пардохт:

*Аё ёрон, ҳамин имрӯз дилу ҷонам ба ёд омад,*
*Гадо бошам чӣ айб, он шоҳи давронам ба ёд омад.*

*Забонро зикру дилро фикр мебошад, накӯ фарзанд*
*Бадавлат, дар билоди қалб султонам, ба ёд омад.*

*Ба роҳаш чашми ман чор, интизорам рӯзу шаб ӯро,*
*Сафои дил, зиёи чашми ман – ҷонам ба ёд омад...*

Бо навиштани байтҳои шеърӣ худро сабук ҳис кард, гӯё ҳама ғаму ғуссааш ҳамроҳ бо ранги сиёҳидон об шуда ба коғаз гузашт. Аз ҷо хеста дубора ба ҳавлӣ баромад, чойҷӯшро дар оташдон овехту аз зераш оташ равшан кард. Ҳамин дам дари самти кӯчаро касе тиқ-тиқ зад. Ӯ по ба сӯйи дарвоза ниҳода пурсид:

– Кист?

– Манам, янга, мумкин аст дароям?

– Абдулаҳад? Биё, даро, бо кадом шамолҳо... Аҳволат чӣ хел? – кадбону ҷавони хушмӯйлаби қадболоро, ки ҳудудан сисола ба назар мерасид ва дар назди дарвоза таъзим карда меистод, пешвоз гирифт. Бо кафи даст нарму оҳиста ба китфаш зада афзуд: – Кай расидӣ ба ин ҷоҳо?

– Субҳи имрӯз, – гуфт ҷавон ва бо хушнудӣ илова кард: – Писаратон тандурусту солим гаштааст, аз ӯ нома овардам.

– Аз умрат баракат ёбӣ, азизам! Эҳ, бо диданат дасту по гум кардам. Биё, ба хона даро. Ҳамин ҳозир Муҳаммадхону туро аз хаёл мегузарондам-а!

– Пешбинӣ кардам-гӯед? Шумо рифъату каромат доред, янга!

Ҳар ду ба пешайвон гузашта, ба рӯйи кӯрпача нишастанд ва ҷавон аз оятҳои Калом хонд. Пас аз дуо ӯ бо овози ғамгин гуфт:

– Бандагӣ, Қуёшбибӣ ҳам даргузаштаанд. Имрӯз саҳарӣ шунидам, дилам хуноб шуд. Худо ба шумо сабр диҳад.

Ҷаҳонбибӣ аз рухсори худ оби дидаҳояшро бо рӯмолча пок карда ба замин чашм дӯхта монд.

Ба хотири аз ғусса раҳонидани бонуи шоир Абдулаҳад аз бағал номаи ба шакли най печонида овардаашро бароварда супорид. Ҷаҳонбибӣ бо дасти ларзони рагу пай барӯзада онро гирифт ва билофосила ба хондан руҷуъ кард.

Чун кадбону номаро хонда баромад, ҷавон дубора ёдовар шуд:

– Муҳаммадхон хубу хуш аст, корҳояш дуруст. Ҳар моҳ сӣ танга дастмузд медиҳанд, ду нон, як коса ғизои гарм... Шикамаш сер, танаш пӯшида, ҳамеша сари ҳол аст. Ба шумо низ ҳафтод танга дода фиристод, – ӯ аз бағалкисааш халтачаи тангаро бароварда бо таъзим бар кафи зан гузошт.

– Худо умрашро дароз кунад! Сарфаю саришта карда пули ҷамъкардаашро фиристодааст, Илоҳӣ, хушбахт гардад.

Ҳамин лаҳза духтараке, ки дар ҳавлӣ машғули бозӣ буд, давида ба таҳи пешайвон омад ва хабар дод:

– Момо, оби чойҷӯш сар меравад!

Кадбону ҳамоно халтачаи дасташро ба рӯйи қуттии дар паҳлуяш буда гузошта бо нигаронӣ садо баланд кард:

– Э вой, ин хотираам дар гӯр, бо гап овора шуда чойҷӯш аз ёдам рафтааст!

Ӯ чой дам карда овард, дасторхон густурда нон пора кард. Меҳмон аз пиёлаи сафолӣ чой хӯрда, ба гунаҳои пурожанг ва мӯйҳои сапедшудаи бону чашм дӯхта, дар зеҳни худ ба андеша рафт: «Агар тағоям Ҳоҷихон зинда мебуд, янгаам ин қадар зуд ба ҳусни худ кофур намекашид, синну солаш шояд ба панҷоҳ расида бошад... Зани бева тез пир мешудааст. Бар замми ин, ба духтараш низ толеъ ёр нашуд. Домодашон Қорӣ Абдусамад бениҳоят танбал, инсони ландаҳур баромад. Агар ин хӯйи ӯро медонистанд, Ҷаҳонапа яккаю ягона нури чашми худро ба ӯ намедод. Эҳтимол фикр карда буд, ки марди ворид ба сӣ пораи Қуръон марди мунсифе аст! Беҳуда нагуфтаанд, «лола ҳам дар дарунаш сиёҳӣ дорад» Аз куҷо донад, ки қории ба назар орому хушхӯй билкул одами беғайрату коҳилу бекора аст, бар замми ин, як сӯми ёфтаашро дар кӯчаҳо харҷ мекард... Аз дасти Қорӣ Абдусамад тасбеҳ намеуфтод, қабои малларанги худро аз тан дарнамеовард, ҳамеша дар назди масҷид ҳамроҳи чанд нафар муллонамои ҳамсони худ истода, «Аз куҷо ба оши худоӣ фаро мехонда бошанд?» гӯён лаб мелесид. Оё духтаре, ки ба ин гуна ноҷинс мерасад, хушбахт мешавад?..»

Абдулаҳад ба хотири зинда накардани захмҳои кӯҳна дар хусуси он чӣ аз дил гузаронд лом-мим нагуфт, сари риштаи суханро ба дигар сӯ тофта изҳор намуд:

– Кам монда буд, ки чиниҳо моро қир кунанд, Худо раҳм кард. Агар музокираҳо натиҷа намедод, ба зинда монданамон умеде набуд. Тавба кардам, барои чӣ Мадалихон ба васвасаи тасаллути Кошғар гирифтор шуд?

Кадбону аз чойҷӯш ба пиёла чой рехт, онро дар даст дошта истода, бо тааммул ба сухан даромад:

– Он замон ман дар Хӯқанд будам. Як гӯшвор шунидем, ки ба ҳузури хон бародари ҳукмдори Кошғар Муҳаммад Юсуф омада ёрӣ хостааст. Баъдан маълум шуд, ки лашкари чиниҳо Кошғарро соҳиб гардида, ворисi салтанати Офоқхоҷа – Ҷаҳонгирхоҷаро асир гирифтаанд. Бародари вай Муҳаммад Юсуф бо одамони худ фирор карда ба Фарғона меояд. Чун Мадалихон ҳариси забт кардани заминҳои бегонагон буд, илтимоси ӯро пазируфт ва ба самти Кошғар лашкар кашид. Он дам ҳамроҳ бо писари ман туро низ бо худаш гирифта бурд. Пайғом расид, ки шумоҳо Кошғарро соҳиб шудаед, вале муддати зиёде нагузашта дар хусуси ба чиниҳо мағлуб шуданатон хабар ёфтем. Ба эҳтимоли зиёд, мумкин аст он вақт Мадалихон ба иштибоҳи бузурге роҳ дода бошад, ё ки ба талаю тороҷи молу мулки мардуми маҳаллӣ даст зада буд...

Ҷавон бо табассум пиёлаи холии дасташро дароз карда гуфт:

– Ёфтед, янга! Мо чиниҳову қалмоқҳо ва сармоядорони дар он ҷо мондаи кошғариро ғорат кардем. Ҳар дастбурде, ки ба кафамон меомад – гилемҳои Хутан, лавозиму абзори нуқрагину тиллоӣ, порчаҳои зарбофтро ба ароба бор карда ба Хӯқанд мефиристодем. Ончунон вақт нагузашта сарбозони Чин-мочин ба сарамон фурӯ рехтанд. Онҳоро халқи маҳаллӣ, ки молу мулкашон аз сӯйи мо ба яғмо рафта буд, ҷонибдорӣ карданд. Мо маҷбур шудем ақиб нишинем. Мунтазири расидани имдод аз Хӯқанд будем. Он замон сарлашкари Чин сафири худро ба назди хон фиристода пешниҳод кардааст, ки мусолиҳа намоем. Бо шарти ин ки хон сарбозонашро гирифта бадар равад, ҳама молиёти тамғаи савдогарону косибони шаҳрро ба ӯ бахшидааст. Хон мефаҳмад, ки он ҷо мондан фоидае надорад, барои нигаҳдории тамғадеҳон чанд сарбозро гузошта, пас мегардад.

– Оре, хеле бад шуд, ки туву Муҳаммадхонро низ он замон бо ҳамон сарбозон ҷо монда буд!

– Мегӯянд, худи хон дастур додааст, ки киҳо бояд бимонанд. Ин ҳарф то куҷо рост, намедонам, аммо ранҷи мусофирӣ ба ҷонҳо зад, дигар на моҳонаю на сарулибоси медодааш дилҳоро гарм мекунад. Ман ба мингбошӣ[18] арзнома навишта хоҳиш кардам, ки ҳамчун нигаҳбони корвони ба роҳ уфтода ба Хӯқанд биёям. Ба ман ризоят доданд, лекин арзномаи Муҳаммадхон қабул нагардид.

– Дуруст, бо ҳукми хон писари ман дар он ҷо мондагор шудааст. То ҳол намефаҳмам, барои чӣ хон бар зидди мо тааддӣ мекунад. Мадалихон ҳар касеро, ки бо падараш наздикӣ дошт, таъқиб намуда ба шиканҷа мегирад. Ӯ бо хонигарӣ мағрур шуда, бе маслиҳати бузургону одамони оқил ба корҳои бехуд даст мезанад. Бо ин аъмолаш ба дур нахоҳад рафт, аз пайи ҷабру зулм, албатта, ба гирдоби ҳалокат дучор хоҳад шуд...

Абдулаҳад ҳарчанд ба ҳама сухани ӯ сар дарнаёвард, хомӯш гӯш дода нишаст. Ҷаҳонбибӣ пас аз холӣ кардани дардҳои дилаш каме ором шуд ва дар поён ба ӯ маънидор чашм дӯхта пурсид:

– Ту кай ба сафар мебароӣ?

– Фардо субҳ корвон ба роҳ меафтад.

– Пас, як нома навишта медиҳам, бо дасти худат ба писарам Муҳаммадхон расон. Ба ӯ гӯй, ки мо ҳама тандуруст ҳастем, ҳоламон хуб аст. Худо хоҳад, рӯзу вақташ ки омад, ба дидори ҳам мерасем. Аз мо нигарон набошад.

Ҷаҳонбибӣ ба хонтахта наздиктар нишаст, як барг коғазро гирифту ғазали каме пештар гуфтааашро дар он навишт ва номаро чорқат карда ба дасти Абдулаҳад дод.

---

[18] **Мингбошӣ** – сардори ҳазор савораи ҳарбӣ



## ХУРШЕД ДӮСТМУҲАММАД
**(1951)**

*Хуршед Дӯстмуҳаммад 8-уми январи соли 1951 дар шаҳри Тошканд зода шудааст. Соли 1973 факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм мекунад. Фаъолияти кории худро дар нашриёти «Фан» оғоз намуда, баъдан дар рӯзномаи «Ҳуррият» ва маҷаллаи «Ӯзбекистон матбуоти» ба унвони сармуҳаррир идома медиҳад. Ба ҳайси ҳамраис дар Бунёди демократисозӣ ва пуштибонии расонаҳои гурӯҳии Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолият кардааст.*

*Нахустин китоби Хуршед Дӯстмуҳаммад бо номи «Хонае дар домани ҳавлӣ» (1989) чоп шудааст. Аз он пас асарҳои нависанда бо номҳои «Паноҳ», «Оромкурсӣ», «Бозпурсӣ», «Қотилии хоссаи ӯзбекӣ», «Маҳзуна», «Ибни Муғаннӣ», «Ягонаам – Шумо», «Хонае чун гавҳараки чашм», «Жажман» (1997), ҳамчунин маҷмуаи қисса ва ҳикояҳояш бо номҳои «Ҳазор ранҷи фироқ дорам» (2000), «Бонг» (2014), романҳои «Бозор» (2000), «Донишманд Сизиф» (2016), хотира-эссеи «Суханҳои ногуфтаи Ҳамид Аъламов», рисолаи «Журналист шудан мехоҳед?» (2002), киносенарияи «Ақрабгул» (2000) ба табъ расидаанд. Адиб ҳикояи Рюноскен Акутагава – «Дарвозаи Расёмон» ва романи Темур Пӯлатов – «Ҳафт лаззат ва чил ҳасрат», ҳамчунин намунаҳоеро аз осори адибони хориҷа Игнасио Алдекоа, Алес Жук, Борис Саченко, Андриус Риук ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Хуршед Дӯстмуҳаммад доктори илмҳои филологӣ ва узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон мебошад. Соли 1997 сазовор ба медали «Шуҳрат», соли 2006 ба нишони «Дӯстӣ», соли 2020 ба унвони фахрии «Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон» гардидааст.*

## Як пора суҳбат аз дафтари рӯзноманигор

***Умед Алӣ:***

***– Ҳикояи «Жажман»-и шумо ба таври рамзӣ, бо сабки хос навишта шудааст. Ҳар як хонанда онро аз нигоҳи худ дарк ва маънидод мекунад. Бино ба тавзеҳи яке аз устодони мо, ин ҳикоя хусусияти полифоник дошта, дар замонҳои пеш тантанаи истиқлолро бар низоми хӯрдашудаи сиёсии ҳукмрон ифода мекунад. Шояд ин фикр нисбӣ бошад. Шумо худ бигӯед, асли моҳият дар чӣ аст ва калимаи «жажман» чӣ маъно дорад?***

***Хуршед Дӯстмуҳаммад:***

***– Перомуни ин ҳикоя адабиётшиносон ва пажӯҳишгарон чандин мақола навиштаанд. Ҳатто бар асоси он корҳои илмӣ низ анҷом додаанд. Дуруст, ин ҳикоя вижагии полифоникӣ дорад. Ҳар кас онро ба навъи худ дарк ва маънидод мекунад. Вале мақсад ва моҳият якест.***

***Дар «Авесто ду неру: Худои некӣ (Аҳуромаздо) ва Худои бадӣ (Аҳриман) ҳамеша бо ҳам набардҳо доранд. Аз азал чунин омадааст, яъне некӣ бо бадӣ доиман дар талош аст. Дар ниҳоят, некӣ пирӯз меояд.***

***Агар вожаи «жажман»-ро шарҳ доданӣ бошем, ин саволро дар нишастҳои адабӣ, ҳангоми мулоқотҳо бо мухлисон бисёр додаанд. Аммо камина онро ҳамеша беҷавоб мондаам. Ин сирри ман аст, ҷозибаи ҳикоя низ дар ҳамин аст. Бояд хонанда худ ҷӯяду ёбад!***

## ЖАЖМАН
### *(ҳикоя)*

– Барои ҳамин гуфтаанд, камбағалро аз болои шутур саг мегазад!.. Ҳ-аҳ, ҳаққи ятим сӯрох кунад туро!

Саҳарии барвақт бо шунидани ин дуои бади аламнок дохили бозор ба по хест. Савдогарони хурду калон – туршакфурӯш, чормағзфурӯш, мавизфурӯш, пистафурӯш ва боз фурӯшандаҳои дигар, ки дар болою поини растаҳо ба халтаю ҷуволҳо такя дода амонат мехобиданд, бо чашмони хоболуд давру канори худро даст-даст карда, хотирҷамъ шуда, яке аз паси дигар дар атрофи зани ҷавон, ки гоҳ-гоҳ оҳ мекашиду ғусса мехӯрд, гирд омаданд. Дар ин миён ҳамдардҳо низ пайдо шуданд:

– Бисёр бурдааст? – пурсид яке бо садои баланд.

Бонуи ҷавон бо захрханд гуфт:

– Халтаро нима карда рафтааст.

– Ӯҳ, занталоқ-е!

– Кош забонаш канда шавад, ки мавизи ҳамин муштипара хӯрдааст!

Як каси дигар бо овози чирросӣ пурсид:

– Чанд халта буд, хоҳар?

– Якто... Аз насибаи ятимонам бурида оварда будам-а.

Марди дигаре бо дағдаға гуфт:

– Дастгир карда, ба ҳамин шифти сақф бояд овехт!

Каме канортар аз тӯдаи одамон бо сари хам Зардуштбобо меистод. Имонаш комил менамуд, ки он дузди каззоби дар кадом як гӯша пинҳоншударо ҳатман аз гиребонаш хоҳанд гирифт. Ӯ бо қадамҳои вазнин ба

қисми охири тим[19] роҳ гузид, ки то он ҷо аз ду ҷониб растаҳо тӯл мекашиданд. Мисли ҳар рӯз бозориёнро, ки дар ин вақт ҳама хамёзакашон базӯр аз хоб бедор мешуданд, мушоҳида карда аз хаёл гузаронд: «Ҳар кас бо худаш овора аст... ташвишҳо барои зинда мондан... фурӯхтан, фурӯхтан, фурӯхтан... фурӯши тӯб-тӯб писта, бодом, туршаку мавиз – ҳама дар ғами пулёбӣ...» Бобо беихтиёр ғарами халтаю ҷуволҳои рӯйи ҳам чидашударо бо дид андоза гирифта, боз андак роҳ гашт ва тунук шудани сафи фурӯшандагонро пай бурда, то девори поёни тим нарасида, ба роҳи омадаи худ баргашт. Вақте ки бармегашт... аз пушти девор «гурс-гурс» садои мушткӯбии касе паст шунида шуд. Бобо риши мисли барф сап-сафеди худро қабза карда гӯш дод, бо ин ҳол чанд муддат ором истод ва дигар, хаёлоташро барнаканда, бо роҳе, ки аз пайи ташвиши бонуи ҷабрдида омада буд, ба пас гашт.

Растаи Бобо дар пойгаҳи тим, дар паҳлуи дарвоза қарор дошт. Ӯ гирифтори хаёлҳои парешон ба ҷойи худ омад ва даҳонаи яке аз халтаҳояшро боз карда, аз мавизи сара се-чор каф ба миёнбандаш рехт ва онро бурда ба болои халтаи нимашудаи зани ҷавон гузошт. Аз пайи Зардуштбобо дигарон низ барои додани мавиз саф кашиданд. Онҳо, чун медонистанд танҳо дар баробари марг оҷиз будан мумкин аст, беовоз ба бонуи зарардида изҳори ҳамдардӣ карда, бо сари хам ба ҷойи худ бармегаштанд.

Зардуштбобо дар назди растаи худ, бемалол бар рӯйи кӯрпача по дароз карда менишаст. Дилаш гувоҳӣ медод, ки аз чизе нигарон аст, зери лаб пичиррос зад: «Ту худат мададкор бош, ё Аҳуромаздо...» Ҳамон лаҳзае, ки оҳиста сухан гуфт, гӯё аз мӯйсару риш ва абрувони дурушташ нур борид – дар гирду атрофаш гӯё фонусе як дам равшану хомӯш шуда монд... Дар ҳамин лаҳза баногоҳ садои тунду дағал ба фазо печид – се-чор сутун онсӯтар марди калонсоле фарёд зад:

– Хонаам сӯ-ӯхт!.. Худо за-ад!..

Дар тими бозориён, ки пас аз ноорomии пешина каме сокит шуда буд, дубора ғалоғула бархест. Одамони гирду атроф баъд аз ёрӣ расондан ба бонуи ҷабрдида ба иттифоқи ҳам ба сари марди фарёдзада шитофтанд. Туршакфурӯши солманд, ки ба мисли гӯсфанди бонӣ фарбеҳ буду синнаш аз панҷоҳ мегузашт, бо нороҳатӣ чор дасту по шуда, таҳи қабат-қабат кӯрпачаҳои зери пояшро меҷуст ва беист мегуфт: «Не, нест!.. Дуздидаанд!» Бо ин ҳол, аз моли гумшудааш умедвор буд магар, кӯрпачаҳояшро ба такрор баргардонда, аз кофтуков даст намебардошт.

Яке аз бозориён бо алоқа ба ҳоли пешомада пурсид:

– Чӣ қадар буд, Қамчибой?

Туршакфурӯш сарашро боло накарда ғулдур-ғулдур гуфт:

– Дар таҳи болиш... дақиқан медонам, дар зери болишт монда будам...

Ҳамон бозорӣ дубора садо баланд кард:

– Мегӯям, чӣ қадар буд?

– Хеле буд... ман нашумурда... як баста буд!

– Об-бо!

[19] **Тим** – корвонсарой, бозор

– Эҳ Қамчӣ, боракаллоҳ, одам магар дар таҳи болиш ҳам пул мегузорад?! Охир, ин...

– Дар таҳи болиш мемонад ё бар рӯйи он – ин хоҳиши ҳар кас аст. Аммо на ғорат шудани пуламон, балки он чиз ба одам алам мекунад, ки наметавонем таъзири кадом як сағиракро[20] дода монем!

Гарчи сурати ҷавони чормағзфурӯш Сӯзамолро намедид, Зардуштбобо ӯро аз овозаш шинохт ва худ ба худ сухан ба лаб чид: «Нуратро дареғ мадор!..». Ва аз хаёл гузаронд: «Писари бобои чормағзфурӯш...» Азбаски ҷавон сӯхтаю пухта сухан мегуфт, халоиқ ба сукут рафта, ба даҳони ӯ нигарон монданд.

– Дирӯз ду шӯрбахт пулашонро duздонданд, парерӯз дар рӯзи равшан як халта пистаи хандонро аз даст додем, рӯзи гузашта – пул, имрӯз боз ин аҳвол... Ин чӣ гап, мутаҳаммӣ ҳам ҳад дорад-охир! – мегуфт Сӯзамоли ҷавон. – Дар байнамон марде нест, ки ошкоро гӯяд: «Ҳой, одамони хуб, биёед, чашмҳоямонро боз кунем!»

Риши баланди Зардуштбобои ба хаёл фурӯрафта, ки то сари синааш мефуромад, аёну ноаён ларзид...

...Субҳ. Ҳаво равшан нашуда таҳорат гирифт. Ҳамин ки аз роҳрави мобайнӣ растаҳоро даст-дасткунон палмосида мегузашт, ду газ онсӯтар ҷунбидани шарфаеро пай бурд. Бо диққат нигоҳ кард, чизе ба чашм нанамуд. Ба ҷойи худ баргашта сари ду по нишаст, сарашро ба рӯйи зонуҳояш гузошту чашмонашро баст ва ба сукут рафт. Аз рӯйи одати ҳаррӯза, мӯйсафед сари хаёлрониҳои худро озод гузошт... «Ба наздикӣ субҳ медамад, олам нуронӣ мегардад... Одамон бедор мешаванд, бозор ҷон мегирад... Дарвозаи бозор боз ва мағалу ҳайоҳуй оғоз меёбад... сели одамон ба дохил медароянду ба берун ҷорӣ мешавад... фурӯшанда меояд, харидор низ, дар миёни онҳо бекорхӯҷаҳо ҳам... ба мисли мӯрча даро-баро мекунанд... поҳо ором намеистад, дастҳо низ, даҳонҳо бекор намемонад... медарояд-мебарояд, медарояд-мебарояд... мегӯянд, пул дарёфтам, мол фурӯхтам... зиндагӣ ба фуки бани башар лигом андохта мекашад... ба тобае бо исми «бозор» андохта давр мезанонад, мечархонад... мӯрча ёфтаи худро ба чангол мегирад, дарёфтаи худро ба лонааш мекашонад, меандозад... хариду фурӯш, хариду фурӯш, хариду фурӯш... ҳар чӣ ба дасту ба забон ояд, фурӯхта мешавад, ба савдо меравад... ё, алҳазар, Аҳуромаздо!.. Нотавонҳо муҳтоҷи оташанд, Аҳуромаздо!»

Зардуштбобо қавоқҳои мисли чӯян вазниншудаи худро базӯр бардошт, аз халтаи бағалдасташ як каф мавиз гирифт ва онро аз як каф ба кафи дигар рехта, бо саду як азоб аз ҷо хест.

Дар ин сӯву он сӯ гаштани шарфаҳои поро пай бурда, «Одамон обутоб ёбанд... Одамони хуб пок шаванд» гӯён, илтиҷо кард ва давр зада ба пеши раста гузашта, ду сутун онтарафтар...

– Ё пирам! – гуфт саросема шуда. Ӯ дар ҷойи истодааш сахт шуда монд, саъй намуд иродаашро якҷо ҷамъ кунад, чашмонашро пир-пир парронад –

[20] **Сағирак** – *маҷ.* одам ё ҷонвари назарногир

нашуд. – Аҳуромаздо, худат мадад расон! – гуфт бо садои пичирросӣ. – Бо чӣ гуна ҷонваре рӯ ба рӯ мекунӣ, Аҳуромаздо?!

Бобо як махлуқи аҷоиберо, ки қаддаш то як ваҷаб меомад, дида, гӯё ки нигоҳаш ба як шайъи нотамиз меуфтод, баногаҳ як қад парид ва дар дил соя афкандани шабаҳи хатарнокеро ҳис кард, нафасаш дар гулу монд, натавонист овоз барорад. Бо ин ҳол, базӯр гуфт:

– Жажман!.. Эй одамони хуб, ба тими мо Жажман роҳ ёфт!

Зардуштбобо гумон мекард ҳамин дам аҳли тим якҷоя ба по хеста, он махлуқро дошта пора-пора мекунанд ва рӯфта-рӯфта аз тим ба берун меандозанд. Вале ин тавр нашуд. Овози бобо ба гӯшаю бурчакҳои тим бархӯрда акси садо дод, лекин ба гӯши касе надаромад. Бобо мехост ҳавосашро ҷамъ карда, бо тамоми овоз фарёд занад ва одамонро аз ҳалокати эҳтимолӣ огоҳ созад. Дар ҳамин лаҳза рафтори аҷибу ғариби махлуқ ба чашмаш уфтод, ба шигифт омада сари ҷо карахт шуд – бобо шоҳиди рӯйдоде мегардид, ки зоти инсон на дидаву на шунидааст.

Махлуқ дар паҳлуи мавизи рӯйи раста роҳат нишаста, гӯё ки ба табақи ош даст мебарад, бехаёл аз мавиз мебардошт ва ба андозаи як кафу ду каф аз он ба ҳамёни шикамаш меандохт.

Бобо чанд муддат рафтори махлуқро мушоҳида кард: дасту даҳони ӯ ором намегирифт, пайдо буд, ки ба ин зудӣ сер шуданӣ нест. Бобо ҳеҷ намефаҳмид, лолу гаранг монда ба чашмҳои худ бовар намекард, ки чӣ тавр он ҷонвар осон ва бе хиҷолат мавизи касеро ба яғмо мебарад... Аз хаёл гузаронд: «Ин худ чӣ аст? Чӣ хел махлуқ аст ин?»

Бобо ба андеша фирефта шуда надонист, ки ин ҷонвари шигифтовар кай ва чӣ хел ба замин фуромадааст. Танҳо пас аз ҷаҳидаю хез дода ба самти дарвоза рафтани он тавонист ҳавосашро ҷамъ кунад. Бобо дар ин ҳолат андоми махлуқи ғароибро равшан мушоҳида кард: чашму гӯшу фуки он гоҳе ба аъзои муш ва гоҳе ба аъзои рӯбоҳ монанд мешуд, мунтазам бо чанд ранг ҷило медод... Бобо беихтиёр дар дил гуфт: «Ин ки санҷоб аст!» ва ҳамин дам сарашро ҷунбонда, дар зеҳни худ мушоҳида кард: «Зоҳиран, аз зоти рӯбоҳу муш пайдо ва паҳн шудааст». Лаҳзае дам дар дарун монда, зери лаб пичиррос зад: «Шикамаш аз кенгуру аст...», вале дар ҳамин лаҳза ҷуссаашро рост карда бо ду по рафтани махлуқро диду аз хаёл гузаронд: «Ё аз насли одам бошад?» Беихтиёр аз ин хаёли худ шак бурд, саросема ба гиребонаш туф-туф кард...

Аз миён чанд рӯз гузашт. Баногоҳ, ҳангоми авҷи пешин дар қатори туршакфурӯшон ҳаёҳу баланд шуд. Одамон рӯйи ҳам рехта, ҳар кӣ дар тим буд, худро ба он сӯ зад. Ҳар як нафари омада баробари расидан нидо мебаровард: «Чӣ шуд?», «Чӣ аст инҷо?», «Тавба-а!» Фурсате нагузашта, пас аз ин сарусадоҳо банохост ҳаёҳу аз байн рафт. Яке аз пистафурӯшон саросемавор дод зад:

– Медорем, ба даст мегирем!

Туршакфурӯши солманд ба сари доду фарёди ӯ зада гуфт:

– Не, нарас ба он! Бубинем-чи...

Аз байни издиҳом мӯйсафеде, ки ҷомаи сиёҳ ба тан дошт, бо овози баланд гуфт:

– Ҳой, ин чӣ аст, ба назаратон? Муш?

– Одам нест магар?

Мардуми ҳангоматалаб бо доду ғавғоҳои берабт тимро ба сар бардоштанд.

– Хомӯш! Мерамад он!

Дар ин лаҳза ба фирор кардан моил шудани махлуқро дида, мӯйсафеди ҷомаи сиёҳпӯш аз аввал сахттар чиррос зад: «Гурехтанист!.. Мехоҳад гурезад!»

Дар байни одамон ғалоғула бархест. Се-чор нафар аз гиребони ҳам гирифта, аз по даромаданд ва ба рӯйи замин ғел зада рафтанд. Беназмиву ҳарҷу марҷ ба миён омад. Бесаранҷомӣ яке авҷ гирифту дубора ҳама хомӯш шуданд. Аз чор сӯ нидоҳо шунида шуд:

– Гурехт, гурехт!

Як нафар бо лаҳни норизо гуфт:

– Дастат қариб ки расида буд! Натавонистӣ бигирӣ-а!

Аз байни чормағзфурӯшон низ савдогари дигаре саросема суол кард:

– Ба куҷо ғайб зад? Ба куҷо?

Ҷамъшудагон ба кадом сӯ нопадид шудани махлуқро нафаҳмида гаранг монданд. Сари талотӯб шикаст, ҳар кас ба ҷойи худ баргашт. Пистафурӯше, ки «медорем, ба даст мегирем!» гуфта дод мезад, ба назди он як нафар, ки досташ ба махлуқ расида буд, омада, бо садои кам гуфт:

– Акнун бо ҳамин панҷаат ба одамон бодом мефурӯшӣ? Дастат ки ҳаром шуд!

Бодомфурӯш надонист ба ин сухан бовар кунад ё не, нигоҳе ба пистафурӯш андохту аз тарс андомаш каҷ шуд. Бо дидани ин аҳволи ӯ дили Зардуштбобо таҳ хӯрд, сар ҷунбонда лабонашро ғунча кард, аммо чизе нагуфт...

Барои аҳли тим мавзӯи ҳангома дар кафи даст шуд. Ҳар кӣ – чи хобу чи бедор, дар хусуси махлуқ сухане баён мекард. Яке гуфт:

– Чизи аҷибе будааст, оре?

Дигаре тарсомез афзуд:

– Накунад, ки ба фоли бад бошад...

Боз нафаре, ки доиман бонги воҳима мебардошт, изҳор кард:

– Ба фоли бад будан як тараф, метарсам ки тухми балову қазо набошад!

– Аҷаб суханҳое! Аз ин ҷонвараки майда чӣ балову қазое хестанаш мумкин?! Ин барои мо бозияке барои андармон шудан асту бас, ҳа-ҳа-ҳа! – аз дили ҳама тарсу ҳаросро берун афканданӣ шуда гуфт як марди шоду беғараз.

Ба ин ҳангома харидорон низ ҳамроҳ гардиданд. Яке аз онҳо гуфт:

– Мегӯянд, дар нонвойхона ҳам махлуқи ҳайратоваре пайдо шудааст.

– Дар растаи қандалотфурӯшӣ бошад, ҷонвари перорсол рӯнамоӣ кард, ҳеч кас намедонад, ки он чӣ аст!

– Фардо-пасфардо ба тамоми бозор роҳ меёфтааст!..

Зардуштбобо маъюс монд, ин ҳама сухан ба назараш бекораю беҳуда менамуд. Ба Аҳуромаздо имон овард. Вақте ки бо хаёли «наход ки дар бозор паҳн шавад...» нигаронӣ дошт, аз дохили тим садои ҷарангосии Бобои чормағзфурӯш баланд шуд:

– Нашунидам нагӯед! Номи махлуқ – Жажман! Жажман!.. Нашунидам нагӯед!..

Бо карахтӣ вуҷуди Зардуштбобо аз ин садо ларзида рафт. Баробари ҷор андохтани Бобои чормағзфурӯш ба ёд овард, ки аввалҳо ин номро ӯ шунида буд, дар асл, ҳангоми бори аввал дидани ҷонвари номаълум беихтиёр гуфта буд: «Жажман!.. Эй одамони хуб, ба тими мо Жажман роҳ ёфт!»... Бобо ба сукути амиқ рафт. Нафас рост карда зери лаб пичиррос зад: «Аҳуромаздо аён кардааст… Одамони зирак воқиф шудаанд»... Ба номи Худои некиҳо шукрона фиристод...

Дар ин дам моҷаро бар сари туршакфурӯш идома ёфт.

– Бо ин мушбашара бояд созиш кард. То метавонад бихӯрад! Оё бо ин шиками мисли ангуштпонааш дунёро фурӯ мебарад?! Албатта, ба киса андохтанаш кори хуб нест.

Азбаски мавизфурӯши кӯса аз ҳад зиёд ҳарф мезад, Сӯзамоли чормағзфурӯш ба шӯр омад ва нешдор гуфт:

– То замоне, ки мову шумо «хуб аст, хуб нест» гӯён то хонаамон мерасем, Жажман на фақат тимро, балки тамоми бозорро хӯрда адо мекунад! – ӯ каме аз ғазаб фуромада, бо овози камтар афзуд: – Рост аст, ки пештар ба чашмамон наменамуд, бо як мушт-ду мушт мавиз ё туршак хӯрдани он чизе аз мо кам намешуд, мегуфтем, ки «хӯрда бошад – хӯрдааст-дия». Дам дар дарун гаштем. То имрӯз нафаҳмида, вайро ба нозпарварди худ табдил додем...

Дар сурати Зардуштбобо табассуми маҳин шукуфт. Аз айёме ёд кард, ки Жажман оҳиста-оҳиста бо аҳли тим унс гирифта буд.

...Ба маҳзи ин ки махлуқ намудор мешуд, касоне буданд, ки «ма, гир!» гӯён, ба пеши он мавиз, писта, чормағз мепартофтанд. Жажман аз касе наҳаросида, ҳаш-паш «хайру садақа»-ро мехӯрд ва ба халтачааш меандохт. Туршакро гоҳе бо донакаш, гоҳе низ қарс шикаста, мағзашро чалп-чалп хоида фурӯ мебурд.

Одамони бозорнишин ба дасту ангуштони мисли зағир хурдаку фуки резаш ва ба даҳони мушиву чашмони хурдаки пӯпанакгунааш нигоҳ карда, беист завқ мебурданд ва бо мурур ба чашмгуруснагию аз хӯрданҳои пайиҳам сер нашудани махлуқ шикамҳоро дошта механдиданд, ба туфайли он вақти хешро хуш мегузаронданд. Ҳатто баъзеҳо домани баҳс густурда мегуфтанд: «Вайро ман сер мекунам!», «Не, то замоне, ки шикамаш натаркад, сер карданаш ба уҳдаи ман!» Лекин аксари вақт онҳое, ки «ман сер мекунам» гӯён ваъдаҳои калон медоданд, бар зери қавли худ мезаданд. Сирри хӯрда сер нашудани ҷонвар бошад, мармуз боқӣ мемонд.

Дертар Жажман одати нав пайдо кард. Касе садо назада, гӯё ки замин метаракиду ҷаҳида ба рӯй мебаромад ва аз қоқмеваҳои болои раста паққос мезад. Аҳли тим ба ин ҳам одат карданд, вале... Ҳамон вақтҳо, кӣ буд, э-ҳа,

падаркалони Сӯзамоли чормағзфурӯш – Бобои чормағзфурӯш боре ба сӯйи Жажман «э, гум шав-е!» гӯён дод мезанад ва дар ҳоле ки чормағзҳои халтаро қирсос занонда шикаста мехӯрд, ӯро аз назди худ меронад. Жажмани чормағзхӯр, ки парво накарда, бе биму хиҷолат ҳамёни худро аз чормағз пур мекард, ногаҳон аз назарҳо ғоиб мешавад.

Пас аз он воқеа Жажман чанд муддат худро нишон надод. Ин буд, ки аз гӯшаю канор таънаҳо ба гӯш расидан гирифт: «Як саргармӣ буд, ки онро ҳам аз мо гирифтед, тим гӯё холӣ монд». Бобои чормағзфурӯшро маломат карда мегуфтанд: «Чорто чормағз дар назарат бисёр намуд, худамон мехӯрондем». Бобои чормағзфурӯш ҳарчанд аз рондани Жажман пушаймон буд, сир бой надода, дар байни фурӯшандагони дигар худро ба нодонӣ зада, нафас дар дарун мегашт. Зардуштбобо як-ду бор хост ба ӯ дил диҳад, аммо ҳар гоҳи лаб кушодан риши ба монанди мӯйҳои фаххаки бум нарми ӯ ба ларзиш меомад. Ҳар гоҳ хаёлоти мӯйсафедонаашро хотираҳои дур бо худ мебурданд...

Дар замонҳои хеле қадим – дар айёми бачагӣ бағали Оташмоморо гирифта, афсона гӯш карда ором хоб мерафт. Савол болои савол дода, момояшро намегузошт, ки хоб биравад... «Момо, момо, – иттифоқан мегуфт Зардушти хурдтарак, – хоб дидам, ки осмон пур аз ҳашараҳои ҳаромхӯр буду ҳама ба боғи мо фурӯ мерехтанд... ҳар чӣ доштем, хӯрда рафтанд... сахт тарсидам, момоҷон». Баногоҳ дар бағали Оташмомо, ки чевараи худро дар оғӯш гирифта мехобид, ларзида рафт, момо он дам тасаллӣ дод: «Як осмон чӣ, даҳ осмон ҳашара биёяд ҳам, аз баракат маҳрум насозад, барраякам... Худо аз офату миромирии саросарӣ нигаҳ дорад…» Момо хомӯш монд, каме ба хаёл рафта, дубора лаб ба сухан кушод: «Дар ривоят омадааст, ки девҳо дар диёри мо тор метананд... ҳар чӣ ба дасташон ояд, хӯрда мераванд... хӯрда, ба серии худ қаноат накарда, аз он чӣ ҳаст мushте мисли баҳрро пур карда ба ҷойҳои дур мебурдаанд…» Зардушти хурдтарак пинак рафта будааст, ки Оташмомояшро дар кафи дасти дев дид. Наздик буд аз тарс дилакаш битаркад. Вале ба ин нигоҳ накарда, неруе дар худ ёфт ва ба бозуҳои мисли чанор ғафси деви кабудчашм часпида гирифт. Хазидаю ҷонканон ба мушти дев расид. Дар ин вақт момояш, ки дар канори кафи дасти дев меистод ва сарашро миёни панҷаҳои худ нигаҳ медошт, аз сари дили ӯ тела дода фиристод... Зардушти хурдтарак дубора ба пеш саъю талош кард... бозуву муштҳои дев аз назар ғоиб шуд... Ӯ чирросзанон сари ҷо монд... гиряомез каме ором шуда чашмҳояшро боз кард. Чашм кушоду худро дар оғӯши момо дид ва: «Момо, момо – гӯён бетоқатона овоз дод. – Маро хоб бурдааст, девҳо шуморо дар кафи худ гирифта мегурехтанд». Бача ҳик-ҳиккунон базӯр ба худ омад ва афзуд: «Чаро ин хел шуд, момоҷон, тарсида истодаам». Момояш чизе нагуфт ва аз он пас... дигар ҳеч гоҳ бедор нашуд...

Яке аз пистафурӯшоне, ки пулашро duздонида буд, гуфт:

– Э-э, ин ҷо бо беҳудагӯйӣ вақтро мегузаронем? – ва нигоҳе ба Сӯзамоли чормағзфурӯш андохта илова кард: – Шумо рост мегӯед! Валвалакон лаб-лаби бом, фис-фисакон кора тамом, то мо ба худ меоем ин лаънатӣ бозорро холӣ мекунад! Жажманро дастгир карда ҷазояшро бояд дод!

Туршакфурӯши пир ба суҳбат ҳамроҳ шуд:

– То ҳол ягон ҷони зинда онро ба даст наоварду чӣ хел ҷазояшро медиҳем?!

Сӯзамоли чормағзфурӯш ноумедии пирамардро нодида гирифта хулоса кард:

– Ҷазо надода, мекушем-мемонем, вассалом!

Нахустин касе, ки Жажманро зада бадар рондааст, падари Сӯзамоли чормағзфурӯш буд. Бобои чормағзфурӯш ба таънаю маломатҳои фаровон тоқат кард. Жажман дубора пайдо шуду, бо расидан ба ҷони ...фурӯшон, то андозае аз дасти маломатгӯйиҳо раҳоӣ ёфт... Нафси Жажман ва сари як по ҷаҳиданҳояш кам буд магар, ошкоро ба масхара кардани аҳли тим пардохт. Ба дӯши мӯйсафедоне, ки ришашон то сари дил мефуромад, баромада, аз гӯшу мӯйлабҳояшон мекашид, ҳангоми хоб ба қилқилакашон расида фирор мекард, хирросзанону ҳирингосзанон овозҳои аҷибе мебаровард. Ҳанӯз ҳеч ҷони зинда намедонист, ки он чӣ гуна махлуқ аст, ҳатто барои донистан ҳам касе руҷуъ намекард. Дар яке аз чунин рӯзҳо Бобои чормағзфурӯш ҳамаро дар ғафлат гузошта, Жажманро, ки ҳамёни худро бо чормағз пур мекард, дошта, бо санги тарозу кӯфта куштанӣ шуд. Санг фуки махлуқро лесида гузашт, махлуқ муаллақ зада ба пушт уфтод, уфтоду дубора ба худ омад ва гурехт... Дар радифи чормағзфурӯшон ғалоғула бархест. Ба сари Бобои чормағзфурӯш бо доду фарёд айюҳаннос зада омаданд. Бо ин ҳол, дар тим касоне низ пайдо шуданд, ки ҷуръати Бобои чормағзфурӯшро ҷонибдорӣ карданд... Акнун писари ӯ – Сӯзамоли чормағзфурӯш одамонро барои нобуд сохтани Жажман фаро мехонад. Писар суханро кӯтоҳ карда гуфт: «Ба қатл мерасонем! Фақат онро кушта роҳат мешавем!»

Ҷамъшудагон як он хомӯш монданд. Пас аз роҳ ёфтани Жажман ба тим, гарчи ҳама дар фикри ҷазои ҳалокатбор додан ба ӯ буданд, ҳеч кас аз ин хусус ҳарф намезад. Сӯзамоли ҷавон бо ин маънӣ ба одамон суол кард: «Хуб, шумо чӣ мегӯед?» Яке бо садои паст гуфт: «Мекушем!» ва кам-кам садоҳо баланд шуда, тимро хитобу даъвати «Мекушем!» фаро гирифт.

Ҳарчанд як-ду нафар ...фурӯшон ин гуна ҷазоро мунтазир набуданд, яке намонда аҳли тим ба по хест. Ғавғою мағал авҷ гирифт. Ғайри интизор, мағалбардоштагонро овози баланду дағали санҷидфурӯши қабопӯш, ки дар як гӯша дуртар аз издиҳом, дар растаи холӣ менишаст, сари ҷо нигаҳ дошт. Ӯ гуфт:

– Ҳой, одамони хуб, лоақал гирифтани дуоро аз бобоямон фаромӯш накунед...

Шӯру мағал ҳамон лаҳза аз байн рафт, издиҳоми бапохеста ба ҷониби Зардуштбобо баргашт. Сӯзамоли чормағзфурӯш ба пеши анбӯҳи одамон гузашт, аз бобо иҷоза хоста, саволомез ба ӯ дида дӯхта истод. Бобо аз зери чашм ба ӯ нигоҳ карда, гӯё ки осмонро аз madди назар мегузаронад, сарашро вазнин ба боло бардошт ва аз болосари одамон мустақим ба поёни тим назар андохт. Ҷамоаи тим «чурқ» нагуфта, гӯё ки нафас накашида, чашм ба даҳони вай меистоданд. Бобо ба хотири дармон ёфтан ба дарди одамоне, ки дар рӯ ба

рӯяш бо изтироб қарор доштанд, дар дил аз худи Аҳуромаздо ёрӣ хост... Муддаояшро ҳанӯз ба забон наоварда буд, ки аз паси девори охири тим... шавқуни зориомезу хафаноке ба гӯш расид. Одамон омода буданд ба фатвои ӯ пайваст шаванд, ӯ бошад, аз кучо бархостани нолаи мармузро, ки ҳеч кас онро пай намебурд, надониста, гичу вич ба сукут фурӯ рафт...

Ҳамин дам аз чашмони камнури Зардуштбобо, ки дар зери абрувони сабзидааш чило медоданд, ногаҳон шарора парид. Бобо сарашро ба паҳлу хобонда, ба пушти сутун дида дӯхт. Банохост сарусадое боло хест: «Мана! Мана!» Дар дохили тим беназмӣ ба амал омад. Шӯру ҳаёҳу роҳ уфтод. Дар муқобили Зардуштбобо ҷоне намонд. Зоҳиран ҳамон касе, ки «Мана! Мана!» гӯён ғирев бардошта буд, ба ҷониби фазои холии байни ду қатор раста давида, бо ангушт ишоракунон дод мезад: «Ана! Аз он халта гирифт! Гирифт!» Одамони ба ёрӣ шитофта бар сари халтаи нишондодаи ӯ омаданд – даҳони халта боз буд. Ҷонвар, ки ба паҳлуҳои халтаи ҷуволмонанд фукашро мехалонд, бо ҳамлаи се-чор нафар ва баланд шудани амри «ана, бизан!», худро ба болои раста афканд. Зардуштбобо дар ҳамин ҷо Жажманро дид, махлуқ ба рӯйи тӯшаки болои раста аз сӯрохи худ сар бароварда, ба монанди кӯрмуше, ки ба атроф гӯш меандозад, нигоҳи парешон андохт ва бо як чашмпӯшӣ дубора ғоиб шуда рафт.

Таъқибкунандаҳо зиёд шуданд: яке гаваккашон ба зери раста хазид, дигаре халтаю ҷуволҳои калонро кашида тела медод, се-чор нафар ҳам ба даст хиштпораҳо гирифта ба давутоз даромаданд.

«Эҳтимол Жажман ба даст меуфтад, – аз дил гузаронд Зардуштбобо, вале дарҳол аз фикраш гашт: – Агар ҷонваре бошад, ки бо як ҳамла дастгир шавад, то имрӯз зинда намемонд». Тахмини охири бобо дуруст баромад, бо ҳарчи таъқибу давутоз Жажман ба дом науфтод. Вай ба таҷовузҳои бешумори одамон парво накарда, гоҳ бар сари ин, гоҳ бар сари он раста пайдо шуда, ҳар хӯрдании ба чангаш омада – мавиз, бодом, чормағз ё туршакро ба мисли юҳо[21] бо иштиҳо фурӯ мебурд, ба ҳамёнаш меандохт. Ҳамин ки мехост тӯдаи пистаро ба бод диҳад, як пора хишти муштмонанд парида омаду дар канораш ғалтид ва пистаҳоро ба мисли хок пош дод. Жажман бо ин ҳам наҳаросида, яке ноаён ғоиб шуда рафт.

Пояи дарвоза шараққос заду омадани харидорон ба тим оғоз ёфт, вале боз ҳам таъқибу давутоз ба поён намерасид: фарбеҳу лоғарҳо, пиру ҷавон – ҳама монда шуданд. Зани ҷавон мавизи гумкардааш ва туршакфурӯш пули duздонидаашро аз ёд баровард. Як марди шофмӯйлаб, ки ҳарсос зада нафас мекашид, пурсид:

– Хиштро кӣ партофта буд?

– Ман! – гуфт мавизфурӯши бинипучуқ ва бо таассуф илова кард: – Лекин мӯлҷарам каме хато рафт...

Аз суханбозиҳои бачагонаи ҳамтимҳояш хандаи Зардуштбобо омад, дастонашро ба қафо дошта, ба ҷойи худ баргашт. Ҳарчанд то поёни тим расида пушт ба девор истод, боз ҳам садои гурс-гурс шунида шуд. Мисли мехи ба

[21] **Юҳо** – мавҷуди афсонавии ҳайвонхӯр (ё одамхӯр); *маҷ.* пурхӯр

замин кӯфта ором монд ва батамом гӯшу ҳуш шуд: гурс... гурс... гурс... Ба назари бобо чунин намуд, ки сарусадоҳое аз таҳи замин меояд, аз ин рӯ, беирода ба зери по диққат дод... не, мушаххас буд, ки садои гурс-гурс аз поёнтарин девори тим ба гӯш мерасад...

Бобо, дар ҳоле ки барои нишастан ба ҷойи худ мегузашт, бо маънии «дарвозаро боз гузоред» ба мавизфурӯши ҳамсоя нигоҳ кард. Дарвоза боз шуду дохили тим пур аз харидор гардид, садоҳоиберабти ғалоғула, доду ситад, талошу кашмакашҳо ба боло хест. Зардуштбобо ба ҳамтимҳои худ дида дӯхта дарёфт, ки онҳо гӯё ба рӯйдоди сурурангези фаромӯшнопазир рӯ ба рӯ омадаанд, дилшоду руҳбаланд менамуданд.

Ҳодисаи субҳгоҳӣ то чанд рӯз аз забонҳо науфтод. Пистафурӯшон мегуфтанд:

– Жажман дигар сояашро нишон нахоҳад дод!

Чормағзфурӯшон бо хушҳолӣ илова мекарданд:

– Гурдааш кафид[22], акнун аз зери халтаю ҷуволҳо мурдааш мебарояд!

Санҷидфурӯшон бо умед меафзуданд:

– Эй кош наҷот ёфта бошем...

Зардуштбобо мулоим шумханд зад, ӯ яқинан медонист, ки Жажман ҳанӯз зинда аст. Танҳо аз як чиз нигаронӣ дошт, ҳеч ба поёни андешаҳои мармузи мағзаш намерасид: «Оё Жажман танҳо аст, ё ки ҷонвараконе мисли вай бешуморанд?.. Агар ҳама ҷоро Жажман пахш кунад, одамон чӣ кор хоҳанд кард?»

Бобо ба ин ҳам посух ёфт...

Саҳарӣ аз вақти ҳаррӯза зудтар чашм кушод. Сар боло карда камхобии рӯзҳои охир ва аз дасти бедорхобӣ азоб кашиданҳои худро мулоҳиза намуд. Зоти одам ҳатто ба салтанати яхбандон асир нашудааст, ин ҳаёт аст, ки... «Эй Аҳуромаздо, худат мадад кун!.. – аз таҳи дил зери лаб гуфт бобо. – Ҳама ихтиёр дар дасти туст, Аҳуромаздо!..»

Бобо дар оғӯши фикру хаёл сари по шуд, ҳамин ки ба берун баромад, чашмаш ба Жажман уфтод. Он дар рӯ ба рӯйи мавизфурӯш, ки камзӯли пахтагинашро ба таври амонат ба сари китф андохта дароз мекашид, чорзону нишаста, гӯё ки ба табақи ош даст мезанад, роҳат бағали ӯро мекофт. Мавизфурӯш гарчи масти хоб буд, қитиқаш омад магар, дар ҷо ҷунбида чашмонашро муҳкамтар пӯшид. Махлуқ бошад, дар чанголи рези худ пулҳои пайдошударо ба болои сар бардошта, ба мисли бачае, ки аз бобои худ обакидандон мегирад, ҷаҳидаю хез зада дур шуд, ба дав гузашт, вале ҳамонанди суск беовозу хомӯш бо суръат то назди дарвоза омад. Бобо ҳанӯз ҳавоси худро ҷамъ накарда, Жажман ба девор такя дод ва аз халтаҳои рӯйи ҳам чидашуда дошта, бо суръат ба боло баромада рафт. Чун ба раъси дарвоза расид, дар ҳамон ҷо аз мӯрии девор ду кафи даст, ки ҳар яке шабеҳи сандалӣ буд, пайдо шуданд. Жажман ҳамёни худро бардошта ба дохили он ду мушт чаппа кард, аз рӯйи он пулҳои чанголашро андохт ва ҳамон лаҳза муштҳо аз назар нопадид шуданд. Жажман шуввос зада ба поин фуромад...

---

[22] **Гурда кафидан** – *маҷ. гуфт.* хеле тарсид

Бобо дар пеши чашмаш рух додани ин воқеаро то хеле муддат натавонист дарк кунад, гӯё ки чонаашро шарфаи марг лесида гузашт, дилаш таҳ кашид... Муштҳои бадҳайбат, ҳамонҳое, ки як замон бо чашмони кӯдаконааш дар хоб дида буд, муштҳое, ки Оташмомояшро рабуда буданд, ба назараш намуданд...

Дар ин ҳол хост фарёд занад: «Одамон, ҳушёр бошед... аз пояш биафтед. Жажманро дастгир кунед!» Бо ин ки Зардуштбобо бо садои шунаво «Жажман!.. Жажманро ба даст гиред, ҳой одамони хуб!» гуфтанӣ буд, медонист, ки ин ҷор заданҳои ӯро аз ҳамтимҳояш касе намешунавад, аз ин рӯ, дар худ илтиҷо мекард: «Аҳуромаздо, худат қалбҳои онон ро нурафшон кун!»...

Нолаҳои Зардуштбобо бар абас нарафт – аз пайи таъқибҳо боло-боло ҷаҳиданҳои Жажман охирсар худашро аз ҳол равонд, акнун ба осонӣ нушхӯрӣ намекард, як бор нӯл зада, даҳ маротиба ба чор сӯ чашм медӯхт. Жажмане, ки ба мисли муш зираку ба монанди санҷоб чобук буд, акнун аз фарти хез зада давиданҳо бо як по ба фарқи шабу рӯз намерафт. Ҳар дафъа ногаҳон ба рӯйи ягон раста пайдо шуда, ба айуҳаннос гуфтани фурӯшанда ё харидор нигоҳ накарда, ба мисли юрмоне, ки замин мекобад, дудаста ҳамёнашро пур мекард ва то дами ба худ омадани одамон гурехта мерафт.

Беихтиёр аз зеҳни Зардушбобо гузашт: «Азбаски муштҳоро пур карда наметавонад – ҷонаш дар азоб!»...

Растанишинҳои самти чап дар ҳар ҷо домҳои калламуш гузоштанд. Онҳоро дида, аҳли растаҳои самти рост «Жажман ба дом намеуфтад» гӯён, дар ҳар як сӯроху мӯрӣ симтӯр кашиданд. Наҷоткорони сафедхилъати фиристодашуда аз сӯйи соҳибони бозор тамоми рӯз савдои бозорро таътил кунонда, фурӯшандаю харидоронро ба берун ронда, дохили тимро бо бӯйи бад пур карданд. «Акнун қадами Жажман то даҳ сол канда хоҳад шуд!» – бо ин мазмун овоза паҳн шуд, то се-чор рӯз одамон даҳону бинии худро баста ҷон ба саломат бурданд. Жажман бошад... ба ин ҳама беҳаловатии аҳли тим коре надошт, мисли пештар шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта, аз чанг задану рабудан сер намешуд, ҳамчун бод даромада пули дасти одамонро гирифта мегурехт. Аз паси вай садоҳои «Дошта гир!», «Бизан, таъқиб кун!» баланд мешуд, вале мисли ҳамеша, Жажман осон худро наҷот дода фирор мекард...

Дар миён яке гуфт:

– Аз сӯрохи симтӯр лағзида гузашт-е!

– Бо чашми худам дидам! – сухани ӯро тасдиқ намуда гуфт ҳамроҳаш. – Мисли хамир рост шуду чун шуллук лағзида гузашт-рафт!..

Боз яке бо бетоқатӣ афзуд:

– Камтар монда буд, ки ҳамёнашро миёни панҷаам пора кунам, афсӯс, даст надод!

Сӯзамоли чормағзфурӯш гуфт:

– Ҳар касе дастгир кунад, ҳадяи беминнат ҳаст барояш!

– Ҳадяи беминнат?!

– Подош! Подош!..

Аз миёни ин ҳама хитобу доду фарёдҳо ба гӯши Зардуштбобо садои гурсоси ошно боз ҳам баландтару возеҳтар шунида шуд. Бобо зери лаб пичиррос зад: «Вақту соаташ наздик...» Ва ҳамин дам дар болои раста Жажманро дида, ришаш аз ғояти асабоният ларзида рафт... Жажман аз мавизи соягии сара кафашро пур карда ба даҳонаш андохт, мазмаза кард... Бобо дандонҳои мисли биринҷ хурдак ва чун садаф софи вайро дида ба чашмҳояш бовар накард, ҷонварро бо алоқаи зиёд аз сар то по мушоҳида намуд: Жажман бениҳоят лоғар, дасту поҳояш ҳамчун гӯгирдчӯб нозук буд; бо вуҷуди ин, бо шиддат ҳаракат мекард, тавре ки дар як чашм пӯшида кушодан як тарафи тӯдаи мавизро фурӯ мебурд.

Бобо дар худ гуфт: «То метавонӣ бихӯр-чи...» Саъй кард Жажманро натарсонад, аз он, ки махлуқ ҷон коҳонда ҳамёнашро пур мекард, беихтиёр ба чеҳрааш табассум дамид ва пурсишомез гуфт: «Ин баднафсиҳоят аз поёни рӯзу соати зиндагиат дарак медиҳад?» Жажман писханд зад, гӯё ки боборо мазоҳ мекард, вале дар асл, ба ҳарос уфтода, саросема буд...

Дар рӯ ба рӯйи бобо ҳамсояи бағалдасташ, ки дигар аз мавизи тамоми рӯз тозакардааш парвое надошт, аз қисми пеши раста ҷаҳида қад боло кард ва ҳамон замон бо нидои «Э, бар падарат...!» худро бар болои Жажмани олуда ба мавиз андохт. Ду нафар мавизфурӯши азимҷуссаи дигар низ аз қафои ӯ ҳамла оварданд. «Бе шубҳа, Жажман маҷақ шуда рафт!», аз хаёл гузаронд бобо.

Ҳамсоя суст шуда гуфт:

– Гурехт!

– Чӣ хел гурехт?

– Ба куҷо гурехт?

Мавизфурӯшоне, ки ба таъқиби Жажман уфтода буданд, бо ин суханҳо гарангнамо ба гирду атроф нигоҳ карда монданд. Ҳамсояи мавизфурӯш чашмонашро калон кушода ба бобо рӯ овард ва бо нороҳатӣ пурсид:

– Шумо дидед? Гӯед, ба куҷо гум шуд?!

Зардуштбобо лабханд зада меистод. Ҳамсояаш ба шӯр омада, бо фиғон такрор кард:

– Сухане гӯед-охир, ба кадом гӯр ғоиб шуд?!

Бобо авзояшро тағйир надод, қоматашро рост нигаҳ дошта, ба тӯдаи рӯ ба рӯяш беовоз дида меандохт. Тӯда торафт калонтар мешуд. Мавизфурӯши ҳамсоя натавонист рост ба чашмони бобо нигоҳ карда истад, ҳамин ки дидагонашро аз ӯ мегурезонд, пистафурӯши дар канори бобо ҳозиршуда ғазаби худро пинҳон накарда, таҳдидомез садо баланд кард:

– Дар ҳар сурат ба даст мегирем! Ҳарчанд шумо ёрӣ намедиҳед, тухми ин аблаҳро хушк мекунем!..

Зардуштбобо дар дил илтиҷоҳое дошт: «Гармиатро дареғ мадор, Аҳуромаздо!.. Қалбҳоро худат мунаввар гардон...» Таваллои сари дили ӯро гурсосзаниҳои девори поёнии тим фурӯ нишонд. Ана, ана, ҳоло тамоми насли одам гӯшҳояшро сих мекунад, хариду фурӯш, пичир-пичир гапзаниҳо қатъ шуд ва ҷавону пир ба самти поёнии тим рӯ оварданд...

Пистафурӯши ғазаболуд ногаҳон ба тамаллуқ гузашт ва хаёлангезии ӯро аз ҳам гусаста гуфт:

– Ҳамаашро дида истодаем, бигӯед намешавад, бобо?! Чӣ кор кунем, ки ба тӯрамон меафтад он бачағар! Гуму гӯр кунем, роҳат бишавему хотирҷамъ зиндагӣ кунем-охир!..

Ӯ ҳанӯз суханашро қатъ накарда буд, ки аз самти муқобил шарақ-шарақ садои баланди сатл шунида шуд, касе фарёд зад: «Доштам!». Фавҷи одамон ба ҳамон сӯй кӯчид.

Бобо бо дили мағшуш аз ҷо наҷунбид. Дар маҳалли ҷамъшудаи одамон ғалоғулаю мағал ба авҷ расид. Аз ҳар сӯ шунида шуд: «Кӣ?.. Кӣ дошт?».

Касе мамнуну хурсанд, шодии хешро пинҳон карда натавониста дод зад:

– Ман!.. Ман гирифтам!.. Аҷаб коре шуд!..

Фавҷи одамон бо алоқаи дидани касе, ки ба бахти дастгир кардани Жажман муяссар шудааст, ба пеш хазид. Хитобу сарусадоҳое аз қабили «Мекушем!..», «Ман ҳам яке бизанам!»... гӯшро кар мекард. Ногаҳон дар миён сукунат нишаст, овози ҳаяҷонангез ва пирӯзмандонаи Сӯзамоли чормағзфурӯш шунида шуд. Ӯ ба болои раста баромада, гӯё ки дар ҷашне нутқ эрод мекунад, мӯйлаби қайчизадаи хушнамои худро молида-молида гуфт:

– Гап якто – Жажман ба марг маҳкум аст! Вассалом!

Одамон бо як овоз ҳукми ӯро тасдиқ намуданд. Чормағзфурӯши ҷавон мисли ин ки шутур мекушад, бо ҳавсала остин барзада, ба болои сатл нишаст. Ҷамъомадагон ба шакли давра ӯро гирд карда гирифтанд. Яке санги тарозу, дигаре хӯлаи хишт, савумӣ ҳам калтак дар даст дошт, хуллас, ҳама мусаллаҳ буданд.

Сӯзамоли чормағзфурӯш ба таҳи сатл даст бурд – одамони давразада чашмҳои худро калон кушода, тавре ки дар чашми ҳар яке аз ғояти қасос ҳисси нафрат ҷӯш мезад, дастҳои худро мушт карда буданд. Сатл шароққос зада чаппа шуд, ҷавони чормағзфурӯш гӯё ки чӯби оташкобиро дошта бошад, яке дасташро афшонда ба пеш кашид. Ӯ бо ҳавли ҷон дод зад:

– Газид!

Жажман аз таҳи сатл баромад, вале ба фирор нарасида, онро калтаки саркаҷ ба замин зер кард. Инро дида, одамон «му-урд!» гӯён овоз бароварданӣ шуданд, ки Жажман лағзида аз таҳи калтак раҳо ёфт. Худро афшонда барқосо ҷуссаашро ба миёни поҳо зад, вале гузашта натавониста ба қафо баргашт ва дар ҳамин лаҳза санге муштвор ба сараш бархӯрд. Жажман ба замин уфтод, аз ҷониби издиҳом шунида шуд: «Мурд!.. Ҳатман ки мурд!..» Аммо ба Жажман балое назада буд, дубора сари по хест, бо дастони хурдаки худ даҳони ҳамёнашро дошта, ҷастухезкунон ба дӯши яке аз нафарҳое, ки дар қатори пеш меистод, ҷаҳида баромад. Дубора ғавғою қиючув ба осмон хест. Жажман бо ҳушёрӣ аз китф ба китф, аз сар ба сари одамон ҷаҳида рафт ва чӣ шуд, ки аз нав ба зери пойи ҷамъшудагон уфтод. Касе вайро сахт бо по кӯфт. Жажман то ду қулоч ба боло парида дубора ба рӯйи замин чалпак шуд, ба маҳзи уфтодан бори дигар асири калтаки саркаҷи ошно шуд. Аз миёни издиҳом овози «Зер кун! Зер кун!» баландтар баромад. Аммо калтаки саркаҷ гӯё ки дар рӯйи ях лиз

мехӯрд, лағзида рафт. Жажман аз зери сари каҷи калтак берун омад, бароманду натавонист қоматашро рост кунад – зоҳиран, аз зарбаи ногаҳонӣ камараш лат хӯрда буд.

Зардуштбобо чашмонашро пӯшида гуфт:

– Аҳуромаздо, ту худ огоҳ ҳастӣ! Худат огоҳ бош!

Аз поёни тим гурсосзаниҳои зориомезу илтиҷокунанда табдил ба дӯғу пӯписа шуд ва пичирросзаниҳои бобою ҳамроҳи он шӯру мағали одамонро зер кард. Зардуштбобо дар дил нохушиеро пай бурд, пеши чашмонаш тира шуд, майнааш ғуввос зад... Аҳримани секалла ба шифти тим часпида, аз чашмонаш абри сард пуф карда, худро ба болои Аҳуромаздо афканд. Аҳуромаздо сари по наистода ба паҳлу сарнагун шуд. Аз ҷойи уфтодааш ба андоми Аҳриман, ки даҳонашро ба монанди ғор боз карда буд, оташ дамид. Аҳриман барҷасту ба сақф часпид. Зарфи муддате, ки Аҳуромаздо мехост қоматашро рост кунад, аз даҳони Аҳриман, дар миёни абрҳои дамида як, ду ва чандин Жажман ҷаҳидаю хеззанон берун омаданд. Аҳуромаздо ба ҷониби онҳо низ оташ пуф кард. Жажманҳо насӯхтанд, дар ҳоле ки Аҳуромаздо то он дам ҷонварҳои тобовар ба оташро надида буд, боз ҳам бо фишор оташ дамид – Жажманҳо аз алангаи оташ гӯё ҳаловат мебурданд, арғуштравон ҳатто ба дӯшу сари Аҳуромаздо баромада мефуромаданд ва беохир садоҳои аҷибе дармедоданд. Аҳримани секаллаи ба сақф часпида дунёро ба сар бардошта «ҳи-ҳи-ҳи»-гӯён ханда мекард...

Зардуштбобо аз ҷояш наҷунбида, чашмонашро бештар пӯшида гуфт:

– Огоҳ бош, огоҳ, Аҳуромаздо! Аҳриман нобуд нашудааст, Аҳуромаздо!.. Эй аҳли хубу пероя, огоҳ бошед, огоҳ!.. Аҳуро...

Бобо номи Худои некиро ҳанӯз пурра нагуфта, гӯё ки харсанги осмонбӯсе ба замин афтида бошад, чизе гумбурросзанон овоз баровард. Ҳамзамон аз байни издиҳом фарёди ғамангезе чун найза ба гӯшҳо халид. Аз пайи он «Гурехт!.. Фирор кард!..» гӯён, шавкун баланд шуд. Бо ин талотӯб тахминан даҳ нафар болои ҳам худро ба замин андохтанд. Бо вуҷуди ин, Жажмани нимаҷон намехост таслим шавад: дар зери пойи одамони девҳайкалу ғӯл ба замин часпида пачақ мешуд, ба маҳзи нафас рост кардани одамон қаддашро рост мекард, ба фирор тараддуд медид, вале боз ҳам дар зери пойи издиҳом мемонд...

Касоне, ки нафасгир шуда, аз ниҳояти хастагӣ аз такопӯйи издиҳом ҷудо гардида, ба қафо бармегаштанд, ҷойи онҳоро нафарҳои дигар пур мекарданд – дар ин миён Жажман бераҳмона калтаккорӣ ва мушткӯбӣ мешуд, ҳар гоҳ ба худ меомад, гӯё зарби калтакро ҳис намекунад, дубора чашмонашро ба чор сӯ медавонд, ба назар менамуд, ки барои ба даст гирифтан дунболи чизе аст... Одамон бошанд, аз ҳол рафтани ӯ, сусту заиф гардиданаш ва рост нигаҳ дошта натавонистани қоматашро баръало пай бурда, бештар тазйиқ меоварданд. Ва ниҳоят! Ниҳоят... ҳама зӯроварию доду фарёдҳо ногаҳон қатъ гардид, «ҳою-ҳай-ҳай»-ҳо бас шуда хомӯшӣ ба миён омад, дар дохили тим, гӯё об задаанд, сукунат нишаст... Онҳое, ки дар ҳангоми задану кӯфтани Жажман дар гирду атроф лӯла шуда, уфтода буданд, яке паси дигар ба по хестанд ва... Сӯзамоли

чормағзфурӯш аз думи кӯтоҳи Жажман гирифта, ҷуссаи нимаҷони онро ба сар бардошт. Касе аз байни издиҳом гуфт:

– Ҳӯ-ӯ, гӯрсӯхтаи нобакор!

Нафари дигаре бо хурсандӣ илова кард:

– Мурданаш рост бошад-е!

– Ё тавба, як қатра хун нарехтааст аз танаш...

– Худо иштибоҳӣ ин бачағарро офаридааст, хуни ҷонварӣ ҳайф!

Дар байни издиҳом мавҷи ханда баланд шуд. Аламзадаҳо аз дасти муфтхӯр наҷот ёфтани худро фаҳмида ҳамдигарро ба оғӯш мекашиданд, мебӯсиданд, гиря мекарданд... Имрӯз офтоб гӯё аз дохили тим ба фалак боло мерафт...

Ҷавони чормағзфурӯш ҷифаи махлуқро рӯйи даст бардошта истода, дубора ба ҳамтимони худ рӯ овард ва гуфт:

– Умри ин ҷонвари наҳс ба поён расид, бародарон!

Аз ҳамёни Жажман боқимондаи мавизу писта ба замин рехт. Одамон инро дида баланд хандиданд, вале дар ҳамин вақт... Жажман ба забон омад:

– Ло… кила!.. Локил…ла!..

Сӯзамоли чормағзфурӯш яке хӯсида, аз тарс ҷисми беҷони Жажманро ба дур ҳаво дод ва ҷаҳида худро ба ақиб гирифт. Издиҳоми ҳангу мангшуда дар ҷойи худ сахт шуд. Дохили тим то ҷое хомӯшу сокит гардид, ки ҳатто як даҳон сухани дар ҳоли эҳтизор гуфтаи Жажман дар фазои тим шунида мешуд. Гӯё ки садои ҷонгире аз осмон ба гӯшу ҳуши одамон менишаст, ҳама ба талвоса уфтоданд.

– Зардуштбобо...

– Зардушт...

– Бобо...

– Зардуштбобо!!! – аз ҷониби издиҳом баланд шуд овози илтиҷоомез ва одамон ба монанди тарма аз ҷо беҷо шуда, ба ҷониби бобо лағжиданд.

Ин дам гӯшҳои Зардуштбобо билкул гирифта, чизеро намешунид, чашмонаш одамони умедвори дар рӯ ба рӯяш истодаро намедиданд, сари худро мисли ғоз ба пеш ёзонида, ба самти поёни тим дида медӯхт. Дар ҳамин лаҳза... дар ҳамин дам... аз қисми болоии девори охири тим кулӯххҳои хурду калон канда шуда ба поён рехтанд, дохили тим пур аз гарду хок шуд... Касоне, ки дар назди девор меистоданд, базӯр худро ба канор гирифтанд, одамон ба мисли рамаи аз гург рамида ба як гӯша ҷамъ шуданд, нигоҳи ҳама ало-ало ба қисми поёнии тим равона шуда буд... Дар пеши назари ҳамин чашму ҳамин нигоҳҳо гарду ғубор поин нишаст... нишаст кард ва дар қисми болоии девор ба мисли даҳонаи ғор мӯрии сиёҳе ба чашм хӯрд... Одамон намедонистанд, ки чӣ гуна ҳодиса рух медиҳад, аз ниҳояти ҳайратзадагӣ дар ҷойи худ шах шуда монданд, ҳеч ҷонзоте ёрои ҳаракат надошт... Дар ҳамин вақт аз мӯрии сиёҳ як ҷуфт мушти бадвоҳима намудор шуд... ҷуфти мушт ба дохил овезон гардид ва аз он дақиқан ба монанди Жажман, ки ба сахтӣ, бо ҳазору як азоб кушта шуда буд, Жажмани дигаре ҷаҳида ба поин фуромад, фақат ин яке нисбат ба қаблӣ ҷуссадортар – қаддаш ду ваҷаб буд...



**АБДУСАИД КӮЧИМОВ**
**(1951)**

*Абдусаид Кӯчимов 15-уми майи соли 1951 дар ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд ба дунё меояд. Ӯ соли 1967 мактаби миёнаи рақами 37-ро хатм мекунад. Солҳои 1968 – 1972 дар факултаи забон ва адабиёти ӯзбеки Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Низомии шаҳри Тошканд маълумоти олиро фаро мегирад.*

*Фаъолияти кории Абдусаид Кӯчимов аз соли 1972 бо мусаҳҳеҳӣ дар нашриёти «Ӯқитувчи» (Муаллим) оғоз меёбад. Пас аз шаш моҳ ба таҳририяти рӯзномаи ҷумҳуриявии бачагона – «Ленин учқуни» (Шарораи Ленин) мегузарад ва то соли 1984 ба унвони корманди адабӣ, мудири шуъба ва котиби масъул кор мекунад. Сипас фаъолияти пурсамари худро дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» (Ситораи шарқ: котиби масъул, 1984 – 1987), рӯзномаи «Ленин учқуни» (сармуҳаррир, 1987 – 1991), Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон (муовини раёсат, 1991 – 1992), Бахши фарҳанг, иттилоот ва ҷаҳонгардии Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон (мудири бахш, 1992), Ширкати телевизион ва радиои Ӯзбекистон (муовини раис, 1992 – 1996), Маркази иттилоотии Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон (раҳбар, 1996 – 1997), Ширкати телевизион ва радиои Ӯзбекистон (раис, 1997 – 2005) давом медиҳад. Аз он пас Абдусаид Кӯчимов як сол ба ҳайси муовини раиси Ширкати телевизион ва радиои ҷумҳурӣ ва мудири шабакаи телерадиои «Тошкент» ифои вазифа мекунад ва аз соли 2006 ба вазифаи сармуҳарририи рӯзномаи*

*«Хабар» мегузарад. Соли 2017 ҳамчун мудири омили Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон таъйин мегардад.*

*Абдусаид Кӯчимов узви Иттиҳоди нависандагон ва журналистони Ӯзбекистон аст ва ба унвони адиб нахустин китоби худро бо номи «Бачагони кошиф» (1978) ба чоп расондааст. Баъдан, дар канори вазифаҳои пурмасъулият ва корҳои ҷамоавию сиёсӣ чандин маҷмуаи публитсистӣ ва назму насрии ӯ дастраси хонандагон мегардад, аз ҷумла: «Ӯзбекистони ман» (1979), «Уқоби сахтҷон» (1981), «Ситораи ман» (1984), «Ғӯза» (1985), «Ҳалқа» (1987), «Ду баҳор» (1990), «Ниҳолҳои умед» (1992), «Қиёфа» (1996), «Ёсуман» (2000), «Кӯҳҳои баланд» (2002), «Гавҳари чашми манӣ» (2006), «Боғҳои муҳаббат» (2008), «Рӯдҳои оббахши мардум» (2009), «Сафар» (2010), «Баргузида» (2011).*

*Ниҳоят, соли 2017 гулчини қисса ва ҳикояҳои Абдусаид Кӯчимов дар китоби «Бунафша» ба табъ мерасад. Ҷойи зикр аст, ки дар заминаи қиссаи «Кӯҳҳои баланд» филми чаҳорсериягӣ ва бар асоси ҳикояи «Бойчечак» филми яксериягӣ ба навор гирифта шудааст. Китобҳои «Ҳалқа» ва «Ҳукми зиндагӣ»-и ӯ дар кишвари Чин аз чоп баромадааст. Якчанд шеъру ҳикоя ва қиссаҳояшро ба забонҳои русӣ, укроинӣ, молдованӣ, туркӣ ва ғайра тарҷума кардаанд. Худи адиб қиссаи «Саёҳат ба сайёраи сурх»-ро, ки ба қалами нависандаи тотор Ренат Харис мансуб аст, ба ӯзбекӣ баргардондааст.*

*Абдусаид Кӯчимов барои мақолаҳои худ дар мавзӯи ҳифзи муҳити зист бо ҷоизаи ЮНЕСКО, ба шарафи чопи китоби «Ҳалқа» бо Ҷоизаи ба номи Ғафур Ғулом сарфароз шудааст. Адиб барандаи унвони «Журналисти шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», медали «Шуҳрат», нишони «Меҳнат шуҳрати» мебошад. Аз тарафи халқ чанд бор ба намояндагии Шӯрои Олии Ӯзбекистон ва Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузида шудааст.*

## БОЙЧЕЧАК[23]

***(ҳикоя)***

Модару писар ба рӯйи девори оғилхона таппӣ мечаспонданд: писарак бо як сатили кухна аз ҳезумхона хокаи зуғол мекашонд; модар остинҳояшро то оринҷ бар зада, фазлаҳои молро бо хокаи зуғол меомехт ва таппиҳои кулӯлашакл сохта ба девор мезад. Писарак, гӯё ба касе зарда мекард, сатили пачақшударо гоҳ-гоҳ ба замин афканда, бо пошнаи хӯрдашудаи кафши худ онро зада меғелонд. Модар ба ин рафтори бача парвое надошт. Ӯ бошад, ҳангоми авҷи «ҷанг»-и Илонтеппа ба обу арақ ғӯтида зуғол мекашонду аз алам буғзи гулуяшро фурӯ мебурд, фақат гиря намекард...

Аз сари кӯча овози шиноси дупур-дупури асп ба гӯш расид. Писарак хост давида ба он тараф равад, аммо бо як нигоҳи модар сари ҷо суст шуд. Модараш гӯё бо гӯш кӯчаро медид, хаёлангез сарашро каҷ карда, бо қавоқҳои овезон гуфт:

– Нигоҳ кун, касе омад барин!

Писарак ба самти кӯча тохт. Як мард дар рӯ ба рӯйи дарвоза аспи худро ба шохи сафедори миёнхамида мебаст, ба тан чакмани дароз дошт, ӯро шинохта шодон гуфт:

– Оча, тағои Тошам!

Писарак тағои чӯпонашро, ки рӯзгори худро дар миёни кӯҳу дараҳо мегузаронд, хеле нағз медид. Ӯ ҳар бори омадан дар кӯлбораш дастовезҳои аҷоиб дошт. Норинҷаки хушнамои сангин, автомати чӯбин аз ҷумлаи савғотиҳояш буд. Тағо хоҳарзодаи дар атрофаш парвонашударо рӯйи даст баланд бардошта гуфт:

– Оббо, азамат-е! Қӯзибой не, Қучқорбой шуда рафтай-ку!

Дар ҳамин ҳолат чашми Қӯзибой ба бойчечаки заб-зард, ки дар кулоҳи рӯбоҳии тағояш халида меистод, афтиду дигар меҳрабониҳои ӯро нодида гирифт. Дирӯзакак Муродчилим бо бачаҳо дар лою гил ғӯтида, аз адирҳо бойчечак наёфта баргашта буд. Дар ҳоле, ки касе мисли Муродчилим пайдо накарда бенасиб баргаштааст, ӯ – Қӯзии лилипут онро бо худ барад, қоил шудани бачаҳо будагӣ гап!

То ба ҳавлӣ даромадани тағо ду чашми Қӯзибой дар гули раъси кулоҳ буд. Ҳар қадар худдорӣ карда ба он даст намерасонд, дар охир тоқаташ тоқ шуда пурсид:

– Тағо ана вая аз куҷо ёфтед?

Тош кулоҳашро ба даст гирифта тоза фаҳмид, ки чаро хоҳарзода аз лаҳзаи омадани вай чашм аз сараш намекандааст. Гуфт:

---

[23] **Бойчечак** – гули баҳман, наргис

– Э, ба ёдам додӣ, ба ту бойчечак оварда будам, бин чӣ қадар зебост!

Писарак аз хурсандӣ дар худ нагунҷида ба ҷастухез даромад ва нобоварона суол кард:

– Рост? Ба ман?

Тағо бойчечакро бо эҳтиёт аз кулоҳаш гирифта ба дасти ӯ дод.

– Ҳа, албатта! Ин гулака бубин!

*Бойчечака аслаш гул,*
*Гулзор макони булбул,*
*Бой-чечак!*

Қӯзибой ба маҳзи ин ки гулро ба каф гирифт, беист аз пушти по лою гил афшонда ба самти Илонтеппа ҷуфтак рост кард. Ӯ бойчечакро ҳилпирос занонда, шабеҳи той чорхез мезад, шодиомез садо дармедод:

– Ур-ре-э-э!

Тағо аз қафояш овоз баровард:

– Пиёзчаша ба лой ғӯтон, хушк нашавад!

Вақте ки Қӯзибой ба Илонтеппа расид, бологузариҳо «торумор» шуда буданд. Фармондеҳи поингузариҳо Муродчилим фукашро ба боло ёзонда, дар атрофи «асирон»-и дастбаста аз ин сӯй ба он сӯй қадам мезад ва чӣ гуна ҷазо додани онҳоро аз хаёл мегузаронд. Бино ба дастури бозӣ мебоист яке ба парронден, дигаре ба овехтан ва касе ҳам ба ҷилои ватан «маҳкум» мешуд.

Муродчилим бо золимӣ ном бароварда буд ва башарааш ҳам тарсовар менамуд. Ҳамин ки ӯ нагани[24] худро дар ҳаво алвонҷ дода, ба пасу пеш хашмгинона қадам мениҳод, ханҷари овезон аз камар ва пойтобаи тару чиркине, ки аз як гӯшаи мӯза кашол шуда меистод, ба соқи по бархӯрда, шап-шап садо медод.

– Муҳтарам фармондеҳ, душман!

Мурод ҷаҳида сари ҷо давр зад. «Асирон» низ билофосила ба самти поин назар афканданд. Рӯ-рӯйи пушта пасту баландшавон Қӯзибой меомад. Инро дида, хурсандии лаҳзаинаи дар «банд» будагон аз байн рафт: «Аз дасти ин лилипут чӣ ҳам меояд? Агар Отабек мебуд…»

Фармондеҳ ҳарчанд танҳо омадани Қӯзибойро медид, ба нигаҳбон рӯ оварда пурсид:

– Душман чанд нафар аст?

– Як нафар менамояд.

– Рост мегӯйӣ?

– Як нафар, муҳтарам фармондеҳ!

– Зинда дастгир шавад!

Се нафар «ҷанговар»-и «мусаллаҳ» барои муҳосира кардани писарак дасту остин барзаданд. Қӯзибой аз тарс дар худ ларзида бо тамоми овоз гуфт:

– Ман бозӣ намекунам! Ман бойчечак оварда истодаам! Инҷост, бубинед!

---

[24] **Наган** – навъи тапонча

Ӯ бойчечаки дасташро баланд бардошт. Баргҳои заб-зарди гул дар зери партави хуршед ба мисли зар ҷило доданд.

– Аз куҷо ёфтӣ?

– Э, қоил ба ту!

Баргҳои тиллоиранги бойчечак, ки аз нури офтоб медурахшид, ба ғайр аз Муродчилим кинаю хирагии ҳамаро аз миён бардошт. Гарчанд бо дидани гули баҳорӣ як дам нафаси чилим ҳам ба дарун уфтод, аммо писараки паканаро, ки лаҳзаҳои лаззатбахши баъд аз «ҷанг»-ро аз ӯ рабуда буд, дар дил дашном дод. Ӯ пас аз ҳама бойчечакро ба даст гирифта пурсид:

– Зӯр-ку, мабодо коғаз набошад? Ба мавқеъ омадӣ, пакана. Ин акнун моли мо мешавад!

Чашмони саққомонанди Мурод айёрона бозӣ мекарданд. Бологузариҳо шавқун бардоштанд:

– Чаро моли ту мешудаст?

«Фармондеҳ» кам наомад:

– Шуморо магар дар бозӣ набурдем? Бурдем! Аз ин рӯ, ҳама молу мулкатон ҳам бояд аз они мо шавад!

Ба ақли сарвари худ қоил омада, шариконаш ба тасдиқи сухани ӯ овоз бароварданд:

– Рост, дуруст!

Аммо Рӯзибой (чун Отабек имрӯз наомада буд, ӯ ба гурӯҳашон раҳбарӣ мекард) эрод гирифта гуфт:

– Дар қоидаи бозӣ бойчечак нест! Агар надиҳӣ, Отабека ҷеғ мезанем!

Ҳарчанд Отабеку Мурод ҳамсол буданд, Мурод аз ӯ мерамид.

– То се мешуморам, агар додӣ чӣ хуб, набошад... Як, ду, дую ним, чоряк кам се...

Мурод сари ҷо ларзид. Бо ин ҳол, намехост сир бой диҳад. Ӯ гардани нозуки худро ба мисли урдак ёзонида изҳор кард:

– Аз Отабек-потабекат наметарсам! Ғирром!

– Эҳ-ҳаа, акнун мо ғирром шудем?! – аз ин туҳмат ба ғазаб омада фарёд зад Рӯзибой. Сипас ба бачаи дар паҳлуяш буда амр дод: – Асад, дав, Отабека гуфта биё!

Эҳтимол дошт ғавғои калон бархезад. Инро Мурод ҳис карда, дарҳол аз китфи Асад, ки ба давида рафтан омода шуда буд, нигаҳ дошт.

– Шуд, шуд, якравӣ накун. Аз рӯйи қоида моли мо ҳам бошад, бигузор гуфтаи ту шавад. Фақат бо як шарт: аз ин пас бойчечак аз они ҳамаамон аст.

Маъмулан, бачаҳои ду гузар бо хондани «Бойчечак» ҳамдигарро меозмуданд. Онҳое, ки аввалин шуда суруди «Бойчечак»-ро мегуфтанд, дар худ болида, ба аҳли гузарҳои дуртар навбат намедоданд. Мурод ҳар гоҳ нашунидаҳои худро ёфта месуруд.

Ҳамин ки Рӯзибой «не!» гӯён суханро буриданӣ шуд, Мурод ба ӯ роҳ надод:

– Шитоб накун, эҳтимол Қӯзибой розӣ бошад? Ӯ бачаи боҳуш аст, хуб мефаҳмад, ки ба ҳар чиз набояд гарданшахӣ кард. Қӯзибой, рост мегӯям?

Дар ин лаҳза ҳама писараки дар канор мондаро ба ёд оварданд. «Аз кор безор, ба хӯрдан тайёр» гуфтагӣ барин, Қӯзибой аз пайдо шудани соҳибони зиёд ба бойчечак дилтанг шуда меистод. Ба ӯ «Қӯзибой» гуфта бо лабханд рӯ овардани саркардаи шинохтае мисли Мурод хеле хуш омад.

– Чӣ шудааст, агар бо ҳам «бойчечак» гӯем?! Бисёр бошем, сагҳо ҳам аз мо мегурезанд, ё не?

Қӯзибойи малул дудила шуд.

Рӯзибой бо зарда гуфт:

– Ба гапи вай розӣ мешавӣ? Дониста мон, агар ҳозир бойчечака нагирӣ, дигар бо ту бозӣ намекунем!

Мурод кам наомад:

– Бозӣ накунад, садқаи сар! Мо ҳастем, бо мо бозӣ мекунӣ. Ҳӯй, ту ба писарак дӯғу пӯписа накун, адабатро дода мемонам!

– Ҳоло ҳамин хел? – на ба Мурод, балки ба писарак рӯ оварда бо алам дод зад Рӯзибой. – Хоин! Бачаҳо, рафтем!

Бологузариҳо бо чеҳраҳои туршу гирифта ба Қӯзибой нигоҳкунон ба самти поин ба роҳ уфтоданд. Писарак гаранг шуд, хост ӯ низ аз дунболи онҳо равад, Мурод роҳ надод.

Қӯзибой лаб ба сухан кушоданӣ шуд, аммо, мисли ин ки дар гулуяш гӯшт дармонда бошад, чанд бор бинӣ боло кашида аз паси ошноёнаш нигоҳ карда монд. Ҳамин ки бологузариҳо аз назар ғоиб шуданд, Мурод эълон кард:

– Қӯзибой соҳиби бойчечак аст, ӯ нисбат ба дигарон се ҳисса бештар ҳақ мегирад!

Бо шунидани ин сухани одилонаи «фармондеҳ» чеҳраи писарак боз шуд.

...Ҳанӯз вақти шом надаромада дар кӯчаҳои деҳа овози баланди бачаҳо танин андохт:

*Дар фасли баҳор омад, бишкуфта ба ноз омад,*
*Дар роҳ арӯси мо, ороставу соз омад,*
*Бой-чечак, бо-ой-че-чак!*

Гӯё ин овоз ба саҳроҳои ҳанӯз гармнашуда, ба дарахтони тоза муғчабаста, ба ситораҳои дурахшони осмони тираранг бархӯрда акси садо медод.

Бино ба ревҷаи пешакӣ, гуфтани «Бойчечак» аз манзили Фотимаи фолбин оғоз ёфт. Ӯ дар як ҳавлии канори деҳа танҳо зиндагӣ мекард. Се писари момо дар ҷанг ҳалок шудаанд, доғи фарзанд ӯро сахт руҳафтода карда буд. Дар деҳа перомуни Фотимамомо ҳар гуна миш-мишҳо даҳон ба даҳон мегашт: фолбин шабҳо бо фариштаю малоикаҳо ҳангома мекардааст; дар лаби ҳавз бо ҷинҳо нишаста, нақора навохта базм меоростааст; агар ҳар кӣ ба ғаши ӯ расад, лабаш кач, пояш шал мешудааст...

Девори похсагини атрофи ҳавлӣ бо мурури замон фурӯ нишаста, ба замин часпида буд, ки бо ин намо шутури хобида ё хирси хумкалла ва боз кадом як махлуқеро ба хотир меовард. Ришта-ришта шохакҳои дарози

шутурхор, ки аз лабаи ба пеш баромадаи бом овезон буданд, бо вазидани бод ба монанди риши мӯйсафед Ибни Хаттоб алвонҷ мехӯрд, танаи тобхӯрдаи санҷид бошад, ба мисли аждаҳое, ки як танаю ҳазорто сар дорад, ба дилҳо ваҳм меандохт.

Баробари наздик шудан ба дарвоза Мурод амр кард:

– Касоне, ки калтак доранд, ба пеш гузаранд! Агар саг барояд, ҳеч кас фирор накунад! – ва бо тамоми овоз ба сурудан пардохт:

*Аз Луччакон омадем луччаки пучак,*
*Метиетон-мӣ не-мӣ як пули пучак.*
*Бо-ой-че-чак!*

Дари хонаи ниматорик ғиҷиррос зада кушода шуд ва аз он сару сурати фолбин намудор шуд. Ӯ аз болои мӯйи сабадмонанди худ рӯмолеро баста буд. Момо бо домани ҷомаи дарози худ рӯ-рӯйи заминро рӯфта, асояшро тиқ-тиққунон меомад, ки бо ин симояш албастиҳоро ба хотир меовард. Агар ӯ овоз бароварда: «Ба ҷонатон садқа, оё баҳор омад?» намегуфт, бешубҳа баъзе аз бачаҳо баробари диданаш роҳи гурезро пеш мегирифтанд.

Мурод овози пиразанро шунида бойчечакро ба сӯяш дароз кард ва гуфт:

– Оре, ин аст, ки мебинед!

– Ман қурбони сафири баҳор шавам, акнун ба рафъи дарди камар умед бандем мешавад, – фолбин суханашро қатъ накарда бойчечакро ба чашмонаш молид, бо эҳтиёт аз баргакҳои он бӯса бардошт. Сипас аз миёни қатҳои рӯмоли чун дегаш кофта-кофта чизеро пайдо карду ба Мурод дод ва афзуд: – Ин ҳам шодиёна!..

Вақте ки ба кӯча баромаданд, Мурод пули додаи фолбинро дар шуои фонус шумурда норизо гуфт:

– Бо он ҳама ҷустани деги сараш фақат сӣ тинак ёфта дод-а!

Аз миёни бачаҳо Баҳрулло, ки бо вазнинию пурдонии худ лақаби «профессор»-ро гирифта буд, гуфт:

– Ба ҳамин ҳам шукр гӯй, гап дар сари пул нест! Бубин, момои бечора бо дидани бойчечак чӣ қадар хурсанд шуда рафт! Ҳатто гиря кард-е!

Мурод даст афшонда афзуд:

– Гап мебофӣ-а, боф!

Ҳамин лаҳза Қӯзибой ба хотири тасдиқи сухани Баҳрулло гуфт:

– Гиря кард! Ман дар пешаш будам, бо чашми худ дидам!

– Ваҳ, аҷаб уқобчашме ҳастӣ! Дар торикӣ одам одама базӯр мешиносаду ин кас ашки чашмони кампира дидаанд! – бо мазоҳ гап зад Мурод ва дар идомаи суханаш бо оҳанги муросо гуфт: – Хуб, шояд ҳам ашк рехта бошад, ҳамеша гиряи касоне, ки он дунёяшон аз ин дунё наздиктар аст, дар остин мешавад. Тез қадам занед, қафо намонед. Нашавад, ки саге «ҳап» гӯён аз доманатон гирад...

Бачаҳо ба ҳавлии дигар наздик омаданд. Мурод ҳангоми дохил шудан аз дарвоза хитоб кард:

– Дар ҳамин ҷо аз таҳи дил мехонед, Шодмонамак писар надорад, бояд дилашро об кунем!

Ӯ дар остонаи даромадгоҳ ба сурудан пардохт:

*Моҳи тобон ҷилва дорад пушти бом,*
*Неъмати бобо фаровон-ас(т) мудом!*
*Бой-че-чак!*

Болотар аз сафедорҳои пушти бом моҳи пурра возеҳ дида мешуд, ки рӯйи ҳавлиро чун шир равшан мекард. Ҳар ҷо-ҳар ҷо кӯлмакҳои об боқӣ монда, бар рӯйи суфа доғҳои сиёҳтоб ба назар мерасид, поинтар аз он ба болои гилеми қоқма сабади калонеро чаппа гузошта буданд, хуллас, ҳар чизе, ки дар ин ҷо буд, чун рӯз ба чашм мехӯрд. Бачаҳо бо сурудани «Бойчечак» то назди гилем омаданд, аммо касе аз хона набаромад. Яке аз онҳо бо бесабрӣ ба зери сабад сар андохта гуфт:

– Эҳтимол дар зери ин ҷурғот ё қаймоқ бошад, агар касе набарояд, буду бисоташро гирифта меравем.

Гӯё мунтазири ҳамин сухан меистод, аз самти тирезаи қафо шуълаи фурӯзоне намудор шуд ва Шодмонамак ҷомаи кушоду алои худро ба китф андохта, сулфакунон берун омад ва садо баланд кард:

– Ҳӯй! Чаро чиррос мезанед, гӯшу майнаро хӯрдед-ку! Э, ҳамон...

Азбаски ин дӯғу пӯписаро интизор набуданд, бачаҳо аз тарс ба самти кӯча рӯ ба гурез ниҳоданд, аммо Шодмонамак дар назди дарвоза аз пешашон гирифта пӯписа кард:

– Ба ягон гӯр намеравед! Ҳамаатонро ба Мӯйноқ мехӯронам. Мӯйноқ, ҳо Мӯйноқ!

Бачаҳо ба зери девор ҷамъ шуданд. Яке дар миёнашон фиқ-фиқ ба гиря даромад.

– Кӣ дод мегӯяд?

Ҳама ба даҳон об гирифта меистоданд.

– Манам гӯйӣ, намешавад?! – ногоҳ Мурод Қӯзибойро ба пеш кашид.

Қӯзибой дам дар дарун монд.

– Эҳа, ин туӣ? Ку, як бори дигар гиря кун! Не, шеър хон! Ягон сурудро медонӣ?

Писарак базӯр ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Агар зӯрашро гӯйӣ, ана ҳамин аз они ту, – Шодмонамак аз ҷайбаш як чангол пули ғиҷимшударо баровард. – Гӯй, вагарна мехӯрам, вов-вов!

Беихтиёр аз даҳони писарак суханҳои Мурод, ки то ҳол гӯшкунон дар хотираш гирифта буд, баромад:

*Бихонем «Бойчечак» ба даргоҳатон,*
*Худо диҳад писар ба гаҳворатон...*
*Бой-че-чак...*

Шодмонамак овози ларзони писаракро шунида сусту малул шуд. Қоматашро ба сӯйи ӯ хам кард, бо кафи чун каланд паҳни худ сару сураташро молида монд. Аз бӯйи нохуши шароб сари Қӯзибой чарх зад.

– Писарам, боз як бори дигар хон...

Қӯзибой мисраъҳои гуфтаашро аз нав такрор кард. Шодмонамак сари хуммонанди худро ба сари дили Қӯзибой расонда, бо овози андӯҳгин гуфт:

– Илоҳӣ, гуфтаат шавад, писарҷон...

Ин марди табиатан камгап ва нармдил вақте ки шароб мехӯрд, феълаш дигар шуда, тағйири рафтор мекард, бадҷаҳл мешуд. Аз ин рӯ, агар мегуфтанд, ки Шодмонака дар кӯю кӯча ба бачаҳо қанду қурс дода гаштааст, бовари кас намеомад.

Анвори моҳ аз миёни шохаҳои сафедор гузашта ларзидани китфони амак, ҷомаи алои ӯро, ки лағжида ба замин уфтода буд, равшан нишон медод. Аз ин тасодуфи ғароиб даҳони бачаҳо боз монд. Амак пас аз чанд лаҳза сарашро бардошта амр кард:

– Акнун равед!

Қӯзибой пулҳои додаи Шодмонамакро муҳкам дар даст гирифта, ба сӯйи дарвоза тохт, дигарон ҳам бо ҳаёҳу ба самти кӯча давиданд. Дар равшании фонус ҳиммати амакро шумурданд: дувоздаҳ сӯм! Ин аз ҳама пули то ин дам ҷамъомада бештар буд.

– Акнун то саҳар хоб нест!

– Дар сол як шаб нахобем, намемирем!

Олиҳимматии Шодмонамак бачаҳоро руҳбаланд сохт, пайи ҳам ба ҳавлиҳо даромада мебаромаданд. Дар ҳар як манзил онҳоро бо хушҳолӣ истиқбол мекарданд, пиразану мӯйсафедон муждаи баҳор – бойчечакро ба рӯйи дидагон молида, қатъи назар аз рӯзгори сахти баъдиҷангӣ, ба бачагон қанду қурс, мавиз, чормағз, пул медоданд. Пулро худи Мурод ҷамъ мекард, ҳадяҳои дигарро бошад, писараки рӯйпаҳне ба исми Ортиқ дар халта андохта, пуштора карда мегашт. Агар ҳодисаи хонаи Исмати ланг рух намедод, бачаҳо то дергоҳ пароканда намешуданд...

Ҳамин ки ба ҳавлии боҳашамати Исмати ланг қадам ниҳоданд, ба димоғ бӯйи таппӣ зад. Сатҳи девори оғилхона, ки то канори дарвоза омада мерасид, як каф ҷойи холӣ надошт, саросар бо таппӣ нақшинкорӣ шуда буд. Дар охири оғилхона хараробае ба наҳви лайлакӣ ва шотуи он ба берун баромада меистод. Хари соҳибхонаро ба сутуни паҳлуи ароба баста буданд, он пасмондаҳои шутурхорро мушхӯр мекард.

*Бойчечакам бирён аст-е, бирён аст,*
*Дегам пури айрон аст-е, айрон аст!*
*Бой...*

Баногоҳ, ҳамаро ҳар чӣ дар даҳон буд, дар даҳон, дар гулу буд, дар гулу дармонд. Гӯё таҳи осмон сӯрох шуду аз болои бом ба сарашон шуррӣ борон рехт. Дасту пойи бачаҳо ларзида рафт, сарулибосашон шип-шилта тар шуд.

Сипас канда-канда садои уллоси саг ба гӯш расид. Бачаҳо ба изтироб омада, бо тарсу ҳарос худро ба ҳар сӯй заданд. Қӯзибой аз ҳавли ҷон ба домани Мурод часпид. Мурод муште ба дасти ӯ кӯфта доманашро раҳо кард ва «ҳама ба саройи кухна!» гӯён дод заду аз бачаҳо пеш худаш дар қаъри шаб нопадид шуд. Хайрият, саг аз дунболи бачаҳои ба ҳамон тараф фироркарда рафт, дар акси ҳол...

Пас аз чанд муддат бачаҳо дар саройи кухна гирди ҳам омаданд. Касе хасу хошоки хушк ёфта оварду гулхан даргиронд. Мурод рӯзнома паҳн карда дар канори он дузону нишаст ва дар равшании гулхан пулҳоро шумурд.

– Ҳаждаҳ сӯм.

– Не-е, танҳо пули Шодмонамак дувоздаҳ сӯм буд!

– Бобокалони Алишер панҷ, Гулсарамомо се сӯм...

Мурод сухани бачаҳоро бурида дод зад:

– Ҳамааш ҳамин! Шояд ҳангоми гурехтан аз дасти сагҳо дар роҳ афтонида бошам...

Бачаҳо ба «фармондеҳ» бо гумон дида андӯхтанд. Ӯ барои тасдиқи сухани худ остари кисаҳояшро чаппа карда нишон дод ва гуфт:

– Бовар намекунед? Бубинед, дигар чизе нест!

– Ҳеч гап не, ҳар чӣ ҳаст тақсим кун!

– Аз одам гумонбар шудан хуб не. Ман ҳаққи одами пура намехӯрам, – Мурод бо ангушт бачаҳоро шумурда ба суханаш афзуд: – Дувоздаҳ кас будаем.

– Сенздаҳ кас!

– Дувоздаҳ!

– Қӯзибойро надидӣ?

– Ӯ ҳисоб нест.

Бо ин сухан Қӯзибой аз дандонзанӣ бозистод, ларзаи баданаш ҳам аз байн рафт. Бачаҳо ҳама бо нигоҳҳои шигифтангез ба «фармондеҳ» рӯ оварданд.

– Кӣ аз сари мо об рехт? Рафиқони ҳамин! Бо ҷӯраҳояш забон як кардааст, моро ях занонданӣ буд, ин лилипут!

Ҳамоно Баҳрулло бо ҷонибдорӣ аз писарак гуфт:

– Э, мон-е, аз пешин инҷониб дар канори мост! Кам ҳам бошад, бояд ҳаққашро диҳем. Инсоф ҳам лозим...

Мурод ба Баҳрулло ситеза кард:

– Меҳрубониро ба аммаат мекунӣ! Агар дилат месӯзад, пули худата дода мон!

Қӯзибой бо хӯрӣ ба сухан омад:

– Чаро ин хел, бойчечак аз они ман аст! Магар худат нагуфтӣ бароят се ҳисса медиҳам?

Мурод бойчечакро, ки дар як гӯшаи рӯзномаи паҳн мехобид, гирифта чаҳломез ба сӯйи Қӯзибой партофт ва бо зарда гуфт:

– Аз они ман будаст, гир, пухта хӯр!

Бойчечак он сӯтар ба кӯлмаки об афтид. Дар пеши назар гул бо баргакҳои зарринаш ба мисли офтоби тирамоҳӣ, ки ба қаъри абрҳои сиёҳ медарояд, ба

оҳистагӣ дар лойоба фурӯ мерафт. Қӯзибой мисли ин ки ба акс меуфтод, карахт монда, ду чашм ба бойчечак, ки ғарқ мешуд, дида дӯхта истод. Дилаш мехост баланд гиря кунад, дод гуфта по занад, аммо кадом як ҳиссиёте аллакай ӯро лол карда буд, аламзада наметавонист овоз барорад.

Нигоҳи бачаҳо низ аз бойчечаки ба лойоба афтида канда намешуд. Дар қалби онҳо нисбат ба «фармондеҳ»-ашон ҳисси нафрат ламъа зад, аммо касе ҷуръат намекард сӯзи дилашро ба забон барорад. Танҳо Баҳрулло худро дошта натавонист. Ӯ бедаранг хам шуда, дасташро ба лойоба заду бойчечакро гирифт.

– Ин чӣ беқадрӣ, Мурод? Гул чӣ айб дорад? Ин... ин...

– Э, ин-ин нагӯй! – бо инод дод зад Мурод, дар ҳоле ки омода буд дар сурати боз як даҳон сухани «ноҷо» гуфтани шарикаш аз гиребони ӯ гирад.

Баҳрулло алами худро базӯр дар дарун хӯрд. Баргҳои бойчечакро бо гӯшаи доманаш пок карда, онро ба дасти Қӯзибой дод:

– Гир, додар, ғамгин нашав, пули маро боҳам мебинем.

Меҳрабонии Баҳрулло ниҳоят қуфли дили писаракро кушод, ӯ ашкрезон ба сухан даромад:

– Ба ман... ба ман пул даркор нест! Мехостам ба Усмон диҳам. Очааш... очаи вай бемор аст! – дигар тоқат накарда, бо овоз гиря кард Қӯзибой.

Бо шунидани ин калом ҳам Баҳрулло, ҳам бачаҳои дигар сахт мутаассир шуданд. Ҳатто тамоми вуҷуди Мурод, ки то ин дам мисли хурӯси ҷангӣ мӯйҳояшро сих карда меистод, ба мисли одами барқгирифта ба ларза даромад.

Усмон ҳамсояи девордармиёни Муродино буд. Дар охирҳои ҷанг аз падари ӯ хати сиёҳ меояд ва аз он пас парвариши модари бемор ба дӯши Усмони хурдсол меуфтад. Мурод рӯз дар миён хӯроки пухтаи модарашро ба хонаи онҳо бурда медод. Вазъу аҳволи хонаводаи Усмон аз ҳама бештар ба вай аён буд. Ҳоло бошад... ин ҳама бадкориро дар ҳаққи ҷӯраҳояш раво мебинад, фақат ба хотири ин ки рӯзи дигар барои худ сигор бихарад...

– Мурод, ба ман нигар...

Мурод барқосо ба Баҳрулло рӯ овард. Баҳрулло барои сарзаниш лаб кушоданӣ шуду боз аз фикраш гашт:

– Ба ту фаҳмондани гап ҳам ҳайф... Бачаҳо, Қӯзибой хеле дуруст андешидааст. Биёед, ҳама пулро ба Усмон медиҳем.

– Хуб шудааст!

– Бечора Усмон бениҳоят хурсанд мешавад, – гуфт дигаре ва чуғур-чуғури бачаҳо зиёд шуд.

Мурод сари ҷо калавида монд. Баҳрулло хомӯш истодани ӯро ба навъи худ фаҳмида суол кард:

– Ту барои чӣ ҳеч чиз намегӯйӣ? Ё пул додан намехоҳӣ? Ихтиёрат, зӯрӣ надорем. Ҳаққатро гир-у...

Мурод якбора сарашро бардошт. Мехост сухане гӯяд, аммо забонаш напечид. Беихтиёр ба сӯйи Қӯзибой як қадам ниҳода маҳзунона лаб кушод:

– Ҳамин гап будааст, чаро пештар нагуфтӣ?

Мурод нигоҳе ба самти бачаҳо афканд. Ба нафрати онҳо таваҷҷуҳ накарда, ногоҳ ба замин нишаст ва мӯзаашро кашиду аз миёни пойтобааш чанд коғаз пули ғиҷимшударо гирифта ба рӯйи рӯзнома гузошт. Ҳаракатҳои ӯро дида бачаҳо пайи ҳам ба сухан омаданд:

– Ҷойи русткардаашро бинед-а!

– Боз он кас фармондеҳ будаанд...

– Ман... ман... – Мурод ҷаста аз ҷо хест ва мӯзаю пойтобаашро бардошта худро ба оғӯши торикии шаб зад, дар як он аз назарҳо нопадид шуд.

Яке аз бачаҳо гуфта монд:

– Худкардаро даво нест...

Баҳрулло пулҳоро бо ҳамон ҳол дар рӯзнома печонду ба бағал зер кард.

Бачаҳо ба мисли сафироне, ки барои расондани хабари хуш ба сӯйи ҳамдиёрони худ мешитобанд, бо шавқу шӯр ба тарафи хонаи Усмонино дартоз шуданд. Пешопеш Қӯзибой ҷастухезкунон медавид, аз шодӣ дар куртааш намеғунҷид. Гумон мекард, бойчечаки дасташ ба монанди машъал роҳи ҳамаро равшан месозад, аз ин рӯ, онро баландтар бардошта метохт.



**ЭРКИН УСМОН**
**(1952 – 2016)**

*Эркин Усмон 10-уми феврали соли 1952 дар шаҳри Тошканд дар хонаводаи ҳунарпешагони асил ба дунё омадааст. Чунончи, падаркалонаш Усто Усмон арбоби ҳунар ва падараш Мирсоат Усмонов Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон буданд.*

*Эркин Усмон соли 1978 Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷаи Тошкандро хатм мекунад. Фаъолияти кории ӯ нахуст дар иншооти сохтмонӣ, сипас дар театри ҷавонон ва студияи «Ӯзбектелефилм» сурат мегирад. Бештар аз бист сол вазифаҳои мухталифро дар таҳририяти барномаҳои адабию ҳунарии радиои ҷумҳурӣ анҷом медиҳад.*

*Аввалин маҳсули эҷодии адиб ҳикояи тахайюлии «К.К.» мебошад (1967). Ин асар ҳамон вақт дар озмуни эҷодкорони ҷавон – «Тӯёна» сазовор ба ҷойи дуюм дониста шуда буд. Баъдан ҳикоя ва қиссаҳои нависанда бо номҳои «Гунафша» (1981), «Аз писар савғо омад» (1984), «Ҷаҳон нурбор мешавад» (1987), «Омадем ханда кунем», «Агар дарди дил дорӣ», «Се саҳифа аз китоби болиншакл» (1989), «Ҷаҳони ҳайратзо» (1995), «Дар тарафҳои Қатортол» (2007), «Хиёбони аҷал» (Баргузидаи осор, 2008) ба табъ мерасанд. Ҳамчунин муаллифи як қатор спектаклҳои телевизионӣ ва радио аст, ки бар асоси ҳикояю қиссаҳое, аз қабили «Очаҷонам», «Инсони борбар», «Ҳулливерҳо», «Бахти бону» таҳия шудаанд. Намунаҳоеро аз осори адибони шинохта, мисли Карел Чапек, Грин, Паустовский, Анор аз русию инглисӣ ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Эркин Усмон 4-уми декабри соли 2016 дар шаҳри Тошканд вафот мекунад.*

## ҲОДИСАИ ТОШБОСГАНСОЙ
### *(ҳикоя)*

Ҳар гоҳ ошноям Алиҷонро бубинам, ҳам месӯзам ба ӯ, ҳам месозам.

Бо як дидан сари ҳол менамояд – тану ҷонаш солим, ақлу ҳушаш дар ҷо. Агар содагии аз ҳад зиёд, зудбоварию хаёлпарастии бачагонаашро нуқсон нагӯед, дигар камбуде надорад, ҷавонест бо дили пок.

Ҳанӯз дар синни хурдсолӣ падару модараш аз ҳам ҷудо шудаанд, то ҷое, ки хабар дорам, зиндагии фақиронае ба сар мебурданд. Бо вуҷуди ин, бародари ӯ хонда соҳиби касбу кор шуд, ба по хест. Худи Алиҷон бошад, пас аз мактаб таҳсилашро идома надод. Дарсҳои ронандагиро фаро гирифта, дар мошинпойгоҳ[25] ба кор даромад. Аввалин нафар дар байни мо буд, ки хидмати низомиро адо карда баргашт. Пас аз сарбозӣ дубора шуғли худро давом дод, дар хатсайри камарбандии шаҳр автобус меронд.

Ба ин минвол солҳое чун оби рӯд гузашта рафт...

Рӯзе шунидем, ки мехоҳанд сари ошноямонро ҷуфт кунанд. То ин дам бародари хонадоршудааш аллакай соҳиби чанд фарзанд шуда буд. Модараш аз по уфтода, бемор дар хона мехобид.

Хулласи калом, ҳамсинфони собиқ ҷамъ шуда ба ҷашни арӯсии Алиҷон рафтем. Тӯй хеле хуб гузашт, аммо, ғайриинтизор, паёмади ноҳинҷоре рӯйи кор омад. Фардои он рӯз, ҳанӯз ҳаври арӯсӣ набаромада шунидем, ки Алиҷон аз занаш ҷудо мешудааст. Ҳама дар ҳайрат мондем.

Аз рӯйи овозаҳо, духтари ба никоҳи худ даровардаи Алиҷон ҳамон шаби аввал гуфтааст: «Маро бо зӯрӣ ба шумо доданд. Ман бо ҷавоне гашта будам, ӯро дӯст медорам». Дигар, худатон тасаввур кунед, ки Алиҷони мо дар он шаб чӣ ҳоле дошт! Адои тамом шуд, бечора. Эҳ, кош ин гуна ҳодиса ба сари касе наояд, сахт дилхарош будааст.

Ҳамон рӯзҳо Алиҷонро дар гузарамон дидаму, ба ростӣ, нашинохтам. Лоғару низор, бо ришу мӯйсари расида ба чашм хӯрд, ба таъбири мардум, ду гӯшу як биниаш монда буду бас. Ӯ дилу бедил ба ман салом дод. Инро ҳис карда, барои руҳбаландиаш гуфтам:

– Зиқ нашав, ҷӯра, ту ҳеч айбе надорӣ!

Маъюсона сар такон дода гуфт:

– Не, хатое аз ман нагузаштааст, аммо аз дасти сустиву содагиам ба сарам хӯрдам. Худам надониста ба таърифҳои зани бародарам, ки гуфта буд «аз хешовандони дурамон аст, ту «хуб» гӯйӣ бас», зуд бовар кардам. Бо он духтар вохӯрӣ накардам, аз наздаш ҳам нагузаштам. Акнун фаҳмидам, ки хонагиҳояш ҷавони дӯстоштаи ӯро намехостаанд. Дар ин миён шармандагии ман монд, сирф тамошокаду шудам...

---

[25] **Мошинпойгоҳ** – муассиса ё ширкати нигаҳдорӣ ва истифодабарии мошинҳо (*ба русӣ:* автобаза, автоколонна)

Ин мулоқоту суҳбати кӯтоҳамон боис шуд магар, аз он пас тез-тез бо ҳам вомехӯрдем. Ба назарам, ҳар гоҳ ӯ ба манзили мо омада, ба ман дарди дил мегуфт, худро сабук ҳис мекард ва аз бори дарду ғам озод мешуд.

Ман дар мактаб кор мекунам. Аз забону адабиёт дарс медиҳам. Аҳёнан бо омӯзгорони ҷавони ҳамсинну соли худам ба чойхонае, ки дар наздикии роҳи камарбандӣ воқеъ аст, баромада шикам сер мекунем. Боре Алиҷонро низ, ба ҷону ҳолаш намонда, дар ҳалқаи дӯстон ба наҳорхӯрӣ бурдам. Хеле хуб нишастем, вале дар поёни зиёфат Алиҷони ширакайф то расидан ба хона майнаамро хӯрд.

«Бо ҳар қимате бошад, аз шаҳр меравам! Ба маконҳои дур – ба кӯҳ, ба дашт, ба соҳили ягон рӯд... Дар он ҷоҳо ба шикор мебароям, моҳигирӣ мекунам, бо деҳқонӣ машғул мешавам. Чӣ, то кай дар хона ба қавоқҳои овезони бародараму занаш нигоҳ карда мешинам? Дар ҳамон ҷоҳо ягон духтари маҳаллии деҳотиро ба занӣ мегирам. Рӯзгору зиндагиамро ба роҳ монда, очаамро ҳам бо худам мебарам. Он вақт ҳам бародарам, ҳам зани ӯ аз дасти ман роҳат мешаванд!»...

Аз он пас, хеле вақт ҳамдигарро надидем.

Маро ба пойтахт барои такмили ихтисос фиристоданд. Як моҳ дар шаҳр мондам.

Шояд бовар накунед, Алиҷони бало маро кофта то ҳамон ҷо ҳам рафт. Ба серӣ шаҳрро тамошо кардем. Бо суҳбату ҳангомаҳои тӯлонӣ боз дарёфтам, ки Алиҷон ҳанӯз ҳам аз хаёлпарастиҳои пешинааш фориғ нашудааст.

«... Дар ҳамин рӯзҳои наздик ба ягон деҳаи кӯҳистонӣ мекӯчам. Дар он ҷоҳо низ ба ронанда кор ёфт мешавад, – ба ҷонаш рамақ омада мегуфт ӯ, – як тасаввур кун, ҷӯра! Деҳае дар доманаи кӯҳсор, ҳама ҷо сокиту ором... Як барзагов, дуто гов, панҷ-даҳто бузу гӯсфанд харида бонӣ мекунам. Ту ҳам келину бачаҳоро бо худат гирифта ба истироҳат меойӣ...»

Ин гуна хаёлпарастӣ ва мисли бачаҳо содадилии ошноямро дида ба шигифт меомадам, ба ӯ бештар меҳр мебастам, баъзан ба ӯ ҳавасам меомад. Суҳбати мо дар хобгоҳ то дервақт идома кард.

Ҳамон рӯз ҳамхонаам Бакир – муаллими оҳангаронӣ[26] бо як нафар ҷавони ношинос даромада омад. Бо ҳам нишастем, ошно шудем. Суҳбату ҳангома тафсид. Дубора дастархон густурдем, шишаҳо боз шуданд. Меҳмони мо Зулқарнайн аз деҳаи Ойбулоқи роҳи ағба будааст.

Алиҷон ба маҳзи шунидани сухани «ағба», беихтиёр ба ваҷд омада ба Зулқарнайн часпид. Мижгонҳои баландашро тез-тез ҷунбонда савол дод:

– Аз пурсидан айб нест, ба деҳаи шумоҳо низ хатти барқ кашидаанд? Кӯчаҳояш асфалт аст?

– Албатта, – табассум кард Зулқарнайн, – аз шаҳр намемонад, кӯчаҳоямон софу равон. Мактаб, кӯдакистон, дармонгоҳ, ҳатто, супермаркет дорем.

– И-е, нашуд, – ҳавсалааш пир шуда даст афшонд Алиҷон, – агар ин хел аст, ҳеч аҷобате надоштааст. Деҳа бояд бо ҳусни табиии худ дар миёни кӯҳсор

---

[26] Оҳангаронӣ – аз шаҳри Оҳангарон

ноз кунад... Оби рӯдҳо шилдирросзанон ҷорӣ шавад... Будани барқу чароғу телевизор муҳим нест!

Ба ин сухани ӯ ҳама хандидем. Зулқарнайн хушҳолона изҳор кард:

– Намешавад гуфт ин гуна деҳаҳо нест.

Алиҷон чашмонашро калон кушод.

– Дар куҷо ҳаст? – пурсид ӯ.

Зулқарнайн бо тафаккур ба ҳамнишастон нигоҳ карда афзуд:

– Дар пушти ҳамон кӯҳ. Дар байни дарахо деҳаи хурдаке вуҷуд дорад. Ҳавояш қаймоқӣ, пур аз дарахт, рӯди калоне онро давр зада мегузарад. Одамонаш бузу гӯсфанд мепоянд, кишоварзӣ ҳам мекунанд. Ангуру зардолу зиёд аст. Он чӣ шумо мегӯед, кӯчаҳои асфалтӣ як сӯ, ҳатто роҳи мошингард надорад. Колаи сокинони деҳа фақат аспу хар.

Алиҷон як он ба ман рӯ оварда бо завқ изҳор кард:

– Аҷоиб! Деҳае, ки орзуи дили ман аст!

Зулқарнайн ба суханаш идома дод:

– Оре, ҳамон тавре ки гуфтед, ҳанӯз сими барқ накашидаанд, одамон чароғи шишагин равшан карда менишинанд, сокинонаш ҳам бағоят сода, заҳматкаш, беғуборанд. Духтаронашонро намегӯед?! Ба мисли оҳувони кӯҳӣ, яке аз дигаре зеботар...

Чашмони Алиҷон аз хурсандӣ дурахшиданд, бо хушҳолӣ гуфт:

– Баҳ, баҳ, баҳ! Хоҳишан, суроғаи он деҳаро ба ман диҳед, бародар, ба он ҷо меравам!

Боз хандидем. Ҳамин ки Алиҷон ба берун баромад, ба ҷавони меҳмон дар хусуси зиндагии мураккаби ӯ ва орзуи деринааш, ки доиман аз пайи чунин як манзили хилват ва зиндагию кор кардан дар он ҷо аст, мухтасаран нақл кардам. Зулқарнайн ба суханҳои ман бодиққат гӯш дода менишаст, бо даромадани Алиҷон қиссаашро аз ҷойи мондааш идома дод:

– Худи ман ба он деҳа танҳо як бор рафтаам, вале ҳанӯз ки ҳанӯз дар ёдам, – амиқ нафас бароварда гуфт ӯ. – Бе муболиға, ҷойи афсонавӣ аст! Дар назди он осоишгоҳҳои Суэс[27] шарманда, «филиал»-и биҳишт гӯю мон! Ҳавои поку беолоиш, бехабарӣ аз ҳар гуна сухани бемаза, дар кул, дур будан аз пешрафту фановариҳо ба феълу атвори одамон таъсир мегузоштааст. Содадилии аз ҳад зиёди онҳоро дида ба шигифт омада будам.

Алиҷон тоқат накарда пурсид:

– Он деҳа чӣ ном дорад?

Зулқарнайн ҷавоб дод:

– Тошбосгансой[28].

Алиҷон каме хомӯш монд ва бо оҳанги ҷиддӣ гуфт:

– Шуд, ман меравам ба Тошбосгансой! Дар ҳамон ҷо хона месозам, издивоҷ мекунам, бачаҳоямро ба воя мерасонам. Зардолу кошта, токпарварӣ мекунам, гӯсфанду гов мепоям...

---

[27] **Суэс** – Швейтсария

[28] **Тошбосгансой** – номи маҷозии деҳа ба маънии «рӯд ё ҷӯйборе, ки зери санг мондааст»

Ҳамин, он суҳбат буду ҳар гоҳ Алиҷонро медидам, аз ӯ як каломро мешунидам: «Ҳоло мебинӣ, ман ҳатман ба Тошбосгансой меравам. Зиндагии он ҷо олист. Ту ки нарафтаӣ, намедонӣ. Дар ҳақиқат, «филиал»-и биҳишт аст!» Ӯ бо ҳаяҷон сухан мегуфту аз чашмонаш нури хурсандӣ барқ мезад.

Ман ҳар гоҳ ин қабил суханҳои ӯро мешунидам, тааҷҷуб мекардам. Бо итминон, гӯё ба ҳамон деҳа рафта омада бошад, ҳарф задани ӯ маро ба шигифт меовард...

Хулласи калом, такмили ихтисос хотима ёфту дубора ба кор баргаштам. Алиҷон мошинпойгоҳро гузошта, дар як ширкати сохтмонӣ ронандаи мошини боркаш шуд. Аз он пас ҳамдигарро кам медидем. Як-ду бор ӯро пурсида ба хонаашон рафтам, гоҳе гуфтанд ба вилояе ва гоҳе низ ба кадом як ноҳия рафтанашро хабар доданд.

Билохира, як рӯз мошини боркаши ӯро дар гузар дидаму аз автобус пиёда шудам. Алиҷон барои сигор ба мағоза даромада буд. Бо ҳам вохӯрдем, чанд муддат дар кобини мошинаш нишаста суҳбат кардем. Ман бо шӯхӣ гуфтам:

– Кампайдо шудию гумон кардам ба Тошбосгансой рафтаӣ.

Ӯ маъюсона арз кард:

– Не, ҳеч дастам намерасад. Ҳоли модарам ҳам хуб нест...

Хомӯшӣ ба миён омад. Алиҷон лаҳзае ба як нуқтаи шишаи пеши мошин нигоҳ карда монд. Ман ба таври ҷиддӣ пурсидам:

– То ба ҳол бо ёди Тошбосгансой ҳастӣ? Акнун ин гуна хаёлҳои бемаъниро як сӯ ғундор, ҷӯра! Калон шудӣ, зан гир, фарзанддор шав.

Аммо, ӯ хаёломез суханамро бурида гуфт:

– Аввал ба Тошбосгансой равам, баъд...

Ман каме садо баланд кардам:

– Ту ки ҳеч гоҳ ба он деҳа нарафтаӣ, надидаӣ, рост мегӯям?

Алиҷон бошад, аз шасти худ намегашт, ба ман нигоҳ накарда афзуд:

– Ҳарчанд нарафтааму надидаам, медонам. Тошбосгансой зодгоҳи дувуми ман аст.

...Аз он вохӯриамон вақти зиёде нагузашта буд. Дар яке аз рӯзҳои сарди охири тирамоҳ хабари нохушеро шунида сари ҷо сахт шудам.

Мегӯед, чӣ хабар? Вақте ки рафиқи мо бо мошинаш аз як ноҳияи дурдаст бармегаштааст, баногоҳ ба роҳи калон давида баромадани се-чор бачаро дида саросема мешавад... Ҳамин ки дарк мекунад, бо зер кардани тормоз мошинро нигаҳ дошта наметавонад, билофосила фармонро ба самти канораи роҳ тоб медиҳад. Дар натиҷа, мошин бо борубуна ба ҷар ғелида меравад ва дар ҳамон ҷо Алиҷон ҷон ба Ҷаббор таслим мекунад!

Ба маҳзи шунидани ин ҳодиса, ба сӯйи хонааш давидам. Афсӯс, он хабари наҳс рост баромад. Алиҷон ба ҳалокат дучор шуда буд...

* * *

... Қариб шаш моҳ аз миён гузашт. Дар яке аз рӯзҳои баҳорӣ бо баҳонаи кор ба пойтахт рафтаму, иттифоқан, бо ҳамон рафиқи ҳамхонаам Зулқарнайн вохӯрдам. Ӯ низ маро шинохт. Дар истгоҳи автобус каме домани суҳбат

оростем ва ман дар хусуси марги фоҷиабори Алиҷон нақл кардам. Зулқарнайн хеле дилгир шуд. Ӯ бо таассуф сар такон дода гуфт:

– Афсӯс, мисли бачаҳо ҷавони содаю беғуборе буд! Худо раҳмат кунад. Оила дошт?

– Не. Агар дар ёдат бошад, гуфта будам, никоҳи аввалаш нашуд. Ҳамеша орзу мекард, ба Тошбосгансой раваду хонадор шавад ва фарзанд бинад, – арз кардам ман ва бо мароқ пурсидам: – Ҳамон деҳа ҳанӯз ҳам ҳаст?

Зулқарнайн бо аломати инкор лабҳояшро фишурда изҳор кард:

– Эҳ, дар куҷо?! Он гуна деҳа аз таҳ-похсааш нест, дар ҳаётам надидаам. Он рӯз аз гуфтугӯйи шумо ба илҳом омада барои дилхушии рафиқатон гуфта будам. Охир, баъзан хаёлҳои ширин ҳам ба кас руҳ мебахшад...

Чанд гоҳе ҳар ду хомӯш мондем ва онро дубора Зулқарнайн халалдор кард. Ӯ хаёлангез гуфт:

– Мехоҳам як гапро гӯям, бародар. Ба ту дурӯғу ба Худо рост, худам низ ба мавҷуд будани он деҳа бовар дорам. Бе шӯхӣ, баъзан аз дасти гирумони рӯзгор хаста шуда, ба ҳамон ҷо сар гирифта равам мегӯям...

Мисли ин ки ӯро бори нахуст медидам, ба сӯяш бо ҳайрат нигоҳ карда мондам.

Дар ҳамин лаҳза худро чунин пиндоштам, ки хонаҳои серошёна, кӯчаҳои мумфарши пурсарусадои шаҳр аз назарам ғоиб шудаанд, гӯё ки гӯшҳоям гир карда, овозҳои шаҳри пурҳаёҳу, мошинҳо, ғур-ғури одамон намедароянд ва мо гӯё дар роҳи деҳаи Тошбосгансой қарор дорем...



**ОРЗИҚУЛ ЭРГАШ**
**(1953)**

*Орзиқул Эргаш 14-уми январи соли 1953 дар деҳаи Дархони ноҳияи Оқдарёи вилояти Самарқанд таваллуд меёбад. Пас аз хатми мактаби миёна дар факултаи филологияи ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба тарзи ғоибона таҳсил мегирад (1969–1975).*

*Давраи кӯтоҳмуддати курсҳои ҳисобдориро фаро гирифта (1970–1971), фаъолияти кории худро дар хоҷагии ҷамоавӣ бо пешаи ҳисобдорӣ оғоз мекунад. Аз соли 1977 ба мактаб мегузарад ва аз фанни забону адабиёти ӯзбек дарс медиҳад. Соли 1979 дар Ширкати давлатии радио ва телевизиони Ӯзбекистон ва баъдан дар нашриётҳои «Янги аср авлоди» (Авлоди асри нав), «Адолат», рӯзномаи «Ӯзбекистон адабиёт ва санъати», маҷаллаи «Шарқ юлдузи» (Ситораи Шарқ) вазифаҳои гуногунро ба сомон мерасонад. Аз соли 2016 инҷониб дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон кор мекунад.*

*Нахустин ҳикояи Орзиқул Эргаш соли 1981 бо номи «Пойандоз» дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъати Ӯзбекистон» чоп шудааст. Аввалин қиссааш «Духтарони лаби рӯд» ном дорад, ки соли 1983 тавассути маҷаллаи «Шарқ юлдузи» ба дасти хонандагон расидааст.*

*Китобҳои нависанда иборат аз қиссаю ҳикояҳо бо номҳои «Тӯй» (1983), «Як гӯшаи дунё» (1984), «Дар кӯчаҳои бачагӣ» (1986), «Шоҳсанам» (1988), «Қиссаҳои Дархон» (1990), «Ҳастии ту дар ин дунё» (2008) ва «Ситораҳои дуродур» (2016) чоп шудаанд.*

*Орзиқул Эргаш муаллифи чандин сенарияи филмҳои бадеӣ ва мустанади телевизионӣ мебошад, ба телесериалҳо ва филмҳои таърихии зиёд муҳаррирӣ кардааст. Ӯ ба унвони мутарҷим ҳикояҳои нависандагони қароқалпоқ, рус ва белорусро ба ӯзбекӣ баргардондааст. Аз осори худи ӯ низ ба забонҳои туркӣ, қазоқӣ, тоҷикӣ ва русӣ тарҷума шудаанд.*

*Орзиқул Эргаш соли 1999 ба нишони «Дӯстӣ» сарфароз мегардад.*

## ПОЙАНДОЗ
***(ҳикоя)***
*(Аз силсилаи «Дар кӯчаҳои бачагӣ»)*

...Август ба поён мерасад. Ана-мана нагуфта, дубора мавсими тӯйҳо сар мешавад.

Тӯй аҷоиб рӯйдодест, ба хусус тӯйҳои арӯсӣ... Кадоме аз бародарони ҳамдеҳа хонадор мешавад ё аз хоҳарон ба шавҳар мебароянд, бароямон муҳим нест. Аз кӯчаҳои деҳа садои «ёр-ёр» баланд шуда, гурӯҳ-гурӯҳ навкарони домод гузашта раванд бас, пӯсти баданам биҷиррос мезанад, ба худ ҷойи нишаст намеёбам. Гӯё ки дилам мехоҳад зудтар бузург шавам, худ аз худ орзуҳои ширине маро ба оянда мекашад, хеле аҷиб! (Рости гап, ҳамаи бачаҳо ҳамин хеланд, фақат хиҷолат мекашем, ки ин гуна иштиёқро ба ҳамдигар ифшо кунем). Ҳар гоҳ чунин як манзара дар пеши назарам ҷон мегирад...

...Аз мошинҳо пиёда шуда, ба сӯйи тӯйхона раҳсипорем. Ман дар миёни навкарони худ ҳастам. «Ӯй хода, бисёр аз худ нарафта каме хам шав!», қасдан мегӯяд яке аз онҳо ба паҳлуям нихта карда. Ба ӯ бо туршрӯйӣ нигоҳ мекунам. Азбас сарамро ба поин афканда, зонуҳоямро қат карда роҳ меравам, тамоми баданам арақшор мешавад (қадди баланд доштан низ азоби гӯр будааст).

Бар курсиҳои пушти мизи тӯлоние, ки дар рӯйи ҳавлӣ дарчидаанд, менишинем. Ошноёни донишҷӯям торҳояшонро таранг карда ба овозхонӣ медароянд.

Нахуст нӯшобаю ширинихо, сипас ошро медиҳанд. Дар лагани алоҳида барои ман «бахши домод» меоянд: дар лаълии хурде қариб як кило гӯшти бирён. Онро ду нафар дӯстам – Эрйигиту Сайим, ки дар паҳлуям нишастаанд, бо ҳам мебинанд. Ман он қадар майл надорам, аммо ҷону дили онҳост гӯшти бирён!

Ба дастархон фотиҳа хонда, мӯйсафеде як бӯғчаро бардошта ба наздам меояд:

– Хуб, домодпошо, як аз ҷо баланд шавед! – мегӯяд ӯ ва ба ман қабои беқасам мепӯшонад. Ба сарам тоқӣ гузошта, камарамро бо миёнбанди шоҳӣ мебандад. Ман нигоҳҳои ҳавасомези ҳамсолони муҷаррад ва бачаҳои хурду калони атрофро дар худ хӯрда, каме сурх мешавам, бо сари андаке хам ба самти хонаи арӯс роҳ пеш мегирам. Дар як паҳлу Эрйигит, дар паҳлуи дигар Сайим маро ҳамроҳӣ мекунанд. Сайим гӯшакӣ пичиррос мезанад:

– Эҳтиёт бош, поятро зер кунонда моро шарманда насозӣ! Фурсати муносиброн ёфта, ногаҳон бо пойи рост ғарч...

Охир, Сайим хонадор шудааст, медонад ин чизҳоро (ӯ дар хона яккаписар – барвақт зан гирифта буд).

Дар назди дарвозаи арӯс ҷавонҳои деҳа моро бо нигоҳҳои «душманона» пешвоз мегиранд. Меистем. Як мӯйсафед дар даст пойандозеро бардошта

мебарояд. Ӯ мегӯяд: «Хуб, бифармоед!» Ду нафар аз ду ҷониб ҷудо шуда мебароянд ва аз ду гӯшаи пойандоз, ки ба андозаи миёнбанд аст, дошта мегиранд. Пойандоз аз тиккаю лахтаҳои боқимондаи пироҳанҳои арӯс ба мисли қуроқ дӯхта шуда аст. Ман бояд пойи ростамро ба рӯйи он гузошта ҷаҳида гузарам. Ҳамин тавр мекунам. Ҷавонҳои ду ҷониб ба он дармеафтанд. Ба онҳо таваҷҷуҳ накарда ба дохил медароям. Эрйигиту Сайим қафо намонда бо ман меоянд. Онҳо то назди дари арӯс расида, дар дами дар маро ба дасти занҳои сархуш месупоранд – ба хонае хафаю гирифта аз дами ҳар гуна атру оби бадан ва деворҳои пур аз сӯзанию порчаҳои нақшдӯзишуда. Ҳамон лаҳзаи дар назди остона будан аз сарам сиккаю қанд мепошанд. Занҳо ба мисли бачаҳои хурдсол ба сиккаҳои йилт-йилт муҷаллои пошхӯрда ба рӯйи гилем дармеафтанд. Сипас... як-ду нафар аз онҳо аз зери бағалам дошта, ба сӯйи чодар ҳидоят мекунанд.

Дар пушти чодар арӯси нозукбадан, ки ба пешонӣ тоҷи заррин зада, рухсорашро бо рӯмоли ҳарир бастааст, дарҳол аз ҷо мехезад. Чеҳрааш ноаён аст. Бино ба гуфтаашон, ба мо оинаи калоне медодаанд, ки ман ӯро ва вай маро дар оина медидаем... Дар асл, хеле вақт аст, ки мо ҳамдигарро мешиносем. Чаро ки, ман барои худ аҳд карда будам фақат дӯст дошта хонадор мешавам. Ба ин аҳди ман тақдири бародарам намуна аст. Ӯ бо вуҷуди издивоҷи худ бо янгаам, ҳанӯз ҳам, ҳар гоҳи бода нӯшидан, як духтарро аз солҳои хидматаш ба ёд оварда бо дард гиря мекунад...

Ҳамон лаҳзае, ки ман дар пушти чодар ба ангушти арӯсам ангуштар мегузаронам, бо лелак асал мелесонам, ӯро дар оина дида бо ҳазл чашмакӣ мезанам..., дар берун дӯстонам арақрезон бар сари пойандоз талош доранд. Онҳо пойандозро бояд соҳиб шаванд. Таъйин кардаам, канӣ нагирифта ҳам бинанд! Дар талоши пойандоз ба ҳамдеҳагони мо касе баробар нашудааст, баробар намеояд ҳам.

Дар асл, алоқаи мо – бачаҳо ба тӯйҳои арӯсӣ ва онро бесаброна мунтазир шуданамон ба хотири ҳамин пойандозкашиҳост. Ба дигар чиз он қадар диққат намедиҳем. Поида меистем, ки кай ба домод ош диҳанду сарутан пӯшонанд ва ҳарчи зуд аз пойандоз ҷаҳида гузарад. Ҳама бозиҳои ҷолиб пас аз ин оғоз мешавад. Аз ҷониби мо як гӯшаи пойандозро ҳатман Ботирака мегирад. Ӯ ронандаи трактор аст, ҷавони қавиҳайкали неруманд – пуштибони мо. Ба ҳамин инсон бовар дорем. Ҳар ҷое Ботирака бошад, диламон пур. Мо атрофи пойандозкашҳоро печонида, бо садозаниҳои баланд қувват медиҳем: «Ҳа, Ботирака! Ҳа, Собирҷон! Ҳа, Содиқака, бикашед! Темур, кам наёр!» Дил мехоҳад, худамон низ ҳамроҳ шуда бикашем, эҳ-ҳе куҷо, магар мешавад ба даври онҳо наздик шуд?! Як бор Сайим ба миёнашон даромад, вале ҳамон замон ба пас гурехта ҷонашро наҷот дода буд. Рӯзи дигар бинем, панҷаҳояш харош хӯрда, сиёҳ шуда рафтааст.

Дар вақти талоши пойандоз баъзеҳо ғирромӣ мекунанд. Зӯрашон нарасида, матои пойандозро бо корд буриданӣ мешаванд. Ин аз як сӯ номардӣ бошад, аз ҷониби дигар хатарнок аст, Худо накарда, теғ ягон ҷойи касеро чок кунад! Агар ин гуна ғирромиҳоро Ботирака пай мебурд, фавран он номардро

танг карда аз давра мебаровард ва беовоз (ӯ ҳеч гоҳ ҳақорат намекард) ду-се торсакӣ мефуровард. Сипас, дубора бо ситеза ба давра бармегашт. Дар як муддати кӯтоҳ, ҳамаро ба шигифт оварда, пойандозро соҳиб мешуду ба дӯстони худ ва ба мо – бачаҳо низ тикка-тикка бурида медод. Мо он поралаттаро бо нияти нек эҳтиёт мекардем. Оре, Ботиракаи мо ана ҳамин хел ҷавонмард аст. Ҳамсолони ман ҳамеша саъй мекунанд ба мисли ӯ шаванд...

...Охирҳои август.

Ҳаш-паш нагуфта маросими тӯйҳо сар мешавад. Дар манзили мо низ ба арӯсӣ тараддуд доранд. Хоҳари калониамро ба шаҳр гусел мекунем. Пойандозкашии ҷолибе баргузор хоҳад шуд! Мегӯянд, шаҳриҳо низ дар ин кор устоянд.

...Аҷиб, рӯзи тӯй аксари ҷавонҳое, ки пойандоз мекашанд, ба чашм намерасанд. Ҳамаамон дар ҳайратем. Чун навкарҳои домоди шаҳрӣ, ки ҳар яке ба камар миёнбандҳои калон баста, бо дабдаба либос пӯшида буданд, ба назар расиданд, дилҳоямон ба ваҳм омад. Кӣ бо инҳо талош мекунад? Шарманда шуданамон мусаллам...

Аммо, ба маҳзи гузарондани домодшаванда аз назди дарвозаамон бародарҳои пойандозкаш пайдо шуданд. Ҳама бо як овоз садо баланд кардем: «Ур-ра!» Дар миёни онҳо Ботирака ба чашм намехӯрд. Инро пай бурда каме шастамон гашт. Ба ҳар сӯ бо умед чашм давонда, аз дил мегузаронем: «Наход ки наояд?»

Як гӯшаи пойандозро аз ҷониби кудоҳо ҷавоне паҳлавонсурат, айёрпеша ба даст мегирад. Аз ҷониби мо Содиқака. Ӯ низ аз одамҳои чапдастест. Албатта, агар худи Ботирака мебуд, гапи дигар. Эҳ, кучо бошад ӯ? Магар мешавад дар чунин лаҳзаи ҳассос худро канор гирифт? Мегуфт, модараш бетоб аст, ба бемористон бурда бошад? Ё ҳоли худаш хуб нест? Кӣ медонад, ҳар сареву сад хаёле...

Домод аз болои пойандоз гузашт.

– Ҳа-а, ҳув-в!!

Паҳлавони шаҳрӣ наъразанон пойандозро яке тапонда ба сӯйи худ кашид.

Содиқака парида рафта ба сари дили ӯ бархӯрд. Дар ҷо калавида монд. Бо як чашмпӯшӣ паҳлавон ӯро кашида бурд. Ҳама худро гум карданд, ангуманг шудем. Хайрият, ки Содиқака даст боз накард. Дар ин лаҳза аз ҳар ду ҷониб ҷавонҳо ба пойандоз часпиданд. Нафаси роҳат кашидем...

Шаҳриҳоро беҳуда устои ин кор нахонда будаанд. Медидем, ки онҳо бо ҳам зич шуда, «бикаш, ҳа бикаш!» гӯён, бачаҳои моро то хеле ҷо кашида мебурданд ва девор ё дарахтеро таҳи чашм карда, баногаҳ ба пас баргашта мекашиданд. Ҷавонҳое, ки бо зарб ба девору дарахт бармехӯрданд, дигар ба кашокашӣ тоб наоварда аз давра мебаромаданд. Чанд муддат дар канор монда, ба даромадан руҷуъ накарда рост меистоданд, вале аз ин канораҷӯйӣ дар хиҷил шуда дубора ба пойандозкашӣ ҳамроҳ мешуданд. Бо вуҷуди ин, сафи бачаҳои мо тунук шудан гирифт. Онҳое, ки ҳанӯз талош мекарданд, ба ҳар сӯ бо сари

худ ҳаракатҳои берабт доштанд. Ин ҳолат бошад, ривояти аробакашии кафшакмоҳию мурғи қу ва харчангро ба хотир меовард...

Агар Ботирака мебуд, ба ин гуна ҳолат роҳ намедод. Ӯ дар оғози талош шарикони беназму парешонро бо имою амалҳои хос ба паҳлуи худ мегузаронад. Ҳамин ки ҳама ба як сӯ гузашта, неруҳо дар як ҷо ҷамъ мешаванд, оҳиста амр медиҳад: «Сар кардем!» Бо ин даъват панҷ-шаш нафар марди неруманд баробар бо ҳам, бо садои баланд ҳаёҳукунон пойандоз мекашанд, ки рақибон ба саъйи онҳо тоб наоварда, аз ҳам пош мехӯранд. Ба маҳзи ин ки дасти охирин рақиб бармеканад, одамони мо низ пойандозро раҳо мекунанд. Ботирака бошад, онро ба мисли парчам баланд бардошта, давида аз давра берун меояд. Бо ҳамин тамом – барандаи пойандоз сарафрозӣ менамояд...

Дар ҳоли ҳозир бошад, он гуна ваҳдат ба назар намерасад.

Мо – бачаҳои хурдсол аз ҳама бештар ҳирс хӯрда, дар гирду бари маърака давутоз мекунем. То ҷон дорем, сарусадо роҳ андохта аз одамони худ ҷонибдорӣ менамоем. Чӣ илоҷ, дар айни ҳол дигар коре аз дастамон намеояд!

Пойандозкашон шип-шилта арақ кардаанд. Ба мисли бухори сари дег аз болосари тӯда буғ мебарояд. Ҳар ду ҷониб каме суст шуда, ба оҳистагӣ, гӯё як лаҳзаи муносибро пойида, пойандоз мекашиданд.

Аз меҳмонон яке корд бароварда буд магар, Собирака бо ӯ даргир шуда ба муштзанӣ гузашт. Ба даъвояшон дигарон дарнаомехта, калонҳо онҳоро ҷудо карданд. Ҷавони меҳмон рангпарида дар як гӯша рост истода монд, Собирака дубора худро ба давра зад...

Ҳама расму оинро анҷом дода, хоҳари калониамро аз дохил бароварда ба мошин савор карданд. Аммо аз поёни пойандозкашӣ ҳанӯз дарак набуд. Пушти ҳам сигнали мошинҳо садо додан гирифт. Мӯйсафедони ҳар ду ҷониб ба маъракаи пойандозкашон наздик омада бо бесабрӣ изҳор намуданд: «Ҳамин қадар кифоя, шуд, бас кунед! Раҳо кунед, пароканда шавед!» Аммо ҳам ҷавонҳои гапшунави мо ва ҳам шаҳриҳо, ки даргири кашокаш буданд, намехостанд ба мӯйсафедон гӯш фаро диҳанд.

Касе бо як сатл оби хунук ба маърака даромад ва ҳамин ки хост ба сари ҷавонҳо об бипошад, дарҳол яке аз мӯйсафедони деҳаамон пеши роҳашро гирифт ва оби сатилро ба як гӯша рехту ба тӯда наздик шуд ва бо садои баланд гуфт:

– Ин хел намешавад, агар кашидан хоҳӣ, як бор кашу шаррашро бикан! Натавонӣ, ин тараф гард ҳамаат, худам медароям!

Шояд ҳамин сухан намерасид магар, як он овози хирросии Содиқака баланд шуд:

– Гирифтем, бачаҳо, ҳама бо ҳам!

Якбора тӯда ба ҷунбиш омад. Сардори шаҳриҳо низ бо ҳавли ҷон ба гурӯҳи худ амр кард:

– Бикаш! Бичасп!

Медидем, ки ҳама ҷавонҳои мо – Содиқ, Собир, Туроб, Темур дар як ҷо ҷамъ шудаанд. Ба ҷонибдории онҳо баробар овоз додем. Бародаронамон мунтазири ин ҳавохонӣ будаанд ки, меҳмононро ба самти санги калони сари

кӯча кашида бурданд. Тӯдаи ҷавонҳои меҳмон аз ҳам гусаста шуд, паси ҳам пойандозро раҳо карданд. Охирсар танҳо ҳамон як паҳлавони шаҳрӣ ба чашм мехӯрд, ки дар зери гарду хок монда, намехост аз пойандоз даст кашад. Аз ҳар сӯ дод задем: «Дигар бефоида, раҳо кун!» Ҷавон то хеле ҷо бо пойандоз кашол шуда рафт, вале дар ниҳоят хиҷолат кашид магар, онро сар дод.

Албонҷи пойандозро ба дасти Содиқака дида, ҳама бо хушнудӣ сарусадо баланд кардем.

Сипас бо ҳаводорӣ даври ӯро печонида гирифтем. Аммо Содиқака пойандозро пора накард, ба касе аз он дарронда надод, зери каш гузошта аз наздамон рафт. Ҳама ноҳат шудем. Дар тӯли умраш як бор пойандозро бурд, аммо онро ҳам дареғ дошт...

Меҳмонон ба мошинҳои худ савор шуда, «ёр-ёр»-гӯён ба роҳ баромаданд. Содиқака ҳамроҳ бо рафиқони худ ба ҷое раҳсипор шуд. Эрйигит, Сайим ва боз як-ду нафар бачаи дигар ба онҳо пайвастанд. Ҳамин ки мани ноором «ба куҷо меравед»-гӯён аз Сайим пурсидам, ӯ railisandona «корат набошад» гуфта, аз қафои онҳо шитофт. Дар ҳайрат мондам, «чӣ гап шуд ба инҳо?», меандешидам ба худ...

Сояшавон аз пайи онҳо рафтан гирифтам. Ба самти рӯди калони гӯшаи деҳа рафтем. Содиқака ва ҳамраҳонаш охирин хонаи деҳаро давр зада, ба лаби рӯд фуромаданд. Дар ин хона Ботирака бо модараш танҳо мезист, дар айни ҳол ҳавлию даруну беруни он торик ба назар мерасид. Садои Содиқака ба гӯш омад:

– Ботир, таъзири шаҳриҳоро додем. Ин ҳам пойандоз, овардем.

Аз қафои ҷавонҳо расида омада, пушти сарашон пинҳон шудам. Ботирака аз ҷойи худ, ки ба рӯйи харсанге менишаст, вазнин баланд шуда, ба назди Содиқака омад. Пойандозро аз дасти ӯ гирифта дубора баргашту ба рӯйи харсанг нишаст. Дам дар дарун онро ба чеҳрааш зер кард. Ба шигифт омадам. Дар ин кори Ботирака чӣ сирре ҳаст? Мегиряд? Магар мард ҳам гиря мекунад? Талош сари пойандоз буд, ки онро ҳам бачаҳои худамон бурданд, вале...

Ҷавонҳо пушти ҳам омада дар гирду бари ӯ нишастанд. Чанде баъд Туробака бо оҳанги насиҳат ба сухан гуфтан пардохт:

– Ботирҷон, дилтанг нашав. Мисли ту ҷавонеро хор кард, ҳатман пушаймон мешавад. Ин қадар пушаймон шавад, ки... Ором бош дӯстам, ба сӯхтану афсӯс хӯрдан намеарзад!

Дигарон ҳарфе назада, сар ба зер менишастанд. Бачаҳо низ...

Бесадо ба ақиб гаштам. Аз тарси он, ки мабодо онҳо дида монанд, баданам меларзид. Ба роҳаки канори рӯд баромада, гӯё касе аз пуштам дунболгирӣ мекунад, бо ҳавли ҷон давида, аз он ҷо дур шудам...

# ЗАРБУВИ
## *(ҳикоя)*
## *(Аз силсилаи «Ривоятҳои модарам»)*

*Эҳдо ба ёди модарам Мастура бинти Ширинхӯҷа ва кулли модарони ҷафопешаи ақибгоҳи ҷабҳа*

Қиёми саратон. Кор меҷӯшад. Як сӯ хишоваи огардҳои пахта, обмонӣ, ҷониби дигар, ҳосили ғаллазор сар кашида ба дос омадааст. Болои сӯхта намакоб, ин ҳама кор кам буд магар, оби рӯдхона сар рафту як-ду бор моро барои бастани харобиҳои садди он низ ҷамъ карда бурданд...

Ҳоло дар як канори саҳро зери ғӯзапояҳоро хишова мекунем. Дар як ҷо ҷамъ шуда кор кардани мо ба хотири нишеб будани заминҳост – заминҳое, ки ба сабаби ноҳамворӣ дар зери об монда дубора хушк шудаанд. Сахту сифт, чиндор. Як огардӣ мерасад ё дутоӣ, бояд бо ҳам кор кунем. Худо накарда, агар ин гуна ҷӯяк ба дӯши як нафар уфтад, тамом, то ба поён расонидан хунаш аз ҳалқ меояд.

Касе аз миёни мо «миқ» намегӯяд. Танҳо тарақ-туруқ садои каландҳоямон ба гӯш мерасаду бас. Офтоб ба қадди найза рост шуда, ҳама ҷоро месӯзонад. Дар дили ин гармою сукунат ногаҳон аз пушти сар садои гӯшгири Анзуратапа баланд шуд:

– Ҳой, Роҳат, ин чӣ кор аст, чаро замина як дар миён партофта каланд мезанӣ?! Зани дуппа-дуруст, хиҷолат намекашӣ? Баргард, ба пас гард! Э-вой, Ҳанифа, ба ту чӣ бало зад? Ҳай бешарм-е, вой ҳаннот-е![29]...

Гӯё ба Анзуратапа дуо рафта, дар саҳро ҳамчун сояи бригадир ё мансабдоре шуда мегардад. Ба бемории «калоншавандагӣ» гирифтор шудааст гӯем, хато намекунем. Ин гуна сӯхтану пухтанҳои апаамон ба калонҳо маъқул аст. «Э, боракаллоҳ, янга, кам наёред, – мегӯянд ба таъриф забон кушода, – ба мо мисли шумо патриотҳо лозиманд. Чаро ки, ин ҷо ҳам ба мисоли ҷабҳа – ҷон гирифта ҷон надиҳем, ҳосил аз куҷо ба даст ояд?!»

Апаамон дар худ болида неру мегирад. Даст афшонда чунон каланд мезанад, ки ҳеч мон! Пас аз рафтани калонҳо ҳамсолонаш бо мазоҳ мегӯянд: «Э, ҳаво нагирифта мур ту! Ин қадар аз худ рафтӣ, чӣ, як коса атола бештар медиҳандат?» Вай худро ба нофаҳмӣ мезанад: «Вой, аз худ рафта чӣ ҳам кардаам, магар беҳтар кор кунем бад аст? Охир, мехоҳам ба онҷобудаҳо фоидаамон расад, тезтар баргарданд мегӯям». Агар аз ин суханаш қонеъ нашавад, боз саъй мекунад ваҷҳи муносиб ёбад: «Ҳамин доду фарёдҳои ман аст, ки ба шумоҳо ҳеч гапе нагуфта ба пас мегарданд. Агар ин ҳама найрангу фиребро худашон медиданд, медонед чӣ мешуд? На падарро монда, на модарро, лаънат хонда мерафтанд, ё не?!»

---

[29] **Ҳаннот** – *ин ҷо ба маънии маҷозӣ:* ноинсоф, фиребгар

Ба ҳар ҳол, ин суханаш бамаънитар метобад. Чаро ки ҳамаамон аз сидқи дил кор мекунем. Ба муфаттишоне мисли Анзуратапа ниёзе ҳам нест.

Ҳамкоре дорем ба исми Зарбуви, ба синну сол бузургтар. Анзуратапа бештар ба ҷони ӯ мерасад. Таҳқиру сарзаниш доим дар нӯки забонаш: «Зарбуви айёр, Зарбуви аз дарун пухтааст. Медонад кай аз рӯйи об раваду кай аз зераш...» Бо шунидани ин суханҳо худро ноҳинҷор ҳис мекунем. Ноҳинҷор мешавему гӯё боз ҳам ҷонибдори ҳарфи Анзуратапа ҳастем, корамонро идома медиҳем ва дар ҳамин асно Зарбуви нопадид мешавад. Ба Анзуратапа бошад, Худо медиҳад: «Ана, гуфтаам шуд, Зарбуви боз ҳам сояашро канд аз замин. Баҳонааш – гӯсола. Ҳамон гӯсолае, ки ба пояҳои шӯра муҳкам баста шудааст, ҳатман аз банд меканад...»

Ба маҳзи ин ки корамонро сабук карда ба як гӯша мебароем, каме дуртар Зарбувиро мебинем, ӯ гӯсолаи худро кашолакунон меояд. Наздикшавон суханҳое мегӯяд, ки як навъ узри пинҳон аз мост: «Ҳа, номурда – моли бесар! Ҳама вақт аз паси ту сарсону овораам...» Ҳамаамон ба завқ омада механдем. Зарбуви бошад, сирри хандаи моро нафаҳмида бо ҳайрат менигарад...

Ана, боз ҳам аз чашм нопадид шуд. Каме пештар дар ҳамин ҷоҳо мегашт.

Худ ба худ сухан гуфтани Анзуратапаро дида пай бурдем, ки касе меояд. Сар боло карда нигоҳ кунем, бригадир – Ҷабборамак. Ӯ дар фасли баҳор аз ҷанг баргашта буд, бо як дасти рӯмолбастаи овезон бар гардан. Бо ин ки ҳоли ҷонаш костааст, оромӣ надорад. Гоҳе мебинед дар назди саҳроиён, гоҳе дар деҳа. Корҳоро бароямон фармуда, дубора аз мо қабул мекунад. Ба касе гапи сахт намезанад. Билхосса, барои мо – ҷавонон ҳамеша пуштибон аст, навозиш мекунад. Ҳамин ки ӯро мебинем, аз чӣ сабабе, эркагиамон меояд, мехоҳем қусури пазмонии меҳри падаронамонро аз ӯ барорем.

Ба пешвози Ҷабборамак Анзуратапа баромад, мисли мардҳо даст дода вохӯрӣ кард. Ҷабборамак низ гӯё бо рафиқаш суҳбат мекунад, ба ҳазлу шӯхӣ мегузарад.

– Ба ман нигоҳ кун, чаро духтаронамро азоб додаӣ?

– Азоби чӣ, кори ҳаррӯзаамон, Ҷабборака!

– Пешин даромад, гурусна нашудед шумоён?

Дар воқеъ, ба ёди ҳеч кадомамон наомадааст, ки ба наҳор бароем. Вақте ки наҳор мегӯям, садқааш шавам, мошоба аст ё кашкоб, ба ҳар ҳол, чизе ҳаст. Аз он пас ҳар яки мо каму беш нонпораҳои сахтшудаи аз хона овардаамонро дар миён мегузорем. Оре, дар васат монда бо ҳам мехӯрем.

Пай мебарем, ки Ҷабборамак ҳам майл дорад бо мо нишаста чойхӯрӣ кунад. Бо ин баҳона суҳбаткунон ғубори дилашро мебарорад, ё ки агар коре пеш омада бошад, аз мо маслиҳат меҷӯяд.

Ҳамин тариқ, ба як гӯшаи саҳро, ба сояи дарахти сапедор баромадем. Духтарони қадрас як сӯ, боқимонда бонувони ҳамсинну соли Анзуратапа дар ҷониби дигар давра зада нишастем. Ҷабборамакро Анзуратапа ба давраи худ, ҳатто ба паҳлуи худ гузаронд.

Амак яке пурсид:

– Зарбуви наменамояд?

– Ҳамин ҷоҳо палмосида мегашт, – бепарво гуфт Анзуратапа, – гӯсолааш боз канда гурехтааст магар...

Ду-се нафари дар канораш буда хандида монданд. Вақте ки Ҷабборамак аз ин дару он дар ҳарф мезаду суҳбат дар сари чойхӯрӣ ба авҷи паллааш мерасид, аз самти деҳа сиёҳие ба чашм тофт. Аз ҳама пеш Анзуратапа дид.

– Ҷабборака, ана Зарбувиятон..., – гуфт ӯ, – Ё тавба, то деҳа рафта мондааст-е, ин айёр. Ҳамаамонро гӯл зад. Гӯсолааш наменамояд, дар куҷо бошад?!

Анзуратапа то омадани Зарбуви як олам сухан гуфт, вале Ҷабборамак мисли ин ки намешунавад, хомӯш менишаст.

Зарбуви сарпарастро дида саросема шуд. Чӣ кор кардани худро надониста, мустақим ба сӯяш қадам зад.

– Ас-салом… Ҷаббор-ака…

Бригадир абру чин карда гуфт:

– Ҳа, чиҳо карда гаштаӣ?

– Ҷабборака, бубахшед, нон пухтам.

– Шаб чӣ кор кардӣ?

– Шабонгаҳ ҷомашӯйӣ доштам, Ҷабборака, бубахшед маро, либос шустам. Э, дар воқеъ, – ҷон гирифта гуфт Зарбуви, – ба шумо нон овардам. Ана, гармакак. Бихӯред.

Зарбуви аз бағал нон бароварда, қулоч кашида ба рӯйи дастархони васат партофт.

Анзуратапа ногаҳон «вой ман мурам!» гӯён садо баланд кард. Сарпараст як дам ба дастархон чашм дӯхту сипас ба Зарбуви рӯ овард. Ӯ гуфт:

– Зарбуви ин чӣ гап, чаро нонат сип-сиёҳ сӯхтааст?

– Не-е!

Зарбуви нигоҳе ба дастархон афканд. Филфавр «Худоё, ин чӣ гап?!» гӯён дод заду рӯяшро бо дастонаш пӯшонд ва дар ҷо нишаста монд. Мавҷи хандаи ҳамнишастон ба осмон печид. Ҳамдавраҳои мо низ кунҷковона ба он сӯй нигариста, ба асли қазия воқиф шуда, ба хурсандӣ пайвастанд. Баъзе шайтонтабиатҳо аз хандаи бисёр дароз шуданд. Бечора апаи Зарбуви аз дасти саросемагӣ буд ё тарс, ба ҷойи нон рафидаашро ба бағал халонда омада буд. Ҳамаро аз ханда рӯдакан карда, худаш ба як гӯша рафту ҳунг-ҳунг ба гиря даромад.

Ин ҳолатро Ҷабборамак диду ба сӯйи занони ҳангоматалаб дод зад: «Бас кунед!» Сипас аз ҷо хеста ба самти деҳа раҳсипор гардид. Аз чеҳрааш аён буд, ки дилтанг шуда рафт...

Шавҳари Зарбуви дар ҷанг. Вай бо писарчаи се-чорсолааш мондааст. Бар замми ин, писари беваи бародарашро, ки ба ӯ партофта рафта буд, нигаҳбонӣ мекунад. Ҳар саҳар аз болои ҳамин ду кӯдак қуфл карда меомадаасту вақти чоштгоҳ дуздакӣ рафта, хӯрок дода бармегаштааст... Пушти сари ӯ бошад, мо ҳар гуна гап бофта, гоҳе айёраш мехондему гоҳе бекорхӯҷа... Эҳ, чӣ замонҳое буд...



## НОРМУРОД НОРҚОБИЛОВ
## (1953)

*Нормурод Норқобилов 7-уми июни соли 1953 дар деҳаи Қишлиқи ноҳияи Яккабоғи вилояти Қашқадарё зода шудааст. Соли 1970 мактаби миёнаи ба номи Ҳамид Олимҷонро хатм мекунад. Пас аз адои хидмати низомӣ (1971–1973) дар корхонаҳо бо пешаи челонгарӣ, дар депои роҳи оҳан ҳамчун таъмиркори вагон ва дар истгоҳҳо бо кори ҳаммолӣ машғул мешавад.*

*Нависанда омӯзиши олиро дар факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд (дар айни ҳол Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон) фаро мегирад (1976–1982). Пас аз хатми донишгоҳ як сол дар идораи рӯзномаи «Тошкент оқшоми» (Шоми Тошканд) ифои вазифа мекунад. Аз соли 1983 инҷониб дар Ширкати миллии радио ва телевизиони Ӯзбекистон машғул ба кор аст. Дар ин давраи фаъолияти худ дар ҷараёни ба наворгирӣ ва омодасозии барномаҳои телевизионии сайру саёҳатии «Ғори Темур», «Дар миёни ду дарё», «Пайроҳаҳои тамаддун» ширкат варзидааст, ки пайрави он қиссаҳои «Саги ҷангалзор», «Гардансапед», «Одами кӯҳистонӣ», «Жӯлидамӯй», «Гурги дастёфта ба авул» эҷод шудаанд.*

*Нахустин ҳикояи адиб «Чорраҳа» (1982) аст. То имрӯз бештар аз даҳ китоби нависанда иборат аз ҳикоя ва қиссаҳояш ба табъ расидаанд, аз ҷумла: «Дарёчаи нилгун» (1987), «Оҳанги фаромӯшшуда» (1990), «Рӯ ба рӯ» (1993), «Жӯлидамӯй» (1997), «Гули зард» (1998), «Гунҷишки зудранҷ» (1999), «Кулбаи сапедранги истгоҳ» (2000), «Дарёи ноором», «Гурги дастёфта ба авул» (2005), «Рӯзи бӯронӣ» (2007), «Дар дашту саҳро» (роман, 2009), «Одами танҳо дар кӯҳ» (2011), «Аз пайи Амир Темур» (2016). Асарҳои адиб ба забонҳои русӣ, қазоқӣ, белорусӣ, қирғизӣ, тоторӣ, арабӣ, туркӣ, чинӣ ва ғайра тарҷума шудаанд. Бар асоси қиссаҳои ӯ филмҳои тасвирии «Диёри офтобӣ», «Камарбанд», «Шим ё даъвои бонувон» бардошта шудааст.*

*Нормурод Норқобилов Ходими шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон ва дорандаи медали «Шуҳрат» аст.*

# САНГИ ҚАБР

*(ҳикоя)*

Пас аз он ки Эралӣ аз тӯю сури ошноёни кӯҳистонии худ баргашта омад, ба сари қабри модараш гузоштани лавҳасангро шуниду доду фиғонаш ба фалак печид. Вақте ки бародар ҳаст, санги қабр мондани хоҳар чӣ маънӣ дорад?! Пурсидан не, аз пеши кас гузаштан не... Одамҳо чӣ мегӯянд? «Писар нашуда мур-е, ақаллан хоҳарат барин иродат надоштаӣ» гӯён мазоҳ намекунанд? Онҳо аз куҷо донанд, ки бар сари ин кори хунук домод истодааст? Дар худ нест – дар олам нест, агар имрӯзу фардо нагуфта, каме пештар ҳаракаташро медид, ин ҳангомаҳо набуд. Акнун...

Хаёле ба сараш омад, ки раваду бо домод дасту гиребон шавад, «дар зинда будан ба қадраш нарасидеду пас аз мурдан аз пайи иззат медавед» гӯён, хоҳарашро сарзаниш кунад. Аммо, дар баробари домоди хирсҷуссаю писарони қадду қоматдори ӯ нотавониашро пай бурд ва дар назди хоҳари серҷоғ низ мулзам мондани худро тасаввур карда аз раъяш гашт. Пешонӣ хорида, аз пайи ҷустуҷӯйи чораи дигар шуд ва...

Чораашро ёфт!

Рӯзи дигар субҳи барвақт ба маркази ноҳия рафту рост ба устохонаи сангтарош даромад. Ба ӯ санги қабр супориш дод. Марди сангтарош аз зери абрувони пурпушти худ аввал ба сурат, сипас ба навиштаҷоти рӯйи коғаз чашм давонда, бо тааҷҷуб гуфт:

– Чанде пеш барои ин кас сохта будам, аз санги мармари сапед.

– Ҳа, он... шикаста монд, – пушти сар хорида дурӯғ гуфт Эралӣ, – Ва... ба ман ҳам писанд наомад. Инашро аз мармари сиёҳ созед. Нақшу нигораш бисёр, дар зери сурат чанд мисраъ шеър ҳам бошад.

Сангтарош нӯки бинии баландашро молида, бо нигоҳи озмоишкорона пурсид:

– Ин харҷ дорад, зери бораш меравед?

– Ғами харҷашро нахӯред, бародар!

Эралӣ аз устохонаи сангтарош по ба берун ниҳод, нафаси озод кашид. Худро хеле боҳуш дид. Беҳуда дасту гиребон нашуда, ба сари гӯри модар санги созондаи худашро насб мекунад, тамом-вассалом.

Бигзор алам кунад!

Одамон бубинанду бифаҳманд, ки зоти писар зинда аст, рӯзи модар ба домоду духтараш намондааст.

Ӯ бо домоди худ қаҳрӣ буд.

Аз домоди калондимоғ аввалҳо низ хушаш намеомад. Дар ёд дорад, як рӯз ин домоди нодон, ки худро аз ҷумлаи сарватмандони деҳа мехонду

дигаронро ба як пашиз намегирифт, сухани ғалатие зада монд. Гӯё ки, як замон ин заминҳо мулки кадом як бобокалонаш будааст, он сӯ то дарёча, ин тараф то талу теппа... Яке аз рӯзҳои гарми баҳорӣ буд. Онҳо бар сари теппа давра зада, хӯрдаю нӯшида менишастанд. Лаълӣ пури гӯшт, дар паҳлу чандин шишаи пуру холӣ, кайфу сафо бепоён... Дигарон ба худситоиҳои домоди аҳмақ таваҷҷуҳ намекарданд, аммо ин гуфтаи ӯ ба Эралӣ сахт расид. Бо таассур гуфт:

– Пас, мо резахор ҳастем?

– Ба ҳамин монанд, – домод лабу даҳонашро инҷ карда шумханд зад. – Аммо ин факт, ҳамаи шумо рӯзатонро аз замини бобокалони ман мегузаронед.

Дар ҳоле ки дасташро аз табақ мекашид, Эралӣ аз ҷойи паҳлузадаи худ нигоҳе маҳзун ба атроф дӯхт. Деҳаи ба гӯшаю канор паҳну парешоншуда, саҳрои васеъ, талу теппаҳои дуродур, онсӯтар дарёчаи ҷомонда дар миёни найзор як-як аз нӯфи нигоҳаш гузаштанд, аз пайи хотираҳо саъй кард таърихи аҷдодро дар мағзи зеҳнаш падид оварад. Чун пай бурд аз бобокалонаш он тарафтар чизеро намедонад, афсӯс хӯрд. Дигар, аз шунидаҳою фаҳмидаҳои арангу норавшан гузаштаро ба наҳви худ тасаввур кард ва як ривояти бомаза бофт.

Аз рӯйи ривояти бофтаи ӯ, ин замин, ҳатто дашти он самти дарёча[30], ки бо хатти уфуқ ба поён мерасад, ба бобокалони вай тааллуқ дошт. Бобои манқаи домод дар дасти ӯ як чӯпони одӣ буд. Бобокалонаш чунон моли бисёр дошт, ки дар дашту саҳро намеғунҷид. Боре баробари омадани баҳор аз чизе дили бобокалон нарм шуда, ҳама чӯпону хидматгоронро ба назди худ садо мезанад ва ба ҳар яке дахтоӣ гӯсфанд ҳадя мекунад. Бобои паканаи домод ана ҳамон дам соҳиби мол мешавад... Ривояти бофтааш хеле мароқангез буд. Вале ин афсона ба домод хуш наомад. Бо камоли беандешагӣ ӯро, яъне касеро, ки мисли худаш соҳиби сад сар гӯсфанд буд, «пойлуч» гӯён ҳақорат дод. Дар натиҷа, чойники аз чой нимашуда шонаи домодро лесида гузашт. Аз сӯйи вай бошад, пиёлаи майолуд «бол баровард». Сипас навбат ба табақу табақчаҳо расид. Якеро пешониаш шикасту дигареро атрофи чашму пилкҳояш кабуду обиранг гашт. Руҳи бобокалонҳое, ки устухонҳояшон аллакай дар хок пӯсидаанд, зери по шуд. Суханҳое бо таҳқиру киноя рӯйи ҳам рехтанд, ба якдигар наҳ мезаданд: «Аввал чӣ будам, нигори гулмижа шудам»...

Сипас ӯро аз сари дастархони домод теладеҳон бадар ронданд.

Эралӣ ба поин сарнишеб шуда, дар миёни теппа як дам истод. Ба назараш чунин намуд, ки ӯ барои бофтани ин гуна ривоят асос ҳам дошт... Падараш як замон ба ин монанд нақлҳоеро гӯшзад карда буд. Раҳматӣ низ гузаштаро возеҳ намедонист, ба наҳве тахмин мекард. Дар бораи амакаш, ки чандин сол остонаи мадрасаи шаҳрро бӯсида, ба деҳа баргашта муллоӣ мекардааст, бисёр ҳарф мезад. Ҳатто падари худро ба он дараҷа ба ёд намеовард. Мегуфт, ки «амаки пурозорам ба хотири босавод кардани одамон зиёд ҳирс мехӯрд. Тӯрабою Эсанбой, Гелдибою Ирисбой агарчи бонуфузу пеши одамон буданд, аз ҳангомаю нишастҳо сар намебардоштанд, коре надоштанд, ки мардум чӣ ҳол дорад. Ҳар яке болои зан зан гирифта, мисли шутури маст аррос зада

[30] **Дарёча** – кӯл

мегашт. Амакам бошад, ғами мардумро хӯрда дар Каттатеппа мактаб кушод – як хона бо айвонаш. Обрӯманд шуд, дар канори дӯст душманаш ҳам бисёр гардид. Дар солҳои гирудор ба дасташ ишкел баста, сибир карданд[31]. Аз он ҷо на мурдааш баргашту на зиндааш».

Аммо хаёли Эралӣ бештар побанди вазъи дороии амакбобояш буд. Як рӯз мактаби ба сони танӯри фахшуда мондаро пеши назар оварда, бо оҳанги истеҳзо пурсид:

– Аз амакатон боз ягон чиз боқӣ мондааст?

– Оре, ҳаст, – падар андӯҳгин ба хаёл рафт. – Бисёр чиз мондааст. Ҳамаашро бурда дар Кӯшчар зери хок кардаем. Замона вазнин буд.

Эралӣ яке ҳушёр шуда пурсид:

– Баъдан кофта гирифтагистед, ба ҳар ҳол?

– Не.

– И-е! – кам монд, ки бо изтироб ба по хезад Эралӣ. – То ҳол кофта нагирифтаед?

– Дигар бефоида аст, ба фикрам.

– Барои чӣ? – Эралӣ аз дасти ҳаяҷон ларзида рафт.

– Бо хок оғушта шуда... – падар ҳайратомез ба ӯ нигоҳ кард: – Писарам, ба ту чӣ шуд? Мисли мурғи посӯхта дар ҷо намеистӣ?

Эралӣ ба пурсиши падар посух надода, бештар нооором шуд ва бо шӯр афзуд:

– Он чӣ гӯр кардед чӣ буд, зару зевар? Гӯед, чӣ буд, тило ё... Мегӯянд, одамҳои пеш тило бисёр доштаанд. Чӣ қадар буд?

Падар ба ҳоли ӯ хандид. Мазоҳомез гуфт:

– Чӣ хел тило, китоб буд! Панҷ халта бештар китоб. Ҳаловати ҳамаашро замин дид. Бо гумони ин, ки оғушта ба хок пӯсида рафтагист, дигар барои кофтан майл накардем.

Пас аз ин нақл Эралӣ беҳис дар ҷойи худ нишаста монд. Пиёлаи бар рӯйи кӯрпача воруна афтидае, ки онро худаш каме пештар аз ғояти ҳаяҷон бо даст зада буд, ба зонуяш бархӯрд, ҷонаш дард кард. Зери лаб ғуд-ғудкунон носазо гуфт. Аз он, ки амакбобояш ба мисли сармоядорон – Тӯрабою Ирисбой набудааст, ангушти надомат газид. Агар чунин намебуд, ӯ ҳам дар давраҳо мегашт, ба монанди баъзе ошноёнаш худситоӣ карда. Ҳоло аз чӣ гуна кори он амакбобо, ки мактаб кушодааст, ифтихор кунад? Падараш гӯё андешаҳои ӯро пай бурд, дар хусуси як бобокалони бадавлати аҷдоди модар ба сухан даромад. На ба хотири сарватмандии ӯ, балки аз он боис ки сарнавишти вай ҳамсони амакаш будааст, доир ба сибир шудани ҳар ду қисса кард: «Пас аз амакам дар авлоди мо ягон нафари илмдӯст пайдо нашуд. Зиндагии ман аз пайи мол гузашт. Ту ҳам ба ҳамин кор алоқа дорӣ. Ба гуфтаи амакам, мисли кӯрҳо аз ин дунё мегузарем». Падар нақл мекарду ба гузаштаи дуродур дида медӯхт. Симоҳои хира, бениҳоят хираю тираро аз зеҳнаш мегузаронд. Эралӣ бошад... дар пеши назар ба ҳамон симоҳо ҷон бахшида афсона мебофт...

[31] **Сибир кардан** – солҳои 30 – 40-уми қарни гузашта ҳамчун як ибораи рехта дар байни омма роиҷ шуда буд, ки маънии бадарға кардан ба минтақаҳои сармою мушкилшароити Сибирро дошт

Он дам ҳамсари Эралӣ дар ҳавлӣ давуғеҷ мекард, аз мураттаб сухан гуфтан даҳон намебаст. Модараш ҳам ба рӯйи суфа нишаста, бо дуки дастӣ нах мересид ва ҳар як сухани гуфтаи ӯро ба кунҷи ҳалқаш мезад. Кампираки бало гарчи ҳаштод соли умрашро паси сар менамуд, ҳанӯз офат буд. Доди корро ҳам медоду доғи гапро низ. Ба сунҳораш он чиз маъқул намеомад, ки вай ҳар гоҳи омадани духтараш чизеро ба каши ӯ халонда мемонд. Ин одати модарро Эралӣ ҳам намеписандид. Аммо тоқат карда ҳарфе намезад. Худдорӣ мекард. Эрод гирифтан нафъе надорад, модараш аз хостаи худ даст намекашад, хеле якрав аст ӯ. Боре Эралӣ ба миёни занҳо афтида, ҳамсарашро шаллоқ ҳам зад. Лекин, тавре ки мегӯянд, «кӯзапуштро танҳо хоки гӯр рост кунад», зӯриаш бар абас рафту даст афшонда монд. Бо мурури замон аз дасти хархашаҳои оила одати нав пайдо кард, гоҳу бегоҳ ба саҳро сар гирифта баромада мерафт.

Дар яке аз чунин айём ӯ ҳолати аҷиберо пай бурд. Чун ба дашт мебаромад, ӯро дигар дилхирагиҳои хона, он чизе, ки ҳамеша ба қалбаш фишор меовард, ноором намесохт. Дар паҳно ҳастии беолоиши худро ҳис мекард, изтиробҳояш бемаънӣ ва ривоятҳои бофтааш хандаовар менамуданд.

Ӯ ин ҳолатро чандин бор озмуд ва билохира, ба Тоҷишоир, ки ҳамсояи ду дар онсӯтар буд, дарди дил гуфт. Пеш аз арзи дил кардан аз дӯкон як шиша арақ харид. Гап ҳаст гуфту ӯро ба як гӯша хонд. Ҷойи баргузидаи онҳо Яғиртеппа шуд, ки мӯйсафедон дар вақти шом ба он ҷо баромада менишастанд.

Тоҷишоир аслан касе буд, ки дар тӯли умраш як мисраъ шеър нагуфтааст. Пас аз он, ки дар базми Шокири дароз пайи ҳам ғазал хонда, арӯсу домодро табрик мекунад, ба ӯ ин лақабро мениҳанд. Аммо аз даст китобу рӯзномаро канор намегузошт. Шояд аз мутолиаи бисёр буд, ки сухангӯйиҳояш ба наҳви дигар, забонаш низ нешдор, аз чизеву касе рӯйи хотир намекард. Аммо то замоне, ки ширакайф нашавад, касе ба саволҳои худ ҷавоби маъқул намегирифт, суханаш якто буд: «Ҳар кор кунед, шумоҳо мақсуди маро намефаҳмед!»

Пас аз пиёлаи аввал ранги рӯяш тағйир наёфт, Эралӣ пиёлаи дуюмро пурратар рехт. Барои маза аз кисааш як дона кашк[32] бароварда дод. Шоир тиккаи кашкро бо кароҳат миёни дандонҳо газид, чашмонашро ба паҳно дӯхту амиқ оҳ кашид.

– Ин ҳолати шуморо илм дер боз ошкор кардааст, – ба маънии «ҳаминро ҳам намедонӣ?» ба Эралӣ рӯ овард ӯ. – Тамоми мавҷудоти зинда, аз ҷумла, бачаи одам ҳам манбаи био аст...

Аз ин «маъруза»-и шоир Эралӣ ҳаминро фаҳмид, ки ҳар як инсон, минҷумла худаш, ток[33] дорад – «био». Ин ток вобаста ба хулқу атвори одам мумкин аст эҷобӣ ё ки салбӣ шавад. Дилтангии ӯ аз ҳамон токи салбӣ будааст. Чаро ки, аз дасти ҷаҳонбинии тору танг ва майдагапию ғид-ғидҳои ҳаррӯзаи ҳамқишлоқиёни ҷоҳилу нодон деҳа лимолими токи наҳс шуда рафтааст...

[32] **Кашк** – курут
[33] **Ток** – неруи барқ

Ба ин тафсир Эралӣ қоил наомад. Шоирро дар дил «аҳмақ» гуфта ҳақорат дод. Аз он, ки пул харҷ карда арақ харида буд, афсӯс хӯрд. Охир, магар мумкин аст одам ток дошта бошад? Токро, ана, пояи барқ дорад! Он ҳам як рӯз бошад, ду рӯз нест. Агар дар тани худ ток медошт, аз ҳама пеш домодашро типиррос мезанонд, ба мисли барг ларзонда қасдашро мегирифт.

Дар ҳоле ки ӯ худро чун одами токдор тасаввур карда мехост домодашро азоб диҳад, шоир пиёлаи сеюми арақро сар кашид ва ба оринҷаш зад:

– Ҳӯ ана, нигоҳ кунед, домоди гӯрсӯхтаатон барин...

Эралӣ дид, ки домодаш бо хаёли худ, савори аспи якрон ба поин сарнишеб меравад. Ӯ супертелпаки ихчами сарашро то пешонӣ фуроварда, мағрур ба рӯйи зин менишаст.

Шоир писханди талхе зада гуфт:

– Ин нодон агар бимирад ҳам, дар дашту саҳро ин қадар мағрур намегардад. Чунки дар саҳро касе нест, ки ба ӯ нигоҳ кунад, ҳар як кори инҳо фақат барои худнамоист. Мекӯшанд ба асаби одамони хуб расанду одамони ноҷӯрро ғарқи ҳасад кунанд. Ба ин минвол, рафта-рафта деҳа пур аз қуввати салбӣ мешавад. Мо бошем, саъй мекунем осоишро дар дашту саҳро биҷӯем.

Эралӣ дигар сухане наёфта гуфт:

– Инро буду шудаш ҳамин.

Шоир дуздакӣ ба ӯ нигоҳ карда афзуд:

– Азбаски домоди худро бад мебинед, дар вуҷуди шумо низ қуввати наҳс ҷӯш мезанад. Ғамолуд, ғусса хӯрда нишастанатон маро ба шӯр меоварад. Бисёр зиқ нашавед, онҳо ба ҳирс хӯрдан намеарзанд. Дилро васеъ гиред...

Эралӣ аз суханҳои шоир озурда шуд. Атрофро лоқайд мушоҳида карда истод.

Ана, модараш дар зери остини дароз чизеро пинҳон карда, бо пайроҳа танҳо ба сӯйи хонаи духтар меравад. Бегумон, ҳамсараш аз қафои ӯ ак-аккунон мондагист. Дар паҳлуи дари кулбае, ки дар як гӯша аст, ду дағеч бо садои баланд хархаша мекунанд. Аз хархашаҳои рӯз дар миёни онҳо ҳамсояҳо безор шудаанд магар, тамошогаре нест. Дар майдончаи лаби ҳавз бошад, ду навҷавон мисли ҷӯҷахурӯсҳо ба ҳам дармеафтанд. Севумӣ бо ҷудо кардани онҳо овора. Аз самти рост якеро бародараш ва аз ҷониби чап тағои дигаре бо шитоб ба сӯйи майдонча меояд. Онҳоро бачаҳои ҳангоматалаб иҳота мекунанд. Дар ҳақиқат, касоне, ки ба кашмакаши бештар боис мешаванд, ҳаминҳоянд. Агар нафаре аз куҳансолон дарҳол ба миёна науфтад, даъвои ин ду хонаводаи аз азал ба ҳамдигар душман бадтар шуданаш мумкин.

Дар ин васат пай бурд, ки шоир беҳуда манаҳ назадааст. То ин дам ӯ кашкро то охир тоза хӯрда, чаҳорумин пиёларо холӣ мекард. Бо таъсири арақ буд ё аз ниҳояти ғазаб, Эралиро «ту» гӯён ба наҳзанӣ даромад. Доман афшонда аз ҷо хест. Рӯ ба самти поин беист бо мушт таҳдидкунон, қариб ки гулу даррونд:

– Ту аҳмақӣ, аз гӯсфанд фарқе надорӣ! Шунидан ки намехостай, чӣ кор мекунӣ маро овора карда?! Э, дардат ҳам аз сарат монаду худат ҳам нобуда монӣ!...

Эралӣ рӯзе, ки санги қабр супориш дода омад, боз дар Яғиртеппа таваққуф кард. Беихтиёр ҳангомаи шоирро ба ёд овард. Хост, ки дар хусуси нақшаи худ бо касе ҳамрозӣ кунад. Аз шоир дида беҳтар бандае нест. Забони касофат талх ҳам бошад, дардатро мешунавад. Лекин маслиҳат намедиҳад. Ҳатман мегӯяд, ки агар ҳаминро хоҳӣ, бикун, ба мардум овоза кардан чӣ ҳоҷат? Оре, дақиқан ҳамин гуна маслиҳат барои Эралӣ лозим аст. Муҳим ин, ки ӯ сирри худро ба касе ошкор намекунад. Баъдан дурудароз фикр карда ба хулоса омад, ки инро аз шоир ҳам пинҳон нигаҳ дорад. То омода шудани санги қабр ба ҳеч кас, ҳатто ба ҳамсараш лом-мим нагуфт. Он рӯзро бесаброна мунтазир монд. Ҳар бегоҳӣ ба сари теппа баромада, ба қабристони самти офтобшинам чашм дӯхта, маҳзуну гирифта ба хаёл мерафт. Дар таъзияи модар то чӣ қадр чеҳраҳои ранг ба ранг доштани наздиконашро ба хотир овард...

Ҳеч бовар надошт, ки хоҳар хайрхоҳи модараш бошад. Агар чунин мебуд, дар бистари марг хобидани модарро дидаю дониста, бо шавҳари худ ба осоишгоҳ намерафт. Намегузошт, ки забони арӯси хона дароз шавад. Вақте ки дар рӯзи таъзия аз дарвоза доду бедодкунон даромад, Эралӣ базӯр овоз баровварда гиря кард. Танҳо пас аз гиребон дарронда, доду фиғон бардоштани хоҳар гӯё ногаҳон фаҳмид, ки киро гум кардааст. Оре, дигар ба рӯйи суфа нишаста дук ресидани модарашро намебинад, дигар ҳеч гоҳ ба ҷарру баҳси ҳамсару модараш гувоҳ намешавад, аз чизҳои овардаи худ ба домани хоҳар гузоштани модарро ва ҳангоми дер мондан дар назди дарвоза мунтазир истодани ӯро намебинад – ин ҳамаро фикр карда дилаш таҳ кашид. Буғз гулуяшро гирифт. Гиряашро ба дарун хӯрда, аз гӯшаи чашм ба атроф дида андӯхт ва бо манзараи аҷибе рӯ ба рӯ шуд. Ҳамон ҳамсаре, ки сари ҳар як сухан ба модаршӯ марг металабид, мисли ин ки ҷин зада бошад, бо дард гиря мекард. Духтарони ҳамсоя низ ба рухсори хоҳараш, ки аз дасти ғаму алам беҳуш шуда буд, об мепошиданд. Ҳама доду бедод мекарданд – ғарқи нолаю фарёд. Хеле мехост бовар кунад, ки ҳама аз марги пиразане, ки дар кӯйи зиндагӣ мӯйи сарашро сафед карда аз дунё гузаштааст, андуҳгин ҳастанд. Бар замми писари хурдию духтараш дар кӯйи модар гиряву шеван кардани дигаронро низ дида хӯриаш омад. Билкул ятиму ясир мондани худро фаҳмида, ҳамроҳи писараш наистода ба гиря даромад. Фақат ашк намерехт, ҳамчунин суханҳоеро паси ҳам чида, бо дард овозхонӣ мекард: «Дар зинда буданат ба қадрат нарасидем, очаҷон! – бо сӯзу дард фиғонкунон мегуфт ӯ: – Агар медонистам умрат ин қадр кӯтоҳ аст, бар сари китфам бардошта мегаштам». Ҳарчанд ҳамон рӯз домод низ бо сари хам дар канораш меистод, байнашон гарм нашуд. Баръакс, пас аз суханҳои хоҳараш, ки мегуфт «модарам аз дасти янгаам мурд», дар миёнашон бештар сардӣ уфтод. Аз ин хотир ҳам, тезтар омода шудани санги қабри супоришдодаашро, алҳақ, интизор буд.

Ҳарчанд дар ин бора ба касе чизе нагуфтааст, шоир гӯё ки ҳис карда бошад, як рӯз пеши роҳашро гирифт. Мисли ин ки шеър мехонд, аз роҳи хирад омада гуфт:

– Мо – бандаҳо то ҷое нодон ҳастем, ки ҳар як кори кардаамон иштибоҳ дорад! Мо дар баҳри хатоҳои зиндагӣ шино мекунему ғарқ мешавем! Ин

хатоҳо ба дараҷае хушмаза аст, ки азобашро асал пиндошта, баҳ-баҳгӯён мечашем! Лабу лунҷатонро пок кунед, «лаккаи асал» мондааст...

Ӯ гумон бурд шоир маст аст. Не, шоир маст не, балки аз чизе дар изтироб буд. Тибқи маъмул, аз чӣ музтариб аст, нагуфт. Ба маънии «ҳайф ба шумо» даст афшонда рафт.

Фардои он рӯз, ҳамин ки санги қабрро орому бесадо оварданд, Хуршед ба сони дили Эралӣ нур мепошид. Ӯ на барра, на гӯсфанд забҳ кард. Ба мӯйсафедони деҳа хабар фиристода, худ бо писаронаш ба гӯристон омад. Писарон лавҳасангеро, ки домоду хоҳарзодаҳо насб карда буданд, канда партофтанӣ шуданд, аммо ӯ бо қиёфаи хирадмандона сар ҷунбонда гуфт:

– Даст назанед! Худашон гузоштанд, худашон бардоранд. Дар паҳлуяш шинонед.

Санги мармари сиёҳ аз мармари сапед баландтару босафотар буд. Канораҳояш ҳошиядор, дар мобайни он на чаҳорто, балки шаш мисраъ шеър ҳаккокӣ шудааст. Акси модарро ҳам каме бузургтар фуровардаанд.

Ин гуна тафовутҳои ду сангро дида, Эралӣ бениҳоят хушҳол шуд. Хурсандиашро аз бачаҳо пинҳон накарда, бо ғурур гуфт:

– Бубин, модарҷон! Агар лозим шавад, ба гузоштани лавҳасанги аз ин ҳам бузургтар тавонамон мерасад!

Дар асл, аз сатҳи ҳар ду санги истода дар канори ҳам ҳамон як симо – қиёфаи шигифтангези модараш ба назар мерасид: ӯ гӯё бо нигоҳи маъюс ба ин корҳо дида меандохт...

Чун хушҳолу масрур аз қабристон бармегаштанд, Эралӣ яке аз писаронашро ба хонаи домод фиристод, ки санги гузоштаашро канда партояд. Аз он сӯй бошад, ҷавоби талх омад: «Ҳарфи муфт мегӯйӣ!». Ин ба ҳамин содагӣ на як сухани одӣ, балки ишора ба нафаси сарде буд, ки эҳтимол дошт фардо-пасфардо хархашаи бузургеро ба бор оварад.

## АБДУҶАЛОЛ РАҲИМОВ
## (1953)

*Нависанда Абдуҷалол Раҳимов соли 1953 дар ноҳияи Чинози вилояти Тошканд таваллуд ёфтааст. Пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳаш ба факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд (ҳоло Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон) дохил мешавад ва онро соли 1980 тамом мекунад.*

*Адиб ҳанӯз соли 1964, вақте ки донишомӯзи синфи чорум будааст, бо шунидани ривояти «Се бародари ҷасур» («Уч оға-ини ботирлар») аз забони омӯзгорашон Қумрӣ Умарова ба адабиёт меҳру алоқа пайдо мекунад. Дар синни понздаҳсолагӣ узви маҳфили адабии рӯзномаи ноҳиявии «Янгийӯл» мешавад ва он замон нахустин шеъри ӯ ва дар идома ҳикояҳояш ба чоп мерасанд. Адиб дар овони наврасӣ ба асарҳои Абдулло Қодирӣ ихлоси баланд дошт.*

*Абдуҷалол Раҳимов пас аз адои хидмати сарбозӣ, соли 1975 фаъолияти кории худро ба унвони корманди адабӣ дар рӯзномаи «Сирдарё» оғоз мекунад. Солҳои 1983–1984 ҳамчун корманди масъул дар шуъбаи Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон дар вилояти Тошканд машғул ба кор мешавад.*

*Аввалин китоби Абдуҷалол Раҳимов бо номи «Ҳикояҳо» соли 2010 ба табъ мерасад. Аз он пас китобҳои ӯ бо номҳои «Ломакон» (2011), «Фолбин Мугат» (2012), «Инсони роҳакӣ» (2014), «Соҳибҷамоли кӯҳистонӣ» (2018) аз чоп мебароянд.*

## ҲАМСАФАРОН
***(ҳикоя)***

Бояд ба деҳа, ба хонаи хоҳарам равам. Барои доштани мошини роҳ ба истгоҳ баромадам. Як худрави савории[34] «Жигули» меистод. Ронандаро шинохтам. Ҷавоне ба исми Нарзулло. Сурати лоғар дораду мӯйлаби кӯтоҳ. Тақрибан чиҳилу панҷсола аст. Чеҳраашро хат-хатиҳое мавҷсон «оро» медиҳад. Шояд аз тундхӯйиаш бошад... Се-чор бор дар мошинаш нишастаам. Гоҳе мебинӣ, ки ба фармон часпида, гӯё дар даҳон мум гирифта, хомӯш меравад. Гоҳе бошад, лаб ба лабаш нарасида, доди суҳбатро медиҳад. Марди аҷибу ғарибест, аммо дилаш соф. Ҳатто сари роҳкиро талош намекунад, ҳар чӣ медиҳӣ, бо изҳори ташаккур мегираду меравад.

Нарзулло маро шинохта аз худрав пиёда шуд. Гуфт:

– Биёед, бародар, ба деҳа?

– Озод ҳастед?

– Ҳа, албатта! – ҷавоб дод ӯ ва ба курсии худ нишаста, дари бағалро боз кард. – Хеле шуд, ки мисли мех сари ҷо истодаам. Касе нест.

Дар курсии пеш нишастам. Нарзулло худрави худро равшан кард. Бо дасте, ки рагу пайҳои мушакаш таранг буд, ба фармон зада, садо дардод:

– Рафтем!

«Жигули» ба ҳаракат даромад. Медидам, ки ҳарчанд як мушт мӯйи «гапношунав»-и ба пешонӣ уфтода, чашмони чахмоқии ба роҳ дӯхтаи Нарзулло ва пероҳани остинкӯтоҳи сурхи катакиаш ғайриодӣ ба назар метофт, худрави савориро бо риояти тамоми қонуну қоида меронд.

Мо ба тангкӯчае, ки маҳалларо бурида мегузашт, печидем. Аз самти чапи кӯча пирамарди қоматхамидае оҳиста-оҳиста қадам мезад. Лоғар, гарданаш хам буд. Ӯ бисёр оҳиста, бо дили хоҳам-нахоҳам по чида мерафт. Ҳамин ки наздик шудем, Нарзулло ногаҳон сигнали худравро зер кард. Пирамард як қад парида, нигоҳе ба сӯйи мо афканд. «Жигули» дар тангкӯча ором мерафт. Бо чашмони сарду бенур мӯйсафед ба мо нигарист. Симояш бароям ошно буд. Ӯ – Бозорбойака. Аз мӯйсафедони ҳамин гузар. Аксарият аз рӯ ба рӯ шудан бо ӯ меҳаросанд. Таърифномаҳое дорад, аз қабили: «суханчин», «сергап», «пири сабуксар»... «Одам солманд шуда ба ҳамин рӯзҳо науфтад», аз хаёл гузарондам ман.

Нарзулло ба сӯйи ӯ ҳақорати сахте дод:

– Ҳе, очета..., ҳоло ҳам ҳамон рафтор-а?!

Ман то ин дам чунин носазогӯйиашро нашунида будам. Ҳарфе назада, ба ӯ нигоҳ карда мондам. «Пиригарӣ, худашро гум мекунад кас, – мегӯем дар

[34] **Худрави саворӣ** – мошини сабукрав, такси

ин гуна ҳолатҳо, – аммо дашном додани марди калонсол...» Нарзулло гӯё суханҳои аз хаёлам гузаштаро пай бурд, ки гуфт:

– Бародар, маро бубахшед, ҳақорат дода фиристодам. Ҳар гоҳ ин нокасро бинам, худамро дошта наметавонам.

Ӯ бо овози ларзон сухан мегуфт. Нафаси амиқ кашида, аз ҷайби пероҳани катак-катаки сурхранг як нах сигор баровард.

– Рухсат медиҳед? – пурсид бо ишора ба сигори дасташ.

– Бемалол.

Сигорашро равшан карда, шишаи кобини худравро фуровард. Бо даҳони пур дуди тамоку кашид. Гуфт:

– Бародар, ин номарди разил ҳаёти як бонуро сӯхт! Маро бадном кард, аз корам маҳрум шудам... Одаме нестам, ки дар умри худ ба зани касе бо чашми бад назар афканда бошам. Дар боло Худо, биноию доно аст. Ин!.. Ҳама корро ҳамин кард!

Мо аз маркази ноҳия баромада будем. Аз панҷараи бози кобин шаббодаи сабук мевазид. Нарзуллоро ба ҳоли худ гузоштам. Дуди сигорашро аз панҷараи боз ба берун пуф карда, ду чашм ба роҳ монда мошин меронд. Дар ҳошияи хиёбон рад-рад ниҳолони сапедор ва паси ҳам хонаҳо ба чашм мехӯрд. Баъд аз фурсате ба роҳи саҳро баромадем. Дар ду ҷониб дарахтони тут. Чун ба теппагӣ сарболо шудем, Нарзулло дубора ба сухан омад. Аз рӯйдодҳои бист сол пеши ҳаёти худ нақл кард.

* * *

Ӯ бо мамнуният изҳор медошт:

– Он замон бисту панҷ сол доштам. Фикр мекунед, ки ман ҳамеша ронанда будам? Не. Дар риштаи тиҷорат хондаам. Диплом дорам. Аввал шогирд, аз он пас фурӯшанда шудам. Дӯконамон махсуси молҳои омехта буд. Ҳалол кор кардам. Бовар намекунед-а? Чи хӯраду чи не, даҳони гург ҳамеша хун будааст. Аммо, бародар, ҳама яксон нестанд. Падарам насиҳат мекарданд, ки ҳалол кор кун, Худо баракат медиҳад. Дар сеюмин соли корам завмаги[35] мо Ҳоҷиакбарака ба идора гузашт. Маро ба ҷойи худ гузошт. Ӯ низ одами боинсоф буд. Мо аслан аз тарозу намезадем. Пули фоида ба харҷҳоямон мерасид, ҳатто изофа меовардем. Нақшаи кориро ҳамеша барзиёд анҷом медодем. Аз ин рӯ, моҳонаамон низ хуб мебаромад. Охирсар дӯкон ба худам монд. Ҷиддан машғул шудам ва аз уҳдаи кор баромадам.

Дар идора ҳеч гоҳ сухани бад нашунидам. Ҳисобу китобро ба ҳисобдорамон Нозима мефармудам. Бо ӯ ҳамсол будем. Якдигарро бо исмамон садо мезадем. Ҳар гоҳи омадан, бо худ як тахта шоколад ё як баста чойи камёб меовардам. Худоро шукр, ба роҳи худ рост будам. Дар гузари мо, агар гӯйӣ бо зан дӯст ҳастам, ба навъи дигар мефаҳманд. Дар бораи ӯ ба фикри бад нарафтаам. Боақл, ширинсухан буд. Ҳатто дар худ меандешидам: «Кош ҳамсарам низ доиман мисли ӯ мешуд».

[35] **Завмаг** – *мухтасари «заведующий магазином»:* мудири мағоза

Дар асл, ин ҳавасе буду бас, ба маънии хуб. Ӯ ду фарзанд дошт. Шавҳараш коргарӣ мекард. Тавре ки каме пештар гуфтам, дар дил ҳеч гуна нияти бад надоштам. Худам низ хонадор будам. Ба ҳамсарам эҳтиром меварзидам. Ҳосили ин муҳаббат – фарзандамон, ниҳоят, ба оринҷҳояш такя карда бар рӯйи замин ба хазидан даромад. Ҳеч ташвише надоштем, бародар. Аммо Бозорбойи нокас ин рӯзҳои хуши моро бисёр дид. Ӯ дар идораамон мудири шуъба буд.

Аз он пас қиссаи Нарзулло ба мисли зилзилаи даҳшатноке, ки ногаҳон ба вуқуъ меояд, ақлу ҳушамро гирифт. То чӣ ҳад бадӣ кардан ба одам осон будааст! Ё тавба! Як луқма сухан-а?! Аммо барои ҷуръат карда гуфтани он дили сиёҳ лозим. Диле мисли ангишт сип-сиёҳ!

Нарзулло ду чашм ба роҳ дӯхта ба нақли худ идома дод:

– Рӯзе ба идора омада дидам, ки Нозима дар ҷойи худ нест. Духтарони хона ба наҳви дигар ба ман менигаристанд. Дертар меоям гуфтаму ба берун баромадам. Аз ҷӯйи бетонӣ ҷаҳида мегузаштам, ки ба дӯшам дасти касе омаду нишаст. Дасти камқуввате буд, гӯё аз китфам пучида монд. Ба пас нигоҳ карда, аз даҳшат дар ҷойи худ мисли ҳайкал шах шудам! Зонуҳоям ба ларза омад, гулуям хушк шуд. Қалбам таҳ кашид, сари по калавида рафтам. Зане дар пероҳани сурх, ки он холҳои сапед дошту дар маҳалли камар бурмаю танг мешуд, бо чашмони беҳисси худ ба ман чашм дӯхта меистод. Лабонаш бод карда омосида буд. Медидам, ки атрофи чашму абрувонаш кабуд шудааст. Захмҳои хунобчаи рухсораш аз шаллоқи сахт хӯрдани ӯ гувоҳӣ медод. Худо занад, агар дурӯғ гӯям, он замон он сурати бадбашараро нашинохтам. Филфавр аз хаёл гузарондам, ки як нафар масту айёше аст ӯ. Ҳамон дам дар чашмони зан нигоҳи маънидореро пай бурдам. Он нигоҳ бароям ошно буд, на танҳо ошно, балки хеле азиз буд! Беихтиёр, қалби содаи ман аз ҷо беҷо шуд! Шинохтам. Ӯ Нозима буд! Ғазабноку таънаомез ба ман нигоҳ мекард. Бо овозе, ки барояш бегона буд, гуфт:

– Нарзулло! Ту ҳам мард ҳастӣ?!

«Ту ҳам мард ҳастӣ?!» Ин, дар тӯли умрам, бадтарин ҳақорате буд, ки мешунидам! Сухане, ки ғурури ҷавониамро ба замин яксон мекард. Беирода дар худ ларзидам, яке такон хӯрдам. Дастҳоям худ аз худ мушт шуданд. Дандонҳоямро рӯйи ҳам ғиҷиррос занонда гуфтам:

– Нозима?!

Овози худамро нашинохтам. Аз миёни лабҳои ба сахтӣ кушодаам садое мисли овози фишшоси мор баромад... Наметавонам тавзеҳ диҳам... Дашноми «Ту ҳам мард ҳастӣ?!» маро ба монанди оби ҷӯш ба ғалаён овард. Аз сӯе ҳам, симои ҳазини Нозима, аҳволи асафбори ӯ қалбамро нороҳат кард. Надонистам, ки оё ин ҳамон Нозима аст? Ӯро кӣ ба ин ҳол афканд?

Гарангу гиҷ ба сухан омадам:

– Чӣ шуд?

– Чӣ шуданашро аз Бозоробойакаат пурс! Чиҳо гуфта будӣ ба ӯ?!

Нозима бо кафи ду даст гунаҳояшро дошта, бо садои баланд гиря кард. Ман асли гапро нафаҳмида уфтодаҳол меистодам. Ба назар мерасид, ки ким-

чи хел ҳодисаи нохуше рух додааст. Ба ӯ бо нигоҳи илтиҷоомез чашм дӯхта пурсидам:

– Нозима, фаҳмотар гӯ, чӣ шудааст?

– Ба киҳо, дар бораи ман чиҳо гуфтаӣ?

– Ба ҳеч кас, ҳеч чиз нагуфтаам, – саросема шудам ман.

– Пас... Чаро Бозоробойака...

Нозима ғамангез гиря мекард. Ба ҳолаш дилам сӯхт. Ба қалбам воҳима уфтод. Бо дарду ҳоли хуноб гуфтам:

– Чӣ, Бозорбойака?

– Ба шавҳарам... гуфтааст, ки мо бо ҳам дилдода ҳастем!

Он лаҳза дарк мекардам, ки Нозима аз чӣ азият мекашад. Сабабгори он ҳолати ӯ Бозорбойака буд. Боз ҳам ӯ! Ҳамон нокасе, ки дар идораамон ба зери чанд нафар об мондааст.

Гарчи ҷавон будам, ин гуна ҳолатҳоро бо чашми худ мушоҳида мекардам. Бародар, аз миён чандин сол гузашт, вале ҳар гоҳ он рӯз ба хотирамояд, тамоми баданам ба ларза меуфтад.

Ӯ хомӯш монд. Ман ғарқи ҳикояти шунидаам менишастам. Хеле мехостам поёни нақлашро шунавам, чаро ки сарнавишти ӯро гӯё дар худ эҳсос мекардам. Вале ӯ, мисли ин ки мехост ҳиссиёти ба ҷунбиш омадаашро фурӯ нишонад, каме ором шуд. «Нозимаи бадбахт! Кӣ ҳам медонист, ки бар ҷабинаш ин гуна рӯзҳо навишта шудааст? – хаёлангез мегуфт зери лаб. – Шавҳараш оё ба як луқма сухан бовар кард? Дилдода будааст! Охир, дар ҳаққи зане покдоман ба мисли Нозима ба ин гуна хаёл рафтан худ гуноҳ аст! Бовар кардан ба сухани дурӯғ ин қадр осон шудааст? Дурӯғи маҳз, туҳмате беш нест ин!» Нарзулло каме шунавотар ба нақлаш идома дод:

– Ман барои таскин додани Нозима ҳарфи гуфтанӣ надоштам. Чӣ ҳам мегуфтам? Бигӯям, ки ҳамаашро дуруст мекунам? Лекин, чӣ хел? Маълум буд, ки шавҳараш ба ин туҳмат бовар кардааст. Агар не, ҳамсарашро то ин ҳад кӯфта абгор намекард! Ё ки... шояд ба ӯ фаҳмонида тавонам... дар ҳар сурат, ба шубҳаю гумон ҷо намемонад. Агар ҷудо шаванд-а?! Не. Ӯ набояд аз шавҳари худ ҷудо шавад! Дар байн ду фарзанд ҳаст. Оё дар гуноҳашон намемонад он палид? Чиро фикр мекунад? Чаро ин хел рафтор кардааст? Чӣ қасде дорад ба ман? Охир, чаро ба худам намегӯяд?!

Мағзам кор намекард. Нозимаро бо он ҳол гузошта вориди идора шудам. Ба назарам ҳеч чиз наменамуд. Дар роҳрав ба ошноён низ нигоҳе накардам. Танҳо мехостам Бозорбойро бубинам. Ноҷинс, ҳалазун[36]!

Бо ин ҳол ба дастаки дар даст бурдам. Ӯ дар паси мизи пешгаҳ беparво менишаст. Ба маҳзи боз шудани дар чашмони обирангашро ба ман дӯхт. Гӯё ки ҳарфи диламро мехонд, мижа таҳ накарда ба ман назар афканд. Ман ҷавон будам. Аз чӣ боис, каме суст шудам. Ин ҳолати маро пай бурда гуфт:

– Ҳа, барои ҳимояти маъшуқаи худ омадӣ?

Ман надонистам чӣ ҷавобе диҳам. Ғазаби ботинӣ ва аламҳи худро ба рӯ наоварда азоб кашидам. Чӣ тавр метавонистам Нозима ва худамро ҳимоят

---

[36] **Ҳалазун** – тӯқумшуллуқ

кунам? Оҷиз будам. Роҳе наёфта дар азоб мондам. Гӯё бумби сангине уфтода буду гӯшҳоям баста шудаанд. На танҳо гӯшҳоям, мағзам ҳам гирифта буд. Он дам намедонистам чӣ кор кунаму чӣ сухане гӯям. Вақте ки ғазаб бар ақл пирӯз ояд чунин мешудааст. Рафтори ин нобакор дар ҳеч гуна қолиб намеғунҷид. Ай кош, аз чашмонам оташ мепариду ӯро сӯхта хокистар мекард!

Гуфт:

– Ба мисли мор чашмҳоятро аз косахонааш баровarda нигоҳ накун.

Ман бошам, дар рӯ ба рӯйи худ бадтарин душманамро медидам. Як қадам ба дарун гузошта гуфтам:

– Мор ту ҳастӣ!

Ӯ аз ҷояш ҷаста хест ва дарро нишон дода дод зад:

– Баро, гум шав!

– Гум мешавам!

Дарро бо зарб зада хориҷ шудам. Аммо дар пеш маро як олам шармандагӣ мунтазир буд. Худатон фикр кунед: оё аз чашм ало кардан ба ҳамсари касе, ба як зани шавҳардор, шармандагии бештар, пастию аблаҳӣ вуҷуд дорад?! Беҳтар нест, ки ҷойи гирифторӣ ба ин гуноҳ аз кӯҳи баланде уфтода парча-парча бишавӣ? Ҷойи ин ки ба ҷуфти ҳалоли касе бо чашми бад нигоҳ кунӣ, магар афзал нест худро ба дарёи пурғалаён афканию оташи нафсатро бикушӣ ва дар қаъри оби бекарон барои худ қабре канӣ?!

Аз ҳавлӣ сарусадоҳои берабте шунида шуд. Вақте ки омадам берун, чашми шайтон кӯр, шавҳари Нозима ӯро аз мӯйҳояш гирифта бераҳмона мезаду мекӯфт. Як ҷавону як духтар бо доду фарёд саъй мекарданд онҳоро ҷудо кунанд. Ман гӯё бол баровардам. Худро ба он самт андохтам ва ҳамчун одаме, ки аз ниҳояти ғазаб ба ваҳшӣ табдил меёбад, садо баланд кардам:

– Даст нигаҳ дор! Ҳамааш дурӯғ аст!

Ӯ Нозимаро раҳо карда, ба ҷониби ман рӯ гардонд:

– Ин туӣ, ки бо ҳамсарам ишқварзӣ мекунӣ, бетарбият?! – ва билофосила ба сӯям тохт.

Аз муште, ки бо зарб ба рӯям нишаст, дар назди чашмонам гӯё барқ дурахшид. Чашм пӯшида кушодам, ӯ бо нигоҳҳои хунину ваҳшиёнаи худ, ки гӯё касро хойиданӣ буд, бо нафрат дида меандохт. Бача будему бо муштзаниҳо бузург шудаем. Ман ҳам бехудона ба ӯ дарафтидам. Чӣ хел ба сараш мушт фуроварданамро надониста мондам. Ӯ ба мисли бозичаи қӯрғошимӣ дар ҷо калавида рафт, аммо науфтод. Муҳкам аз гиребонҳои ҳамдигар гирифта дар рӯйи замин ғел задем. Алами ӯ сахттар буд. Бо тамоми неру мушт мефуровард. Ман ҳам аз ғафлат раҳида, кам намеовардам. Тамоми сурату чашмҳоямон ба хун оғушт! Пероҳанҳои ҳар ду пора-пора шуд! Издиҳоми атрофамон тамошобин буданду бас. Танҳо як-ду тан ҷавон мехостанд моро аз ҳам ҷудо кунанд.

Касе хабар дода буд, ки мошини милитсия пайдо шуд. Ҳардуямонро бо худ бурданд. Дар дохили қафасаи оҳанини мошини милитсия, ки махсуси ҷамъ карда бурдани бадмастон буд, нишаста, то ҷое ба худ омадам. Дар ҳамин ҷо

ҳам шавҳари Нозима як-ду бор даруфтод. Ҷавонони формапӯш ӯро нигаҳ доштанд.

Дар шуъбаи корҳои дохила хеле пурсуҷӯ карданд. Ба идораамон ҳам рафтаанд. Ман ҳарчи гузашта буд, нақл кардам. Аммо дар хусуси ин, ки байни ману Нозима ҳеч гапе нест, бовар кунондани одамон мушкил буд. Бозорбой бо ғайбатҳояш пирӯз омад. Парвандаи ҷиноӣ боз накарданд, чаро ки даъвогар набуд. Шавҳари Нозима, мум дар даҳон, хомӯш менишаст. Ӯро озод карданд. Ба ман понздаҳ рӯз доданд.

Кӯчарӯбӣ ва мисли ин корҳои пешпоуфтодаро анҷом медодам. Нороҳатиам то ҷое аз байн рафт. Танҳо бо ёди Нозима дилтанг мешудам. «Акнун чӣ мешавад? – фикр мекардам барои худ, хаёлҳои бесару нӯг мағзамро мисли санги осиёб мехарошиданд. – Оё шавҳараш ҳақиқатро фаҳмид? Ба аҳмақиаш тан дод? Шояд пурсуҷӯҳо ҳам кардагист!» Ҳар гоҳ рухсори бодкардаи зани бегуноҳ аз дасти шаллоқҳои ӯ дар зеҳни хотирам падидор мешуд, нола мекашидам...

Аз байн се рӯз гузашт. Ба наздам Ҳоҷиакбарака омад. Ҳамон, устоди худам! Ӯ дар идораамон муовини раис буд. Хотирҷамъ менамуд. Дар нигоҳҳояш на ғазабро ҳис кардаму на таънаро. Ӯ бодиққат ба ман назар афканда гуфт:

– Ҳамин кор нашудааст, оре?

Бо аломати рад сар ҷунбонда ҷавоб додам:

– Албатта, не.

Ҳоҷиакбарака гуфт:

– Нигоҳ кун, ман ба ту бовар дорам.

Ба ӯ чашм дӯхта мондам. Ба назарам мисли фаришта менамуд. Ӯ гуфт, «бовар дорам!» Ин сухан барои мане, ки дар тӯли чанд рӯз миёни аламу изтиробҳо мезистам, нахустин каломи самимӣ буд. Бо гумони ин, ки ҳақиқат ба рӯйи об баромадааст, нафаси амиқ кашидам. Хӯриам омад. Ду дастро ба рӯйи сурат гузошта, беовоз гиря кардам. Китфонам поину боло меҷаҳиданд. Аз чашмонам беист ашк мерехт. Ин ҳолат боз як сабаби дигар дошт. Ба шумо нагуфтаам. Дар рӯзи дигари маҳбусӣ ҳамсарам маро тарк карда, ба хонаи падараш рафта буд. Инро модарам ҳангоми овардани хӯрок гуфт. Ҳатто ҳис мекардам, ки модарам низ он қадр ба ман бовар надорад... Худатон тасаввур кунед: тамоми олам мухолифи ман буд! Чӣ коре метавонистам кунам? Бегуноҳии Нозимаю худамро чӣ хел собит намоям? Беҳуда нагуфта будаанд, ки туҳмат сангро пора мекунад. Ин туҳмат рӯзгори осудаамро аз ҳам пошид. Вале, билохира, дар миёни ин торикӣ шуълае гӯё дурахшид. Ин шуъла ҳамон як луқма сухани Ҳоҷиакбарака буд, ки мегуфт: «Ман ба ту бовар дорам»!

Устод изҳор кард:

– Нозима чанд бор аз гузоришҳои Бозорбойака камбудӣ ёфта буд. Ин ҳам оқибаташ. Ӯ касест, ки аз паси одам корд мезанад. Дар ин миён ту низ ҷабр дидӣ.

Аз он суханҳои Ҳоҷиакбарака, ки оромона баён мекард, ба ларза омадам. Маълум мешавад, ки ин ҳама қасди Бозорбой аст?! Вой, аблаҳ-е! Пас гап дар

ин ҷост?! Ҳаминро мегуфтӣ, ҳақорат медодӣ, аз кор мерондӣ – намешуд?! Номи як бонуи покизаро олуда кардӣ. Хонаашро вайрон кардӣ! Ман чӣ шудам? Ҳамсари ман ҳам аз хона рафт! Исмам ба занбозӣ баромад!

Ҳоҷиакбарака дар идомаи суханаш гуфт:

– Аз дӯконат нигарон набош. Шогирдат мечархонад. Ман ҳам ҳавояшро дорам.

Дар ин лаҳза маро як савол азият мекард: ба Нозима чӣ шуд? Ба ҳар ҳол, дар ғавғоҳои ба сараш омада худро гунаҳкор мешумурдам. Гунаҳкори беайб будам! Овози аламноки ӯ бо гуфтани «Ту ҳам мард ҳастӣ?!» ҳанӯз дар пушти гӯшҳоям баланд садо медод. Наход ӯ гумон бурд, ки ҳама гап аз ман рӯйидааст? Рост, чунин ҷавонҳо кам нестанд. Агар зане барояшон муомилаи хуб кунад, ба дигарон лоф зада мегӯянд, ки ӯ маро дӯст медорад. Охир, ман ки аз он ҷумла номардҳо нестам?! Ба ин пурсиш, ки диламро мехарошид, боз ҳам худи Ҳоҷиакбарака посух дод:

– Нозима фикр мекардааст, ки ту ба касе лоф зада аз он гапҳо гуфтаӣ. Аммо сухане беҷо ошкор нашуд. Ба масъала равшанӣ уфтод. Шавҳари Нозима ба идора омада меистод. Ин ҳамаро Бозорбой ба гӯши ӯ расонда будааст.

Воқеан, море буд ин Бозорбой! Заҳри тез дошт. Чӣ қадар одамро ба изтироб андохт, номард. Модаркалонам ҳамеша дуо мекарданд, ки «Худо аз балои обу оташу туҳмат нигаҳ дорад!» Маънии ин мақолро ҳамон вақт фаҳмидам...

* * *

Худрави мо дар роҳи саҳро бо суръати муътадил мерафт. Нарзуллло чашм аз роҳ намеканд. Рӯйдодҳои пешинро ёд карда, яке барафрӯхту боз хомӯш шуд гӯё. Боз ҳам кӣ медонад. Бо як дидан сокит менамояд. Магар инсон метавонад ин гуна зарбаро фаромӯш кунад? Шояд он воқеа ҳанӯз ҳам қалбашро мефишорад? Охир, ҳатто ман хеле мутаассир шудам, дар сурате ки ҳам ба Нозима ва ҳам ба Нарзулло билкул одами бегона ҳастам! Беихтиёр ба донистани сарнавишти онҳо майл пайдо кардам:

– Шумо коратонро тарк кардед, бале?

– Оре.

– Нозима ҳам?

– Нозимаро Ҳоҷиакбарака дар кор нигаҳ дошт. Аммо аз шавҳараш ҷудо шуд.

– Шавҳараш то охир ҳақиқатро надонист?

– Шояд ҳамаро фаҳмида бошад... Даҳони мардум бедарвоза аст. Он вақт ба забони ҳама ҳамин суханҳо печида буд. Дубора муросо накарданд. Шояд нахоста бошад... Дар асл, ба ӯ низ ҷабр шуд. Ману ҳамсарам забон ёфтем, зиндагиро бо ҳам идома додем. Оилаи ӯ бошад, пароканда шуд. Ду бача сарсон...

– Аз он пас бо Нозима мулоқот кардед?

– Не. Мабодо дар кӯча рӯ ба рӯ оем, чизе нагуфта, худро дур кашида, гузашта меравам. Ҳамин тавр маъқул. Шунидам, ки акнун дар ҷойи Бозорбой кор мекардааст.

Беирода пурсидам:

– Ӯ чӣ ҳол дорад?

– Ба вай чӣ мешуд? Ин турфа одамонро ҷин ҳам намезанад. Бознишаста[37] аст. То ҳол ҳамон рафтору ҳамон кирдор... Худатон ҳам дидед...

* * *

Худрави саворӣ дар назди як хонаи одии деҳотӣ, ки дар канори ҷӯйи оби равон воқеъ буд, истод. Дарвозаи ҳавлӣ боз буд. Нарзулло беихтиёр сигналро зер кард ва гуфт:

– Расидем.

Аз кӯча ҳавлӣ бо воиши ток, ки дар он сарҳои ангур овезон буданд, ба чашм хӯрд. Аз суфаи зери воиш як зан аз ҷо хест, ба сар рӯмоли сапед дошт. Маро шинохта, рӯмоли сарашро дуруст карда ба самти дарвоза шитофт.

– Бародар! – гуфт хоҳарам аз китфонам маро ба оғӯш кашида. – Бародар ба ҷойи падарам...

Аз чашмони ӯ ашки меҳр сарозер мерехт. Ҳамин вақт аз дарвоза як ҷавоне девқомат ва духтаре нозукандом пешу пас ба берун баромаданд. Онҳо низ бо нидои «тағоҷон!» худро ба дӯши ман афканданд.

Ман дар оғӯши меҳру меҳрабонӣ монда будам. Бо сигнали кӯтоҳи худрав ба худ омадам. Нарзулло баргашта мерафт...

[37] **Бознишаста** – нафақахӯр



**ШОЙИМ БӮТАЕВ**
**(1959)**

*Шойим Бӯтаев 20-уми июни соли 1959 дар деҳаи Майдончаи ноҳияи Ӯротеппаи Тоҷикистон таваллуд ёфтааст. Соли 1982 факултаи таърих ва филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷандро хатм мекунад.*

*Шойим Бӯтаев фаъолияти кории худро дар маҷаллаи «Гулистон» оғоз намуда, баъдан дар рӯзномаи «Тонг юлдузи» (Ситораи субҳ) ба ҳайси мудири шуъба ва дар нашриёти «Чӯлпон» ҳамчун муҳаррир кор мекунад. Ӯ дар бахши «Адабиёт ва радиотеатр»-и радиои Ӯзбекистон ва студияи «Ўзбектелефилм» ба унвони сармуҳаррир фаъолияти пурсамар дошт. Ҳоло дар Идораи табъу нашри ба номи Чӯлпон муовини сармуҳаррир аст.*

*Шойим Бӯтаев муаллифи чандин сенарияи филмҳои бадеию мустанад ва матолиби бадеии радиоӣ мебошад. Нахустин қиссаи ӯ «Ахтарони мармуз» («Сирли юлдузлар») соли 1984 дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» ба чоп расидааст. Дар идома маҷмуаи ҳикоя ва қиссаҳои адиб дар китобҳои «Дунё сарҳисоб дорад» («Дунёнинг сарҳисоби бор», 1988), «Акнун ҳамааш ба навъи дигар» («Энди бари бошқача», 1990), «Бозии шамол» («Шамол ўйини», 1995), «Боғе дар маҳалли ғуруб» («Кунботардаги боғ», 1997), «Ҳаёт» (2000), «Овози монда дар кӯча» («Кўчада қолган овоз», 2005) ба табъ мерасад. Ӯ муаллифи романҳои «Моҳи маҳсур» («Қўрғонланган ой», 1996), «Шох» (2007) мебошад.*

*Шойим Бӯтаев соли 2001 бо нишони «Дӯстлик» (Дӯстӣ) тақдир шудааст.*

# НАСЛ
***(ҳикоя)***

Йилқибой Тӯхлиев бародаре дошта бо исми Илаш. Ӯ подачӣ будааст. Ба подааш хару бузҳоро низ ҳамроҳ карда ба чаро мебаровардааст.

Йилқибой ӯро надида буд.

Як рӯз бо фуромадани меғи ғализ курраи Наим аз пода барнамегардад. Наим се-чор бор ба манзили Йилқибойино меояд, бо талаби курраааш ба ҷону ҳоли Илаш мерасад, ҳатто «қулоқ шудани падаратон кам буд магар» гӯён, дӯғу пӯписа ҳам мекунад. Илаш савори хари худ шуда, ба ҷустуҷӯйи курраи Наим мебарояд. Бо ҳамин, бедому дарак мешавад.

– Тағо, аз нон гиред...

Чун хаёлангез менишаст, Йилқибой як қад парида сар боло кард.

Ҳама ба дастархон чашм дӯхта, гӯё ки аз он чизеро меҷустанд, хомӯш менишастанд. Вале бар рӯйи суфра ғайр аз нон чизи дигар набуд.

Йилқибой чашмонашро пӯшида, лабҳояшро ҷамъ карда ба пеш ёзонид-у он чиро аз хаёл мегузаронд, ба забон овард:

– Э, бегонаро...

Дар ин дам мӯйсафеди тақрибан ҳафтодсолае, ки дар пешгаҳи давра риши тунуки худро бо ангуштони нозукаш хилол карда менишаст, хомӯшона бо ҳайрат ба ӯ нигарист.

Йилқибой давоми суханашро гуфта натавониста... дар фикр монд.

Хоҳарзодаҳо яке безобита шуданд.

Йилқибой маҷбур шуд хатояшро ислоҳ кунад, гуфт:

– Ака, шумо шавҳари апаам, хеш ҳастед!

Мӯйсафед дар ҳоле, ки бовараш намеомад, гилаомез чашмонашро калонтар кушода, ба самти ҳамсуҳбати худ назар афканд. Йилқибой нигоҳашро аз ӯ гурезонда, ба сӯйи хоҳарзодаи хурдӣ рӯ овард ва шитобзада гуфт:

– Ёзибек, агар ту ба Тошканд мерафтӣ...

– Хуб шудаст! – бо ризоят изҳор кард Ёзибек асли гапро напурсида, вале бо хаёли ин, ки шояд барои касе артист-партистеро суҳбат кунад, афзуд: – Базлагӯёни худамон...

Ӯ ҳарфи даҳонашро нагуфта, тағо дар миёни сухан тохт:

– Дар ин замона артистро ба сарат мезанӣ? Гап якто, ақлат бошад, ба миёни онҳо надаро. Ту ба Тошканд барои овардани тағоят меравӣ.

– Тағоям?

– Оре, тағои Илашат!

Ҳамин дам аз ҷониби остона нолаи пиразан базӯр шунида шуд, ки мегуфт:

– Ака-а-м!.. Зин-да!..

Ба сухан гуфтан дигар ҳолаш намонда, тап аз по уфтод.

Чашмони мӯйсафед пир-пир мепарид.

Тағою хоҳарзодаҳо ҳама аз ҷо хеста, ба ёрии пиразан шитофтанд. Йилқибой бо нигаронӣ овоз баровард:

– Э-э-э, апа! Ба шумо чӣ шуд?

Бачаҳо ба сурати ӯ об пошиданд.

Пиразан каме ба худ омаду гуфт:

– Ин хоҳарат садқаи хоки поят шавад!

Йилқибой саросема шуда, хато кардани худро пай бурд. Бо ин ҳол, нахост сир бой диҳад. Каме худро нороҳат нишон дода гуфт:

– Ҳа-а, хезед акнун! Аз Худо илтиҷо кунед, ки акаамонро ёбем...

Пиразан кафи дастҳояшро кушода, ба боло бардошта, дуо кард:

– Аз субҳ то шом бо ёди Худо ҳастам, ё Аллоҳ мегӯям. Зинда дидани ӯ бароям бас аст. Илоҳӣ, гӯри Наим бисӯзаду авлодаш рӯшноӣ набинад.

Пиразан абраву остари Наимро тагурӯ карда, хеле дуои бад барояш фиристод. Дилашро холӣ кунад гӯён ба ӯ чизе нагуфтанд.

Мӯйсафед худ ба худ ғурунгос зад:

– Ҳинояш ранге надораду талабкор аст, номард.

Йилқибой маҷаллаеро тез-тез варақгардон карда ба дасти Ёзибек дод ва бо ишора ба саҳифаи ёфтааш, ки навиштаеро аз он азёд карда буд, гуфт:

– Ма, ин ҷоро бихон.

Ёзибек шуруъ кард ба хондан: «Ёдгориҳои қадима».

Йилқибой бо таъкид гуфт:

– Поинтар, исми муаллифи мақоларо бихон.

Ёзибек мутолиаро идома дод: «Тӯлқин Тӯхлиев, номзади илмҳои археологӣ».

Хоҳарзодаи калонӣ ба зери забон нос андохта, бо ҳайрат гуфт:

– Исмаш дигар аст-у!

Йилқибой бо боварии том гуфт:

– Ҳамон! Фақат ин худи бародарам нест, шояд писараш ё ягон наберааш бошад. Номзади фан навишта? Одами одӣ наменамояд…

Ёзибек изҳор кард:

– Мегӯед, ки он замон Илаштағоям сенздаҳ-чордаҳсола буд. Наход бо ин синну сол хонаро ёфта наояд?

Йилқибой ало-ало нигоҳ карда пурсид:

– Гуфтанӣ ҳастӣ, ки аздусар аз ҳаёт гузаштааст?

– Не-е!

– Шумоҳо хеле доноед, додар!

– Монед-чӣ...

– Тағоятотон... инсони баорият буд.

Пиразан дар миёни сухан гуфт:

– Амакам Мирзоалӣ дар замони мудири ферма буданаш ҳар рӯз дар кӯча деги калонеро гузошта, ба лучу гуруснаҳо як косагӣ оши кӯча медод…

– Оши ҳаром, – мӯйсафед садо дар гулу ғудуррос зад, вале ӯро касе нашунид, агар шунида ҳам бошад, худро ба ношунида зад.

Пиразан ба суханаш идома дод:

– Э, атрофи дега бачаю кача гирд карда мегирифтанд. Боре ҳам акаам Илаш... наздик нашуд. Як коса оби явғона оварда ба дасташ доданд, нагирифт, изо кашида истод. Дар ниҳоят, вақте ки хӯрокро пас мебурданд, тоқат накарда, домани гиряро сар дод.

Мӯйсафед ба назар мамнун менамуд.

Хоҳарзодаи калонӣ гуфт:

– Акну-ун, он гуна расму одатҳо ба мисли орият-порият, номус-помус намонд.

Мӯйсафед якпаҳлу шуда назар афканд.

Ёзибек ба маънии ҳамфикрӣ баён кард:

– Гуфтан лозим буд, ки хок бар сари худату ҳамон курра-пураат!

Мӯйсафед рӯяшро турш кард.

Йилқибой каме суст шуда гуфт:

– Касе, ки дар хидмати халқ аст, ин хел намегӯяд.

– Халқатон кӣ буд?

– Инро шумо медонед! – ранг бохта гуфт Йилқибой, дар ҳоле ки аз чашмонаш шарорае париду хомӯш шуд.

Мӯйсафед гардани худро хорида, ба самти касе нигоҳ накарда, бо овози тунд гуфт:

– Акнун бас кунед.

Ҳама сар ба дарун кашиданд.

Пас аз каме хомӯшӣ Йилқибой ба Ёзибек рӯ оварда гуфт:

– Набошад, фардо барвақт ба роҳ барой. Мехостам ҳамроҳ равам, лекин аз автобус хушам намеояд, дилам беҷо мешавад. Ин ҳам пул – панҷсад сӯм. Мерасад?

– Монед, дар худам ҳаст.

– Вақте ки доданд, гир, ба такси-паксиат лозим мешавад.

– Агар ӯ одами дигар бошад-чӣ?

– Бо худ гирифта биё. Фамилия монанд аст, аз як насл!

– Аҷоибед, тағо. Шумо феълу хӯйи шаҳриҳоро намедонед. Ҳар кӣ агар дар дил каме хирагӣ дошта бошад, намегузорад аз остона ба дохил по ниҳӣ...

Йилқибой бо боварӣ гуфт:

– Мегузорад! Дониста мон, ӯ Тӯхлиев аст! Тӯхлиевҳо ҳар як одами расидаро меҳмон накарда, иззату икромашро ба ҷояш нагузошта, гусел намекунанд.

Қавоқҳои мӯйсафед овезон шуд.

Йилқибой ба рафтан омодагӣ дида, бо мӯйсафед ва хоҳари калониаш хайрухуш кард. Хоҳарзодаҳояш барои гусел намудани ӯ баромаданд. Йилқибой ба Ёзибек гуфт:

– Омодагиатро бубин. Насиб кунад, пас аз омаданатон як тӯйи калон медиҳем.

– Хуб шудаст...

Хоҳарзодаи калонӣ ҳам суфориш гирифт.

Йилқибой рафт.

Бориши борон сахттар шуд. Тамоми шаб наистода борид.

Рӯзи дигар хуршед чеҳра боз намуд.

Мӯйсафед бар рӯйи кундаи васати ҳавлӣ нишаста, худро гарм мекард.

Ёзибек роҳи Тошкандро пеш гирифт.

Мӯйсафед чашмонашро нимпӯш карда, ғарқи хаёл ба офтоб дида медӯхт...

Аз миён ду рӯз гузашт. Ёзибек танҳо, бо лабу лунҷи овезон, дар ҳоле ки ҳавсалааш пир шуда буд, баргашт. Йилқибой ба маҳзи дидани ӯ, ҳолу аҳволпурсиро фаромӯш карда, рангпарида ва умедвор пурсид:

– Пайдо накардӣ?

Ёзибек дандон газида гуфт:

– Пайдо кардам... Фақат на худи ӯро.

– И-е!

– Маҳалли корашро ёфтам.

– Ба хонааш нарафтӣ?

– Хона надоштааст. Дар манзили ҳар кас, ҷойи муносиберо ёфта шабро рӯз мекардааст.

– И-е!

– Гуфтанд, ба маъмурият[38] рафтааст, то ду-се моҳи дигар барнамегаштааст...

Йилқибой чизе нагуфт. Маълум буд, ки ӯ аз ин ҷавоб қонеъ нест. Пас аз фурсате пурсид:

– Ба куҷо рафтааст?

– Ба Сибир!

– Ху-уб, ҷаҳл накун...

– Рост мегӯям.

– Дар он ҷо чӣ кор мекардааст?

Ёзибек гуфт:

– Намедонам, тағо, намедонам... Бино ба гуфтаи ҳамкоронаш, ба ҷустуҷӯйи ҳамнаслони худ баромада рафтааст.

– И-е! – баногаҳ ҳамин калима дубора аз даҳони Йилқибой берун омад.

Ёзибек ба тафсил гуфт:

– Дар Сибир дар соҳили кадом-як рӯдхонае аз замонҳои қадим наслҳои мо зиндагӣ мекардаанд. Барои ҷустуҷӯйи онҳо, бо мақсади анҷом додани ҳафриёти археологӣ рафтааст.

Йилқибой гуфт:

– Аҷаб, аз ин бармеояд, ки мо бо одамони он ҷо низ робита дорем?

– Зоҳиран, ҳамин тавр, – илова кард Ёзибек ва хаста шудани худро баҳона карда, аз чашм ғойиб шуд.

---

[38] **Маъмурият** – рухсатӣ, командировка

Шабҳангом Йилқибой ба манзилаш меҳмон хонда, ба онҳо ҳам зиёфат дод ва ҳам доди суҳбатро. Ӯ ба такрор мегуфт:

– Об-бо шайтон-е, омада-омада изи насли моро дар Сибир ёфта монад-а!.. Ба касе гӯйӣ, бовар намекунад, Сибир куҷою Пастқӯрғон куҷо?!

Яке аз ҳамнишастон бо оҳанги ҳазл илова кард:

– Нашавад, ки он ҳамнаслони шумо чукчаҳо бошанд?

Садои ханда баланд шуд.

Нафари дигаре хулоса кард:

– Мурод-девона ҳам кадом як вақте ба он заминҳо рафта, бо худаш чормағзу мавиз бурда, се-чор сол мондагор шуда буд. Аҷаб нест, ки ӯ низ хешовандони худро ёфта бошад!

– Мурод-девона медонистааст пас...

Аз чӣ боис, ба Йилқибой малол омад.

– Э, шуморо, – даст афшонда зери лаб гуфт ӯ ва мизбон будани худро низ фаромӯш карда, аз хона хориҷ шуд.

Вақти бисёр нагузашта, дигарон ҳам аз ҷо хестанд.



**АБДУҚАЮМ ЙӮЛДОШЕВ**
**(1962)**

*Абдуқаюм Йӯлдошев 28-уми феврали соли 1962 дар ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанд таваллуд ёфтааст. Мактаби миёнаро дар ноҳияи Оқолтини вилояти Сирдарё хатм намуда, таҳсилоти олиро дар Донишгоҳи политехникии шаҳри Тошканд фаро мегирад (1985). Ӯ пайи ҳам дар идороти рӯзномаю маҷаллаҳои «Сирли олам» (Олами пурасрор), «Ёшлик» (Ҷавонӣ), «Ҳуррият», «Моҳият», «XXI аср» (Асри 21), «Адолат» фаъолият мекунад. Аз соли 1993 узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон аст.*

*Адиб Абдуқаюм Йӯлдошев чандин ҳикояи кӯтоҳу баланди худро дар китобҳои «Нахустин шанбеи сунбула» (1998), «Ашки чашмони тимсоҳ» (2003), «Парвоз» (2004), «Як шабу як умр» (2007), «Алвидоъ, зебоӣ» (2011), «Банкир» (роман, 2012), «Бозии калон» (2013), «Пуанкаре» (2014), «Дунё пур аз муъҷиза аст» (2015), «Ҳанӯз вақт ҳаст» (2016), «Дарё» (роман, 2017), «Оғӯши осмон» (2018), «Ишқи саҳро» (2019), «Афсуни ишқ» (2019), ҷамъ оварда ба табъ расондааст. Муаллифи филмҳои ҳунарии «Одамони хурдак», «Шиканҷа», «Иқтидор», «Виҷдон», «Нигоҳ», «Қадамҳо» ва силсилафилмҳои «Шохобчаҳои ҳаёт», «Озмоиш», «Дар байни одамон», «Дарёи ватан» мебошад. Шатранҷро дӯст медорад ва алоқа дорад бисёр китоб хонад.*

## МУАММО
***(ҳикоя)***

Худо диҳад, намегуфтааст ту кӣ ҳастӣ! Икром дар озмуни барноманависии роёнай[39] ғолиб омаду ба саёҳати яке аз кишварҳои Аврупо роҳхат гирифт. Ҳазинаи рафту баргашт, хобу хез, хӯрду хӯрок, монед ки, ҳама харҷҳои сафар ба уҳдаи мутасаддиён будааст!

Аз хурсандӣ сари Икром ба осмон расид.

* * *

...Ҳама ҷо сабзу хуррам. Роҳҳо ба мисли оина тахту ҳамвор. На гарде ба чашм мехӯраду на ғуборе. Рӯзҳои аввал Икром покиву таровати дарахтону барги буттаҳоро дида, ҳатто гумон кард, ки шабонгаҳ онҳоро шуста мондаанд... Барои санҷидани фикри худ як-ду баргро лесида ҳам дид. Ҳайрату шигифти ӯро пай бурда мутарҷим шарҳ дод:

– Ҳаво ҳамеша нам аст. Аз ин рӯ, гарду хок намехезад, баргҳо тару тоза меистад.

Дар воқеъ, Икром дурустии сухани мутарҷимро бо чашми худ дид. Гиребони пероҳанаш, ки як ҳафта пӯшида гашт, заррае ҳам чирколуд нашуд. Ҳол он ки дар деҳааш маҷбур буд ҳар рӯз курта иваз кунад...

Икром ба хубӣ фаҳмид, ки чаро одамони ин кишвар ба манзилҳои худ, ҳатто ба хонаи хоб бемалол бо кафши по медароянд. Охир, кафшҳо ҷило медиҳад, аз гарду хок хабаре нест. Гузашта аз ин, одамон аз дохили манзил ба мошинхона мегузаранд, дар он ҷо ба худрав нишаста то офис меоянд ва боз ҳам мустақим бар рӯйи пойандозҳо қадам зада ба хонаи корашон медароянд. Бо ин ҳама шароит гард аз куҷо хезад?

Бо вуҷуди ин, дар кишвари бегона на ҳама чиз ба Икром хуш омад. Одамон баъзан корҳое мекарданд, ки ҳеч мон: аз хоб хеста дасту рӯ шустан аслан ба ёдашон намеомад, бо ҳамон ҳол ба рӯйи бистар нишаста қаҳва мехӯрданд, гуфтугузор мекарданд...

Икром деҳаро ба ёд овард: ҳар субҳ аз хоб хеста бо дасту рӯйи ношуста на танҳо ба падару модар, ҳатто ба бародаронаш салом намедод, бо онҳо суҳбат кардан бошад, ҳеч гоҳ...

Икром забони инглисиро меомӯхт. Ба хотири такмили шуғли худ як рӯз ба торнамои[40] парлумони кишвар ворид шуд. Ӯ ҷумлаҳои матнеро як-як тарҷумакунон охирсар дарёфт, ки як гурӯҳ намояндаи парлумон пешнависи қонунеро дар бораи роҳу равиши нигаҳдории саг дар кӯчаҳо омода мекардаанд. Икром дар ҳайрат монд, «ё ман нодуруст тарҷума кардам?», гумон

---

[39] **Барноманависии роёнай** – барноманависӣ (ё барномасозӣ)-и компютерӣ, сохти нармафзор

[40] **Торнамо** – вебгоҳ, вебсайт

бурд ӯ. Рӯзи дигар боиси дудилагиашро аз мутарҷим пурсид. Ҳамкор ором ҷавоб гардонд:

– Дуруст аст, иштибоҳ накардаӣ.

Икром бештар ба шигифт омад:

– Аҷаб... магар намояндагон ғайр аз ин кори дигар надоранд?

Гӯё воқеиятеро ба мисли «ду кара ду – чор» мефаҳмонид, мутарҷим боз ҳам бепарво гуфт:

– Охир, агар ҳама қонунҳои зарурӣ аллакай таҳия шуда бошад, намояндагон бо чӣ машғул шаванд?

Ҷавоби мантиқӣ сари ҳайрати Икромро шикаст...

Дар ин кишвар боз як мавриди дигар барои Икром ҷолиб менамуд. Гап сари он, ки одамон, ҳарчанд ба якдигар ҳафт пушт бегона буданд, дар кӯю кӯча, дар мағозаю боғҳои истироҳатӣ, дар коргоҳ ё ҳар ҷойи дигар лабхандзанон ба ҳам менигаристанд ва бо меҳрабонӣ дар муомила мешуданд. Ба хусус, агар дар роҳраву хиёбонҳо кӯдакеро ба китфи волидайн ё дар аробачааш медиданд, пиру ҷавон, мисли ин ки ба муъҷизае рӯ ба рӯ шудаанд, ба ӯ бо меҳр назар афканда, ду-се сухани хуш мезаданд ва ҳатман аз сумкача ё ҷайбашон ягон ширинӣ ё кулчаи қандин таоруф мекарданд.

Пас аз фикру мулоҳизаҳои тӯлонӣ Икром то ҷое дарёфт, ки ин гуна меҳру алоқамандиҳо аз куҷо об мехӯрад. Вақте ки дар оила як ё бигузор, ду фарзанд бошад ва бар замми ин, агар бача ба синни шонздаҳ даромада аз хона барояду зиндагии мустақил ба сар барад, бешак, падару модарони бечора ба бӯйи кӯдак, ба лабхандҳои вай зор мешаванд! Бо ин ҳол, аз одаме, ки дар рӯ ба рӯят табассум мекунад, албатта хушат меояд. Эҳтимолан ин табассумҳо дар бисёр маврид самимӣ нестанд, шояд одамон лабхандро чун ниқобе ба рӯйи худ мекашанд, вале, дар ҳар сурат хушоянд аст...

Хеле ҷолиб буд, ки дар рӯзҳои аввал атрофиён симои ҷиддии Икромро дида тааҷҷуб мекарданд ва бо нигаронӣ аз мутарҷим мепурсиданд:

– Меҳмонамон оё мушкилие дорад?

Икром инро шунида ба завқ меомад ва наметавонист хандаи худро нигаҳ дорад. Бо дидани ин ҳолат мизбонҳо нафаси роҳат мекашиданд.

Албатта, ба ҳар каси пешомада бо лабханд нигоҳ карда гаштан кори осон нест. Рафта-рафта то бегоҳӣ даҳону ҷағи Икром ба дард меомад. Охир, тамоми рӯз ба монанди каллаи нимсӯхта писхандзанон гаштан, ба ҳар одами дучоромада бо лабханди маҷбурӣ даҳонро калон кушода «Ҳэлоу! Ҳау ду ю ду?» гуфтанҳо магар саҳл аст?

* * *

Дар кишвари дурдаст ҳафт ҳафтаи афсонавӣ чун бод гузашта рафт. Икром бо як ҷаҳон орзу ба диёри худ баргашт. Шомгоҳон дар зери болҳои ҳавопаймо шаҳри азизи худро дар оғӯши ҳазор-ҳазор чароғони тобон дида, аз хурсандӣ чашмонаш пури об шуд.

Оре, Икром ба ватан омад, аммо дар нахустин рӯзи бозгашт дарк намуд, ки орзуҳои дар дил парваридааш ба ин зудӣ рӯйи об нахоҳанд омад.

Субҳи барвақт ба самти истгоҳи хатгардҳои[41] шаҳрӣ роҳ пеш гирифт. Дар кӯлбораш барои ҳар як ҳамкори худ, ки барои шомил шудани ӯ ба озмун ёрӣ расонида буд, дастовез дошт. Ҳамёни пул низ даруни кӯлбораш, мехост дар қаҳвахона барои ҳамкорон муфассал чой диҳад.

Табъи ҷавон хуш, сари ҳол қадам мезад. Воқеан, ҳеч чиз ба диёри хеш намеояд! Бигузор, гарду ғубор ба рӯ занад, роҳҳояш низ ноҳамвор бошад, дар ҳар сурат, аз они худат аст!

Дар оғӯши чунин хаёлот, тавре ки дар хориҷа одат карда буд, Икром бо чеҳраи кушод ва хандон то истгоҳ омад ва дар охиртари сафи номураттаби навбатистодаҳо, ки роҳи хатгарди мусофирбарро мепоиданд, ҷой гирифт.

Роҳакиҳо бо асабоният ба роҳи хатгард дида медӯхтанд. Чашми Икром ба марде, ки аз ҳама пеш меистод, уфтод. Ӯ ба тан куртаи катакдоре дошт, ки ҳеч барояш намезебид, тавқи паҳне ба гардан зада буд, мисли одамони чил-чилу панҷсола менамуд, чурукбашара ва офтобсар буд. Аз хастагӣ «уфф» гӯён зери лаб ғудуррос зад: «Инҳо дар роҳ мурда мондаанд, чӣ бало?!» Икром як қад парида ба пасу пешаш нигоҳ кард. Пай бурд, ки одамон ба ин носазогӯйӣ бепарвоанд, каме осуда нафас кашид.

Дар ҳамин вақт як ҷавонзани фарбеҳи тахминан сисолае, ки ба фарбеҳии худ нигоҳ накарда пероҳани тору тангеро пӯшида буд, ба самти халтаи вазнини як далташ хамшавон ва хир-хир нафасгирон омада монд. Икром ҳамчун як ҷавони муаддаб, бо ишора ба ин ки дар охири навбат вай истодааст, ба ҷавонзан рӯ оварда лабханде зад.

Лекин...

Он зан ё бо дасти чап аз хоб хеста буд, ё табиатан асабҳои хароб дошт ки, дар изои лабханди Икром абру дарҳам кашида, бо ғазаб нафрин кард:

– Дар чашмҳоят намак ҷӯшад!

Ҷаҳли Икром омад. Аммо саъй кард ғазаби худро ошкор накунад, боз ҳам ба мисли як роҳакии боодоб, тибқи одати омӯхтааш дар хориҷа, табассумомез ба ҷониби зан моил шуда гуфт:

– Диҳед, халтаатонро мебардорам.

Ҳарчанд Икром аз таҳи дил ёрӣ расонданӣ буд, аммо чӣ ҷине зад, ки ҷавонзан як он худро ба канор кашида, бо хашм дод зад:

– Э, гум шав-е!

Икром бо дасти дарозкардаи худ як лаҳза сари ҷо музтару лол монд. Бо ин ҳол, боз ҳам кӯшид лабханде занад, ба одати маъмул. Аз садои баланди зан навбатистодагони дигар ҳаросида, баргашта ба сӯяшон назар афканданд. Ҷавонзани фарбеҳ ё аз табассуми Икром нороҳат шуд, ё ки маро масхара мекунад гӯён гумон бурд ки, ин дафъа чашмонашро аз косахонааш бароварда, ошкоро бо садои баланд ба таҳқир гузашт:

– Чӣ, духтарҳои ҷавон хушк шудаанд, ҷувонимарг! Шарм намекунӣ, ба ҳамсинни модарат гап мепартоӣ?!

---

[41] **Хатгард** – маршрутка, миниавтобус

Икром тамом шуд. Ба маънии узр пурсидан лабонашро ғунча кард, аммо ба забонаш ҳарфе наомад. Ҳа, Худо нахоста, туҳмат – чӣ бори гароне...

Дар ин вақт марди ба гардан тавқзадаи чурукбашара, ки аз ҳама пеш меистод, бо овози дағали худ ба миёни сухан давид:

– Ин девона аст, хоҳар, тавре ки мегӯянд, маняк! Ин гуна волаю шайдоҳо шумо барин... чӣ гӯям... фарбеҳаку хушрӯяконро поида-поида мегарданду, он гоҳ...

Ин пичингро шунида ҷавонзан бадтар аз худ рафт ва бо ғазаб тамоми қаҳрашро ба рӯйи ҷавон рехт:

– Сабр кун, нишон медиҳам ба ту – чашм ало кардан ба зани бегона чӣ хел мешавад! Боз писханд задани вая бинед! Гумон кардӣ аз дасти мо ҳеч коре намеояд? Меояд, коре кунам, ки дар хоби шабат надидаӣ!..

Марди куртакатакӣ аз нав гуфт:

– Ин қабил волаю шайдоҳоро ба пулис бояд дод! Касалиаша ҳам гуфтан лозим.

Роҳакиҳо ба маънии ҷонибдорӣ аз ин пешниҳоди мард шавқуну мағал бардоштанд. Бадии кор дар он буд, ки ҳамаашон ба Икром бо нафрат нигоҳ карда, бо чашмони калони боз ӯро гӯё «хӯрданӣ» мешуданд... Хайрият, ба бахти Икром мошини мусофирбар омад. Навбатбудагон бенавбат сару дӯши худро ба «Раф» заданд.

Марди чурукбашара бо ин ки аз ҳама пеш меистод, ба хатгард нишаста натавонист ва дар васати мусофирон хафа шуда, садояш баромад:

– Гард! Гард, мегӯям! Инсоф дорӣ ё не, номард?! Накаш аз остинам! Дастамро раҳо кун!..

Ба ҳар ҳол, се-чор нафар роҳакӣ дар хатгарди мусофирбар нағунҷиданд. Хеле аҷиб он буд, ки ҷавонзани фарбеҳи аз ҳама охиромада ба мошин савор шуд ва дар курсичаи хурдаки дами дар нишаста гирифт. Ӯ ҳамон ба Икром, ки мисли ходачӯбе ба замин мехкӯбу сахт шуда буд, бо чашмони нафратомез нигоҳ мекард.

Хатгарди вазнин базӯр аз ҷо ҷунбида ба ҳаракат даромад. Икром ҳанӯз ҳам аз роҳакиҳои боқимонда дидагонашро мегурезонд. Замин намекафид, ки дарояд... Ӯ пойҳои мисли сурби обшуда сангини худро бо азоб бардошта, дар зери нигоҳҳои кароҳатбори одамон аз истгоҳ дур шуд ва каме онсӯтар аз истгоҳи автобусҳо омада истод. Бо эҳсоси нангу алам рухсори ҷавон гӯё месӯхт...

* * *

Икром ба истгоҳи автобусҳо омаду дигар ба одамон нигоҳ накарда, сархам истодан гирифт. Ба назараш чунин менамуд, ки касоне ба сӯяш ҳанӯз ҳам ангушт тик мекунанд. Фурсати зиёде нагузашта як автобус ба мисли зани ҳомила вазнин хазида омад. Икром ба самти дари қафо давид. Ӯ низ аз ақиби се-чор ҷавон, ки ҳамдигарро теладеҳон ба салон даромаданӣ мешуданд,

часпида ба пеш ҳаракат кард. Дар ҳамин лаҳза, ғайриинтизор, ҷавонзане дар канори ӯ пайдо шуд. Аз куҷо омад, нафаҳмида монд.

Икром ним қадам худро ба ақиб гирифт ва бо камоли майл, лабонашро ба табассум моил карда, ба ҷавонзан, ки бисту панҷ-сисолаҳо менамуд, роҳ дод. Ҳамин, мехост мурувват кунад охир, ӯ дунёро дида омадааст! Дар он кишварҳо зану духтарон ба нақлиёти умумӣ бе навбат мебаромаданд. Ин эҳтироме буд ба ҷинси зан.

Аммо...

Ҷавонзан як он сари ҷо истод ва бе истиҳола ба Икроми масруру табассумбалаб гуфт:

– Одам надидай-чӣ, ин қадар чашм ало мекунӣ, беҳаё?!

Ҷавон батамом ангуманг шуд. Аз табассуми чеҳрааш нишоне намонд. Ҷавонзан бошад, бо як даҳан гап боб шудани «ухажёр»-и ношиносро дида, мамнуну сари ҳол дар як чашмпӯшӣ ба автобус даромада рафт. Дар қарс-қурс баста шуд. Автобус вазнин аз ҷо ҷунбида ҳаракаткунон гарду хоки кӯчаро ба рӯ баровард.

Гӯё касе Икромро нағзакак торсакӣ зада буд, ду рухсораш ба сӯзиш омаданд ва беҳолу саргиҷ дар ҷо суст шуда монд.

* * *

Як навъ беадолатӣ, дуруст нафаҳмидани одамон асту бас. Икром коре берун аз доираи одоб накардааст, фақат дар хориҷа дидаю шунидаҳои худро...

Ӯ дубора ба истгоҳ баргашт. Табъаш куллан хира шуд. Бо ин ҳол магар метавон лабханд зад? Хайрият, дар истгоҳ ғайри вай каси дигар набуд. Дар ғайри ин сурат, болои мурда сад чӯб мешуд...

Ҳамин вақт садои сигнали худраве гӯё дар зери гӯшҳояш танин андохт. Икром як қад парида ба самти мошин рӯ овард. Онсӯтар як «Жигули»-и рангу оҳораш парида меистод. Дар бағалдасти ронанда мусофире менишаст. Ҷилавдори сиёҳҷурдаи миёнсол аз шишаи паҳлу сар бароварда пурсид:

– Ҳа, додар, ба куҷо роҳ пеш гирифтӣ?

Ҳарчанд бо лафзи омехта ҳарф задани ронанда ва ба касе, ки дар умраш бори аввал медид, «ту» гуфта муроҷиат кардани ӯ хушоянд набуд, Икром аз пайи одати омӯхтааш беихтиёр лабханде зад ва суроғаашро гуфт.

Ронандаи такси даме ба фикр фурӯ рафт.

– Роҳат чап будааст, – аз нав ба сухан омад ӯ ва бештар абру дарҳам кашида афзуд: – ҳеч гап не, агар розӣ кунӣ, то ҷойи гуфтаат мерасонам.

– Чанд мегиред?

Ронанда пули калоне гуфт. Икром ҳам талош карда нанишаст, зеро дилаш мехост ҳарчи зуд аз ин истгоҳи наҳс, ки шармандааш карда буд, дур шавад.

Икром дар нишастгоҳи қафои ронанда ҷой гирифта, ба мошинбудаҳо «ассалому алайкум» гуфтанро фаромӯш накард. Дар посухи саломаш бошад, аз ҳар ду садое дарнаомад. Ба ҷойи ин, ронанда пешониашро бештар чин кард,

«уф-ф» гӯён оҳ аз сина баровард. Ба назар чунин менамуд, ки ӯ аз мусофири гӯлу сода роҳпулии бештар нахоста буду ҳоло афсӯс мехӯрд.

Худрав на радио дошту на магнитофон. Аз он ки ба мисли нафарҳои қаҳрӣ ё чун одамҳои гунг хомӯш мерафтанд, ҳавсалаи Икром сар рафт. Ӯ бо баҳонаи кушодани гиреҳи суҳбат ба мусофири бағалдасти ронанда, ки гардани ғафси сермӯе дошт, чашм давонд. Гӯё ҳама ғаму кулфати дунё бар дӯши ӯ буд, афсурдаҳол ва бо чеҳраи гирифта ба як нуқтаи номаълум дида дӯхта менишаст. Мусофирро меҳраш ширин намуд. Икром каме ба самти ӯ моил шуда, бо табассум хомӯшии ба миён омадаро барҳам дода гуфт:

– Бубахшед, мисли ин ки шуморо дар куҷое дидаам...

Чун роҳакӣ донист ҳамсафараш бо вай аст, башаст сари худро ба пушт гардонд. Икром тарсид. Дар чашмони мисли гурдаи гов калони мард нафрати бепоён ва таҳдиди хасмона муҷассам буд. Ӯ бо садои хирросӣ гуфт:

– Бале, ман чорумин шавҳари холаат ҳастам, гапе дорӣ?

Икром дар ҷо ларзид, ба тезӣ худро ба қафо кашид. Ронанда фих-фих хандид. Аз оинаи болосараш ба Икром рӯ оварда бо оҳанги масхара гуфт:

– Чӣ хабар, нашъа кашидаӣ мегӯям? Мисли сархушҳо даму даҳанат фақат инҷ?!

Икром як он «не-е!» гуфта монд ва беихтиёр дар чеҳрааш ба ҷойи табассум сардии сангине хона кард. Дигар, андоми ӯ ба ҳоли чӯби тарошида уфтод, аз ҳиссу ҳаяҷон дар он асаре намонд... Ронанда ба навъи худ насиҳат кард:

– Набошад, бидиррос назада ҷим рафтан гир! Вақти монда шудан ба ҳеч кас гап намефорад.

«Рӯз акнун сар шуд, хастагӣ аз куҷо?» гуфтан хост ҷавон, вале забонашро нигаҳ дошт.

Икроми хиҷолатзада тамоми роҳ хомӯш омад. Ронанда алами пули зиёд нахостанашро ситонданӣ шуд магар, ӯро то дами коргоҳ наоварда, хеле дуртар, дар сари роҳи калон пиёда кард. Икром раҳпулиро дода, «раҳмат!» гуфта монд, нахост то охир об дар даҳон равад. Ҳамин ки дарро мебаст, сухани ронанда ба гӯшаш расид, ки пиқ-пиқ хандида мегуфт: «Инҳо агар дору зананд, ана ҳамин хел «боодоб» мешаванд»...

* * *

Икром то дари коргоҳ масофаи қариб як истгоҳро пойи пиёда тай кард. Тавре ки мегӯянд, «моргазида аз ресмони ало метарсад», ӯ акнун ба атрофиён, ба ҳар касе, ки пеш меомад, тарсидаю хӯсида нигоҳ мекард.

Ниҳоят, бинои нозанини коргоҳ намоён шуд. Икром худро сабук ҳис карда нафаси роҳат кашид. Ӯ пас аз чанд дақиқа ба ҳамкорон бахшидани дастовезҳо ва дар вақти наҳор дар қаҳвахона додани як пиёла чой, билхосса, дар атрофи дастархон бо шӯру иштиёқ нақл кардани таассуроти аз сафар бардоштаашро дар худ андешида ба ҳаяҷон омад. Ва ин ҳаяҷон рухсори ӯро гул кунонд: ба лабонаш табассум дамид, чашмонаш аз шодӣ дурахшиданд.

Маҳз дар ҳамин вақт...

Ҳарчанд Икром интизор набуд, ҳатто умед ҳам намекард, дуруст дар рӯ ба рӯяш, дар он самти ҷода ҷавонзане бо чеҳраи боз лабханд зада меистод. Ҳудудан бист-бисту панҷсола ба назар мерасид, хушрӯй, мавзунқомат буд, дар бар либоси нимабозу ихчаме дошт. Гӯё ҳафтоду ду рагу пайи баданаш суст шуда рафт. «Будааст-ку...», беихтиёр аз дил гузаронд ӯ, шукрона кард. Як табассум... Оре, ҳамагӣ як табассум... Барои руҳбаландии инсон, барои он ки ба оламу одам бо хушҳолию ҳаяҷон дида андӯзем аз ин зиёдтар чӣ ҳам лозим? Магар зиндагӣ худаш бо ҳамин зебо нест?...

Он хиҷолати пештара, ноумедӣ – ҳамааш гӯё фаромӯш шуд. Ҷаҳон дубора бо нури хуршед мунаввар гардид. Икром қоматашро рост кард ва бардаму ҷасурона қадам зада роҳро бурида гузашт. Он ҷавонзан дар ҷо истода, бо табассум ба ӯ нигоҳ мекард. Мисли ин ки бист сол инҷониб бо ҳам дӯстиву қадрдонӣ доштанд, Икром бо хушнудӣ ба вай наздик шуда овоз баровард:

– Салом!

Ҳамон дам духтари шоду шукуфон низ бо хушҳолӣ ҷавоб дод:

– Салом…

Оре, ба ҳамдигар дуруд гуфтанд. Ду нафар инсон ба якдигар бо лабханд назар афканданд. Шуд, тамом – вассалом. Метавон гуфт, қарз ба қиёмат намонд, фарзи инсонӣ дар амал шуд. Бо ин ҳар ду руҳбаланд гардиданд. Акнун ҳар ду метавонанд бо ҳамин кайфияти хуш роҳи худро давом диҳанд.

Икром мехост дақиқан ҳамин хел рафтор кунад. Аммо, вақте ки духтар бо лабханди малеҳ ва эҳтиромона арз кард, «мушкилие ҳаст?», ӯ сари ҷо беҳаракат монд. Дилаш ба хуруҷ омад. Пай бурд, ки савол чӣ қадар ошност!

Ногаҳон чашми Икром ба охири ҷода афтид, ки аз он ҷо, аз бағали дари коргоҳ ҳамкоронаш тез-тез қадам зада ба самти ӯ меоянд. Бе таъхир кӯлборашро аз дӯш гирифт, ба ҳар ҳол, бағал кушода вохӯрӣ карданашон яқин буд. Ба ин вохӯрӣ халал расондани борхалтаро духтар низ дарк кард ва дарҳол бо чеҳраи шукуфон, гӯё ки ангуштони дароз-дарозашро намоиш медод, даст ёзонда, бо лабханд гуфт:

– Иҷозат диҳед, – ва бо як ҳаракат кӯлборро бардошта, дар паҳлуи пойҳои баландаш ба замин гузошт.

Аз ин ҳама меҳрабонӣ ва иззату икром Икром чунон сархуш шуда буд, ки ҳатто ба як даҳон сипосгузорӣ фурсат намеёфт. Дар ин дам гурӯҳи аввали ҳамкоронаш расиданду ба ӯ даровехтанд.

Дар ҳар сурат, Икром аз овора кардани ҷавонзан хиҷолат кашид, азбаски аз умқи чашмонаш нури хурсандӣ медурахшид ва ашкҳои шукронаро наметавонист нигаҳ дорад, базӯр худро аз бағалкашии дӯстон раҳо кард ва ба қафо рӯ гардонд. Аммо... баргашту на кӯлборашро сари ҷо дид, на ҷавонзанро...



**ИСОҶОН СУЛТОН**
**(1967)**

*Исоҷон Султон 6-уми апрели соли 1967 дар деҳаи Авазбойи ноҳияи Риштони вилояти Фарғона зода шудааст. Ӯ мактаби миёнаро бо медали тилло ба поён расонида, ба факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд (акнун Донишгоҳи миллӣ) дохил мешавад ва ин даргоҳи олиро соли 1990 хатм мекунад.*

*Адиб ҳанӯз дар овони наврасӣ ба нигориши мақолаю ҳикояҳои хурд иштиёқ дошт, аммо нахустин бор ба унвони қаламкаш соли 1990 тавассути қиссаи «Муноҷот»-и худ ба саҳнаи адабиёт қадами устувор мегузорад. Сипас ҳикояҳои ӯ бо номҳои «Манзил» (1993), «Гули ман» (1994), «Фарзанди душман», «Лашкари сеҳрнок», «Чашмаи маҳтобӣ» (1995) пайи ҳам ба табъ мерасанд.*

*Дар кул, осори Исоҷон Султон то имрӯз дар китобҳои «Муноҷот» (қисса ва ҳикояҳо, «Чӯлпон», 1990), «Чашмаи маҳтобӣ» (роман ва ҳикояҳо, нашриёти ба номи Ғ. Ғулом, 1995), «Дарбадари лоязол» (роман ва ҳикояҳо, «Ӯзбекистон», 2011), «Озод» (роман ва ҳикояҳо, «Шарқ», 2012), «Боғи Ирам» (роман ва ҳикояҳо, «Шарқ», 2015), «Асарҳои мунтахаб» (романҳо, қиссаҳо ва ҳикояҳо, Нашриёти ба номи Ғ. Ғулом, 2017), «Аз пайи Ҳазрати Хизр» (роман, ҳикояҳо, Нашриёти ба номи Ғ. Ғулом, 2018), «Генетик» (роман, қисса ва ҳикояҳо, «Янги аср авлоди», 2018), «Алишер Навоӣ» (роман, «Адабиёт», 2021), «Маъсума» (роман, «Адабиёт», 2022), «Билга Хоқон» (роман, «Factor books», 2022), «Абӯрайҳон Берунӣ» (роман, «Инноватсия», 2023) гирд омадаанд.*

*Исоҷон Султон соли 1996 ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон пазируфта мешавад. Хориҷ аз Ӯзбекистон низ ба осори адиб таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Аз ҷумла, дар маҷаллаи адабии «Дружба народов» ҳикояи «Сарнавишт» («Айвон»), дар маҷаллаи адабии «Русское поле», ки дар Молдавия чоп мешавад, ҳикояи «Косаи даруни об», дар маҷаллаи «Интеллигент», ки дар шаҳри Санкт-Петербург чоп шуда ба 12 кишвар пахш мегардад, ҳикояи «Манзил» ба забони русӣ ба табъ расидаанд. Аз сӯйи маҷаллаи туркии «Kurgan Edebiyat» бошад, ҳикояи «Муҳофиз» пешкаши хонандагон гардидааст. Намунаҳо аз асарҳои Исоҷон ба забонҳои инглисӣ, олмонӣ, испанӣ низ тарҷума шудаанд. Худи адиб бахше аз китоби «Ҳиндустон»-и Ҷавоҳирлаъл Неҳруро, ки дар бораи Бобур Мирзо аст, ва ҳикояҳоеро аз осори нависандагони ҷопонӣ – Рюноскэ Акутагава, Ясунари Кавабата ва адиби турк Умар Сайфиддин ба ӯзбекӣ баргардондааст.*

*Исоҷон Султон муқими шаҳри Тошканд аст.*

## САРНАВИШТ
*(ҳикоя)*

*«Ҳар чӣ кардӣ бо падар, ҳамон бинӣ аз писар»*
*(мақоли халқӣ)*

### Писари хурдӣ

Айвон...

Сутунҳо бо мурури замон намои қаҳваранги хира ва сиёҳфом гирифта, ба дарозо тарак хӯрдаанд[42]. Дар миёни дарзу шиёрҳо аҳёнан мӯрчаякон тараддуд доранд. Дар дарзи калонтар занбӯрҳои зард лона сохтаанд. Оилаи онҳо зиёд нест: ҳаштто ё нуҳто. Саҳариҳо, вақте ки намии ҳаво болост, занбӯрҳо дар як ҷо ҷамъ шуда меистанд ва бо хушк шудани болҳояшон ба парвоз медароянд. Онҳое, ки боли нам доранд, овозашон мегирад ва ғуввоси кам мебароранд, вале занбӯрҳое, ки болҳояшон аллакай хушк шудааст, бо садои ҷарангосӣ парида мераванд.

Неши онҳо дар оғози баҳор безарар аст. Замони тобистон неру ҷамъ мекунанд ва ниҳоят, дар айёми тирамоҳ заҳрнок мешаванд. Мӯрчаю занбӯрҳо ба якдигар коре надоранд, мисли ин ки ҳар яке бо ғаму ташвиши худ овора аст.

Ҳавлӣ шӯра зада сапедгун метобад. Ҳар ҷо-ҳар ҷо гиёҳони шӯра сабзида баромадааст. Навдаю баргҳои аҷириқ ҳам ба назар мерасад, лекин онҳо сусту нозук ва хазон шудаанд. Ин гиёҳи берӯй, ки сангро ҳам шикаставу шикофта дар ҳар ҷойи пешомада ҷавона мезанад, аз шӯра хушаш намеояд, агар об ҳам зананд намерӯяд, решаҳояшро ҷамъ карда, рӯ ба офтоб дароз мекашад. Аҳёнан боди сабуке вазида шохакҳои хушку хафифро тӯда карда ба ҷойи дигар мекӯчонад. Ба маҳзи ин ки решаи гиёҳ ба намӣ мерасад, дубора ҷон мегирад, тайи чор-панҷ рӯз устувор шуда, ба ҳар сӯ шоха мезанад.

Сабади чӯбин дар айвон аст. Дар сабад нон. Бениҳоят лазиз, ҳамоне, ки обаш гурехтааст, бомазатар. Лекин очаам намегузорад, ки то сер шудан бихӯрем. Нон пурсем, як бурда медиҳаду бас. Гоҳе нонпалав мепазад. Ба нонпалав сабзӣ ҳам меандозад, ки ин омехтагиро ман дӯст надорам, аз дохилаш танҳо нонпораҳоро чида мехӯрам.

Дар мавриди нон хеле сахтгир аст очаам! Пас аз таом нонрезаҳоро бо ҳавсала ҷамъ карда, гоҳе ба бародарам ва баъзан ба ман медиҳад. «Бихур, паҳлавон мешавӣ», мегӯяд ӯ. Ман бошам, ба резгиҳои нон майл надорам.

---

[42] **Тарак хӯрдан** – шикофта шудан, тарқиш пайдо кардан

Сабади дуюм кашк[43] дорад. Ҷо-ҷое ба кашкҳо хок часпидааст, аммо равғанию бомаза.

Дар пушти хона боғчае ҳаст, оростаю мураттаб. Барои бозӣ кардан дар он ҷо иҷоза нест. Огардҳоро рост-рост кашида шеб додаанд, ҳангоми об мондан кӯлмак намешавад, об ба ҳеч куҷо сар намезанад, балки ҷӯякҳоро бо як маром пур мекунад. Давр то даври боғча пур аз дарахтони мева аст. Ниҳоли себ, ки себҳои сурхи калон меандозад, мурӯд, нок, чормағз... Дар зери чормағзу зардолу гиёҳ намесабзад.

Қафотар дар як хат сапедорҳо қад афрохтаанд. Ин дарахтҳоро пас аз бузург шудан бурида мегиранд. Ҳангоми қатъ кардан аз ширaи чӯби онҳо бӯйи саргиҷкунанда ба атроф паҳн мешавад ва ҳангоми кандани пӯсташ низ ин бӯй ба димоғ мезанад. Шоху навдаҳо чун ҳезумии танӯр ё ҳамчун синҷ барои хонаҳои чӯбин ба кор меравад. Аз ин хотир, сапедор бисёр аст, аз панҷоҳ бех бештар. Баргҳои нозуки онҳо бо насими кӯтоҳ алвонҷ хӯрда меистад.

Дар идома боғи ҳамсоя аст. Баъдан боз азони кадом яке. Сипас киштзор, дар поёни киштзор заҳбур[44]. Оби заҳбур дар айёми баҳорон гилолуд, дар тобистон софу зулол шуда, дар поиз намои осмонӣ мегирад ва ором мегардад.

Достон сари ҳамин заҳбур аст. Дурусттараш, дар хусуси аҷоиботе, ки ман дар он ҷӯйбори заҳкаш дидаам.

Дар он ҷо моҳии тиллоӣ сукунат дорад.

Аз ин моҳӣ фақат Худо огоҳ асту ман.

Моҳӣ чӣ хел ба заҳбур омадааст?

Рӯзи гузашта чунон раъду барқи сахт зада буд, ки аз чақмоқу овозаш гӯё осмон метаракид. Аз он пас тунду тез жола омад. Бино ба нақлҳои шунида, барфу пиряххои қуллаҳои кӯҳсор, ки аз ин ҷо низ ба чашм мехӯрад, ҷобаҷо шуда, сели пурталотум меояд ва деҳаҳои сари роҳро ба хароба табдил дода, ана ҳамин заҳбурҳоро низ бо обу гил пур мекунад... Шояд бо ҳамин селоб омада бошад?

Вай ҳангоми нисфирӯз, вақте ки Хуршед ба монанди танӯр метафсад, ба рӯйи об мебарояд. Каҷ шуда ба офтоб менигарад, сипас бо хурӯш ба сатҳи об дум мезанад, ки аз ин овози шалаппосие баланд мешавад.

Аз найзор низ қирс-қирс садо меояд. Чаро ки пояи най дарунхолӣ аст, он бо вазидани бодҳои мулоим хаму рост шуда овози қирсокӣ мебарорад.

Аз ранги моҳӣ хушам меояд.

Ҷило дорад вай. Дар об хеле хушгил менамояд, аммо ҳамин ки ба соҳил мебарояд, ҷилояш мекоҳад. Ранги нафиси он аз сар то дум аёну ноаён тағйир мeёбад. Аз қирмизи баланд ба ранги сурхтоби равшан мегузарад ва сипас ба зарду заррин иваз мешавад. Пулакчаҳояш сурхи равшан, бо холҳои сиёҳ ва ҳошияҳои зард аст, боли намноки парвонаро, ки дар зери борон мемонад, ба ёд меоварад.

---

[43] **Кашк** – чаккаи хушк кардашуда, қурут

[44] **Заҳбур** – ҷӯйбори обҳои заҳкашӣ

Яқинан медонам, ки вай ба ҳар як сухани ман гӯш медиҳад. Агар ҳарф занам хомӯш нигоҳ карда меистад. Бо сабру сукун[45] то поёни суханам мунтазир мемонад. Вақте ки вай сар боло мекунад, овози мурғон қатъ мегардад, ҳашараҳо аз чирросзанӣ бозмеистанд. Дар лобалои найзор низ сӯзанакҳо муҳри хамӯшӣ ба лаб мезананд. Вале садои насими кӯтоҳ шунавотар ба гӯш мерасад, шивир-шивири чизеро ба ёд меоварад.

Моҳӣ шаббодаро дӯст дорад. Эҳтимолан насиму мавҷҳои кӯтоҳе, ки ба ҷуссааш бархӯрда мешиканад, барояш дилпазир аст. Нури хуршед ҳамроҳ бо об ба пулакчаҳои ялтиросии вай нишаста ҷило медиҳад. Ҳубобчаҳои об низ медурахшад. Ғалсамаҳои[46] сапедтобу зардгунааш орому оҳиста меҷунбанд. Гӯё тамоми бадан – то канораҳои чашмонаш нуронӣ метобад.

Дар авҷи рӯз модарам бо бародари калониам барои рост кардани об мераванд, зеро дар гармои нисфирӯз обёрии мазраа номумкин аст. Ба зироат саҳарӣ ё шомгоҳон об медиҳанд. Ҳамин дам ман чашми онҳоро чапғалат дода, ба замини ҳамсоя мегузарам. Ҳамсояамон гирди боғи начандон калони худро бо ҷуворимакка печонидааст, пояҳои гиёҳ ба мисли девор баланд шуда шитиррос мезананд. Баргу патҳои ҷуворимакка оринҷҳоямро харош дода месӯзонанд.

То канори заҳбур мерасам, ба рӯйи теппача нишаста ба об чашм медӯзам. Моҳӣ омадани маро пай мебарад, вале зуд рӯ боз намекунад. То ҷилваи вай аз рӯйи гиёҳи чинорак даст мекашам. Косагули он сабзи равшан, дурушт аст, дар дохилаш холҳои майда дорад, агар ангуштамро расонам, билофосила худашро ба дарун мекашад. Гӯё чашм мебандад, тарсу ва раманда аст ин гиёҳ.

Гоҳе кирмаки сӯзанаки ваҳшӣ бо намои зишти худ аз зери об ба боло – ба рӯйи пояи най ё гиёҳон хазида мебарояд. Вай хеле ҳарис аст, ҳар чизи дидаашро паққос зада фурӯ мебарад, гоҳе ҳамзотони худро низ мехӯрад. Соатҳои дароз ба рӯйи поя наҷунбида дароз мекашад. Пас аз чанд вақт баногоҳ пушти нозукаш пора мешавад, аз маҳалли дарида ҷонвараке бо сари бузург ва болҳои ҳарирнамо – сӯзанак ба парвоз меояд. Вай бар сари теппача нишаста, бо гармии офтоб болҳои худро хушк мекунад ва пир-пир ба само парида меравад... Кафлесакҳое, ки гоҳ аёну гоҳе ноаён бо ноз шино мекунанд, ҳамчунин тағйир ёфта, ба ғук табдил меёбанд. Боз як ҷонварак, ки дар пӯкии решаҳо зиндагӣ мекунад – ба шакли кирмаки фарбеҳ даромада ба ҳаёти худ хотима мебахшад. Ду-се рӯз наҷунбида мехобаду симои гамбусакро мегирад ва аз байн вақти зиёде нагузашта, ногаҳон бол сар дода, зисаззанон ба парвоз медарояд... Каме дуртар дар миёни решаҳои кундаи бед, ки ба таҳи об меравад, мори сиёҳе хона кардааст. Он дар ҳавои гарм аз сардӣ берун меояд. Ба теғи хуршед тоб наоварда, дар зери решаҳои пӯсидаи кундаи дарахт печ хӯрда қоим мешавад, ҳатто соатҳои тӯлонӣ аз ҷо наҷунбида мехобад, аҳёнан пӯст мепартояд...

Бо ин ҳол, ҳар гоҳ моҳии ман ба рӯйи об мебарояд, сарусадои ҷонварони дигар аз байн меравад. Ҳатто парвонаҳо хомӯш мемонанд.

---

[45] **Сабру сукун** – тоқат ва оромӣ, тоқату бардошт

[46] **Ғалсама** – узви нафаскашии ҷонварони обӣ *(аз қабили моҳӣ, харчангҳои обӣ ва г.)*

Он чӣ ман медонам – дар ин атроф бо ин рангубор моҳие нест. Дар ёд ҳам надорам, ки касе дидаю қисса карда бошад...

## Писари миёнгин

Фиристодаи Худо будани он моҳиро ғайр аз ман касе надонист!

Пас аз он, ки ҳузури вайро аз додарам шунидам, чанд бор пинҳонӣ ба соҳили заҳбур рафтам. Ҳар бори рафтан вайро медидам.

Моҳии сеҳрнок буд. Ҳамин ки ба рӯйи об мебаромад, ҳар гуна овози ҷонваракону мурғон қатъ мешуд.

...Дар айёми хурдсолӣ чандин бор аз модарам пурсида будам, ки одамҳо пас аз ҳалок шудан ба чӣ ҳол меуфтанд. Модарам мегуфт: «Маро ба қабр мегузорӣ, ҳар замон рафта хабар мегирӣ ва он вақт мефаҳмӣ». Суол мекардам: «Шумо мемиреду дигар берун намеоед?» Мегуфт: «Агар Худо бихоҳад, мебароям» «Рафту агар Худо нахоҳад?» «Дар он сурат чӣ хел бароям, писарҷон?» Боре ҳам гуфта буд, ки руҳи одам ба пайкари ҷондорҳои дигар, бештар ба ҷисми парвонаю ҳар гуна ҷонваракони хурд ва баъзан ба калонтарҳояш низ даромада мегирад. Парвона парида омада хомӯш меистад, руҳи марҳум бошад, аз дохили вай гирду атрофро тамошо мекунад.

Модарам ин суханро ду-се сол пештар гуфта буд. Дар айни ҳол ӯ бемор, чашмонаш қариб ки нобино шудааст. Аз дасташ дошта роҳ мегардем.

Ҳафтаи гузашта сели бадвоҳимае омад, қабристонамонро ҳамроҳ бо гӯри падарам шуста рафт. Он дам гумон кардам, ки эҳтимол падарам дар қолаби ҳамин моҳӣ бо сел омада бошад.

Чаро ки, фардояш як мӯйсафедро хоб дидам. Дар соҳили заҳбур меистод. Мисли ин ки мегуфт, шумоён бузург шудед, аммо модаратон бисёр азият кашид. Падарат дар симои моҳӣ ба наздат меояд, ба бародарат гӯй, ки вайро пухта ба модарат диҳад, сиҳат мешавад.

Эҳ, аҷаб инсони ғайриодие буд падарам!

Одами вазнин, ботаҳаммул... камгап... Ҳар гоҳ роҳ мегашт замин меларзид, вақте ки ба ҳавлӣ медаромад аз салобаташ ҳама муҳри хамӯшӣ бар лаб мезаданд... Моҳӣ низ чунин буд...

Перомуни хоби дидаам бисёр андеша рондам. Ниҳоят, бо ин хаёл, ки падарам дар колбади ҷонвари дигаре дубора хоҳад омад, аҳд кардам ин моҳиро, ба ростӣ, ба очаам пухта диҳем, то сиҳҳат ёбад. Аз ин хотир, сирри моҳиро ба бародари калониам гуфтам.

Бародарам туфанги падарро гирифта, бо шитоб баромада рафт. Ягон ним соат сипарӣ шуд ё не, онро дошта омад. Ман моҳиро надидам, дар халта буд вай. Дар боғча пинҳон шуда ба ин бар нагузаштам. Гирякунон арзу дод кардам: «Додо, додоҷон... ту ин дунёро тарк кардӣ, аммо бубин, очаам бемор аст... Вай ҳам бимирад? Бубин, мо туро намехӯрем... ту боз ҳам ба даруни моҳии дигаре даромада мегирӣ...».

Бародарам корде дар даст ба назди оташдон рафт ва ба тоза кардани пулакчаҳои моҳӣ пардохт.

Ҳамин тавр... додарам омада монд... Ӯ чиро ҳам медонист? Аз он ки сирро фош карда будам, хеле нороҳат шуд, баробари даромадан ба мӯйҳоям дарафтод, бо муштҳояш ба сару рӯям кӯфтан гирифт...

## Писари хурдӣ

Вақте ки вориди ҳавлӣ шудам, модарам дар айвон менишаст, дар пешаш як лаган гӯшт, мисли мурғе сабуку фориғбол менамуд. Садои маро шунида, дар ҳоле ки хаму ожангҳои рухсораш аз хушҳолӣ зиёд шуда рафтанд, бо лабханд ва овози гиро гуфт:

– Биё, писаракам, биё! Ҳар рӯз ид нест, ки кулча хӯрӣ, бародарат моҳӣ овард, биё ту ҳам бичаш!

Он сӯтар аз айвон аз кулӯлаҳои лой оташдоне дуруст кардаанд, бар рӯйи оташдон дегчае овезон аст... ҳезумҳо сӯхта тамом шудааст, нимсӯхтаҳояш хокистарӣ ба назар мерасад... ҳанӯз чирс-чирс садо меомад.

«Моҳӣ?!»

Дар канори оташдон пулакчаҳои рондашуда ва думу сари моҳӣ паҳну парешон мехобиданд. Ҳамин дам аз кучое гурбаи кадом як ҳамсоя пайдо шуд ва тобе хӯрду сари моҳиро дар даҳон газида, гурехта рафт. Каме дуртар чашмони обирангашро аз ман наканда, бо шитоб ба хоидан даромад. Садои модарам ба гӯш менишаст:

– Ин моҳии табаррукист, аз авлоди ҳамон моҳие, ки Ҳазрати Юнусро фурӯ бурдааст.

Бародари калониам муддатҳои тӯлонӣ гӯшти моҳӣ нахӯрданашро ёдовар шуда, аз ин гӯшти хушмаза, ки дар даҳон мисли пашмак[47] об мешуд, ба шигифт омад ва ба хотири ҳарчи зиёд ҳис кардани таъми хуш саъй мекард давомдор луқма бихояд. Модарам ҳамоно мегуфт:

– Худованди карим моҳиро ҳалол офаридааст. Мурдааш ҳам раво, зиндааш ҳам. Аз ин хотир, дар ғалсамааш низ чоки ҳалолӣ дорад.

Моҳӣ?!

Ҳамоне, ки мутааллиқ ба Худосту аз они ман?!

Бародари миёнгин сархам дар зери тут менишаст. Худро ба болои ӯ афканда дӯғ задам:

– Барои чӣ ҳама гапро ба инҳо гуфтӣ? – Овозам хирросӣ мебаромад: – Бубин, онҳо моҳиро мехӯранд!

Аҷиб, бародари миёнгин ба муштҳои ман ҷавоб надод, сарашро бо ду даст пӯшонида, сархам ба замин нишаст. Ин ҳолати ӯро аз тарс гумон карда, гиряашро ба хотири чошнӣ додани чунин як моҳии нодир דониста, ӯро бештар зери лату кӯб гирифтам:

– Ту худ медонистӣ вай чӣ хел моҳӣ буд? Моҳии тиллоӣ! Агар каме бузургтар мешуд, билкул ба як моҳии сеҳрнок табдил меёфт!!!

[47] **Пашмак** – ҳалво

Бародари миёнгин ҳамон нолакашон мегирист, зарбҳои мушти маро ҳис намекард. Чанде баъд як гӯшвор шунидам, ки дар миёни нолаю шеван мегуфт:

– Додо... Додоҷон...

Оташ хомӯш шуда, садои чирс-чирси нимсӯхтаҳо қариб ки ба гӯш намерасид.

## Писари калонӣ

Додарам дар хобаш мӯйсафедеро мебинад. Ӯ гуфтааст, ки агар модарат гӯшти моҳӣ хӯрад сиҳҳат мешавад, ба дидагонаш нур бармегардад. Ҳар гоҳ рӯзи ҷумъа ба соҳили заҳбур равӣ, падарат дар симои моҳӣ меояд, шумо вайро дошта ба модарат пухта диҳед.

Вақте ки думилаи ёдгорӣ аз падарамро гирифта рафтам, дар ҳақиқат моҳӣ ба рӯйи об баромада буд. Почаҳои шалворамро бар зада ба об даромадам. Таҳи об лаҷан[48] буд, аз миёни лаҷан шохаҳои хордоре ба поям халиданд. Бо думила ба нишон гирифта, мошаро[49] зер кардам, моҳӣ типирросзанон чаппа шуд.

Ба хона ки омадам, додарам давида ба пешвозам баромад. Тарсиданаш аз сурати ӯ маълум буд.

– Ақлат дар ҷояш аст? – бо ҷаҳл гуфтам ман. – Ин фақат як чошнӣ асту бас. Гузар, дар оташдон ҳезум мон!

Пулакчаҳои моҳиро рондам, шикамашро пора кардам, рӯдаҳояшро дур андохта, ҷойҳои сергӯшти сап-сафедашро ҳамроҳ бо чарбиҳояш бурида гирифтам. Дар оташдон худам ҳезум дарчидам, ҳамин ки таҳи дег ба ҷиз-ҷиз даромад, ҷойи чарбидорро ба поин карда гӯштро андохтам. «Ана, – бо мамнуният зери лаб гуфтам, – аз ин беҳтар намешавад!»

...Инак, дар дег ҷиз-ҷиз месӯзӣ, падар. Орзу доштам дар дӯзах чунин бисӯзӣ. Худои мутаол дуоҳои маро шуниду туро фиристод, оре, фиристод, ки дар оташ доғ шавӣ!

Дар ёд дорӣ, ҳангоми модарамро зарбу лат доданат ба дастонат часпида будам? Ин давои ту! Ҷиззас зан, доғ шав!

Масту аласт омада, ҳамаро баҳам заданатро-чӣ? Каланди ба сӯйи ман андохтаат шонаамро тарошида буд, паяш ҳанӯз ҳам ҳаст... Хуни дамида то ба ҳол меҷӯшад, на дар шонаам, балки дар вуҷудам, дар қалбам!

Тамоми умр ба ту, падар дониста, наздик нашудаам. Ба мисли як писар мехостам дар оғӯшат эркагӣ кунам, вале ҷойи ин аз ҳайбату доду бедодат метарсидам. То синни дувоздаҳсолагиам дар дил ҳавл доштам, ки маро низ бардошта аз бом ба поин мепартоӣ, чунки як бор додарамро бераҳмона ҳаво дода будӣ. Бечора чирросзанон гиря мекард, ба болои ғӯзапояҳо афтида, карахт шуда, садояш гирифта буд... Боре аз хона туфангро баровarда, ба модарам дод задӣ: «Туро мепарронам!» Модари мазлумам худашро ба замин

---

[48] **Лаҷан** – *ҷое, ки пур аз гилу лой аст;* лойқа

[49] **Моша** – *милаи хурдаке, ки барои тир андохтан аз туфанг онро зер мекунанд;* камонак

андохта бо нолаю шеван мегуфт: «Парронӣ паррон, агар мурдан бошад аз дасти ту бимирам»...

Боз ҳам давом диҳам?

Ба аспат савор шуда мерафтӣ ва бо ҳамин рафтан дигар ҳафтаҳо намедидамат. Пас аз чанд рӯз бармегаштӣ, ба рӯйи зинат ду ё сето гавдараю[50] кабудзоғ[51] меовардӣ ва бо миннат мегуфтӣ, ки гиред, хӯред, заҳри ҳалоҳил шавад... Сипас улфатонат меомаданд, модарам сайди овардаатро пухта ба худатон медод, ба мо бошад, сарқути шумову боқимондаи болҳояш мемонду бас...

Инак, дар оташ доғ шав!

Дар бачагӣ надонистам меҳри падарӣ чӣ аст. Вақте ки қадам ёзид, шабу рӯз дар боғчаамон руст шуда мегаштам. Аз рӯзе, ки худамро мешиносам, заҳмат мекашам, аз дасти ҳайбати ту натавонистаам ба кӯча бароям.

Бубин, то ба ҳол аз сар то по оғуштаи гарду хокам.

Доғ шав, ҷиз-ҷиз сӯз!...

## Падар

Найзоре будааст. Бо пояҳои хушку қоқи зардшуда, қадду басти баланди саркашида...

Охири найзор пайдо нест, пайваста шивир-шивир садо медиҳад. Осмон ҳам обиву каб-кабуд.

Дар ин найистон ҳазорҳо сол аст, ки пояҳои найро ҷамъ мекунам.

Найзор ба поён намерасад. Дар кӯлмакҳои заҳдор каждумҳои обӣ ба пойҳоям неш мезананд, аҳёнан чизҳое шалаппос мезананд, чӣ буданашро донистан мехоҳам, аммо ҳеч намеёбам.

Ҳазорон сол найзор пояҳои саркашида дорад... тӯдагулҳои сап-сафеди маҳин дар парвозанд...

Ҳар гоҳ ин найзорро медаравам, ҳодисае рух медиҳад. Кошки даравида тамом кунам.

Ҳар рӯз болои ман парандае парвоз мекунад, омада ба сарам нӯл мезанад. Аз он мепурсам: «Чӣ ҳастӣ ту, барои чӣ маро ин қадар азоб медиҳӣ?»

Мурғ овоз мехонад: «Оқипадар, оқипадар!!!»

Чеҳраи падарам аранг-аранг дар ёдам мондааст.

Дар деҳае фақиру бенаво умр ба сар мебурдем, барои хӯрдан на нон доштем на об. Ҳанӯз дар ёдам ҳаст, ки ба сари падарам мешӯридам... аз китфонаш дошта бо хушунат такон медодам...

...Рӯзе ин найистон тамом хоҳад шуд. Он замон мурғ ҳам аз парвоз мемонад. Бо ҳамин аз азобу уқубат роҳат мешавам.

Най... най...

* * *

---

[50] **Гавдара** – *як навъ* мурғобӣ

[51] **Кабудзоғ** – зоғи кабуд, сабзқабо

... Нарасидам бидонам, ки дар поёни найистон чӣ ҳаст.

Таҳаввулот ногаҳон рух дод. Осмон дарз хӯрд... не, сараввал шамол бархест, ҳама ҷо пури тӯдагул шуд, сипас найпояҳо шикастанд, аз решаҳояшон канда шуда ба парвоз даромаданд. Дар ҳамин дам аз замину осмон, аз чапу рост, аз таҳу боло нидои баланде дар гӯшам нишаст: «Моҳӣ бишав!» Худро дар миёни тӯфони сахте дидам, ки бо мавҷи об омехта гулдурросзанон ба хурӯш меомад.

Ба назар мерасид, ки тӯфону сел ҳеч гоҳ қатъ намешавад, маро дар коми худ бештар фурӯ мебурд.

Дар ниҳоят, бо хурӯши об ба заҳбуре омада дармондам.

Чанд муддат дар он ҷо мондам – намедонам. Ба назарам атроф сокиту хомӯш, аз ҳад зиёд сокину ором, ноошно, бар замми ин, бимангез ҷилва мекард. Ё аз зери об менигаристам, ки чунин менамуд?

Рӯзе аз рӯзҳо дубора ба рӯйи об баромадам, дар атроф ҳама сарусадо боз хомӯш шуда рафт. Ҳамон дам ба чашмам уфтод, ки писарбачае комилан ҳамонанди худам дар соҳили заҳбур истода, бо туфанги дасташ маро ба нишон мегирад...

## Пиразан

Аз рӯзе, ки нобино шудам, падари раҳматиаш ба хобам медарояд.

Вай дод зада мегӯяд: «Намебинӣ, ман омадам. Моҳӣ бихур, моҳӣ!».

Ӯро дар хобам равшану возеҳ мебинам.

Худо биёмурзад, одами бераҳм буд. Ба касеву чизе дилаш намесӯхт. Чунон азму салобате дошт, ки агар касе аз роҳаш мебаромад, омода буд яксон кунаду зери по.

Чандин бор саъй намуд чизе бикорад, деҳқонӣ кунад, вале ягон ниҳоли коштааш ҷавона намезад, каме месабзиду дар ҷо хушку ҷинҷак[52] шуда мемонд.

Иллати ин... бешак, ба падараш даст бардоштани ӯ буд. Он замонҳо... чунин дастур омада, ки падарони калоншавандаҳо набояд намоз хонанд, аммо падари вай пинҳонӣ ба масҷид мебарояд. Дар ноомади кор, ӯ ҳамон рӯз аз кадом як ҷашне маст ба хона бармегардад ва аз намозгузории падар хабар ёфта, «аз дасти ту ман ба зиндон равам?» гӯён доду фарёд роҳ меандозад. Бо ҷаҳл аз шонаҳои падар силтавдеҳон тела дода мефиристад. Ӯ аз пой даррафта як чӯби хушки бӯрё ба чашмаш медарояд ва ҳамон дам дуои бад мекунад: «Илоҳӣ, мисли чӯби най хушк шавӣ!»...

Чун киштукораш ҳосил намедиҳад, аз куҷое як туфангро мeёбад ва кораш ин буд, ки тамоми рӯз ба найзор даромада мерафт. То бегоҳирӯзӣ гашта-гашта, баъзан гавдара ё кабудзоғе шикор карда бармегашт.

Ба мизони қаҳру ғазабаш тараҳҳум низ дошт марҳум, аммо ҳар коре мекард, ба чаппааш меомад, тавба! Агар раҳмдил намебуд, нобино шуданамро аз куҷо медонисту чӣ хел «моҳӣ хӯрӣ хуб мешавӣ» гӯён меҳрабонӣ мекард?

---

[52] **Ҷинҷак** – *гуфт.* сӯхта, сӯхта сиёҳшуда

Бубин, гӯшти моҳие, ки писарам пухта додааст, хеле гуворою бомаза аст. Гӯё чашмам равшан мешавад. Эҳтимолан имрӯзу фардо нобиноӣ аз байн меравад?.. Худо биёмурзад, ҷояш дар ҷаннат бод, ман аз ӯ ҳазорон бор розиам.

Шояд ки ӯ низ аз ман розӣ бошад...

## Писари хурдӣ

Вай моҳии тиллоӣ буд. Ба сар тоҷ ҳам дошт.

Агар бародари миёнгин сирро фош намекард, агар бародари калониам онро ба модарам пухта намедод..., бо мурур бузург шуда, рӯзе, дар ҳақиқат, ба як моҳии тилоӣ табдил меёфт. Он замон ҳамаамон рафта вайро дошта мегирифтем, моҳӣ ҳатман мегуфт, ки «орзуятро изҳор кун» ва мо ҳам орзуҳоямонро баён мекардем.

Акнун ман чӣ кор кунам? Хоҳишу орзуҳоям бисёр буд, ба кӣ гӯям?

Ба Худо?.. Танҳо ба Худо?

## ҚИССАИ РОБИАИ БАЛХӢ
*(қисса)*

***Робиаи Балхӣ «дар ҳусну ҷамол ва фазлу камол ягонаи рӯзгор» аст.***
***(Ризоқулихони Ҳидоят, «Гулистони Ирам»)***

***Ин қиссаест дар бораи Робиаи нозанин, ки руҳи покаш ба мисли нур аз қаъри хоки сиях ба самоҳо парвоз карда, бо номи мустаори «Зайнулараб» ё худ «Зинати араб» маъруф аст ва ҷавони далери Афросиёб – Бектош. Ҳамчунин ривояти ибратангезу ҳузноварест, ки талқин мекунад: «Дин барои бахту саодати инсонҳост, на инсон барои дин».***

***Оё касе ҳад дорад аз зебоии Робиа таъриф кунад? Ӯ ки маҳфуз дар паси ҳафт сатр парда буд! Падараш волии Балх Абдуллоҳ ибни Каъб гуфта, ки «ҳозирам дар изои ду тор мӯйи духтарам Машҳаду Балхро ато кунам» Вале, худ надониста монд, ки бо ин калом ба чӣ корҳое даст зад. Одамон ба андеша мерафтанд: «Ё Худоё! Он чӣ гесувоне будааст, ки барояш ду шаҳри ҷаҳони равшан бахшида шавад?» Бас шаҳриёру амиру волиён ба сурогӣ ӯ омаданд, аммо Каъб ҳеч касеро лоиқи дурри гаронмояи худ надонист. Бино ба гуфтаи аҳли хирад, ин амр ҳамонанди он аст, ки Офаридгор биҳиштро пушти ҳафт қабат парда нигаҳ медорад ва ба дидани ӯ бошад, танҳо маҳрамбудагон комгор мешаванд. Ин аст, ки мо низ фақат ба зоҳири умури гузашта ва тавсифҳои афроди гирду бари он оҳуи нозпарварди араб нигоҳе меандозему бас...***

Робиа гулҳоро бениҳоят дӯст медошт. Гулҳо низ гӯё барои гувоҳии ҳусни зебои ӯ ҷавона мезаданд. Настаран орзу мекард барои ӯ либоси субҳгоҳон шавад, бунафша бошад – пероҳани шабонгаҳ. Агар наргис мехост қабои лаҳзаҳои хушнудиаш гардад, гули печак умедвор буд чун ҷамолак мӯйҳои зери рӯмолашро оро диҳад ва ҳамзамон шаби тирагун – бурқаи[53] ӯ, ахтарони оғӯши шаб ифодагари як нигоҳи роздораш шудан мехостанд. Наҳл[54] саъй мекард таъми суханони ӯро ҷабида гирад, камон дар рӯ ба рӯйи абрувони вай худро ҳақиру нотавон медид, парасту низ ҳарчи бол мезад, дар қиболи духтари Каъб аз ночизӣ ва беарзишии хеш нолон мемонд. Дар назди мижгонҳои духтар дудамаи Дамишқ ба сони хори одие буду бас. Боди сабои субҳу шом ба оҳанги танаффусаш ва шилдирросу таронаҳои кӯҳсори босафо ба хандаҳои ӯ ҳамсадо мешуданд. Худаш низ дар худ нигариста беҳуда ба шигифт намеомад: «Дар дили шаббодаҳои саҳарӣ аз бӯйи хуши нофаи оҳу асаре нест, магар ҷаҳону ҳастӣ бӯйи мушкро рабудааст?»

Яке аз шуарои араб фармуда, ки шаҷараи Каъб ба сони дарёе буда ва ба амри сарнавишт аз он чандин дурру гавҳар ба соҳил уфтодаанд. Аз ин шаҷара Робиа бинти Каъб ҳамонанди Зуҳал дар осмони инсонӣ чеҳра орост. Аз зебоӣ ва ҷилваи нуронии вай ахтарони дигар дар хиҷил шуданд. Шояд ӯро аз дур

---

[53] **Бурқаъ** – сарбанди занон; пардаи рӯйпӯши занон

[54] **Наҳл** – занбӯри асал

дида Зуҳал пиндорӣ, аммо кош амиқтар дарк мекардӣ, ки дар вусъат ба Сипеҳр буданаш шакке нест! Ӯ то ба гавҳароне дар фалак даст ёфт, ки ҷумла мардони арабу аҷам ба заковату фасоҳаташ наздик намешуданд. Мисли ин ки, Робиа аз он баландиҳо ба онҳо нигоҳе хандаомез афканда гузашт. Ҳар кӣ ин ҳолатро дид, саодати зиндагиро эҳсос кард, ба гуфтаи шоир, гӯё ки изҳор медошт: «Ман толеи нек дорам, чаро ки ба назари шоҳона мушарраф шудам»...

Ҷумла таббохи Ҳинду Рум, қаннодони Дамишқу Шероз, шарбату нӯшобасозони Хуросон саъй доштанд ба ӯ ҳунари худро намоиш диҳанд. Агар мехост обтанӣ гирад, ба ҳавзаш шир мерехтанд, чун ба таматтуи ширинӣ майл мекард, дегҳои мураббо ба ҷӯш меомад. Падар ҳавои нозанини худро дошт ва бо нияти «духтарам дар гармои тобистон бояд нӯшобаи яхин бихӯрад», сардхонаи вижае ба номи «яхчол» дуруст кард. Сақфи он созаи зерзаминиро бо най пӯшиш дод, пушти бомашро бо гил андовиданд. Зимистон созаро бо об пур карда, ях занонда, болояшро баста мемонданд. Чун ба соза офтоб намерасид, дар фасли гармо низ ях об намешуд. Даҳҳо каниз омодаи хидмати духтари амир меистоданд. Бар замми он ҳама зебоӣ, саворкорӣ ва ҳатто шутурсавориро бо шутурҳои ҷангӣ, ки аз шуғлҳои дӯстдоштаи арабҳо буд, омӯхт ва камонандозию шамшерзаниро ёд гирифт. То ҷое саъю талош дошт, ки ба парвозҳои ӯ аспҳои бодпойи таърифӣ намерасиданд.

Оре, чунин фариштае буд Робиа бинти Каъб!

Ӯ дар ёздаҳсолагӣ ба чомасароӣ пардохт. Қалби нозукаш бо мурур солдидатар шуда, зебоиҳои гирду бари худро бо ҷилою латофати бештар тараннум кард, мехост онҳоро бо ҳусни худ сер намуда зебоии бештареро ба ҳадя диҳад. Шояд аз ин хотир буда, ки ҷаҳон бӯйи мушкро гирифта, Аржанги Моно, яъне нақши Моно шуд, абри само ранги гулро ба пероҳани Лайло монанд карда ашк рехт? Каъби ҷасури хастаю лакотшуда аз набардҳо, ки хуни куффору мардудинро чун сел ҷорӣ мекард, духтараки худро ба оғӯш кашида, сар ба сар монда, он чомаҳои ноз-нозиро бо ҳам месуруд ва ҳангоми хондани ғазал дидагонаш аз ниҳояти дӯстдориву шукрона пурнам мегашт.

Эҳтимол ҳамон меҳри беандоза буда, ки падар ғазалҳои гуфтаи духтарашро дар ихтиёри маъруфтарин шоири Хуросон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гузошт... Пӯшида нест, ки зану духтар барои ҳар як мард ба сони гавҳари бебаҳо, намоди ору номусанд ва аз ин рӯ, ҳастии онҳо, ҳатто овозашон пинҳон нигаҳ дошта мешавад. Бо ин ҳол, ишқи Робиа, шеъри ӯ дар хусуси гулҳову боғу бӯстон аз назари шоири солманди пурдида – Рӯдакӣ дар канор намонд. Чакомаҳояш ӯро то андозае ба шигифт оварда буд, ки ҳамзамон бо хондани абёт номаҳои пур аз васфу таъриф ба Балх мефиристод ва ҳар гоҳи расидан аз каломи неки ӯ бӯстони қалби Каъби амир биҳиштосо мегардид.

Абдуллоҳ ибни Каъб дар Балху Қаздор чунон фармонравоӣ мекард, ки дар кишвараш ҳатто гургу гӯсфанд, шеру асп паҳлуи ҳам, бе нигаронӣ мезистанд. Ба хотири устувории адлу салтанат ҳамроҳи шайхулислом бозорҳоро давр мезад, нарху навоbooро мепурсид. Ба ҳар фурӯшандае, ки ноинсофӣ раво медид, ҷазо муқаррар мекард. Амири одил сабзу хуррамии

кишварашро фароҳам меоварди ва мардум дар ҳаққи ӯ пайваста дасти дуо мебардоштанд.

Аммо, одамизод аз куҷо донад, ки қалами чархи каҷрафтор дар лавҳи маҳфузи[55] само чиҳоро менависад?! Дар яке аз рӯзҳои босаодати рӯзгор мунодии аҷал аз қабзи ҷони Каъб хабар дод. Аҳадунносе тавони ба пас андохтани онро надошт. Сари хуршедсифати амир аз осмони шоҳигарӣ низ ба зер фурӯ мерафт. Ҳамон лаҳзае, ки ба ҳоли эҳтизор[56] уфтод, – тавре ки шоир гӯяд, «ин омадану рафтани кас ошкор нест», – писари азизаш Ҳорисро пеш хонд ва дилбанди хешро ба ӯ супурда гуфт: «Чӣ шаҳриёроне ин дурри гаронмояро аз ман хостанд, вале ман ҳеч касро лоиқи ӯ нашинохтам. Ту чун касеро шоистаи ӯ ёфтӣ худ донӣ, то ба ҳар роҳе, ки медонӣ рӯзгорашро хуррам созӣ». Бо арзи ин сухан афзуд:

*Камони Ҳақ ба бозуи башар нест,*
*К-аз ин омад-шудан касро хабар нест.*
*Кӣ медонад, ки будан то ба кай дошт,*
*Касе, к-омад, чаро рафтан зи пай дошт...*[57]

Бо баёни ин калом, дар рӯ ба рӯйи худ малакулмавтро дида, зор-зор гирякунон ба рукуи ҷонканӣ рафт. Бо адои саҷдаи таслимият дар пеши Худованд ба суфи сапеди муъминӣ печида, чашмонашро ба хотири ҳаёти абадӣ пӯшонд.

Вақте ки Каъбро ба хок супурданд, оҳу нолаи Робиа дар арзу само нагунҷид. Меҳри падар ҳар қадар ҷаҳонро пур мекард, муҳаббати духтар низ ба сони дарёи бепоёне дар зери гунбади кабуд маъво дошт. «Каъбаи ҷонам, падарам» мегуфту худро ба обу оташ мезад. Оре, ба ҳукми аҷали шум кӣ сар фуровардааст, ки Робиа фурорад? Бо ин ҳол, иродаи хешро муҳкам гирифт, ба хостаи Худо тан дода, бо ёди чеҳраи офтобгуни қиблагоҳи азизаш дар ниҳояти пазмонӣ зиндагиро идома дод.

Айёми рӯзгор сипарӣ шуда, мурғи тақдир ба сари ин сулола садоҳои сахттар дардод, болҳои наҳсро перомуни онҳо густарда, чӣ аъмоли машъумеро ба бор овард!

* * *

Чун Абдуллоҳ ибни Каъб ба раҳмати Ҳақ пайваст, бо дастури шоҳ Наср ибни Аҳмад писари ӯ Ҳорис бо нуфузе, ки дар коргузориҳои салтанат дошт, амири Балх шуд. Дигар, тоҷи шоҳӣ бар сари писар дурахшид ва ҳама сарвару фармондеҳон сар ба хидмати ӯ фуруд оварда, байъат намуданд, ки тобеъ ва муқарраби ӯ бошанд.

---

[55] **Лавҳи маҳфуз** – сафҳае аст, ки тамоми иттифоқоти олам дар он сабт гардида аст

[56] **Эҳтизор** – расидани аҷал, лаҳзаи ҷонканӣ

[57] Аз Фаридуддин Аттор

Абдуллоҳ ибни Каъб умедвор буд писараш донишманд шавад. Ҳорис бошад, завқу шавқи дигар дошт, ба он чӣ падар мехост зеҳну илмаш намерасид. Ӯ орзу мекард пайваста ба пирӯзӣ даст ёбад, дар гирдоби набардҳои сахт фурӯ раваду аз он фотеҳу пирӯзманд дар ояд. Ин сабаб дошт. Дар хурдсолӣ ҳамсолонаш ба ӯ, ки бачаи нозуке буду чеҳрааш аз изи захме камнур менамуд, бо назари кам нигоҳ мекарданд ва аз болояш механдиданд. Ҳар гоҳи мазоҳ кардан ӯ ба манзил баргашта, ба гармобаи канори боғ даромада пинҳон мешуд. Дар он ҷо аз дасти маломат бо алам мегирист, оғуштаи қаҳру ғазаб дар лобалои ҳарорати доғе, ки бо мурур хунук мешуд, ба бӯю тафтҳои гармоба таҳаммул мекард, дар дил қасамҳо мехӯрд ва пас аз коҳиши дарду алам ба худ омада, аз он ҷо бадар мерафт. Ба ин тарз орзуҳои ояндаашро дар қолаби қаҳрамони бемисл ва неруманду ботаҳаммул тасаввур мекард. Он замон дарсҳои мадраса дер напоид, Каъб писарашро ба сафи лашкариён дод.

Вақте ки Ҳорис дар байни сарбозон буд, гоҳ дар як маҳал, гоҳ дар маҳалли дигар шӯришҳо сар мезаданд ва гурӯҳҳои ҷанговар ба мутеъ кардани қавмҳои саркаш, барои баргардондани онҳо ба ислом раҳсипор мешуданд. Аҳли хирад дониш меомӯзанд, вале афроди ҷоҳилеро, ки рӯзашон дар миёни кӯҳу сангҳо мегузарад, магар мешавад бо ваъзу насиҳат ба роҳ андохт? Ин аст, ки аксари ҳодисаҳо дар миёни теғу бими марг рух медиҳанд. Аз густариши дини ислом садсолаҳои башумор мегузашт, одамони одӣ ҳақиқати онро дарк накарда, махфиёна бадар рафта, дар маъбадҳои кӯҳии худ оташ меафрӯхтанд, аз эътиқоди ҳамешагӣ пайгирӣ ва дар рӯ ба рӯйи санаму маъбудҳо тавбаю таваллоҳо мекарданд. Бо вуҷуди ин, агар набардҳои хурду рез сарфи назар шавад, рух надодани ҷангҳои саросарӣ ва хонумонсӯз аз пайи хирадмандии шоҳ Наср ибни Аҳмад ва амири Каъб буд.

Ҳорис ибни Каъб ба муносибати ҷулусаш ба тахти амирӣ ҷашни хуҷаста барпо кард. Дар ин нишаст аъёну ашроф, шуарову уламо, умарову лашкардорон, баҳодурону паҳлавонони номвар ҳузур доштанд. Пайи ҳам навъҳои ширинӣ, аз қабили қуробияи[58] Табрез, ҳалвои Машҳад, қадоифи[59] Ҳалаб пешкаш мешуд. Канизон ҳар гуна шароби сохти Ҷузҷону Шибирғону Қандаҳор, аз ҷумла, саҳбои зардгуна, софи[60] тоза чун шир, райҳонии сабзранг, майи ноб, афсар, муғонаи қирмизии хунгуна, бодаи тираранги Кофуристон, кишти кишмишӣ ва агарчи номуаддабона аст, бодаи ҳиравии гулобрангро бо номи «кишти ҳалол» ба меҳмонон мекашонданд.

Паси ҳам ҷомҳои пури май даст ба даст мегузашт. Навозандагон чунон оҳанг месароиданд, ки ҳозирони махмуру маст аз худ рафта, фаромӯш мекарданд дар куҷо дами ишрат мезананд. Бо навои уд сурудҳои дилкаш садо медоду мухлисони сеҳрзада маҳви савту наво гардида, гиребони ҳам медариданд.

---

[58] **Қуробия** – як навъ ширинии суннатии доирашакл буда, бештар дар минтақаҳои туркнишин роиҷ аст ва дар пухтупази он аз мағзи бодому писта, шакар, сафедии тухми мурғ ва орд истифода мешавад

[59] **Қадоиф (кодоиф)** – навъи ширинӣ, ки аз хамири ришташуда (риштаи кодоиф) ва истифодаи маска, шарбат, тухми мурғ, қаймоқ... таҳия мешавад

[60] **Соф** – шароби беғаши зулол

Дуртар аз нигоҳи бегонагон, аз боми қаср Робиа бо дояи худ базмро тамошо мекард. Ҳамон дам, нохудогоҳ, сафири тақдир ба сӯйи ӯ чунон тире аз камони ишқ андохт, ки ҳуш аз сараш парид. Робиаи хушлиқо мисли қақнус сари ҷо шах шуд, аз захми ногаҳонӣ ҳавос гум карду чеҳра бохт.

Магар Худованд ҳама чизро ҷуфту мукаммал наофарид? Чаро ин бор... шаби тира ба дунболи субҳ рафт; маҳтоб аз паси хуршед саросема шуд; соз аз пушти оҳанг давид; дарё сар ба соҳил заду соҳил бо вуҷуди дар бағал доштани он ҳама об аз ташнагӣ фиғон кашид; гул ба самти булбул саъй кард, зеро умри вай бе булбул маънӣ надошт... Нигоҳи Робиа ба кушандаи озодиаш – Бектоши болобаланди мағрур уфтоду худро билкул гум кард.

Қисса мекунанд, ин амр хориҷ аз иродаи Робиа рух дод. Хомаи тақдир сарнавишти ӯро бар тоқи фалак навишта буд.

Аҷаб, чӣ касе буда он ҷавони турк, ки ёду ҳуши маликаро рабудааст?

* * *

Аз Андхӯю Маймана то Афросиёб, аз ҳумаҳои Чоч то Хӯқанду Марғиёна ва фаротар аз он дар паҳноҳои густарда то паси довонҳо туркони устодкор дар ҷангу ҷидол ба сар мебурданд, ки аз ҳеч чиз намеҳаросиданд ва бо далерии худ овоза доштанд. Ҳарчанд аз байни ин қавми шуҷоъ ситорагони илму ирфон набаромадаанд, ҷавонҳои ба илму дониш бепарвои турк касби падар – ҳунари набарду саворкориро баргузида буданд. Вақте ки савори асп мешуданд, гӯё ки ҳамроҳи он ба дунё омадаанд, ба ҳар равиш саворкорӣ мекарданд; гоҳе зинро баръакс дошта, ба канори аспи давон фуромада, бо ҳамон ҳол камон меандохтанд. Аз як асп ба аспи дигар ҷаҳида гузаштан ва ҳатто дар миён асперо нодида гирифта ба аспи севум паридан, ё ки дар ҳаво давр зада тирандозӣ кардан аз ҳунарҳои ҷонудилии онҳо буд. Аз ин хотир, Наср ибни Аҳмад ташкил кардани гурӯҳҳои хоси муҳофизатиро на аз сарбозони паҳну парешони дараю даштҳо, балки аз ҳисоби туркҳо мақбул медонист. Ин гуна сарбозон тездав, қавиирода, пешдаст ва тобовар буданд. Ҳар гоҳ оташи ҷанг дар кишвар доман намезад, сарбозони муҳофиз дар канораҳои Балх осуда қадам зада, бо шикор машғул мешуданд.

Дар яке аз лашкаркашиҳои Наср ибни Аҳмад амири Каъб низ ҳузур дошт. Майдони набард дар гӯшае аз даштҳои Мовароуннаҳр ғарқи ҳарбу зарбҳои шадиде шуд, гӯё аз бисёрии тирҳо само сиёҳ мешуду офтоб нопадид. Тайи ду шабу ду рӯзи набард амири Каъб шароби пирӯзӣ ба сар кашид, карнаю шохи нусратро навохт ва дар канори чандин асир писари яке аз бекҳои туркро низ ба дом андохта овард. Аз чобукӣ ва зиракии ҷавон хушаш омад, ӯро дар сарой ба унвони нигаҳбони хос таъйин кард. Ӯ дар хидмати амир шуда, бо мурури замон ҳунарҳои камонандозӣ, шамшерзанӣ, найзаандозиро ба хубӣ ёд гирифт, аз ҷумлаи аскарони моҳир гардид. Дар айни ҳол ин ҷавони хушандоми мӯҷингила дар паҳлуи Ҳорис ибни Каъб истода соқигарӣ мекард.

Он ҷавон, ки бо ҳусни дилафрӯзи худ дар осмони мусаффои умри Робиа чун озарахш дурахшид ва тӯфони ишқро ба водии равонаш фиристод, Бектош буд.

Фалако, эй чархи пурасрор! Ин чӣ тавоне турост, ки шоҳонро аз тахти زарринашон, ки воқеъ дар канори ахтарони фалак аст, дур ва ба ҳоли гадои жандапӯш меандозӣ; аҳли гадои муфлисро, ки ҳама аз онҳо парҳез кунанд, хориҷ аз тасаввур, султони ҳафт иқлим мегардонӣ; шерони баландовозро, ки бо фарёди худ гӯши фалакро кар кунанд, ба харгӯш табдил ва мушакони дуздро, ки аз хонаҳои одамон мағзу дон рабуда рӯз мегузаронанд, ба филҳо ҳукмдор месозӣ. Эй чархи гарданда! Ин чӣ сиррест, ки арабу форсу туркро дар як ҷо ҷамъ оварда, дар ҳоле ки ҳеч кадоме кӣ будани худро пай набурдаанд, онҳоро ба шигифту ҳарос меоварӣ! Оё намешуд он сели сарнавиштро, ки боғу роғҳо, саройҳои шоҳону кулбаҳои фақиронро яксон кунад, ба ин бӯстони софу поки гулчеҳра равон насозӣ? Охир, неъмату лутфи Худованд то ҳашараҳои оҷизи қаъри замин ҳам мерасад, чаро маҳз он селобро ба ин қанди зери ҳафт қат парда расондӣ? Он селоби зулолро ба чӣ маҷроҳое афкандӣ? Чӣ тарз тавонистӣ, ки бо оташи сӯзони ишқ сели оби дидагони як вуҷудро хунолуд созӣ? Чӣ шуд, ки дар дарёи бо маром равони дунёи лутфу меҳрабониҳо сад андохтӣ?

Оре, абрҳои сарнавишт лағжида паси ҳам омаданду озарахши ишқ хоку замини хушки беҳисро бераҳмона тозиёна зад. Ба заминҳои пухтарасида борони муҳаббат борид. Аз хоки хом ниҳолҳои гулу шукуфаҳое ҷавона заданд, ки рангу намо, бӯю накҳати онҳо ба ҳар навъ буд, баҳору манзараҳои навхезиро ба ҷилва оварданд. Нақл мекунанд, ба маҳзи зода шудани маликае Худованд шаҳзодаи ӯро низ меофарад. Робиа бо ҳушу зеҳни бемисли худ хунхори қисмати худро шинохт.

* * *

Аҳли фаҳм мефармоянд, ки ишқ як навъ бетобӣ аст. Гавҳараки чашми Каъб – Робиа ба ин дард мубтало шуд.

Бо гирифторӣ ба доми ишқ инсон худии худро гум кунад, ҷони ӯ асири руҳи дигаре гардад. Бо тақозое бекзода Бектош асир гардид, чарх давре заду шоҳдухтари араб дар банди ӯ ба асорат уфтод. Ҷолиб ин аст, ки Офаридгори заминиён ин корро бе лашкар, бе тиру камон ба амал овард.

Ранҷу андӯҳ духтари маъсумро чунон нотавон кард, ки ӯ ногаҳон аз по уфтод, ранги рӯяшро зарду хаёлоташ парешон гардид. Ҳорис хоҳари мубтало ба дардро дида ғам хӯрд, ба бӯстонсарои худ табибонро фаро хонд, то дарди ӯро дармон кунанд. Он замон дар Балх табиби зан набуд, аз ин рӯ, чанд нафар ҳакими мард омада, аз паси парда тавассути Суман пурсишҳое аз Робиа карданд. Дар поён давраи балоғати духтарро ёдовар шуда, ин гуна ҳолатҳоро чун одатҳои маъмулӣ шумурда, таъйин карданд аз анори балхӣ, чормағзи кӯҳӣ ва меваи бодом маъҷун[61] омода созанд. Аммо ин ҳамонанди он буд, ки замини

[61] **Маъҷун** – сиришта, махлут

хушку қоқро як сӯ гузошта замини намро обёрӣ кунанд. Дарди Робиа бештар авҷ гирифт.

Аз миён чанд муддат гузашт, оташи вуҷудаш дубора аланга зад. Чун ҳис кард ҷисму ҷонаш дар ҳоли сӯхтан аст, сирри худро ба дояи ҳамрозу ғамхор – Сумани зираку кордон ошкор кард.

Суман ба ҳолати маликаи худ пай бурд, дар пеши ӯ қасам хӯрд, андар таърифи ӯ ҳарфҳо зада изҳор намуд:

– Маликаам, аз як қошуқ хунам гузаред! Ихтиёри шумо рӯйи чашм, аммо хуб медонед, ки давоми ин достон кӯтоҳ аст.

Робиа гуфт:

– Эй Суман, бидуни зарб садо аз куҷо хезад? Охир, даф ҳам бо задан овоз медиҳад. Най низ бо ҳоли худ чизе нест, аммо вуҷудаш, ки карч шуд, нола мекунад. Ман созе будам ва ҳоло ки навозандаи сарнавишт маро бо сози худ ба ҳар оҳанг андозад, чӣ коре аз дастам меояд?

Суман саъй кард ҳар чӣ сухани хуш медонад ба малика гӯяду ӯро тасаллӣ диҳад.

Робиа нома навишт, суханҳое аз таҳи дил ба рӯйи коғаз фуровард: «Дарёе буд бо оби зулол чун чашмаи Замзам, бо ҳавои беғуборе чун дар баҳри Қулзум ва гӯйӣ, обаш аз Кавсар пур мешуд. Бо амри Яздони пок гоҳе ба мавҷ меомад, гоҳе ғарқи гирдобҳо мемонд. Чӣ чора, ҳар қадар саъй мекард ба соҳили мурод расад, аммо бо он ҳама сарзаниҳо аз неъматҳои соҳил бархурдор нашуда, бо пушаймонӣ гардан ба пас мекашид. Соҳил низ, ҳар қадар оби фаровоне дар буногӯш дошт, аз беобӣ хушку қоқ мемонд... Эй бародар, магар намебинӣ, ки гардуни зулмпеша дарёву соҳилро канори ҳам офаридаасту онҳоро аз висоли ҳам ҷудо нигаҳ медорад? Эй бандаи Худои ман, фармудаанд, ки ошиқ ба мисоли созест дар дасти маъшуқ. Вале ту аз куҷо донӣ, ки ҳангоми созро навохтани навозандаи фалак чӣ садое аз он барояд?!»

Номае бо ин маънӣ ва нақше аз чеҳраи Робиаро Суман дар каш гузошту роҳи саройро пеш гирифт. Роҳу ҳилае ёфта номаро ба дасти Бектош расонд. Ҷавон чун номаро дид, аз он лутфи табъу нақши зебо дар аҷаб монд. Ҳамин ки донист соҳиби нома хоҳари Ҳорис ибни Каъб аст, аз кору хостаи фалак бештар ба шигифт омад. Гӯё порае аз он оташ дар дили ӯ шуъла зад.

«Ин кори башар нест, балки хостаи фалак аст. Вагарна, бандаеро ба ғуломе чӣ ниёзе ҳаст? – менавишт соҳиби нома. – Ба ҳурмати он мӯйҳои ҷингилаат, кош сарам тӯбе ба чавгони ту мешуд! Эй даргири ҷони банда, мазмуни ин амалро худат дарёб, агар қаҳру ғазаб кунӣ ҳам боке нест, ҳатто ба қаҳри ту ҷони ман тасаддуқ!..»

Бектош бо хондани нома рӯй надида ёр шуд ва изҳор намуд:

– Эй модари ҷодугарон! Шамшери ман гиро аст ва тирам ҳам бехато ба нишон расад, аммо сухани амир аз он бештар тезу гиротар аст ва тири он кушандатар. Ман бекзодаи мағрур ҳастам, ба сари синаи амир теғ задан кори ман нест.

Бо ин паём доя бо роҳи омадааш пас гашт. Сипас ӯ бо Робиа домани суҳбат густурд.

Суман гуфт:

– Нозанини ягонаи ман, эй маликаи боҳушу оқил! Ман аз поёни ин кор нигаронам. Оё дуруст аст чашмаҳои зулоли сулолаи муътабарро бо оби гилолуд омехта кардан? Хеле метарсам, ки нишоне ба маломати атрофиён мегардед.

Робиа гуфт:

– Ин ту будӣ, ки бо ҳилаю нармӣ пардаи шармро аз чеҳраи ман дур афкандӣ. Ту ки медонӣ, Юсуф асир буду Зулайхо бо дидани ӯ худро гум кард. Ҳабашзода Билол низ бандае буд, Худованд мақоми ӯро чунон боло бурд, ки билохира дар фирдавси барин канори паёмбар ҷо гирифт. Ҳар кӣ мегуфт сарвари ҷаҳониён аз авлоди Исроил ояд, аммо ӯ аз қурайшиён берун омад. Оё метавонӣ бароям ташреҳ кунӣ: ғулом кисту шоҳ чӣ касест?

Пас аз ин посухи Робиа Суман сухани гуфтанӣ наёфт, ночор аҳд намуд ин корро ба ҳукми тақдир ҳавола кунад.

* * *

Чархи гардуни фартут асрори пинҳони худро ба сони дурру гуҳар ба сари ин духтари якраву нозпарварди араб рехт.

Ин хушгили замона зуҳури худро дар боғи нурангез чунин таъриф кард:

*Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,*
*Чаман ранги «Аржанг»-и[62] Монӣ гирифт.*
*Сабо нофаи мушки Тиббат[63] надошт,*
*Ҷаҳон бӯйи мушк аз чӣ маъно гирифт?*
*Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,*
*Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт?*
*Ба май монад андар ақиқин қадаҳ,*
*Сиришке, ки дар лола маъво гирифт.*
*Қадаҳ гир чандеву дунё магир,*
*Ки бадбахт шуд он, ки дунё гирифт.*
*Сари наргиси тоза аз зарру сим,*
*Нишони сари тоҷи Касро гирифт.*
*Чу руҳбон[64] шуд андар либоси кабуд,*
*Бунафша магар дини тарсо гирифт?!*

Бо гуфтани ин ғазал дубора дояи худ Суманро хонд ва фармуд, ки номаро ба Бектош расонад.

Байти охири ин шеър бас маънии табии зиндагониро дошт. Магар ихтиёр дар дасти худи бунафша буд, ки либоси кабуд ба бар кард? На, баҳор расиду

[62] **Аржанг (ё Артанг)** – номи китоби Монӣ, ки дорои анвои нақшу нигор аст; *маҷ.* ҷое ё чизе, ки дорои нақшу нигори зебо бошад

[63] **Тиббат (ё Тиббет)** – номи ҷое аст хушҳаво дар миёни шарқу шимоли Кашмир (ё номи шаҳре дар ҳудуди Чин), ки мушки хуб аз он ҷо оваранд

[64] **Руҳбон** – *ҷ.* роҳиб; роҳибон

вай ин наморо гирифт. Бунафша бо либоси кабуд ба сони ранги обии само гардид ва бо ин қиёфа шабеҳи зоҳиди тарсо ба дида тофт. Агар ман ҳам ба мисли бунафша либоси ишқ ба бар кунам, оё имонамро тарк карда шабеҳи духтари тарсо мегардам?

Нома дар қати бурқаъ, Суман роҳи мақсадро пеш гирифт. Бектош гуфт:

– Худоё, ҳеч гоҳ аз забони инсоне ин ҳама каломи сеҳрангезро нашунидаам. Ту, эй кампири пурдидаи ёсуман, бароям роҳ нишон деҳ, чӣ чора аст маро? Ё ки дуруст рӯ ба рӯйи амир раваму сарамро болои кунда гузорам ва ҳама суханро ошкоро бигӯям?

Доя гуфт:

– Бекзодаи ҷасур Бектош! Кош ин ҳама маъниро дарк мекардӣ! Аммо барои чӣ туро кам гирам, ҳатто донишмандони замон ба мағзи ин маъниҳо намераванд. Агар оғозу интиҳои ин корро дар ҳушу зеҳни худ бичархонӣ шояд муддаоро дарк намоӣ. Вақте ки гуле шукуфта чаманзор ранги онро бигирад ва либоси роҳиби тарсоро ба бар кунад далели чӣ аст? Магар ин ранги кабуд нишонаи мотам нест? Ту инро пай набурдӣ? То замоне, ки фалак тадбиру чора андешад, сабр кун.

* * *

Дар ин миён камонандози сарнавишт боз як тири кулфатро дар зеҳи камон мекашид.

Ҳорис ибни Каъб аз сарой ба боғи нишемангоҳ баргашт.

Барои аҳли Балх ҳавлии хориҷ «берун» ва ҳавлии дарунӣ, ки махсуси занону ҷорияҳо ва канизон буд, «андарун» ном дошт. Чун ҳавои андарун диловез буд, боғҳои ҷаннатро ба тасаввур меовард. Ҳар сӯ гулу чаманзор, ороста аз тутҳои Балх, зардолуи Хуросон, воишҳои ток, ки ҳосилаш ангурҳои сиёҳ аст, дарахтони гелос, нок, себ ва ҳатто бодоми сарсабз ба назар мерасад, накҳати боғ ба атроф менишинад.

Рӯзе Робиа аз мушки баҳории он боғи хушҳаво нашъа бурда, канори суфа дар миёни чаманҳо қадамзанон, шеъри субҳгоҳон сохтаи худро ба Суман мехонд:

*Ало, эй боди шабгире гузар кун,*
*Зи ман он турки яғморо хабар кун.*
*Бигӯ, к-аз ташнагӣ хобам бибурдӣ,*
*Бибурдӣ обаму хунам бихӯрдӣ...*

Дар ҳамин лаҳза амир вориди боғ шуд. Берунро аз madди назар гузаронда, ба ғуломон дастурҳое дода, барои дидорбинӣ бо хоҳар ба андарун шитофт. Чун дар миёни чаманҳо мегашт, ногоҳ садои Робиа бар гӯш нишаст. Ба маҳзи шунидани мисраъҳо дар вуҷудаш ҳисси қаҳру ғазаб туғён зад. Тири дард дуруст ба нишон расид. Ба суфа наздик шуда бонг зад:

– Ҳой духтари гумроҳ, ту чиҳо мегӯйӣ?

Робиа бо дидани бародар ва дарки ғазаби ӯ аз шеъраш, гуфт:

– Ҷойи падарам – бародари арҷманди ман, чаро аз ин шеър қаҳри шумо омад? – ва ба гӯши бародар расонида, «турки яғмо»-ро ба «Сурхи Саққо» бигардонд ва дубора хонд:

*Ало, эй боди шабгире гузар кун,*
*Зи ман он Сурхи Саққоро хабар кун.*
*Бигӯ, к-аз ташнагӣ хобам бибурдӣ,*
*Бибурдӣ обаму хунам бихӯрдӣ...*

Ва аз машкоби сурхрӯй Саққо, ки ҳар рӯз бо сабӯ об меовард, ёдовар шуда афзуд:

– Тамоми шаб аз ташнагӣ месӯхтам ва саҳарӣ бо он илҳом ин мисраъҳоро бофтам.

Бо ин сухан ғазаби Ҳорис каме коҳиш ёфт, вале дилаш аз шубҳа раҳо наёфта, амр кард: «Машкобро даҳ дурра занед!»

Дар пай ба яке аз ҷорияҳо фармуд, ки муроқиби Робиа бошад.

* * *

Аз азал ҳодисаҳое, ки дар тоқи фалак навишта шуда, пайи ҳам рух медиҳад.

Як рӯз хабар меояд, ки қавмҳои он сӯйи дарёи Синд ба кишвар лашкар мекашанд. Дар он сипоҳ филҳо ва маймунҳои дастомӯз будааст. Сарлашкарашонро «мақрач» меномидаанд, сарбозон ба сар саллаҳои сурх ва дар камар аз лӯнгӣ миёнбанд доштаанд.

Ҳорис ибни Каъб соҳиби он лашкарро дониста мегирад ва ба мақсаду замони ҳуҷуми онҳо пай мебарад. Бар хилофи онҳо амалкарди лозимро дар тарозуи ақл баркашида мегӯяд: «Ҳар гуна ҳайвон аз оташ тарс дорад. Онро бо тире метавонед бизанед, ки аз латтаи равғании ба сараш печида оташ мегирад. Худованд мудаббир аст».

Ҳарчанд ба Наср ибни Аҳмад низ пайғом фиристода хоҳиши пуштибонӣ мекунад, мунтазири ёрии шоҳ намонда, бесаброна лашкарро ба майдони набард мебарорад ва саф меороял. Баробари пайдо шудани сару каллаи душман мавҷи савораҳоро ба болои онҳо равона мекунад.

Қисми умдаи лашкари Ҳорис аз ҷанговарони турк иборат буд. Ҳамон тавре ки баёнаш рафт, онҳо бениҳоят чобук буданд ва бар болои асп чун шамшод менишастанду бе биму ҳарос ба марг рӯ ба рӯ мешуданд. Гуфтаи Ҳорис дуруст баромад: душман панҷ-шаш нафарӣ дар болои филҳои ороста нишаста, аз камонҳои хурду кӯтоҳ тир андохта меомад. Азбаски пӯсти фил захим аст, ба он тир ба осонӣ гузар накунад. Ҳилаи Ҳорис ба дард хӯрд. Ҳамин ки тирҳои латтапечи оташгирифта партоб мешуданд, аз як сӯ каҷовахои пушти филҳо дармегирифт ва аз ҷониби дигар худи филҳо бо оташҳои рӯйи ҳам парешон шуда, ба чор сӯ мегурехтанд. Маймунҳо низ аз тарсу ваҳми филҳо ба

ҳарос омада, чашмони хурд-хурди худро милтирос занонда, чирросзанону имдодҷӯёна нола мекарданд. Дар дили ин талотум лашкари Ҳорис мисли сел ба сари душман рехт.

Дар ин набард Бектош низ бо ду даст шамшер мезад ва диловариҳо мекард. Саранҷом, чашми захме ба ӯ расид ва сараш аз зарбати шамшери душман захм бардошт. Ҳамон лаҳзае, ки аз асп меуфтод, касе бо рӯйи рӯмолбаста ва силоҳ ба даст хурӯше бароварда дар миёни корзор пайдо шуд ва ба болои сари ӯ омад. Савор Бектоши афтидаро бардошту ба пеши зин гузошт ва ба гӯшае дуртар аз майдони набард бурд. Ӯро ба замин хобонида аз машки худ ба лабҳои хушкаш об чаконд. Чун дид сипоҳиёни дигар ба сӯяш тохта меоянд, билофосила савори асп шуду чун барқ аз миёни корзор бадар рафт.

Пас аз ин набардҳо Наср ибни Аҳмад низ бо сипоҳи даҳҳазорнафараи худ расида омад. Ҷанг бо пирӯзии Амир Ҳорис хотима ёфт. Боқимондаи душмани сарсахт сарбозони ҷонсупурдаи худро дар майдони корзор гузошта, бо хорию зиллат фирор карданд.

Неруҳои Ҳорис ибни Каъб майитҳоро гирди ҳам оварда, силоҳҳои паҳну парешонро ҷамъ карда, захмиҳоро рӯйи аробаҳо гузошта ба ӯрдугоҳ оварданд. Он гоҳ беихтиёр ба ёдашон сарбози номаълум омад. Вале аз он сарбоз на дар замин нишоне буду на дар осмон. Ҳеч кас ӯро нашинохт, яке бо гумони ин, ки малакест фуруд омада аз само, бо худ гуфт: «Эй бародар, фикр кардӣ фаришта аст, вале ҳатто сурати ӯро надида чӣ хел ба аъмолаш қоил омадӣ? Дар ин дунё пинҳон аз нигоҳи ту чӣ қадар иттифоқот рух медиҳад, ҳарчанд бо онҳо рӯ ба рӯ намеойӣ, метавонӣ инкор кунӣ?»

* * *

Чун Бектош дар набард захм бардошт, Робиа низ аз ҷароҳати ӯ дили сӯхта дошт ва хоб аз чашмонаш дур гашта буд.

*Чӣ уфтодат, ки уфтодӣ ба хун дар,*
*Чу ман з-ин ғам набинӣ сарнагунтар.*
*Ҳама шаб ҳамчу шамъам сӯз дар бар,*
*Чу шаб бигзашт, марги рӯз бар сар...*

Робиа ранҷи кашидаи ҷавонро тасаввур карда аз сӯзи дил дар худ мепечид ва умеди васлро зинда мекард:

*Чӣ меҳоҳӣ зи ман бо ин ҳама сӯз,*
*Ки на шаб будаам бесӯзу на рӯз...*
*Агар уммеди васли ту набудӣ,*
*На гарде мондӣ аз ман, на дуде...*

Доя дубора номаро гирифту ба роҳ уфтод. Бектош дар чодаре мехобид, табибон дар атрофи ӯ парвона. Ба маҳзи танҳо мондани ӯ номаро барояш супурд. Бектош бо хондани нома ба хаёл рафт: «Гарчи дар сарам як захм аст, дар дил ҳазор захм дорам. Дар ин дунёи равшан ҳабибе надоштам, яккаву танҳо будам. Эй Худо, бо меҳрабонии худ маро ба тахти султонӣ нишондӣ. Оё аз ин бештар саодате ҳаст?» Сипас аз доя пурсид:

– Бо тамоми вуҷуд ӯро мехоҳам, ба дидори чеҳраи маҳгунаю дастони латифаш интизорӣ мекашам. Ин чӣ ҳикоят аст, ки дар ниҳон шеърам мефиристад, девонаам мекунад, вале аз ман рӯй мепӯшаду чун бегонагон намехоҳад мулоқот кунад?

Суман посух дод:

– Эй гумроҳ! Ӯ бо Худои худ сарукор дорад ва аз фармудаи вай берун наравад. Ҷони ғамдидааш толиби ҳавасҳои пасту шаҳвонӣ нест. Ҳамин бас, ки ба баҳонаи он ишқи сӯзон маҳрами асрораш ҳастӣ. Даст аз доманаш бардор, аз ин бештар тамаъ кардан норавост.

Бектош гуфт:

– Эй қосиди дилҳо! Ба он дилафрӯз бирасон, ки бо лутфи ӯ ба зиндагӣ баргаштам. Аз ин пас агар ӯ дар ҳаёт ҳаст, ман ҳам ҳастам, вале агар фано шавад, ман низ ҳамон лаҳза фано хоҳам шуд!

Бо ин калом номаи навро низ мисли дигар мактубҳо, ки чун гавҳараки чашм нигаҳдорӣ мекард, ба сандуқаш андохт.

* * *

Ҳар куҷо оташ хезад, пинҳон намонад. Мағз андар мағзи худ пухта, чун гулхани аноргуна лав-лав шуъла мезанад ва нахуст худашу сипас гирду атрофи хешро сӯхта хокистар мекунад.

Бо қасди ҷанг шоҳ Наср ибни Аҳмад низ ба Балх омада, нашъаи пирӯзиро чашид ва мафтуни зебоию манзараҳои дилкаши ин диёр шуда, муддати мадиде ин гӯшаи сабзу хуррамро чун нишемангоҳ пазируфт. Ҳатто дар худ андешид, ки Балхро пойтахт кунад. Аз ин хаёлу ҳавасҳои ӯ аъёну дарбориён нигарон шуда, бо илтиҷо ба ҳузури Одамушшуаро Абӯабдулло Рӯдакӣ рафтанд. Аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба шоҳ таърифи Бухороро кунад, то ӯ Балхро тарк намояду ба ватан баргардад.

Рӯдакӣ дар он замон назди амир мухташам ва мақбулулқавл буд. Аз ин рӯ, қасидае сохт ва ҳангоме ки амири сомонӣ сабӯҳ[65] мекард, чанг навохта он таснифро дар пардаи Ушшоқ бо овоз хонд:

*Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрабон ояд ҳаме.*
*Реги Омӯ бо дуруштиҳои худ*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,*

[65] **Сабӯҳ** – субҳона; ноништаи пагоҳӣ

*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*
*Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.*
*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.*
*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме!*

Шоҳ бо шунидани ин шеъру оҳанги хуш бениҳоят мутаассир гашт ва дар ҳоле ки ёди ватан дар ҳушу зеҳни ӯ зинда шуд, оби дида рехт ва аз тахт фуруд омада изҳор дошт: «Месазад бе мӯза пой дар рикоб гузошт ва рӯй ба Бухоро ниҳод». Ба Рӯдакӣ ду ҳазор динор ҳадя дод ва аз баргузории нишасти бошукӯҳ дар Бухоро ёдовар шуд.

Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ инсони дилнарм буд. Он рӯз ӯ аввал оташкадаро зиёрат кард ва чанде баъд барои ибодат ба масҷиди «Ҳафт гунбаз» гузашту саҷда ба ҷо овард. Аз он ҷо баромада, дар соҳили дарёи нуқрафишони Балх сайркунон мерафт, ки нигоҳаш ба боғе сарсабзу дилнишин уфтод. Вақте ки моли кӣ будани он гӯшаи ободро пурсид, гуфтанд аз Каъби Қаздорӣ аст. Бо шунидани ин сухан ба ҳаяҷон омада гуфт: «Ё Парвардигор, ёдам омад, амир Каъб духтаре дошт соҳирсухан ва ғазалҳое мегуфт бесобиқа. Гуноҳ аст агар ӯро напурсида гузарам». Дарвозаро тақ-тақ зад. Ба дастёре, ки дарвозаи берунро боз кард, муддаои худро изҳор намуд. Дастёри ғулом ба дохил рафту зуд ба берун баргашт ва пайғом расонд, ки Робиа бинти Каъб дар паси девор аст ва аз тариқи доя суҳбат хоҳад кард. Рӯдакӣ ҳозир будани Робиаро دониста дуруд расонд ва аз шеъраш пурсид. Дар ин дам Робиа бо ёди Бектоши захмишуда шӯру сӯзи дилашро дар худ фурӯ бурда, аз ташрифи дӯсти қадрдони падар хушҳол шуд ва шеъре гуфт. Чанд мисраъ аз таҳи дил, бо ҳавои дарду ишқ аз лаб заҳид ва Рӯдакии соҳибқирон ба ҳаяҷон омада, бо ихлос абётро ҳифз кард. Шоир хотирҷамъ шуд, бо изҳори садоқат остонаи Каъбро тарк намуд.

Аз он пас шоҳи сомонӣ Наср ибни Аҳмад бо лашкари худ озими Бухорои шариф гардид.

Рӯдакӣ дар роҳ мерафту бо андеша ғазали Робиаро аз хаёл мегузаронд ва ба ақли худ бовар намекард, ки аз духтари ҷавоне ба ин балоғату фасоҳат шеъре мешунавад. Ҳатто касоне, ки тамоми умри хешро ба шеър бахшидаанд, ба ин зебоӣ дурру гуҳар дар риштаи назм накашидаанд. Шоири нуктадон аз чунин ҷилваю назокати сеҳрангези каломи мавзун завқ мебурду дар ҳавои дилорои роҳатзо бол мезад...

Чанд рӯз сипарӣ шуд, соати маҳфили шоҳона фаро расид. Ба даргоҳ аз соҳибнасабони кишварҳои ҳамсоя низ ташриф оварда буданд, ҳар кӣ ҷойи муносибе барои худ дошт, хидматгузорон бедасту по ба меҳмонон мерасиданд. Дар зери сарсарои бо пардаҳои ҳарири чинӣ ороишёфта мутрибон паси ҳам якдигарро иваз карда оҳангҳо месароиданд, дар кафи онҳо гоҳе сози Шерозу баъзан конуни Дамишқ ва гоҳе низ зурнаи Рум садо медод. Дар ин

миён навои уд ҳавои дигар дошт, гумон мебарӣ, аз овози он мурғони осмон сари ҷо шах шудаанд. Ҷомҳои бодаи гулгун ба сони чархи даввор аз даст ба даст мегузашту аҳли фаҳм ба девонагӣ ва девонаҳо ба оқилӣ даъво мекарданд. Масхарабозу шаъбадабозон саъй доштанд бо бериёӣ ҳунарҳои худро дар назди шоҳ намоиш диҳанд.

Дар базмгоҳи шоҳ шоирони бешумор гирди ҳам омада буданд. Ҳар яке орзу мекард ситораи маҳфил бошад. Дар дили маҷлиси айшу шодӣ, пас аз интизориҳои тӯлонии ҳаводорони шеъру шоирӣ ва дархости шоҳ Рӯдакӣ ба сухан баромад. Ӯ чанд чакомаи ба ёд бурдаи худро аз табъи латифи духтари ошно қироат кард. Аз ҷумла, ғазали зеринро сароид:

*Маро ба ишқ ҳаме муттаҳам кунӣ ба ҳиял,*
*Чӣ ҳуҷҷат орӣ пеши он Худои аззаву ҷал.*
*Ба ишқат андар осие ҳама на ёрам шуд,*
*Ба занбам*[66] *андар тоғие*[67] *ҳаме шавӣ ба масал.*
*Наим бо ту нахоҳам, ҳаҷим бо ту равост,*
*Ки бе ту шаккаре заҳр асту бо ту заҳр асал.*
*Ба рӯйи некӯ такя макун, ки то якчанд*
*Ба сунбул андаре пинҳон кунанд наҷми Зуҳал.*
*Ҳароина на дурӯғ аст, он чӣ гуфт ҳаким*
*«Фаман такаббура явман фи-баъда изза зал»*

Бо шунидани ин ғазал шоирон ангушти ҳайрат газиданд. Пас аз Рӯдакӣ дигар касе ба шеърхонӣ ҷуръат накард. Маҷлис гарм шуд, шоҳ чунон маҷзуб гашт, ки беихтиёр номи гӯяндаи шеърро пурсид.

Маликушшуаро Рӯдакӣ шодбод изҳор намуд:

– Шоҳи бузургвор, аъёну ашрофу донишмандону лашкариён! Хурсандӣ кунед, ки дар мазраи шумо гули заррине сар задааст! Ин гули навруста духтари амир Абдуллоҳ ибни Каъб Робиа аст. Дар ҷаҳон дувумин Робиаи Адавия чеҳра кушод. Шоирест ошиқ, ки мурғи дилаш дар доми як ғуломи ҷавони турк асир гаштааст ва ҳоло ишқу шеърро бо ҳам меомезад. Касоне, ки дар майдони шеър худро шер мехонанд, дар назди ӯ ба ҳоли гурба меуфтанд, бо мияв-мияв дар хиҷил мешаванд. Дар рӯ ба рӯйи абёти шевои ӯ шоҳини назм ба гунҷишк салом медиҳад...

Аз ҳар сӯ одамон шодубод бо ҳам овоз баланд карданд:

– Зайнулараб! Зайнулараб!

Аз қазо, ҳамон рӯз Ҳорис ибни Каъб низ барои узрхоҳӣ ва сипосгузорӣ ба дарбори шоҳ ворид шуда буд, вале Рӯдакӣ инро намедонист. Амирзода ҳарчи зиёд таърифи хоҳар мешунид, ҳамон қадр асабонитар мешуд, гоҳ-гоҳе дасташ ба дастаи ханҷар мерафт. Мехост бо тамоми овоз дод зада гӯяд: «Бас кунед! Дар кадом шариате ҳаст, ки духтари номаҳрамро таърифу тавсиф кунанду шеърҳои бофтаи ӯро хонанд?!» Вале ин нидои ӯ аз гулу дарнамеомад.

---

[66] **Занб** – хато, гуноҳ

[67] **Тоғӣ** – саркаш, нофармон

Ҳорис аз ситоиши хоҳар дар ғазаб шуд, гӯё ки дар оташи ору номус месӯхт! Аз ниҳояти шармандагӣ замин наметаркид, ки дарояд. Худро ба мастӣ зад, тавре нишаст, ки гӯё чизеро намефаҳмад. Пас аз ҷашни шоҳона дигар лаҳзае дар Бухоро наистода, бошаст роҳи Балхро пеш гирифт.

Ҳорис чун ба шаҳри худ бозгашт, дилаш аз хашм меҷӯшид, дар пайи баҳонае мегашт, то хуни хоҳарро фурӯ резад ва нангро аз домони худ бишӯяд. Ба маҳзи ин ки вориди боғ шуд, хидматгузорони берун авзои ӯро дида, бо ҳарос дар гӯшаю канор паноҳ бурданд. Бо ҳамон қаҳру ситез вориди ҳавлии дарун шуд ва дар ҳоле ки пеши чашмонашро сиёҳӣ мегирифт, дод зад:

– Робиа!

Духтар қабои наргисӣ ба тан ва рӯмоли настарин ба сар андохта, бо шитоб ба пешвоз баромад ва ҳолати бародарро дида, чашмонашро калон кушода пурсид:

– Бародарам, нури дидаи падару модарам, чӣ хабар?

– Кай ба ин берӯйӣ даст задӣ? Барои чӣ бо он мӯйсафед ҳамсуҳбат шудӣ? Дар он ғазали суруда мухотабат кист?

Робиа дарҳол манзури Ҳорисро дарк намуда, боиси ғазабашро дониста, «бародарам, нури дидаи падару модарам» гӯён, ба як хоҳари сархаму заиф будани худ ишора карда буд.

Ҳорис бошад, ҳоли дарки гуфтаҳои ӯро надошт. Робиа афзуд:

– Дӯсти падарам...

– Дӯсти падар магар номаҳрам нест?

Робиа гуфт:

– Бародар, ман бо эшон суҳбат наоростаам. Устод суханҳои худро ба Суман гуфтанд ва доя ба ман расонида истод. Гуфтугӯйи мо аз паси ҳафт қабат девору ҳафт лойи парда сурат гирифт, ки ҳатто садоямро намешуниданд.

Ҳорис аз ҷаҳл нафуромада арз кард:

– Овозат намерасид, аммо садои қалбатро мешунид! Дониста мон, ту – духтари нодони падар, амонате дар наздам ҳастӣ! Зоҳиратро пок шуморӣ, аз ботинат чӣ хабар? Бигӯ, он дафтари нидоҳои дардомез ба хотири кист?

Дигар, кор аз кор гузашта буд. Ҳорис хоҳарро хомӯш дида барошуфта афзуд:

– Ту сари баланди маро паст кардӣ, қадру иззат зери по шуд!

Ӯ сухани бештарро раво надид, тоб хӯрда аз паҳлуи хоҳар гузашту дар муҳити боғ каме қадам зад ва ба гармобаи ошнои овони ҷавонӣ рӯй овард. Зиёд фикр накарда, ба дохили гармоба даромад ва аз назарҳо ғоиб шуд.

Фазои сарди гармоба Ҳорисро каме ба худ овард. Ба он ҷо овозҳои берун намеомад, бӯйи оби заҳкашида ба машом мерасид. Сари синаашро ба мармари хунук гузошта дароз кашид. Чанд гоҳе айёми пурмоҷарои кӯдакӣ, маломату таҳқирҳоро ёд карда, бо аламу пушаймонӣ оби дида рехт.

Лаҳзае, ки Ҳорис дар гармоба буд, Робиа дар хонаи хос аз Суман хоҳиш кард:

– Дигар намехоҳам ин сирро махфӣ нигаҳ дорам, фурсати муносибе ёфта ба бародарам ошкор кун.

Доя Суман таассуфомез гуфт:

– Агар бародар бишнавад, сари ҳамаамон меравад. Чандин бор ба шумо гуфтаам ва боз ҳам хоҳиш мекунам, фаромӯш кунед ӯро. Аз хонаводаи доруғаи қонун ва ҳомии шариат баромадани ҳамчунин овозаҳо боиси маломат мегардад.

Робиа норизо посух дод:

– Ман гуноҳе надорам, танҳо ба як бандаи Худо дил додаму бас. Ҳатто бо ӯ гуфтугӯе накардаам. Ба бародарам бифаҳмон, Бектошро аз ғуломӣ озод кунад, маро ба ӯ бахшад. Ин дархости ман озодии виҷдонам аст.

Суман ба ларза омад, базӯр лаб ба сухан кушод:

– Маликаам, ин кор аз дасти ман наояд. Барои ӯ нангу номус аз ҳама чиз муқаддам аст, ки мисли шери хашмнок ба сарамон давид, мехост даст бардорад. Ин навкари бечораи худро бубахшед, вале шумо низ зинҳору зинҳор дар ин хусус ҳарфе назанед...

* * *

Ҳорис ибни Каъб ба қаср баргашт.

Азбаски амир дар аспи ғазаб нишаста буд, ҳар кӣ пеш меомад, гурехта худро канор мегирифт. Ҳорис бар тахт нишаста шайхулисломро ба ҳузур хонд. Фақеҳи мақбули омма дар назди ӯ ҳозир шуда таъзим ба ҷо овард. Амир бе таваққуф суол кард:

– Агар дар хонае духтари ба балоғат расида бошад ва пас аз даргузашти падар ба дасти бародар бимонад, масъулияти он духтар ба уҳдаи кӣ аст?

Шайхулислом дарҳол ба асли қазия воқиф шуд, зеро миш-мишҳои хонаводаи Каъб аллакай даҳон ба даҳон гузашта то гӯши ӯ низ расида буд. Гуфт:

– Ба уҳдаи бародараш аст.

– Дар ин сурат озодии духтар то куҷою ҳукми бародар ба чӣ мизон бошад?

– Озодии духтар то он ҷост, ки метавонад хоҳиши худро ироа кунад, – дар посух афзуд шайхулислом, – аз ин сабаб ҳар гоҳ майлу хоҳиши духтарро мепурсанд. Дар ин ҳол, вакил хоҳ шоҳ бошаду хоҳ гадо, агар духтар нахоҳад, ӯро маҷбур намекунанд.

– Пас, ҳукми бародар ба чӣ кор ояд?

– Бародар нигаҳбони ӯ, соябони сараш ва ҳисори нангу номусаш аст.

– Оё бародар ҳаққи муҷозот[68] дорад?

– Оре, агар гуноҳе содир кунад, ба ҷойи падар бародар ихтиёр дорад ҷазо диҳад ё садди роҳ шавад.

– Дар сурати шавҳар кардан бародар чӣ ҳуқуқе дорад?

Шайхулислом бо нигоҳи андешаманд ҷавоб дод:

---

[68] **Муҷозот** – ҷазодиҳӣ, гӯшмол додан, танбеҳ

– Заррае ҳуқуқаш намонад, аммо ба хотири ҳамхунӣ ва ёдгоре аз падар будан эътибор дорад. Ба навъе ки, агар хоҷааш фармояд «бародарат ба хона наояд», бародар ҳатто як қадам аз остона ба дарун намениҳад.

Ҳорис бо хӯйи тунд гуфт:

– Фаҳмидам. Акнун бифармо, як ғулом чӣ ҳаққу имтиёзе дорад?

– Ғулом комилан дар изни хоҷааш аст. Агар бихоҳад озод мекунад, агар на, дар бандагӣ нигаҳ медорад. Бо ин ҳол, мебояд адолат пирӯз шавад.

Ҳорис ибни Каъб гуфт:

– Акнун бирав, маро танҳо гузор.

Шайхулислом хост насиҳат кунад:

– Фарзанди фарзонаи Абдуллоҳ ибни Каъб! Аз пайи падари бузургвор шумо низ дар роҳи Худо хадамоти зиёде анҷом додаед. Мебинам, ки хеле нороҳат ҳастед. Аз барои Худо, худро ба даст гиред.

Ҳорис ором нашуда гуфт:

– Бисёр аз худ нарав, шайхулислом! Ту олиме дар назди Офаридгор бошӣ, ман шамшери Худоям!

Оё мумкин аст, ки духтари сулолаи муътабаре ба як аҷами[69] турк дил бибандад? Ин чӣ ишқу муҳаббатест, ки мебояд ғуломе озод шаваду хоҳари амирро бигирад? Магар боре пеш омада, ки араб ба аҷам духтар додааст? Магар мешавад сулолае, ки соҳиби паёмбар аст, хуни аҷдодиро ба як нафар бандаи ноошно биёмезад?

* * *

Аз он пас ҳодисае рух дод, ки бо шунидани он ҳар кас бовар мекунад ҳама кор аз сарнавишт будааст.

Дар гурӯҳи посдории Бектош навкаре хидмат мекард, ки зоту аслаш номаълум ва худаш бо худбиниву фурӯмоягӣ шуҳрат дошт. Фикру зикраш ба назари шоҳ афтидан ва аз хайру садақаи ӯ баҳраманд шудан буд, ки дар ин роҳ аз ҳеҷ коре парҳез намекард. Ба таъбире, дар симои ҷуғз булбулро ҷилва медод. Ин навкари ҳасуд аз афзунии обрӯю нуфузи Бектош дар дарбори амир аламзада буд. Як рӯз дарёфт, ки Бектош дурҷи[70] хурдаки худро эҳтиёт карда, пинҳон нигаҳ медорад. Бо дидани дурҷ ҳирс бар ҷони ӯ ғолиб омад ва ба гумони дурру гавҳар доштан хаёлҳои муғризона аз сар гузаронд. Навкар чанд муддат ангушти ҳасад хоида, гирд-гирди кулбаи Бектош даврзанон дар оташи рашк бештар доғ шуд. Бо ин нотавонӣ тасмими рабудани дурҷро бар сар кашид.

Ниҳоят, як рӯз Бектош ба амирнишин рафту рафиқи нопок аз мӯрӣ ба хонаи ӯ даромад. Аз миёни ашё дурҷи пинҳонро пайдо кард ва зӯр зада сари онро кушод. Дар сандуқча ғайр аз як лӯлапечи коғаз чизи дигар наёфта додаш ба фалак печид. Дар ҳамин лаҳза мазоҳкори фалак ба кафи ӯ нахустин номаи Робиаро халонд, ба маҳзи кушодани лӯлапеч нақши Робиаро шинохт. Шеъри

[69] **Аҷам** – ғайриараб

[70] **Дурҷ** – сандуқчае, ки дар он ҷавоҳирот ва зару зевар нигаҳ медоранд; ҳуққа

ошиқонаро хонду ба асли қазия воқиф шуд ва баланд-баланд ҷастухез кард. Ба назараш, ин дурри бебаҳо зинапояе буд, ки ӯро ба манзили саховати амир мебурд. Номаҳоро гирифта чун тир ба дарбори амир шитофт.

* * *

Ҳар гоҳ адолатро чӣ гуна метавон таъмин кард?

Сари Ҳорис ибни Каъб гиҷ шуд.

Дар зеҳнаш танҳо як калом такроран садо медод: «Хиёнат содир шуд!» Шайтони интиқом ба мисли гирдбод дар саҳни хаёли ӯ мечархид. Бале, хоҳари ҷоноҷон пинҳонӣ аз ӯ бо ғуломи ҳақир забон як кардааст. Ҳорис ба ҳар ду бовар мекард, ба садоқати онҳо шакку шубҳа надошт. Аммо, ӯ бехабар, аз пушт паси ҳам ханҷар заданд: яке хоҳари ҳамхун, дигаре навкари боэътимод – Бектош.

Бешубҳа, агар вазъи пешомада ба ҳамин ривол идома ёбад, дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳама ба ҳоли Ҳорис механданд, мазоҳ мекунанд. Сарриштаи ҳалли ин муаммо дар куҷост? Ҷони инсон қимате надорад, муҷозоти гунаҳкор бо як теғ сурат мегирад, сараш ба замин меуфтад. Ӯ ҷигари худро, ки ҳамон як хуни падарӣ дар шарёни ҳар ду ҷорист, чӣ хел ҷазо диҳад?

Ҳорис ибни Каъб ғарқи хаёлу андешаҳои бесару нӯг ба хона баргашт. Бо касе иштиёқи ҳарф задан надошт, авзояш торафт ба тундию тезӣ рӯ меовард. Дар дили ин сардаргумӣ навкари ҳасуд расида омад. Амир ӯро таҳвил нагирифт, аз дар ронд. Навкар ба мулозимони амир хабар дод, ки дар мавриди хоҳари ӯ гуфтаниҳое муҳим дорад. Пас аз ин пайғом Ҳорис навкарро ба ҳузур пазируфт. Марди шӯрчашм ба мисли кирм тоб хӯрдаву хазида ба назди амир даромад ва заминро бӯсазанон арзи садоқат кард, ба хотири ҳифзу нигаҳдории нангу номуси ӯ аз ҷонфидоии худ ошкор намуд ва боз чанде зери лаб видиррос зада, лӯлапечи коғазро бо дасти адаб супурд. Амир номаҳоро кушода, бо як нигоҳи кӯтоҳ ба дурустии шунидаҳояш имон ҳосил кард. Ҳамон лаҳза бо хашм амр дод:

– Ба даҳони ин хоин лахча андозед!

Амир фидокории навкарро хиёнат хонд, ба ӯ ҷазо муқаррар намуд. Аз он нигарон буд, ки ин марди разил сирри дарборро ба тамоми қавм ифшо мекунад, воқеа ба кишвар паҳн мешавад.

Робиа аз андарун намебаромад. Дигар бо бародар низ гуфтугузор накард. Ӯ ба атрофиёни худ изҳор дошт: «Маро, ки дарк намекардааст, ба ӯ гӯед хоҳари худро зинда дар гӯр кунад!»

Агар Ҳорис ақлу хирад медошт ба мағзи ин калом сар дармеовард. Зеро Робиа дар ибтидои расолат зери хок кардани духтарони зиндаи норасидаро хотирнишон месохт. Ӯ бар асоси он дастур, ки «барои зинда дар гӯр кардани духтарон далел пурсида мешавад», ба беҷурмии худ ишора намуд. Бо ин каломи худ ҳамчунин гуфтанӣ буд, «бо ин ки дар назди ту осӣ менамоям, худро ба даст гир, истиғфор гӯ. Магар нашунидаӣ, ки Худои мутаол ҳар гуна гуноҳи касони имоновардаро авф мекунад?» Аммо, Ҳорис ин маъниҳоро чӣ

гуна дарк кунад? Дини муборак барои занону духтарон низ ҳама ҳаққу ҳуқуқро раво донистааст, вале ба сари Ҳорис ҷуз нангу номуси сулола чизи дигаре намедаромад.

Дар ин миён ҷорияи ҷосус боз як ғазали гуфтаи Робиаро ба амир расонд. Ҳорис номаро боз карда якбора аз ҷо даррафт. Оташи хашм саросари вуҷудашро фаро гирифт ва чунон наъра зад, ки атрофиёнаш аз тарс бедаступо ба чор сӯ фирор карданд.

Робиа менавишт:

*Даъвати ман бар ту он шуд, к-Эзидат ошиқ кунод,*
*Бар яке сангиндили номеҳрабон чун хештан.*
*То бидонӣ дарди ишқу доғи ҳаҷру ғам кашӣ,*
*Чун ба ҳаҷр андар бипечӣ, пас бидонӣ қадри ман!*

Ҳорис сари худро дар байни дастонаш дошта хеле нишаста монд ва дар ниҳоят, бо овози хирросӣ гуфт:

– Робиаро садо занед!

Робиа ин дафъа ба ҳузури бародар бо сари хам наомад. Мағруру бебок рӯ ба рӯйи ӯ рост истод.

Ҳорис ба ӯ нигоҳ накарда, бо ҳамон овози гирифтаи худ сухан гуфт:

– Обрӯйи сулолаамонро аз байн бурдӣ!

Робиа ҷавоб дод:

– Назди Худованд дилам пок аст.

– Ман сулолаамонро мегӯям!

– Ман мегӯям Худо!

– Худат бо дасти хеш ҳукм содир кардӣ, дигар, гуноҳи ин кор бар гардани ман нест! – гуфт Ҳорис ва ба ғуломи дараш амр кард: – Ҳаммомро чун оташ битафсонед ва ин нофармонро дар он биандозед! Бидонад, ки азоби дӯзах чӣ аст! Он ғуломро низ ба чоҳ афканед! Акнун интизор бошад, ки чӣ тавр аз чашмонаш мил кашида, дасту поҳояшро чаппа бурида, азоби ба ақли инсон наёмадаро барояш анҷом медиҳам!

* * *

Бектошро задаю кӯфта, ба чоҳе, ки дар бағали зиндон буду беоб, андохтанд. Ҷавон ҳайратзада пурсид:

– Ман чӣ гуноҳ кардам?

– Худат магар намедонӣ? Оё бо хоҳари амир гуфтугузор надоштӣ?

– Аз барои Худо, ҳатто як даҳон сухан нагуфтаам!

– Дурӯғ!

– Ман ҳеч гоҳ ҳарфи дурӯғ намезанам!

Оре, он чи Бектош мегуфт, рост буд. То он дам бо Робиа ҳеч гуна муколамае надошт, Робиа низ. Ҳамон тавре ки асрори фалак пӯшида намонад, шубҳаи Ҳорис ҷон дошт: Робиа тапишу шӯру ҳаяҷони дилашро ба рӯйи коғаз фуроварда буд, Бектош суханҳои худро тавассути Суман ба ӯ мерасонд.

Ҳукми амир ба иҷро расид.

Ҳорис бо ин ҷазои худ мехост адаби хоҳарашро диҳад. Аз ин рӯ, фармуд, ки чанд муддат дар гармоба гузоранду баргардонанд, оташи гармобаро ба ҳадди доғ шудан нарасонанд. Аммо Ҳориси сустирода бар сари қавлаш наистод. Дар саросари Балх овозаҳои гуногун паҳн шуд, одамон ҳарчанд бо чашми худ надидаю бо гӯши худ нашунида буданд, аз ин воқеаи амиралмуъминину хоҳараш ба ҳайрат омада ҳарф мезаданд. Ҳорис ба суханҳои шоеъшуда гоҳ бовар мекарду гоҳ на, вуҷудаш баъзан нарм мешуду баъзан оғуштаи қаҳру ғазаб ва дар гӯшҳояш низ мураттаб садои шайтон менишаст: «Марг! Марг!».

Бино ба амр, оташи гармобаро равшан карданд. Робиаро ба дохил афканда, дарро қуфлукалид карданд ва дар пасаш танба гузоштанд.

Оташдони гармобаро бо ҳезумҳои ҷинси тӯлонисӯзи булут ва ханҷак[71] пур карда оташ равшан намуданд. Ҳарчанд оташ дармегирифту ҳаммом аз гармӣ месӯхт, иштиёқмандони сарусадо ва нолаҳои ҷонкоҳ бенасиб монданд, баръакси пиндошти онҳо на тавбаю тазарруъ, на илтимосу илтиҷо ба гӯш расид. Ҳаммом доғ мешуду хомӯшӣ ҳукмрон...

Вақт аз пешин гузашту тоқати Ҳорис ибни Каъб тоқ шуд. Ӯ амр дод, ки дари гармобаро кушоянд.

Дарро боз карданд.

Ҳар кӣ ба дохил даромад сари ҷо шах шуда монд.

Ғизоли нозпарварди кӯҳистони Балх, амонати падари меҳрабон, ситораи осмони шеъру шоирӣ, як тан суханвари гаронмоя, ки дар фасоҳату нафосат ба мардон бартарӣ дошт – Робиа бинти Каъб раги худро бурида, девори гармобаро бо ғазалҳои хеш лолагун сохта, қабои наргисиашро ба ҷойи ҷойнамоз гузошта, дар ҳоли саҷда ҷон ба Ҷонофарин таслим карда буд.

Ба рӯйи девори болосари Робиа навиштаҳое бо ранги қирмизӣ, ки яқинан дар зери оташи дӯзах бо хун нигошта шудаанд, аз таъсири гармо хушку сахтшуда ба дида бармехӯрданд:

*Се раҳ дорад ҷаҳони ишқ акнун,*
*Яке оташ, яке ашку яке хун.*
*Кунун ман бар сари оташ аз онам,*
*Ки гаҳ хун резаму гаҳ ашк ронам.*
*Ба оташ хостам ҷонам, ки сӯзад,*
*Чу ҷойи туст, натвонам, ки сӯзад.*
*Ба ашкам пойи ҷонон мебишӯям,*
*Ба хунам даст аз ҷон мебишӯям.*
*Бихӯрдӣ хуни ҷони ман тамомӣ,*
*Ки нӯшат бод, эй ёри гиромӣ!*
*Кунун дар оташу дар ашку дар хун*
*Бирафтам з-ин ҷаҳони ҷефа берун...*

---

[71] **Ханҷак** – *як навъ гиёҳи биёбонии худрӯй*: дармана, хори сегӯша

Ҳорис ибни Каъб гумон намекард, ки дарси адаби ӯ ин гуна хотима меёбад.

Ҳамчунин боз як ҳолате дар ақли ӯ намегунҷид: чун бадани инсонро хуни гарм тарк кунад, он бо мурур сард шуда меравад, вале… Дар чеҳраи Робиа аз азобу уқубат нишоне наменамуд, вуҷуди сарди ӯ ба оташи ҷаҳаннам роҳ надода буд, рухсори сапедгунаи вай ба мисли нилуфарҳои дӯстдоштааш равшан меистод.

Ин ҳоли дилафрӯзи нокому заъфаронро дида, ҳама аҳли дарбор – ҷорияҳову ғуломону канизон бо андӯҳу алами бисёр наистода гиря мекарданд...

* * *

Хок бар сарат, эй Ҳорис ибни Каъб! Агар падари ту хуршеди адолат буд, хоҳарат ҳамчун бадри фасоҳат ҷилва мекард. Сад афсӯс, хуршеду моҳ бо ҳам ба ғуруб рафтанд. Ин гавҳари муҷалло дар замини сиёҳ нопадид шуд. Охир, чӣ мешуд, агар он бандаро озод мекардию ба мақоми бек мегумоштӣ ва хоҳаратро ба никоҳи ӯ даровардa то интиҳои умр дар пешгаҳи иззату икроми онҳо мегаштӣ? Акнун бубин, он гули нозанини боғат ба хок рафт, чаманзор аз олиҳаи худ маҳрум гашт ва дигар ҷаҳон низ он мушки хушбӯйи худро надорад. На, на, чаро мушк бошад, он ки зебу зинат буд?! Он зинат ноаён пайдо шуду дубора ба дунёе нопадид гардид, ки дигар касе ӯро наметавонад бубинад! Ҳориси ҷоҳилият боз як духтари маъсумро зинда дар гӯр кард! Бар сари ӯ шамшери ҳукмро ба бозӣ андохт, санги ғазабро дар манҷаниқ гузошту ба оташи ҷазо партоб намуд.

Зоҳиран, охирин амали фалаки каҷрафтор ҳамин буд. Вақте ки пайкари Робиа бинти Каъбро шуста дар хок гузоштанд, хабар омад, ки Бектош аз чоҳ даррафта фирор кардааст. Ҳорис фармуд ҳама ҷоро биҷӯянду ӯро ёфта биёваранд. Аммо, ақли кӯтоҳи Ҳорис боз ҳам дурро надид. Магар мешуд ҷавони мағруру бебоки турк ба ин ҳама бепарво бошад? Ҳамон лаҳзае, ки хабари наҳси вафоти Робиаро ба Бектош расониданд, ин уқоби ҳамеша фотеҳи лашкари амир, ҷавоне, ки чӣ қадар маргҳоро нодида гирифтааст, гиребони худро дариду чунон фиғон сар дод, ҳама атрофиёнаш ба гиряи ӯ ҳамовоз шуда, зор-зор доду фарёд карданд. Аз он пас Бектош шамшери буррои худро ба каф гирифт, дар кӯчаҳои Балх асп давонда, ҳар нигаҳбону беки рӯ ба рӯ омадаро чун хас даравида рафт. Мисли тӯфон вориди манзили Ҳорис ибни Каъб шуд. Ҳорис ӯро дида гуфт:

– Ту, эй ғуломи...

Аммо сухани амир дар гулуяш монд. Бектош бо хашм дод зад:

– Аблаҳи гузаро! Дар куҷо дидаӣ, ки ҷавони озодихоҳе ғулом шуда бошад?!

Ин каломро гуфта, бо зарб сари ӯро аз тан ҷудо кард. Сипас, гӯё ки аз ақл бегона метофт, дар муқобили сари бурида нишасту ҳунг-ҳунг ба гиря даромад. Ҳамин тавр, Ҳорис ибни Каъб низ ҷон ба Ҷаббор таслим намуд.

Ба ин тариқ, як сулола аз рӯйи замин зудуда шуд.

Охирин коре, ки Бектош дар ин олами равшан анҷом дод, ҳамин буд. Муншии фалак билохира аз аъмоли худ қонеъ шуда, маҷрои мусибату тасодуфҳоро ба соҳили сулолаи Каъб пайваст ва «Зам! Зам!» гӯён онро нигаҳ дошт, зеро арабҳо шутурони худро бо ин нидо бозмедоранд. Чанде пеш оби Замзами умри Робиа низ ба ин тарз хушк шуда буд. Шутури ҳаводис ба манзил расид, бори пушти вай ҷуз бори аҷал чизе набуд.

Бектош ба сари қабри Робиа шитофт. Ба маҳзи расидан худро ба рӯйи он афканд, чашмҳо пур аз оби дида зорию тазарруъҳо кард. Оё омадани ӯро Робиаи чун настарин пок ҳис мекард? Чӣ касе аз он дунё хабар дошт, ки Бектош хабар ёбад? Бар замми ин ҳама, навозандаи аҷал рубоби худро мезад, оҳанги хостаи худро менавохт. Ҷолиб он буд, ки дар лобалои маъвои сабз ба мисли тифли хунхоре як дона гули сурх ҷавона мезад. Аз он пас Бектоши дилмонда низ афтида дар он замини сиёҳтоб ба ҷони худ қасд кард. Бо фурӯ нишондани дашна ба ҷигаргоҳ ба умри худ поён бахшид ва маъшуқаашро дар сафари водии ҷовидонагӣ танҳо нагузошт.

* * *

Ҳамду сано Худои бузургро, ки тамоми ҳастиро офарид! Салавот ба расули вай – Паёмбари акрам, ки мазҳари тамоми раҳмати илоҳӣ аст!

Сипосу шукр бар имоми уламо, солики ҷодаи ҳақиқат ва сокини саҷҷодаи тариқат Фаридуддин Аттор, ки ин ҳикоятро бениҳоят нозук дарк карда, асрори ниҳони онро ба авом бозгуфт, на бо нигоҳи гузарон, балки бо чашми имон назар афканд ва ишқи маҷозиро мукаммал баён намуд.

Дуою ситоиш ба садидуддин Муҳаммад Авфии нуронӣ бод, ки дар «Лубоб-ул-албоб»-и худ он «Аржанги Моно»-ро чунин тавсиф намуда: «Духтари Каъб агарчи зан буд, аммо бар фазл бар мардони ҷаҳон бихандидӣ, фориси[72] ҳар ду майдон ва волии ҳар ду баён, дар назми тозӣ қодир ва дар шеъри порсӣ бағоят моҳир ва бо ғояти зуккои хотир ва ҳиддати табъ...»

Ва боз таҳнияту офарин бар хотимушшуаро Мавлоно Ҷомӣ, ки аз Робиа дар тазкираи «Нафаҳот-ун-унс» дар бахши занони сӯфӣ ном мебарад ва аз абёти оғушта ба оби дидаву оташу хуни арғавониаш ёд мекунад.

Вирду тамҷиди бисёр бар руҳи амирушшуарои боғи абёти туркӣ Ризоқулихони Ҳидоят, ки «Бектошнома»-ро ба ёдгор гузошт ва мақоми ошиқону орифонро дар пешорӯйи аҳли ҷоҳил ошкор сохт, бо ишора ба қудсияти сулолаҳо далоили аз хоки сиёҳ чун хуни арғавон ҷавона задани як гули пуррозеро нақл кард.

Салому дурудҳои беохир ба ҷони поки дурру гавҳари дарёи умрҳо, зинати олам – Робиа бинти Каъб, ки бо сарнавишти хеш собит намуд, «дин барои бахту саодати инсонҳост, на инсон барои дин» ва ба сӯйи ҳама лабханде афканду рафт.

---

[72] **Форис** – аспсавор, савораи моҳир

Ҳамчунин дуоҳои фаровон бар руҳи падари бузургвори он зинати ҷаҳон, фотеҳулмуъминин Абдуллоҳ ибни Каъб бодо! Агар эшон дарахти босаховате буд, фарзандҳояш шоху баргҳои он шаҷара буданд. Илоҳӣ, Парвардигор ӯро мағфират кунаду гуноҳҳояшро авф, ки дар як шохааш булбул наво хондаву дар яке ангал хона кардааст.

Ҳамчунин дар ҳаққи писари бераҳму сустиродааш Ҳорис ибни Каъб...

Шигифто, ин чӣ шабест, ки то ҳамин ҷо расидему хома шикаст, ҷавҳаре намонд. Он чӣ дар ҳаққи Ҳорис мехостем бигӯем, дар дилҳо монду ба забон дарнаомад.

Беҳтар аст аз охирин суханҳои Робиа бинти Каъби Қаздорӣ, ки бо номи «зайнулараб» домани шуҳрат густурда, руҳи нозанинаш ба мисли нур аз қаъри хоки сияҳ ба самоҳо парвоз карда буд, ёдовар шавем, ки қабл аз ҷонканӣ бо хуни худ бар деворҳои гармоба нигоштааст:

*Нигоро, бе ту чашмам чашмасор аст,*
*Ҳама рӯям ба хуни дил нигор аст...*
*Ту кай донӣ, ки чун бояд навиштан,*
*Чунин қисса ба хун бояд навиштан.*
*Чу дӯзах з-он биҳиште рӯй дорам,*
*Биҳиште нақд аз ҳар сӯй дорам...*
*Кунун ман бар сари оташ аз онам,*
*Ки гаҳ хун резаму гаҳ ашк ронам...*
*Аз ин ашк он чӣ меояд ба рӯям,*
*Ҳама ношуста рӯёнро бишӯям.*
*Аз ин хун гар шавад ин роҳ бозам,*
*Ҳама ушшоқро гулгуна созам.*
*Аз ин оташ, ки ман дорам дар ин сӯз,*
*Намоям ҳафт дӯзахро, ки чун сӯз.*
*Аз ин ашкам, ки тӯфонест хунбор,*
*Диҳам таълим боронро, ки чун бор.*
*Аз ин хунам, ки дарёест гӯё,*
*Биёмӯзам шафақро сурхрӯе.*
*Аз ин оташ чунон кардам замона,*
*Ки дӯзах хостӣ аз ман забона.*
*Аз ин ашкам ду гетиро тамомат,*
*Гуле дар об кардам то қиёмат.*
*Аз ин хун боз бастам роҳи гардун,*
*Ки то гашт осиёи чарх бар хун...*
*Бихӯрдӣ хуни ҷони ман тамоме,*
*Ки нӯшат бод, эй ёри гиромӣ!*
*Кунун дар оташу дар ашку дар хун,*
*Бирафтам з-ин ҷаҳон дилхаста берун.*
*Маро бе ту сар омад зиндагонӣ,*
*Манат рафтам, ту ҷовидон бимонӣ!*[73]

[73] Ин абёт аз «Илоҳинома»-и Фаридуддин Аттор аст

## САРЧАШМАҲОИ АДАБӢ ВА ИТТИЛОӢ:


1. Вожаҷӯ – Фарҳанги бархатти тоҷикӣ: фарҳанги тафсирии забони форсии тоҷикӣ [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: https://vazhaju.com/

2. Портали «ziyouz.com»: шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.ziyouz.com

3. Торнамои «saviya.uz»: шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: https://saviya.uz

4. Торнамои «Ўзбекистон Ёзувчилар уюшмаси»: шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек/насри ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://ijod.uz

5. Ўзбек адиблари: XX аср ўзбек адабиёти (намунаҳо аз осори адибони ӯзбек, асри XX) / Собир Мирвалиев, Рихсия Шокирова. Т.: Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом, 2016.

6. Ўзбек тилининг изоҳли луғати: фарҳанги тафсирии забони ӯзбекӣ /дар зери таҳрири А. Мадвалиев (2006-2008); [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.ziyouz.com

7. Фарҳанги (луғатномаи) ӯзбекӣ-русӣ: шарҳи маънии калимаҳо ва истилоҳоти ӯзбекӣ ба русӣ [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.translatos.com/ru/uz-ru/

8. Хуршид Даврон кутубхонаси: намунаҳо аз адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://kh-davron.uz

# МУНДАРИҶА

**Миркарим Осим**
Томирис *(қиссаи таърихӣ)*............................................................................. 4
Нур ва зулмат *(қиссаи таърихӣ)* ........................................................... 20

**Хуршед Дӯстмуҳаммад**
Жажман *(ҳикоя)* ........................................................................................ 41

**Абдусаид Кӯчимов**
Бойчечак *(ҳикоя)* ..................................................................................... 58

**Эркин Усмон**
Ҳодисаи Тошбосгансой *(ҳикоя)* ............................................................ 69

**Орзиқул Эргаш**
Пойандоз *(ҳикоя)* ..................................................................................... 75
Зарбуви *(ҳикоя)* ……………………………………………………….. 81

**Нормурод Норқобилов**
Санги қабр *(ҳикоя)* .................................................................................. 84

**Абдуҷалол Раҳимов**
Ҳамсафарон *(ҳикоя)* ................................................................................ 92

**Шойим Бӯтаев**
Насл *(ҳикоя)* ............................................................................................. 101

**Абдуқаюм Йӯлдошев**
Муаммо *(ҳикоя)* ....................................................................................... 70

**Исоҷон Султон**
Сарнавишт *(ҳикоя)* ............................................. 115

Қиссаи робиаи Балхӣ *(қисса)* 126

**Сарчашмаҳои адабӣ ва иттилоӣ** ....................................................... 133

Адабий-бадиий нашр

# ХИРМАНИ СУХАН

(СӮЗ ХИРМОНИ: ӯзбек адибларининг танланган қисса ва ҳикоялари)

Учинчи китоб

*Таржимон ва нашрга тайёрловчи:*
**Юнуси Имомназар**

*Муҳаррир:*
**Абдулло Субҳон**

*Мусаҳҳиҳ:*
**Саодати Рӯзӣ**

*Саҳифаловчи:*
**Баҳманёр Юнусзода**

"Muharrir nashriyoti"

6068

Теришга 2024 йил 16 январда берилди.
Босишга 2024 йил 23 февралда рухсат этилди.
Бичими: 84x108 1/32 «PT Serif» гарнитурасида
офсет босма усулида офсет қоғозида босилди.
6,7 шарт. б.т. 10,8 ҳисоб нашр. таб.
Адади 500 нусха. 19-сон буюртма.

"Муҳаррир нашриёти" матбаа бўлимида чоп этилди.
100011, Тошкент шаҳри, Чилонзор тумани, $20^{А}$-мавзеи,
Сўғалли ота кўчаси, 5-уй. E-mail: muharrir@list.ru


Номи неку гар бимонад з-одамӣ,
Беҳ, к-аз ӯ монад сарои зарнигор.
Ганҷ хоҳӣ дар талаб ранҷе бибар,
Хирмане мебоядат тухме бикор.
Саъдии ШЕРОЗӢ
ISBN 978-9910-9436-2-1
9 789910 943621